Бонки миллии Тоҷикистон

# РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе – 2016

**ББК**

Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. - 242 саҳ.

**Шӯрои таҳрир: Ҷ.Нурмаҳмадзода,**
**Ҷ.Нуралиев, С.Икромӣ,**
**М. Ниёзов, М. Султонов**

Ин китоб рушди низоми бонкии кишварро дар даврони Истиқлолияти давлатӣ инъикос мекунад. Дар китоб таърихи ташаккул ва марҳилаҳои рушди низоми бонкӣ ва сиёсати пулию қарзии мамлакат дар заминаи маълумоти оморӣ дарҷ гардидааст.

## МУНДАРИЧА


Пешгуфтор....................................................................................6

**БОБИ 1. НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БОНКИИ МАМЛАКАТ.....................................................8**

**БОБИ 2. ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКӢ ТО ИСЛОҲОТИ ПУЛИИ СОЛИ 1995...............................................................................20**

*2.1. Вазъи сиёсӣ ва макроиқтисодӣ дар солҳои 1991-1995................20*

*2.2. Низоми бонкӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди кишвар........22*

**БОБИ 3. АСОСҲОИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР СОЛҲОИ 1995-2000..........................................26**

*3.1. Шароити макроиқтисодӣ ва ислоҳоти пулии соли 1995..........26*

*3.2. Сиёсати пулӣ ва зарурати татбиқи он дар кишвар..................29*

*3.3. Сиёсати асъор ва нақши он дар таъмини устувории молиявӣ.......................................................................................35*

*3.4. Ташкили низоми омори тавозуни пардохт..............................36*

*3.5. Таҳкими низоми бонкӣ............................................................38*

*3.6. Таъсиси низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон..................40*

*3.7. Ислоҳоти ҳисобдорӣ дар низоми бонкӣ....................................41*

*3.8. Ислоҳоти пулии соли 2000........................................................42*

**БОБИ 4. СИЁСАТИ ПУЛӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ 2001-2005............................................................................43**

*4.1. Вазъи макроиқтисодии кишвар.................................................43*

*4.2. Татбиқи сиёсати пулӣ..................................................................49*

*4.3. Вусъати минбаъдаи низоми бонкӣ............................................55*

*4.4. Ҳамкории байналмилалӣ..........................................................62*

**БОБИ 5. СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ВА НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ 2006-2010............................................................................66**

*5.1. Вазъи макроиқтисодии кишвар.................................................66*

*5.2. Татбиқи сиёсати пулӣ..................................................................73*

*5.3. Муомилоти пулӣ ва хазинадории Бонки миллии Тоҷикистон...................................................................................77*

*5.4. Сиёсати асъор ва қурби пули миллӣ.........................................81*

*5.5. Амалиёт дар бозори озод..........................................................87*

*5.6. Вусъати минбаъдаи низоми бонкӣ...........................................96*

*5.7. Таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқии ТМХ................................112*
*5.8. Афзоиши ҳаҷми пасандозҳо ......................................................113*
*5.9. Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт.........................................113*
*5.10. Низоми пардохт .......................................................................117*
*5.11. Ҳамкории байналмилалӣ ........................................................119*
*5.12. Ташкили мониторинги молиявӣ ...........................................121*
**БОБИ 6. СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ВА НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ 2011-2015..........................................................................**
*6.1. Вазъи макроиқтисодии кишвар................................................123*
*6.2. Татбиқи сиёсати пулӣ...............................................................130*
*6.3. Муомилоти пулӣ ва хазинадории Бонки миллии Тоҷикистон...............................................................................133*
*6.4. Сиёсати асъор ва қурби пули миллӣ......................................135*
*6.5. Амалиёт дар бозори озод.........................................................142*
*6.6. Рушди минбаъдаи низоми бонкӣ............................................148*
*6.7. Афзоиши ҳаҷми пасандозҳо ......................................................153*
*6.8. Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт.........................................155*
*6.9. Низоми пардохт дар солҳои 2011-2015.....................................158*
*6.10. Ҳамкории байналмилалӣ........................................................161*
**БОБИ 7. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ҶАМЪБАСТИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ**
*7.1. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ...............................................*
*7.2. Нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ.....................................*
**БОБИ 8. ТАҲКИМИ ФАЪОЛИЯТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН............**
*8.1. Ташаккули фаъолияти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон.........................................................................*
*8.2. Мутобиқ намудани қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ..........*
*8.3. Таҳқиқоти типологӣ.............................................................*
*8.4. Густариши муносибатҳои байналмилалӣ...............................*
**БОБИ 9. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АУДИТИ ДОХИЛӢ..................**
*9.1. Ташаккули аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 1995-2010....................................................................*
*9.2. Рушди аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015...........................................................................*
**БОБИ 10. ҲАМКОРИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ИНСТИТУТҲОИ МОЛИЯВИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР**

**САМТИ БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОН ВА ДИГАР ФАЪОЛИЯТҲОИ НАЗАРРАС............**
*10.1. Ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо институтҳои молиявии байналмилалӣ дар давраи солҳои 2006-2010............................................................*
*10.2. Ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо институтҳои молиявии байналмилалӣ дар давраи солҳои 2011-2015............................................................*
*10.3. Таҳкими забони давлатӣ дар низоми бонкӣ ва таблиғу инъикоси ин низом дар васоити ахбор .....................................*
*10.4. Ҳимояи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ......................................................................*

**БОБИ 11. НАҚШАИ СТРАТЕГИИ СОЛИМГАРДОНИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДУРНАМОИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ МАМЛАКАТ.................**
***11.1. Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019..........................................................***
***11.2. Дастовард ва ислоҳоти воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон дар заминаи Нақшаи стратегӣ..............................***
***11.3. Дурнамои рушди низоми бонкии мамлакат..........................***

**ЗАМИМАҲО.........................................................................................**

*“Рушди низоми бонкӣ ва татбиқи сиёсати пулӣ дар инкишофи иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад”*

*Эмомалӣ Раҳмон*

## ПЕШГУФТОР

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мо дар остонаи ҷашни 25-солагии он қарор дорем, аз саҳифаҳои дурахшони таърихи нави миллати мост.

Ин падидаи воқеан муҳимми таърихӣ барои ташаккулу пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз љумла соњаи бонкдорӣ шароит ва имконияти мусоид фароҳам овард. Ҳарчанд низоми бонкии ҷумҳурӣ дар заминаи шабакаи бонкии замони шӯравӣ бунёд гардид, дар даврони Истиқлолият тадриҷан зинаҳои такмили заминаи қонунгузорӣ, ба муомилот ворид кардани пули миллӣ, бунёди сиёсати мукаммали пулию қарзӣ, ба роҳ мондани ҳисоббаробариҳои мунтазаму боэътимод, ташкили назорати ба пояи меъёрҳои молиявию иқтисодӣ асосноки бонкӣ ва ғайраро тай намуда, дар айни замон ба яке аз соҳаҳои ниҳоят муҳимми иқтисодиёти мамлакат табдил ёфтааст.

Такмилу таҳкими низоми бонкии мамлакат ва заминаи қонунгузории он ҳанӯз идома дорад ва таҳияи Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019, ки соли гузашта аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба тасвиб расид, дар ин роҳ иқдоми шоиста арзёбӣ мешавад. Ин иқдом ба солимгардонии фаъолияти молиявӣ ва институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин баланд бардоштани самаранокии идоракунии низоми бонкии мамлакат равона гардида, татбиқи муваффақонаи он ба беҳтар гаштани нишондиҳандаҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва умуман низоми бонкии мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифт, ки ба муносибати ҷашни пуршукӯҳи 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи рушди низоми бонкии мамлакатро дар шакли китоби алоҳида пешкаши хонандагон ва алоқамандони соҳа гардонад. Бояд гуфт, ки қаблан ба муносибати 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон чунин як китоб бо номи "Бонкдорӣ ва сиёсати пулию қарзӣ (1991-2011)" ба нашр расида буд. Китоби ҳозира дар заминаи китоби пештара таълиф гардида, давраи васеътар, яъне бисту панҷ соли фаъолияти низоми бонкии мамлакатро дар бар мегирад.

Китоб аз ёздаҳ боб иборат буда, таърихи бонкдории мустақили мамлакатро ба таври нисбатан мукаммал инъикос менамояд.

Дар боби аввал дар хусуси нақши Пешвои миллат ва Сарвари давлат дар ташаккули низоми бонкии мамлакат сухан меравад. Воқеан, дар таҳкими дастовардҳои Истиқлолият ва рушду барқарории соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла бахши бонкии мамлакат ва таърихи ташаккулу рушди он сиёсати оқилонаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим ва тақдирсоз маҳсуб мешавад.

Дар боби дуюм дар бобати вазъи низоми бонкии мамлакат аз оғози давраи Истиқлолият то ислоҳоти пулии соли 1995 маълумот дарҷ гардидааст.

Бобҳои сеюм, чорум, панҷум ва шашум асосҳои рушди низоми бонкӣ ва сиёсати пулию қарзиро дар чор марҳила (солҳои 1995-2000; 2001-2005; 2006-2010 ва 2010-2015) дар бар мегиранд.

Дар ин бобҳо оид ба шароити макроиқтисодӣ ва ислоҳотҳои пулии солҳои 1995 ва 2000, сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати асъор ва нақши онҳо дар таъмини устувории молиявӣ, ташкили низоми омори тавозуни пардохт, таъсиси низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳоти ҳисобдорӣ дар низоми бонкӣ ва ғ. ба таври нисбатан муфассал сухан рафтааст.

Дар боби ҳафтум нишондиҳандаҳои ҷамъбастии низоми бонкӣ дар даврони Истиқлолият оварда шудааст.

Боби ҳаштум ба таҳкими фаъолияти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон бахшида шудааст, зеро масъалаи

муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар айни замон аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ мешавад ва дар Бонки миллии Тоҷикистон ташкил гардидани чунин ниҳод эътибори Бонки миллии Тоҷикистонро афзун мегардонад.

Дар боби нуҳум дар хусуси ташаккулу рушди аудити дохилӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон маълумот дода шудааст, зеро илова бар аудити берунӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин аудити дохилӣ ба фаъолияти самаранок машғул аст.

Боби даҳум ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо институтҳои молиявии байналмилалӣ дар самти бозомӯзии кормандон ва дигар фаъолиятҳои назарраси Бонки миллии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Дар боби ёздаҳум Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019, дастовардҳои мушаххас дар заминаи иҷрои ин Нақша ва дурнамои рушди низоми бонкии мамлакат нишон дода шудааст.

Китоб барои истифодаи мутахассисони соҳаҳои молияю иқтисод ва бонкдорӣ, устодону донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва доираи васеи хонандагон тавсия мешавад.



*Эҳтироми пули миллӣ, эҳтироми миллат аст!*
Эмомалӣ Раҳмон

## БОБИ 1. НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БОНКИИ МАМЛАКАТ

Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар корнамоию ҷонфидоиҳо дар арсаҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар дар роҳи бунёд ва таҳкими низоми бонкии мамлакат низ муҳим ва сазовор арзёбӣ мешавад. Зеро, Сарвари давлати тоҷикон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба мақоми роҳбарии кишвар интихоб шуданаш бо дарки амиқи муҳиммияти соҳаи мазкур ба масъалаи сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва ташкили низоми миллии бонкдорӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир мекард. Вале рӯзгори тӯфонхези оғози даврони Истиқлол ва ба гирдоби ҷанги дохилӣ кашида шудани кишвар барои ташкилу баркарории чунин низоми ҳаётан муҳим монеа эҷод менамуд.

Илова бар ин, аз байн рафтани алоқаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, халалдор гардидани ҳисоббаробариҳо бо собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, қатъ гардидани вуруди маблағҳои мутамарказ аз буҷети умумииттифоқӣ, якбора боло рафтани нархҳои воридотии захираҳои энергетикӣ, молҳои истеъмолӣ иқтисодиёти мамлакатро фалаҷ кард ва ба хоҷагии халқ миллиардҳо доллари ИМА зарар овард.

Дар ҳамон давраи бухронӣ дар мамлакат нарасидани захираҳои молиявии худӣ, ки барои гузаронидани ислоҳоти амиқи иқтисодӣ зарур буданд, ҳаматарафа эҳсос мегардид. Вазъи иқтисодиёти ҷумҳурӣ андешидани чораҳои қатъӣ ва таъхирнопазирро ҷиҳати таъсиси институтҳои молиявӣ ва поягузории механизмҳои амалкарди иқтисоди бозорӣ талаб мекард. Бар замми ин, аз байн рафтани фазои ягонаи иқтисодӣ ва бенизомии муносибатҳо дар соҳаи пулию қарзӣ миёни ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС, ҳамчунин ба муомилот баровардани пули миллӣ дар ин ҷумҳуриҳо аз масъалаҳои дигари ҷиддӣ ба шумор мерафт. Дар шароити сатҳи баланди таваррум ва беқурбшавии пул Тоҷикистон ба ҳимояи иқтисодиёти кӯчаки худ ва татбиқи сиёсати нисбатан самараноки иқтисодӣ ниёз дошт.

Бо ҳамин мақсад, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки воқеият ва камоли масъулиятшиносӣ масъалаи ба муомилот баровардани пули миллиро ба миён гузошт. Дар асоси пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 7-уми апрели соли 1995 рубли тоҷикиро чун нахустин пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ ташкил дод.

Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои кишвар ва суръат бахшидан ба дигаргунсозиҳои иқтисодию бунёди низоми пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 майи соли 1995 Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ «Дар бораи аз 10-уми майи соли 1995 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардани пули миллӣ – рубли тоҷикӣ» қарор қабул кард.

Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори Комиссияи мазкур 10-уми майи соли 1995 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пули

миллӣ – рубли тоҷикии барориши соли 1994-ро бо арзишҳои 1, 5, 10, 20, 50, 100, 200, 500, 1000 рубл ба муомилот баровард.

Маҳз бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистони мустақил соҳиби нахустин пули миллии худ гардид, ки ин дар он айём як падидаи ниҳоят муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат ба шумор мерафт.

Гузашти айём бори дигар собит сохт, ки қарор дар бораи ташкил намудани низоми пулии мустақил иқдоми дурусту саривақтии стратегӣ буд, ки ба ташаккули истиқлолияти иқтисодии мамлакат заминаи мусоид гузошт.

Бисту панҷ соли сипаришуда барои низоми бонкии мамлакат ва пули миллӣ таърихи тӯлонӣ нест, вале аз нигоҳи дастовардҳои назарраси имрӯза муҳим ва саривақтӣ будани қарорҳои қабулшуда ва вазифаҳои амалигашта бори дигар аз дуруст будани сиёсати пешгирифта дарак медиҳад.

Ин қадами устувор ва дурандешона дар роҳиислоҳоти пулии Тоҷикистони тозаистиқлол буд, ки дар шароити ниҳоят мураккаби иҷтимоию иқтисодии давраи ҷанги дохилӣ бо иқдоми бевоситаи Пешвои миллат сурат гирифт. Қаблан дар амри ҷуброн ва намоябандии (индексатсияи) маблағҳо низ кӯшишҳо сурат гирифта буд, вале баъди ба муомилот ворид шудани рубли тоҷикӣ, дар мамлакат марҳилаи сифатан нави ислоҳоти иқтисодӣ оғоз ёфт ва Бонки миллии Тоҷикистон дар фаъолияти худ, ки дар навбати аввал ба ташкили низоми миллии муомилоти пулӣ равона шуда буд, воқеан мустақил гардид.

Аз рӯзҳои аввали ин маъракаи муҳим яке аз усулҳои асосии татбиқи сиёсати мустақили иқтисодӣ пай дар пай андешидани чораҳо ба шумор мерафт, ки дар асоси он тамоми корҳои минбаъда оид ба ташаккули низоми пулӣ дар мамлакат сурат гирифтанд.

Ба муомилот баровардани рубли тоҷикӣ дар моҳи майи соли 1995 зарурати ба таври дақиқ муайян кардани оқибати он ба равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ташкили механизми пурраи танзими муносибатҳои пулию қарзӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Дар маҷмӯъ ин то андозаи муайян имкон дод, ки вазъи иқтисодӣ муътадил гардад ва барои баровардани пули нави миллӣ - “сомонӣ” омодагӣ гирифта шавад. Дар ин муддат барои баланд бардоштани қобилияти харидории рубли тоҷикӣ ва ғанӣ гардонидани бозори

истеъмолии дохилӣ чораҳо андешида шуданд, муайян кардани қурби рубли тоҷикӣ нисбат ба асъори хориҷӣ оғоз ёфт, ҳисоббаробариҳо бо ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ ба тартиб даровarда шуда, дар бораи назорати асъор дастурамалу низомномаҳои дахлдор таҳия ва қабул гардиданд.

Илова бар ин, мавриди истифода қарор гирифтани рубли тоҷикӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон имкон дод, ки қарзи дохилии худро дар назди шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар бобати пардохти маош, нафақа, стипендия ва дигар пардохтҳои ба он баробар адо намояд ва Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати мустақилонаи пулию қарзии хешро пеш барад.

Ин рӯйдоди муҳим аз ҷониби мутахассисони соҳаи иқтисод қадами инқилобӣ арзёбӣ гардида, ҳамчун оғози давраи сифатан нави ислоҳоти иқтисодии мамлакат баҳои сазовор гирифт. Ҳамин тариқ, рубли тоҷикӣ яке аз василаҳои асосии ба даст овардани истиқлолияти иқтисодии кишвар гардид ва он имкон дод, ки то андозае комёбиҳои макроиқтисодӣ ба даст оварда шавад.

Маҳз дар ҳамин давраи инкишоф зарурати қабул намудани маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки мебоист мақсад ва вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистонро ба сифати бонки танзимгар равшан ифода намуда, мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ фаъолияти онро ба роҳ монад, ба миён омад. Бинобар ин, соли 1996 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” қабул шуд, ки барои ба бонки марказии муосир табдил ёфтани Бонки миллии Тоҷикистон ва таъмини устувории пули миллӣ замина гузошт.

Иқдоми мазкур дар якҷоягӣ бо маҷмӯи дигар чорабиниҳои иқтисодию молиявӣ, аз ҷумла қабули Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодии кишвар, таҷдиди низоми бонкӣ, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба сирри бонкӣ ва ҳифзи пасандозҳо ва ғайра имкон доданд, ки иқтисодиёти кишвар давраи коҳишёбӣ ва пастравиро паси сар намояд ва барои дар соли 2000-ум ворид намудани нишонаҳои нави пули миллӣ - “сомонӣ” заминаи зарурӣ фароҳам орад.

Бо ибтикори шахсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон Гурӯҳи корӣ барои ба муомилот баровардани нишонаҳои нави пули миллӣ ташкил дода шуд, ки ба он Гурӯҳ худи Пешвои миллат роҳбарӣ мекард. Бо мақсади сари

вақт чоп намудани пули миллӣ соли 1999 Бонки миллии Тоҷикистон бо корхонаи Giesecke & Devrient GmBx (Олмон) шартнома баст.

Дар таърихи 26 октябри соли 2000 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №415 дар хусуси аз 30 октябри соли 2000 ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар "сомонӣ", ки ба ифтихори асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон Исмоили Сомонӣ номгузорӣ шудааст, ба имзо расид ва пулҳои коғазӣ бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва воҳиди хурди он бо арзиши 1, 5, 20, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд. Баъдан, соли 2010 бинобар зарурат ва эҳтиёҷоти муомилоти пулии мамлакат пулҳои коғазӣ бо арзиши 3, 200, 500 сомонӣ ба муомилот ворид гардиданд.

Бояд таъкид кард, ки пули миллии сомонӣ дорои бештар аз даҳ унсури ҳимоявӣ мебошад, ки қалбакӣ сохтани онро ғайриимкон мегардонад.

Ворид гаштани нишонаҳои пули комилан миллӣ – сомонӣ, бо тасвири симои бузургони дирӯзу имрӯзи миллат ва дигар муқаддасоти миллӣ, аз ҷумла порчаи шеърӣ, ки ҳамчун пайванди азалии сиёсату иқтисод бо забону фарҳанги мо дар паси 10 сомонӣ ҷой дода шудааст, бахри оғози рушду нумуи иқтисодиёт ва дигаргуниҳои мусбати ҳаёти ҷомеаи ҷумҳурӣ дар назди низоми бонкии мамлакат ва аҳли ҷомеа вазифаҳои нав гузошт ва ба сифати ислоҳоти дигари пулии мамлакат дар таърихи давлатдории навини тоҷикон барои ҳамеша бо номи Пешвои миллат сабт гардид.

Ҳамчунин бо мақсади истифода дар муомилот тангаҳои филизӣ ва ба муносибати ҷашну санаҳои таърихӣ тангаҳои хотиравӣ сикказанӣ шуданд.

Низоми бонкии мамлакат бо рӯҳбаландӣ аз ғамхорию дастгирии ҳамаҷонибаи Пешвои миллат дар навбати худ кӯшиш ба харҷ дод, ки ба низоми байналмилалии бонкӣ шомил гардида, аксари навгониҳои олами бонкдории ҷаҳонро дар фаъолияти худ ҷорӣ намояд ва ҳамқадами давру замон бошад. Ба меъёрҳои байналмилалии ҳисобдорӣ гузаштани Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат ҳамкории ин низомро ба низоми бонкии ҷаҳонӣ боз ҳам қавитар гардонд.

Пули миллӣ на танҳо василаи молиявӣ, балки яке аз рамзҳои давлатдорӣ мебошад. Воқеан, пули миллии мо, ки дар минтақаи

гардиши худ эҳтиром дорад, рамзи арзандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол гардидааст ва барои иқтисодиёти рӯ ба инкишофи кишвар ҳамчун воситаи боэътимоди муомилот хизмат мекунад.

Сиёсати пулию қарзии мамлакат, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, Бонки миллии Тоҷикистон онро амалӣ месозад, маҳз ба иҷрои вазифаҳои зикршуда, пешгирӣ намудани афзоиши таваррум ва таъмини устувории қурби пули миллӣ равона карда мешавад. Барои таъмини иҷрои вазифаҳои худ Бонки миллии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои мушаххаси амалӣ меандешад.

Ҳоло сомонӣ яке аз асъори устувори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад, ки таваҷҷуҳи тоҷирони давлатҳои ҳамсояро ба худ ҷалб кардааст.

Маълум аст, ки дар асри нав ҷаҳониён бештар ба қобилияти зеҳнӣ, маҳорати созмондеҳӣ, меҳнатдӯстӣ ва кордонии мо, ҳамчунин мувофиқи қобилияти харидорӣ ва мубодилавии пули миллиамон баҳо медиҳанд.

Бояд таъкид кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати бонки танзимгари фаъолияти бонкии мамлакат бо раҳнамоӣ ва дастгирии бевоситаи Президенти мамлакат дар ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад ва ҳамкориҳои судмандро бо созмонҳои бонуфузтарини молиявии ҷаҳон, аз қабили Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Исломии Рушд, Бонки Осиёии Рушд, Корпоратсияи Молиявии Байналмилалӣ, хазинаҳои мамолики араб ва боз як зумра бонкҳои маъруфу бузурги мамлакатҳои хориҷӣ ба роҳ монда, пайваста доираи ҳамкориро бо ин ва дигар созмонҳои бонкию молиявии ҷаҳон ҳамаҷониба густариш медиҳад.

Яке аз вазифаҳои муҳимме, ки дар назди кормандони бонкҳо истодааст ва барои иҷрои он тамоми чораҳоро андешидан лозим меояд, ин ба даст овардани боварии аҳолӣ ба бонкҳо, ҷалби ҳар чи бештари пасандозҳои мардум мебошад.

Ҷорӣ шудан ва кори босамари низоми электронии пардохт, кортҳои пластикӣ, банкоматҳо дар фаъолияти бонкҳои ҷумҳурӣ низ омилҳои ба даст овардани боварии мардум ба низоми бонкдорӣ ба ҳисоб мераванд.

Бонки миллии Тоҷикистон супоришҳои Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати дастгирии соҳибкорони миёна ва хурд сармашқи кори худ карда, барои иҷрои саривақтии онҳо ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад. Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» Бонки миллии Тоҷикистон механизми аз тариқи бонкҳо додани қарзҳои хурдро ба иқтисодиёт пешбинӣ ва санадҳои меъёриро доир ба тартиби иҷозатномадиҳӣ ва танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳия кард.

Дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ дар мамлакат заминаи боэътимоди қонунгузории соҳаи бонкдорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ин соҳа ба вуҷуд оварда шуд.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" (1991), "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" (1995), "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" (1998), "Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ"(2003), "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" (2004), "Дар бораи таърихи қарз (кредит)"(2009), "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" (2011), "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ"(2011), "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" (2014), ки дар танзими низоми бонкии мамлакат нақши муҳим доранд, аз ҷониби ҷаноби Президент ба имзо расида, мавриди амал қарор гирифтанд.

Дар солҳои баъдӣ аксари ин қонунҳо вобаста ба зарурат ва пешрафти соҳа такмил ёфта, имрӯз мавриди амал қарор доранд.

Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" бахри пешбурди фаъолияти бонкдории исломӣ дар мамлакат ва таъмини фазои ягонаи рақобатпазирӣ миёни ташкилотҳои қарзии анъанавӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ замина гузошта, барои ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва амонатҳои дохилӣ мусоидат менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" (с. 2011) бо сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат созгор буда, ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ, ҳамчунин низоми мониторинги молиявии мубориза бар зидди маблағгузориҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада равона шудааст. Дар чаҳорчӯбаи ин қонун

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор талаботҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди расмикунонии пул (ФАТФ)-ро амалӣ менамояд, ки бевосита барои тақвияти ҳамкории байнидавлатӣ дар ин самт ва рушди фазои сармоягузорӣ дар мамлакат нақши муҳим дорад.

Дар баробари тақвият ёфтани робитаҳои тиҷоратии иқтисоди хориҷӣ барои нигоҳдории устувории қурби пули миллӣ сиёсати пулию қарзӣ ва қонунгузорӣ дар ин замина мунтазам такмил ёфта, дар мамлакат механизми барориши коғазҳои қиматнок низ ба роҳ монда шуд. Дар кишвар биржаи фондӣ низ ба фаъолият шурӯъ намуд.

Бо фароҳам омадани заминаи ҳуқуқӣ ва ноил гардидан ба дастовардҳои назаррас дар низоми муомилоти пулӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ба ҷорӣ намудани усулҳои муосири бонкдорӣ оғоз кард, ки эътимоди аҳолиро ба низоми бонкӣ ва сиёсати иқтисодии кишвар афзун намуд.

Бахусус, ба роҳ мондани ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ ва ташкили инфрасохтори низоми пардохт ба пешрафти низоми бонкии мамлакат мусоидат кард.

Аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои пардохти шакли коғазӣ ва анҷом додани ҳисоббаробарӣ тавассути низоми электронӣ барои дар муддати кӯтоҳ анҷом додани амалиётҳои пардохтии дохилию бурунмарзӣ имкони мусоидат фароҳам сохт. Бо мақсади ривоҷ додани амалиётҳои ғайринақдӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои бонкӣ барои ҷорӣ намудани кортҳои пардохт ва насб кардани таҷҳизоти муосир - банкомат ва терминалҳо замина гузошта шуд.

Президенти мамлакат дар ҳамаи вохӯрию мулоқот ва суҳбату суханрониҳо, бахусус дар Паёмҳои ҳарсолаи худ ба Парламенти мамлакат дар масъалаи боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, таҳкими низоми бонкдории кишвар, нигоҳ доштани сатҳи таваррум, баланд бардоштани қобилияти харидории пули миллӣ ва ғайра дар назди масъулони соҳа вазифаҳои мушаххас мегузорад.

Пешвои миллат пайваста таъкид ба он дорад, ки фаъолияти низоми самарабахши бонкӣ шарти муҳимтарини рушди босуръати иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки

захираҳои молиявӣ ҷамъоварӣ намуда, онҳоро барои маблағгузории бахшҳои воқеии иқтисодиёт истифода баранд.

Ҳамчунин ба андешаи ӯ сиёсати давлатӣ дар соҳаи пулию қарзӣ бояд ба паст кардани сатҳи таваррум, афзун шудани ҳаҷми сармояи бонкҳо ва маблағҳои амонатӣ, тадриҷан баланд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёт, таъмини шаффофият дар фаъолияти бонкӣ, такмили хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла сари вақт таъмин намудани маблағҳои қарзӣ, тараққӣ додани маблағгузории хурд ва зерсохтори он дар деҳот ва минтақаҳои дурдасти кӯҳистон бо мақсади ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди саноати маҳаллӣ равона карда шавад.

Дар ин марҳила зарур аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон раванди ислоҳоти низоми бонкӣ, сиёсати пулию қарзӣ, ҳисоббаробариҳои байнибонкӣ ва дигар воситаҳои молиявиро такмил дода, барои афзоиши муомилоти ғайринақдии маблағҳо ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи бонкӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Президенти ҷумҳурӣ ҳамчунин таъкид бар ин дорад, ки пешбурди пурсамари сиёсати пулию қарзӣ ва рушди босуботи низоми бонкӣ аз раванди ислоҳоти сохторӣ, аз ҷумла такмили сохтори Бонки миллӣ вобаста аст. Бинобар ин, ислоҳоти зикршуда бояд дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта анҷом дода шавад.

Ба андешаи ӯ торафт афзун гардонидани сармояи бонкҳо, кушодани намояндагиҳо ва шуъбаҳои бонкҳои хориҷӣ дар мамлакат, таҳкими нақши бонкҳои кишвар дар пешниҳоди қарзҳо, ҳалли масъалаҳои вобаста ба қарзи хоҷагиҳои пахтакор ва ҷорӣ намудани механизми нави маблағгузории соҳаи пахтакорӣ, таъмини шаффофияти амалиёти бонкӣ бояд минбаъд низ самтҳои асосии сиёсати пуливу қарзии давлат боқӣ монанд.

Сарвари давлат дар як суханронии хеш дар соли 2009 иброз дошт, ки агар ҳаҷми умумии қарздиҳии хурд соли 2006-ум 528 миллион сомониро ташкил карда бошад, соли 2008 он қариб ду баробар афзоиш ёфта, ба беш аз як миллиард сомонӣ расонида шуд. Қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ зиёда аз сеюним баробар, сохтмон - чор ва саноат якуним баробар афзуд. Вусъат ёфтани қарздиҳии хурд ба хеле қувват гирифтани иштироки аҳолӣ дар фаъолияти иқтисодӣ, афзоиши ҷойҳои нави корӣ, то андозаи муайян паст гардидани сатҳи камбизоатӣ, густариш пайдо кардани

соҳибкории хурду миёна, бахусус дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон мусоидат кард.

Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратии мамлакат вазифадоранд, ки дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон шуъбаҳои худро ташкил намуда, ҳам шумораи муштариён ва ҳам ҳаҷми қарздиҳии хурдро бештар гардонанд. Бо мақсади ҳалли масъалаҳои зикргардида ва суръатбахшӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ зарур аст, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ, аз қабили Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва Бонки Исломии Рушд идома ёбанд.

Солҳои баъдӣ Президенти мамлакат зарурати дастгирии минбаъдаи низоми бонкиро бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ муҳим арзёбӣ намуд. Ҳамчунин барои амалӣ сохтани сиёсати пурсамари пуливу қарзӣ ва таъмини рушди низоми бонкӣ, такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пурзӯр намудани назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти идораи дороиҳо ва уҳдадориҳо, таъмини пардохтпазирӣ, паст кардани сатҳи хавфҳои бонкиро, ки ҳамаи ин тадбирҳо ба устувории низоми бонкии кишвар равона шудаанд, зарур шуморид.

Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратӣ вазифадор шуданд, ки бо мақсади таъмини рушди соҳибкории хурду миёна, воридоти технологияҳои муосир, афзун гардонидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва дар ин асос зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ ҳаҷм ва теъдоди пешниҳоди қарзҳоро зиёд намоянд.

Соли 2009 роҳбарони Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратии мамлакат ҳангоми мулоқот ба Президенти мамлакат изҳор намуданд, ки сарфи назар аз таъсири буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ҳаҷми пешниҳоди қарзҳоро нисбат ба соли 2008 то 25 фоиз зиёд менамоянд, ки ин иқдом аз ҷониби роҳбари давлат дастгирӣ ёфт.

Ба бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ тавсия дода шуд, ки вобаста ба поён рафтани сатҳи таварруми фоизи қарзҳои пешниҳодшавандаро таҷдиди назар карда, маблағҳои мавҷударо бештар барои дастгирии бахши воқеии иқтисод, бахусус соҳибкории истеҳсолӣ равона созанд. Илова бар ин, сода кардани

раванди қарздиҳӣ ва ҳуҷҷатгузории он ба мақсад мувофиқ дониста шуд.

Сарвари давлат ҷиҳати дастгирии минбаъдаи низоми бонкӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон супориш дод, ки фоизи қарзҳои ба бонкҳо додашавандаро аз 12 ба 10 фоиз ва меъёри захираҳои ҳатмиро аз 10 ба 8 фоиз кам намуда, барои таъмини пардохтпазирии бонкҳо чораҳои зарурӣ андешад.

Таваҷҷуҳи бонкҳои тиҷоратӣ ба масъалаҳои ҷалби сармоя, зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ, бахусус рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва таъмини бозгашти қарзҳои додашуда ҷалб гардид.

Президенти мамлакат таъкид мекунад, ки бояд сиёсати пуливу қарзӣ барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ дар самти таъмини устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани пардохтпазирӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ, таъмини фаъолияти самаранок ва бехатарии низоми пардохтҳо равона карда шавад.

Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Президенти кишвар, солҳои охир қарздиҳии хурд ба самти нави муносибатҳои қарзӣ табдил ёфта, дар панҷ соли охир се баробар афзоиш ёфтааст.

Афзоиши пасандозҳои аҳолӣ яке аз дастовардҳои муҳимми низоми бонкдории мамлакат маҳсуб мешавад. Тайи панҷ соли охир ҳамаи пасандозҳо беш аз 32 баробар зиёд гардида, дар охири соли 2015 маблағи 9,0 миллиард сомонӣ, аз ҷумла пасандозҳои аҳолӣ 2,1 миллиард сомониро ташкил карданд. Дар натиҷа имконияти молиявии ташкилотҳои қарзии ватанӣ баландтар гардида, онҳо ба муштариён танҳо дар соли 2015 12,2 миллиард сомонӣ қарз пешниҳод намуданд, ки нисбат ба панҷ соли пешин қариб се баробар зиёд мебошад.

Солҳои охир ислоҳоти низоми бонкии мамлакат идома ёфта, заминаи меъёрии ҳуқуқии он ба талаботи муосир мутобиқ шуда истодааст.

Бо дастгирии роҳбарияти мамлакат дар назар аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии кишвар ҳаҷм ва пешниҳоди шумораи қарзҳоро ба бахши воқеии иқтисодиёт ва рушди соҳибкории хурду миёна афзун намуда, барои дастрасии ҳарчи бештари муштариён ба захираҳои қарзӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Таҳияи омори дақиқ ва шаффоф дар низоми бонкии мамлакат, хусусан дар Бонки миллии Тоҷикистон хуб ба роҳ монда шуда, маълумоти оморӣ ба созмонҳои хориҷӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ пешниҳод мешавад.

Мутобиқи маълумоти оморӣ, дар соли 2015 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии ташкилотҳои қарзӣ дар маҷмӯъ 123 адад, аз ҷумла 17 адад бонк, 39 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 31 адад ташкилоти қарзии хурд ва 36 адад фонди қарзии хурдро ташкил дода, аз мавҷудияти шароити мусоиди макроиқтисодӣ ва пешбурди сиёсати оқилонаи самараноки пулию қарзии низоми бонкии кишвар шаҳодат медиҳад.

Бо боварии тамом метавон гуфт, ки дар муддати даҳ сол, яъне дар давоми соли 2005 то 2015 дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ ба андозаи 11,6 маротиба ва сармояи онҳо бештар аз 8,7 маротиба афзуда, дар интиҳои соли 2015 мутаносибан 18,6 млрд. сомонӣ ва 2,4 млрд. сомониро ташкил дод. Бақияи пасандозҳо ҳамчун нишондиҳандаи эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ тақрибан 9 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2005 ба андозаи тақрибан 17,0 маротиба зиёд мебошад. Афзоиши онҳо дар навбати худ барои зиёд шудани маблағҳои қарзӣ мусоидат кард.

Ҳаҷми маблағгузории қарзӣ низ дар мамлакат тамоюли назарраси болоравиро дошта, бақияи қарзҳои ташкилотҳои қарзӣ ба интиҳои соли 2015 маблағи наздик ба 11,3 млрд. сомониро ташкил дод, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар соли 2005 танҳо ба 1,2 млрд. сомонӣ баробар буд. Ҳаҷми қарзҳои хурд бошад ба охири соли 2015 ба 4,4 млрд. сомонӣ расид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо пешрафти низоми бонкӣ шаклу сифати хизматрасонии ташкилотҳои қарзӣ низ мунтазам ба таври мусбат тағйир ёфт. Ташкилотҳои қарзӣ дар баробари навъҳои маъмули хизматрасонии бонкӣ, мисли амалиёти хазинавӣ, додани қарз, қабули амонат, ҳисоббаробарӣ ва пардохт, амалиёти муосири бонкиро аз қабили амалиёти сейфӣ, ҳамлу нақл, ҳисоббаробарӣ бо кортҳои пардохти бонкӣ ва пардохти электронӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар баробари ин, бо мақсади ҷорӣ намудани маҳсулоти муосири бонкӣ ва беҳтар намудани хизматрасонии бонкӣ, дар ташкилотҳои қарзӣ низоми интернет бонкинг ва мобайл бонкинг

татбиқ мегардад, ки бо истифода аз он муштариён метавонанд бемамониат амалиёти пардохтии фаромарзиро анҷом диҳанд.

Бо мақсади бунёди низоми бонкии солим ва масъул дар мамлакат, ҳамчунин ҳимояи манфиатҳои ташкилотҳои қарзӣ Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва барои ҳифзи манфиати ташкилотҳои қарзии хурд Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ташкил гардид. Таъсиси бюроҳои қарзӣ низ барои шаффофияти фаъолияти қарздиҳӣ ва таъсиси пойгоҳи муътамади парвандаҳои қарзӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Низоми бонкии мамлакат ҳамчунин дар амри пардохти андоз ва ҳисоббаробарии саривақти буҷети давлатӣ нақши назаррас дорад.

Низоми бонкии Тоҷикистон тамоми имкониятҳои мавҷудаи худро ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои васеъ намудани доираи хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла рушди ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ равона карда, ба рушди ояндаи он низ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

Дар самти рушди хизматрасониҳои бонкӣ бо истифодаи кортҳои пардохт дар давоми солҳои 2006-2015 низоми бонкии кишвар ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Шумораи кортҳои пардохти бонкӣ дар солҳои 2006-2015 бештар аз 103 маротиба афзуда, ин нишондод дар соли 2015 ба 1,44 млн. адад расид.

Дар навбати худ, бахри таъмини хизматрасонии босифати кортҳои пардохт шумораи терминалҳои электронӣ, ки барои пардохт дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ истифода мешаванд, аз 29 адади соли 2006 дар охири соли 2015 ба 650 адад расид. Шумораи терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд бошад, аз 73 адад дар соли 2006 ба 1564 адад дар соли 2015 расид. Дар ин давра шумораи банкоматҳо аз 56 адад дар соли 2006 то ба 762 адад дар соли 2015 зиёд шуд.

Инчунин, бо мақсади васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави хизматрасонӣ ташкилотҳои қарзӣ хизматрасониҳои бонкиро тавассути воситаҳои алоқаи мутаҳаррики радиотелефонӣ (мобилӣ) ва шабакаи Интернет ба муштариён пешниҳод менамоянд. Барои мисол, то 31 декабри соли 2015 тавассути воситаҳои алоқаи мутаҳаррики радиотелефонӣ (мобилӣ)

726 ҳаз. амалиёт ба маблағи 95 млн. сомонӣ ва тавассути шабакаи Интернет 240 ҳаз. амалиёт ба маблағи 8,1 млн. сомонӣ гузаронида шудааст.

Барои зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ ва кам кардани хавфи таъсири омилҳои беруна ба инфрасохтори пардохтии кишвар, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои қарзӣ Маркази протсессингии Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ"-ро созмон дод. То 31-уми декабри соли 2015 метавон гуфт 17 ташкилоти қарзӣ иштирокдори Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" гардида, 12-тои онҳо барориш ва хизматрасонии кортҳои миллиро ба роҳ монданд. Инчунин, барои рушди минбаъдаи Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" раванди пайвастшавӣ ба низоми пардохти байналмилалии "Unionpay"(Хитой) амалӣ шуд, ки дар натиҷаи он барориши кортҳои пардохтии муштарак ва истифодаи онҳо берун аз марзи кишвар имконпазир гардид. То санаи мазкур аз ҷониби иштирокдорони Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" 946 147 адад корти пардохтии миллӣ ва муштарак бароварда шуд.

Ҳамзамон, аз 16 декабри соли 2015 лоиҳаи "TJNNSS" ба кор оғоз кард ва тамоми амалиётҳои ҳисоббаробарӣ бо истифодаи кортҳои пардохти низоми пардохти Visa International дар ҷумҳурӣ танҳо бо пули миллӣ – сомонӣ, яъне бе гузаронидани амалиёти иловагии мубодилаи асъор иҷро карда мешаванд.

Бо мақсади иҷрои муваффақонаи вазифаҳои дар назди низоми бонкии мамлакат гузоштаи Пешвои миллат, Бонки миллии Тоҷикистон илова бар дигаргуниҳои ҷиддӣ дар сиёсати қурби асъор, ҷиҳати дарёфти роҳу воситаҳои асосии устувории макроиқтисодӣ, нигоҳдории қобилияти харидории пули миллӣ ва солимгардонии низоми бонкӣ тавассути такмили сиёсати пулию қарзӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Бо ин мақсад фишангҳои мустақими танзими ҳаҷми пул, аз қабили меъёри бозтамвил, амалиёт дар бозори озод ва захираҳои ҳатмӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Қобили зикр аст, ки барои беҳтар намудани мавқеи кишвар ва ҷалби бештари сармояи хориҷӣ гузаронидани рейтинги кредитии давлатии Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ мешавад.

Бинобар ин, дар айни замон Бонки миллии Тоҷикистон бо ширкатҳои рейтингии Standard & Poor's ва Moody's Investors Service,

ки агентиҳои эътирофшудаи ҷаҳонӣ мебошанд, ҳамкории судманд анҷом медиҳад.

Ҳамчунин, солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон бо бонкҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин (аз ҷумла, Бонки Мардумии Чин ва Бонки давлатии рушди Чин) ҳамкориро дар самти СВОП-и асъор ба роҳ мондааст.

Ин иқдом барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ, истифодаи пули миллии ду кишвар дар ҳисоббаробарӣ, ки бевосита ба дастгирии тавозуни пардохт, устувории қурби пули миллӣ, коҳиши сатҳи долларизатсия ва пардохтпазирии бонкҳо мусоидат менамояд, нақши назаррас мебозад.

Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, дар баробари рушду таҳкими низоми бонкии мамлакат ҳамасола ҳаҷми сармоягузориҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, фондҳои байналхалқӣ, ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои мададгор дар маблағгузории лоиҳаҳои калонҳаҷми соҳаҳои энергетика, инфрасохтор, нақлиёт, истихроҷи маъдан ва ғайра зиёд мегардад, ки бевосита ба рушди иқтисодии кишвар, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва боло рафтани сатҳи зиндагии мардуми ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Тарбия ва бозомӯзии кормандони низоми бонкии ҷавобгӯ ба талаботи муосир аз самтҳои авлавиятноки сиёсати кадрии низоми бонкии мамлакат ба ҳисоб меравад, ки аз раҳнамудҳои Пешвои миллат дар хусуси тарбияи кадрҳои миллӣ дар ҳамаи соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа маншаъ мегирад. Имрӯз дар низоми бонки мамлакат тақрибан 22 000 нафар ба фаъолият машғуланд. Мутахассисони низоми бонкии мамлакат илова бар таҳсилу бозомӯзӣ дар дохили мамлакат, ҳамчунин дар марказҳои таълимии Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки ҳисоббаробариҳои байналмилалӣ, бонкҳои марказии (миллии) Русия, Беларус, Қазоқистон, Арманистон, Қирғизистон, Олмон, Фаронса, Швейтсария, Лаҳистон, Чехия, Малайзия, Нидерланд ва ғ. бо бозомӯзӣ фаро гирифта мешаванд.

Дар марҳилаи имрӯза мақсади асосии ислоҳоти низоми бонкӣ нигоҳдории суботи низоми бонкӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонии бонкҳо, ҷорӣ намудани маҳсулотҳои нави бонкдорӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти бонкҳо ва мутобиқ намудани

санадҳои меъёрии ҳуқуқии бонкӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, Пешвои миллат ва Сарвари давлати тоҷикон дар бунёди сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва таҳкими низоми бонкдории миллӣ нақши мондагор дорад ва пули миллии сомонӣ, ки ба ибтикори бевоситаи ӯ дар муомилот ҷорӣ гардид, на танҳо воситаи муомилот, балки рукни муҳимми давлатдории миллӣ, ки шоистаи эҳтиром мебошад, маҳсуб мегардад. Суханони худи Пешвои миллат "Эҳтироми пули миллӣ, эҳтироми миллат аст!" бозгӯйи ин ҳақиқат аст.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКӢ ТО ИСЛОҲОТИ ПУЛИИ СОЛИ 1995

## *2.1. Вазъи сиёсати макроиқтисодӣ дар солҳои 1991-1995*

Солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба давраи хеле мушкили дар кишвар боло гирифтани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, коҳиш ёфтани назорат ва идорасозии давлатӣ, вазъи ноустувори макроиқтисодӣ рост омад. Дар ин давра фаъолияти сохторҳои давлатӣ, мақомоти қонунбарору судӣ ва иҷроия, соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бахши хусусӣ ва дигар соҳаҳо фалаҷ шуда буданд.

Дар он айёми сангин ва тоқатфарсо дар назди давлати миллии тозабунёди мо масъалаи воқеан ҳам муҳим - боқӣ мондани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақил дар арсаи байналмилалӣ, соҳибистиқлолии ҳақиқӣ ва якпорчагии давлати тоҷикон меистод.

Табиист, ки дар чунин вазъият иқтисодиёт ва истеҳсолот наметавонист на танҳо инкишоф ёбад, балки дар як сатҳ нигоҳ дошта шавад. Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) дар тӯли солҳои 1992-95 босуръат, ба ҳисоби миёна 20 фоизи солона паст мешуд (Ҷадвали 1, сутунҳои 2 ва 3). Гузашта аз ин, сатҳи умумии нархҳои истеъмолӣ (таваррум) дар тӯли солҳои 1992-95 бо суръати хеле баланд, ба ҳисоби миёна 2483 фоизи солона (Ҷадвали 1, сутуни 4) меафзуд.

Омилҳои ба ин тарз ҷараён гирифтани сатҳи таваррум, аз як тараф ба қаламрави ҷумҳурӣ ба миқдори зиёд ворид шудани пулҳои бароруши солҳои 1961-1992-и Бонки давлатии ИҶШС (бештар аз 65 млрд. рубл баҳо дода мешавад) бошад, аз ҷониби дигар мавҷуд набудани низоми мукаммал ва мустақили пули миллӣ, ки метавонист таъсири ин гуна воридшавии пулҳоро маҳдуд намояд, ба шумор мерафт. Ҳарчанд, вобаста ба шароити онрӯза, чораҳои имконпазир андешида мешуданд (дар ин бора муфассал дар фасли 2.2. маълумот оварда шудааст), вале самараи ин чораҳо

бо сабаби набудани низоми миллии пулӣ ва сиёсати мустақили пулию қарзӣ маҳдуд ва кӯтоҳмуддат буд.

*Ҷадвали 1. Тағйирёбии ММД ва сатҳи таваррум дар солҳои 1992-1995*

| Солҳо | Тағйирёбии ММД (%) | | Таваррум (бо %) |
|---|---|---|---|
| | Соли 1991=100% | Нисбати соли гузашта, % | |
| 1992 | 67,7 | -32,3 | 1420,0 |
| 1993 | 56,5 | -11,2 | 7430,0 |
| 1994 | 44,5 | -12,0 | 101,1 |
| 1995 | 38,9 | -5,6 | 983,6 |

Дар бораи рушд ва ё нигоҳдории ҳаҷми содироти ақаллан маҳсулоти анъанавии ватанӣ ва хизматрасонӣ зарурияти суханронӣ гуфтан ҳам нест, зеро дар чунин вазъият аксари соҳибкорони хориҷӣ бо сабаби хавфи сиёсӣ ва иқтисодӣ, майл ва хоҳиши ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро надоштанд.

Хушбахтона, иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, ба номуайянии сиёсӣ ва давлатӣ, хатари аз байн рафтани якпорчагии миллӣ ва Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хотима гузошт.

Қарори иҷлосияи мазкур кадами аввалин ва боэътимод ба сӯйи барқарор намудани эътидол ва устувории ҷомеаи шаҳрвандӣ, пойдор сохтани сулҳу оромӣ, хомӯш кардани шуълаи низоъ ва ҷудоиандозиҳо, ки дар ҳама давру замон ба ғайр аз мусибат ва хисороти гарони ҷонию моддӣ чизи дигар намеоварад, ба ҳисоб мерафт ва он дар инкишофи минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши замина ва пойгоҳи ҳуқуқиро бозид.

Тавре аз маълумоти омори расмӣ бармеояд, бар асари ҷанги шаҳрвандӣ ба иқтисодиёти кишвар ба андозаи зиёда аз 7 (ҳафт) млрд. долл. ИМА зарари моддӣ (3,3 маротиба зиёдтар аз ММД-и кишвар дар соли 2004) ва талафоти сершумори ҷонӣ расонида шуд.

Аз баргузории иҷлосияи таърихӣ то фаророрасии ҳаёти комилан осоиштаи мардум солҳои зиёд гузашта бошад ҳам, нақш ва аҳамияти пурарзиши он барои ба меҳнати софдилонаю босамар сафарбар намудани тамоми мардум бешубҳа бузург мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки танҳо пас аз иҷлосияи мазкур бо мақсади барпо намудани ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва

дунявӣ, тадриҷан барқарор намудани низоми давлатӣ ва такмили он, муайян кардани самтҳои асосии рушди иқтисодиёт, роҳ ва тартиби гузариш ба иқтисоди бозорӣ, татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ, такмил ва вусъати фаъолияти қонунбарорӣ шурӯъ шуд.

Ба ҳамин тартиб, ба давраи нави инкишофи кишвар, ислоҳотҳои қатъии сохтори давлатӣ, ташкили мақоми касбии қонунбарори дусатҳа, барпо намудани муносибатҳои байналмилалӣ ҳам бо давлатҳои хориҷӣ ва ҳам бо ташкилотҳои байналмилалӣ замина гузошта шуд.

## *2.2. Низоми бонкӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди кишвар*

Баробари ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ, низоми бонкии ҷумҳурӣ низ то андозае ба соҳибихтиёрию мустақилият комёб гашт ва ба бунёди низоми миллии бонкдорӣ оғоз намуд. Вале, мутаассифона, низоми бонкӣ дар солҳои 1992-1995 ба мушкилиҳое, ки ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар ин давра хос буданд, дучор шуд. Ба ғайр аз оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки вазъи мураккаби умумии мамлакатро ифода мекарданд, омилҳои асосии зерин ба авзоъ ва амалиёти ҳамарӯзаи бонкӣ таъсири манфӣ мерасониданд:

- канда шудани робитаҳои иқтисодии анъанавӣ бо кишварҳои собиқ Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва дар ин раванд имконнопазир шудани хизматрасонии пардохтҳои байнидавлатии воҳидҳои хоҷагидорӣ;
- тазодҳои қонунгузории амалкунанда дар танзими фаъолияти шахсони ҳуқуқии навташкили бахши хусусӣ;
- мушкил шудани ҳамлу нақли моводи гуногун дар қаламрави кишвар, алоқаи устувор дар дохили ҷумҳурӣ.

Ғайр аз омилҳои мазкур, мушкилоти дигари хоси низоми бонкӣ мавҷуд буданд, ки ба рушду такомули ин соҳа монеа эҷод мекарданд, аз ҷумла:

- мавҷуд набудани низоми миллии пулӣ;
- тӯлонӣ ва мушкил шудани анҷоми саривақт ва пурраи ҳисоббаробариҳои байнибонкӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ва зиёд шудани шумораи нопардохтҳои гуногун дар мамлакат;

- номувофиқ будани заминаи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ ба усулҳои нави фаъолияти бонкӣ;
- кам будани шумораи кормандони баландихтисос дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти бонкдорӣ;
- дар муомилот истифода шудани пулҳое, ки таҳти назорати бонки марказии ватанӣ қарор надошт ва дар амалиёти ғайринақдӣ воситаи пардохт ба ҳисоб мерафт.

Дар чунин шароити мушкил низоми бонкӣ пас аз амалӣ намудани як зумра навгонӣ ва дигаргунсозиҳо, ба сохтори дар иқтисоди бозорӣ маъмул, ки аз 2 сатҳ - бонки марказӣ ва бонкҳои дигар иборат мебошад, наздик шуд.

Нақши бонки марказӣ ва иҷрои вазифаҳои он ба зиммаи Бонки миллии Тоҷикистон вогузор шуд. Бонкҳои дигар бошанд, дар заминаи бонкҳои соҳавие, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ пас аз пош хӯрдани ИҶШС боқӣ монданд (номгӯйи бонкҳо дар замимаи 1 оварда мешавад), ба расмият дароварда шуда, фаъолияти худро идома доданд.

Вобаста ба вазъи ноороми сиёсию иҷтимоӣ, ки дар ин солҳо дар кишвар ҳукмфармо буд, иҷро намудани вазифаҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон хеле мушкил мегардид.

Ҳал намудани масъалаи танзиму нигоҳдории сатҳи таваррум, назорати самараноки фаъолияти бонкҳо ва муҳайё сохтани ҳисоббаробариҳои боэътимод, ки аз мақсадҳои асосии бонки марказӣ ба ҳисоб меравад, дар шароити мавҷуд набудани воҳиди пули миллӣ, андешидани чораҳои хеле қатъиро талаб менамуд.

Тавре аз муқаррароти асосии қонунҳои иқтисодӣ бармеояд, дар татбиқи муваффақонаи сиёсати пулӣ, танзим ва идора намудани ҳаҷми пул дар муомилот омили аввалиндараҷа ба шумор меравад. Аммо бо сабабҳои объективӣ то аввали соли 1994 пулҳои коғазии барориши солҳои 1961-1992 Бонки давлатии ИҶШС ва Бонки Русия дар муомилот буданд ва зиёду кам шудани ҳаҷми онҳо берун аз назорати Бонки миллии Тоҷикистон қарор дошт. Дар ин давра бонкҳои марказии ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС пулҳои миллии худро ба муомилот бароварданд ва пулҳои аз гардиш берунмондаи ин мамлакатҳо бо ҳаҷми хеле зиёд ва бо суръати баланд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданд.

Дар натиҷа, пул таҳти таъсири ин раванд яке аз вазифаҳои асосии худ - воҳиди ифодакунандаи арзишро гум кард ва аҳолӣ саросемавор барои иваз кардани он ба намудҳои дигари доройӣ кӯшиш менамуд.

Дар тӯли солҳои 1991-1993 аз як тараф суръати гардиши пулҳои дар муомилот буда босуръат баланд мегардид ва ҳаҷми худи онҳо низ бо чунин суръат меафзуд, аз тарафи дигар бошад, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ дар ин давра яку якбора паст мешуд (Ҷадвали 1, сутуни 3). Бинобар ин, дар солҳои 1991-1992 сатҳи таваррум то ададҳои чорраҷама, масалан соли 1992 ин нишондиҳанда то 1420 фоиз расид (Ҷадвали 1, сутуни 4).

Бонки марказӣ дар чунин шароит аз имконияти татбиқ намудани фишангҳои бозаргонӣ (ғайримустақим) маҳрум буд, зеро чунин фишангҳо дигар наметавонистанд пеши роҳи ин экспансияи пулиро гиранд.

Барои ҳал намудани ҳамин мушкилот Бонки миллии Тоҷикистон маҷбур шуд фишангҳои маъмуриро, ки дар ихтиёр дошт, истифода барад, аз ҷумла:

- бо мақсади танзим намудани барориши пул, маҳдудиятҳо (лимитҳо) барои ҳаҷми қарздиҳӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ ҷорӣ карда шуд;
- захираҳои ҳатмӣ, ки ҳиссаи муайяни амонатҳои ҷалбшавандаро аз муомилот мегирад, ба меъёри баробар ба 20 фоиз муқаррар гашт;
- меъёри бозтамвил, ки аз рӯйи он ба бонкҳои тиҷоратӣ қарз дода мешавад, инчунин ба сатҳи баланд - 250 фоизи солона бардошта шуд;
- индексатсияи пасандозҳои амонатгузорон, ки то 10 январи с. 1994 ҷамъ шуда буданд, гузаронида шуд ва як қатор қарорҳои дигар, ки барои пешгирӣ намудани афзоиши ҳаҷми пул дар муомилот равона шуда буданд, қабул гардид (Замимаи 2, бандҳои 1-5).

Бо вуҷуди ин, тавре таҷриба нишон дод, ин чораҳои маъмурӣ ба тағйироти ҳаҷми пул дар муомилот танҳо муддати кӯтоҳ таъсир расониданд ва пас аз он ҷараёни афзоиши пул боз бо суръати баланд идома ёфт.

Ин шароит тақозо менамуд, ки чораҳои қатъӣ ва фаврӣ андешида шаванд. Аз ин рӯ, дар асоси Мувофиқатнома оид ба

муттаҳид намудани низомҳои пулии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 январи с.1994 дар бораи дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот ҷорӣ намудани пули коғазӣ ва тангаҳои барориши соли 1993-уми Бонки Русия фармон ба тасвиб расид.

Фармони мазкур пулҳои барориши солҳои 1961-92-и Бонки давлатии ИҶШС ва Бонки Русияро беэътибор ониста, аз 6 январи соли 1994 дар қаламрави кишвар чун воҳиди пардохт пулҳои коғазӣ ва тангаҳои барориши соли 1993-и Бонки Русияро эътироф намуд.

Чораи андешидашуда дар оғоз баъзе мушкилотро ҳал карда бошад ҳам, дар навбати худ мушкилоти дигарро ба миён овард, аз ҷумла:

- нарасидани пули нақд дар хизматрасонии бонкӣ ва амалиёти ҳамарӯзаи иқтисодӣ хоҷагидорӣ
- пайдо шудани низоми дуқутбаи пулӣ, яъне тафовути арзиши пули нақд аз пули ғайринақдӣ;
- зиёд шудани нопардохтҳои музди меҳнат, нафақа ва кӯмакпулиҳо аз сабаби нарасидани пули нақд.

Мутаассифона, ин низом натавонист мушкилоти асосӣ - нигоҳдории сатҳи таваррумро пурра ҳал намояд. Бо мурури замон маълум гашт, ки усулҳои (принсипҳои) муттаҳид намудани низомҳои пулӣ ҳанӯз муайян нест ва муҳлати амалӣ гаштани онҳо метавонад тӯлонӣ бошад.

Аз ин рӯ, муайян шуд, ки низоми пулии мазкур талаботи ҷомеа, фаъолияти бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, алалхусус соҳаи иҷтимоӣ ва умуман талаботи рӯзафзуни аҳолиро қонеъ карда наметавонад ва баррасӣ намуданиислоҳоти пулӣ зарур мебошад.

Дар чунин вазъи ноустувор талабот ба хизматрасонии бонкӣ пурра қонеъ намегашт ва вобаста ба ин сол ба сол шумораи бонкҳо зиёд мешуд (Ҷадвали 2).

Мавқеъ ва нақши назорати бонкӣ дар он солҳо ба дараҷаи кофӣ нарасида буд, аз ин лиҳоз танзими фаъолияти бонкҳо ва таъмини устувории онҳо, иҷрои талаботи мақбул (пруденсиалӣ) аз ҷониби онҳо, ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёфтанд.

*Ҷадвали 2. Сохтори низоми бонкӣ дар солҳои 1992-1995*

| Сол | Ҳамагӣ (адад) | Аз ҷумла, бонкҳои тиҷоратӣ (адад) |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| 1992 | 10 | 8 |
| 1993 | 15 | 13 |
| 1994 | 18 | 16 |
| 1995 | 22 | 19 |

Хусусияти асосии бонкҳои он давра ин буд, ки бештари онҳо барои хизматрасонии доираи маҳдуд ва анъанавии муштариёни худ таваҷҷуҳ зоҳир карда, миқёсан хурд, заиф ва ба тағйироти гуногун ҳассос буданд.

# БОБИ 3. АСОСҲОИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ВА СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР СОЛҲОИ 1995-2000

## *3.1. Шароити макроиқтисодии ислоҳоти пулӣ дар соли 1995*

Тайи ду соли пас аз иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои хеле муҳимми сиёсӣ, аз ҷумла, қабули Конститутсияи нави мамлакат, интихоботи Президенти кишвар, ташкил намудани ҳайати нави Ҳукумати ҷумҳурӣ ба вуқӯъ пайвастанд, ки низоми давлатдориро хеле мустаҳкам намуданд.

Сарфи назар аз он, ки ҳанӯз ҳам дар баъзе аз минтақаҳои мамлакат байни гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифин ва қӯшунҳои давлатӣ амалиёти ҷангӣ идома дошт, ин чорабиниҳо имкон доданд, ки шиддати низоъ дар қаламрави ҷумҳурӣ тадриҷан паст шавад. Беҳтар шудани вазъият имкон дод, ки корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва дигар бахшҳои иқтисодиёт тадриҷан ба барқарор намудани фаъолияти қаблии худ шароит пайдо намоянд.

Аз ҷумла, соли 1995 шароити мувофиқ барои амалӣ намудани ислоҳот дар низоми бонкӣ ва барпо намудани асосҳои низоми мустақили пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё гашт. Барои самаранок анҷом додани ислоҳоти мазкур вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар муфассал омӯхта шуда, мақсадҳои сиёсати ягонаи давлатии иқтисодӣ муайян гардиданд ва мутобиқи онҳо масъалаи ба муомилот ворид намудани пули миллӣ манзур гашт.

Дар ин раванд узви Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти хос аст. Ин созмони бонуфузи молиявии байналмилалӣ, ки ҳадафи асосиаш кӯмак намудан ба мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва бартараф сохтани оқибати бӯҳронҳои сиёсию иҷтимоӣ мебошад, пас аз ба расмият даровардани санадҳои дахлдор, 23 августи соли 1993 узви комилҳуқуқи ин созмон шудани Тоҷикистонро эътироф намуд.

Яке аз барномаҳои асосие, ки ХБА барои мамлакатҳои тозаузв пешниҳод менамояд, барномаи кӯмаки пас аз низоъ (ESAF) ба шумор меравад, ки аз маҷмӯи кӯмакҳои моддию молиявӣ, ихтисосию машваратӣ ва техникӣ иборат мебошад. Барои ба

эътидол овардани вазъи иқтисодии онрӯзаи Тоҷикистон таҷрибаи калони ин созмон дар идораи макроиқтисодӣ нақши назаррас бозид.

Алалхусус, зимни муҳокимаҳо байни мақомоти давлатии ҷумхурию мутахассисони ХБА омӯзиши амиқи соҳаҳо, омилҳо ва хусусиятҳои зерини вазъи Тоҷикистон баррасӣ гаштанд:

- пурра иҷро нашудани барномаҳои иҷтимоӣ дар низоми мавҷудаи пулӣ;
- хусусиятҳои минтақавӣ ва робитаҳои байналмилалӣ, ки эҳтимолияти барпо намудани “минтақаи рубл”-ро ҳатто дар доираи маҳдуди мамлакатҳо инкор намуд;
- зарурати ҳар чи зуд беҳтар намудани вазъи сиёсӣ, танзим ва инкишоф додани низоми хароҷоти давлатӣ;
- эҳтиёҷи калон доштани иқтисодиёт ба маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ;
- бо сабаби набудани пули миллӣ маҳдуд будани фаъолияти низоми бонкӣ.

Дар шароити мавҷуд будани чунин омилҳо ва зарурати ҳалли мушкилоти ба миёномада, ворид намудани пули миллӣ чун қадами аввалин ва муҳимми соҳаи макроиқтисодӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар ин асно дар асоси пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 7 апрели соли 1995 рублро чун пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани пули миллиро ташкил намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ аз 6 майи соли 1995, № 8 (324) 10 майи соли 1995 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пули миллӣ - рубли тоҷикии барориши соли 1994-ро бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100, 200, 500, 1000 рубл ба муомилот баровард.

Мутобиқи қарори мазкур механизми барориши пули миллӣ чунин таҳия гашта буд, ки он хусусияти афзоиши пул ва тағйирёбии иқтидори харидории онро дар тӯли солҳои 1992 то 1994 дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ бояд ба инобат мегирифт. Аз ин лиҳоз таносуби иваз намудани рубли тоҷикӣ чунин сурат гирифт:

- нисбат ба пули нақд ва пасандозҳои то 1 январи соли 1993 ташкилшуда 100 ба 1;
- нисбат ба маблағҳои худии ташкилотҳо ва бақияи маблағҳо дар суратҳисобҳо 1000 ба 1;
- нисбат ба пасандозҳо ва коғазҳои қиматнок, ки аз 1 январи соли 1993 то 10 майи соли 1995 ташкил шудаанд, 1200 ба 1.

Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ин ислоҳоти пулӣ дорои нишонаи дигари давлатдорӣ – пули миллии худ гашт ва ниҳоят низоми ягона ва мустақили пулиро ташкил намуд.

Ворид намудани пули миллӣ на танҳо барои рушди минбаъдаи иқтисодиёт, балки барои таҳкими сохти давлатдорӣ ва аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани кишвари мо аҳамияти бузурги сиёсӣ дошт.

Аз ҷумла, танҳо пас аз ин ислоҳот Бонки миллии Тоҷикистон барои таҳия ва амалӣ намудани сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва асъорӣ имкон пайдо намуд ва барои танзими муомилоти пулӣ соҳиби фишангҳои эътимодбахш гардид. Хусусияти ин мустақилӣ пеш аз ҳама дар пайдо шудани фишангҳои татбиқи сиёсати пулӣ ва унсурҳои пулии дар доираи таъсири мақомоти монетарӣ танзимшаванда ифода ёфт.

## *3.2. Сиёсати пулӣ ва зарурати татбиқи он дар кишвар*

Ислоҳоти пулии соли 1995 чун марҳилаи нави ташаккули сиёсати пулию қарзӣ боиси барпо намудани асосҳои муҳимтарини низоми мукаммали бонкӣ гардид.

Дар ин марҳилаи инкишоф зарурати қабул намудани маҷмӯи санадҳои ҳуқуқӣ, ки мақсад ва вазифаҳои бонки марказиро возеҳ ифода намуда, мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ бояд фаъолияти онро муҳайё созад, ба миён омада буд. Вобаста ба ин, соли 1996 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" қабул шуд, ки барои ба бонки марказии муосир табдил ёфтани Бонки миллии Тоҷикистон замина гузошт.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" тавонист ба масъалаҳои муҳим, ки дар шароити макроиқтисодии солҳои 1995-1996 диққати махсусро талаб мекарданд, посух ва муқаррароти саҳеҳ диҳад, аз ҷумла:

- мақоми Бонки миллии Тоҷикистон, мақсад ва вазифаҳои асосии он;
- сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ ва воситаҳои татбиқи он;
- ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- низоми пулӣ ва ташкили муомилоти пулӣ;
- тартиби танзими фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ.

Мутобиқи қонуни мазкур, бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонии сиёсати пулӣ ва мақоми бонки марказӣ дар як қатор мамлакатҳои мутараққӣ, мақсадҳои асосии Бонки миллии Тоҷикистон аз инҳо иборат буданд:

- ба даст овардан ва нигоҳ доштани устувории иқтидори харидории пули миллӣ;
- инкишоф додан ва мустаҳкам намудани низоми бонкии ҷумҳурӣ;
- мусоидат кардан ба кори самаранок ва мунтазами шабакаи ҳисоббаробариҳо.

Барои комёб шудан ба ин мақсадҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон доираи муайяни ваколат ва ҳуқуқ дода шуд, ки амалан таҳия ва истифодаи онҳо маҳз аз солҳои 1995-1996 шурӯъ шуд.

**Воситаҳои татбиқи сиёсати пулию қарзӣ.** Барои ба даст овардани мақсади нахустин, яъне нигоҳ доштани иқтидори харидории пули миллӣ, ба ибораи дигар нигоҳдории сатҳи умумии нархҳои маҳсулоти истеъмолӣ (таваррум) Бонки миллии Тоҷикистон дорои чунин воситаҳои (фишангҳои) воқеан бозорӣ гашт, ки дар тамоми мамлакатҳои дунё мавриди истифодаи фаъол ва самаранок мебошанд, аз ҷумла:

- меъёри фоизӣ аз рӯйи амалиёти Бонки миллии Тоҷикистон (меъёри бозтамвил);
- меъёри захираҳои ҳатмӣ (талаботи захиравӣ);
- амалиёт дар бозори озод;
- ба бонкҳо додани қарз;
- танзими асъор;
- муқаррарсозии аломатҳои афзоиши пули дар муомилотбуда;
- маҳдудкуниҳои бевоситаи миқдорӣ.

Бояд тазаккур дод, ки бо баробари истифодаи фишангҳои сиёсати пулӣ, Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати қатъии пулию қарзиро оғоз намуд, ки он аз назорати пайвастаи афзоиши

пулҳои захиравӣ, таҳлили манбаи афзоиши онҳо ва танзим намудани пардохтпазирии барзиёди дар бозор ба миёномада иборат буд. Бо ин мақсад андозаи ниҳоӣ, нишондиҳандаҳои мақсадноки ҳаҷми дороиҳои софи байналмилалӣ ва дохилӣ муқаррар карда шуд. Бонки миллии Тоҷикистон ба баррасии ҳаррӯзаи нишондодҳои мазкури барномаи пулӣ шурӯъ намуд.

Дар ибтидои инкишофи сиёсати пулӣ, воситаҳои татбиқи он, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар чорчӯбаи қонун дар ихтиёр дошт, ба тариқи қатъӣ истифода мешуданд. Яке аз сабабҳои муҳимми ин зуҳурот эҳтиёҷи аз ҳад зиёди иқтисодиёт ба маблағҳои озоди пулӣ ва омили дигар ҳанӯз ҳам мавҷуд будани фишори гурӯҳҳои мусаллаҳ дар минтақаҳои гуногуни кишвар буд, ки новобаста аз назорат ва талаботи қонун, монеаи рушду нумуи ҷомеа мегаштанд. Ин ҳолат ғайриодӣ набуда, натиҷаи табиии бухрони сиёсӣ ба ҳисоб мерафт, аз ин лиҳоз барои яку якбора барҳам додани ин қувваҳо имконият набуд ва нисбат ба ин зуҳурот мақомоти салоҳиятдор мунтазам ва пайваста кор мебурданд. Сол то сол таъсири гурӯҳҳои мусаллаҳ кам гардида, бо мурури вақт тамоман аз байн бурда шуд.

**Меъёри бозтамвил.** Меъёри бозтамвил дар он вақт, ки фоизи камтарини амалиёти қарзиро дар низоми бонкӣ ифода менамояд, фишанги хеле таъсирнок ва муҳим маҳсуб меёбад. Бо мақсади пешгирӣ намудани қарздиҳии барзиёд аз ҷониби бонкҳо, ин меъёр аз соли 1995 аз 100 фоизи солона оғоз ёфта, пай дар пай то 250 фоизи солона зиёд карда шуд (Ҷадвали 3, сутуни 2). Танҳо бо гузашти якчанд сол, вақте ки сатҳи бештари нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ ба эътидол омад, меъёри бозтамвил тадриҷан соли 2000 то андозаи 20,6 фоизи солона паст карда шуд.

*Ҷадвали 3. Меъёри бозтамвил дар солҳои 1995-2000*
*(бо фоизи солона)*

| Солҳо | Меъёри бозтамвил | |
|---|---|---|
| | **Охири давра** | **Миёнасолона** |
| 1995 | 250,0 | 188,4 |
| 1996 | 72,0 | 138,1 |
| 1997 | 75,7 | 72,3 |
| 1998 | 38,7 | 46,8 |
| 1999 | 14,5 | 17,0 |
| 2000 | 20,6 | 20,4 |

**Захираҳои ҳатмӣ.** Ин восита муқаррар менамояд, ки як ҳиссаи муайяни амонатҳои ҷалбшудаи бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ба тариқи ҳатмӣ бояд дар ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта шавад. Мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҳадди ниҳоии (максималии) ин ҳисса баробари 20 фоиз муайян шудааст ва меъёри қабулшавандаи захираҳои ҳатмӣ наметавонад аз он баландтар бошад.

Соли 1995 мутобиқи ҳудуди муқарраркардаи қонун бо қарори дахлдори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ин меъёр барои пойгоҳи ҳисобшавандаи амонатҳо баробари 20 фоиз қабул гашт. Аҳамияти ин восита ҳамин аст, ки таъсири он дарозмуҳлат мебошад, аз ин сабаб давраи истифодаи ин меъёр нисбат ба дигар меъёрҳо тӯлонитар аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки шароити паст намудани ин меъёр танҳо моҳи апрели соли 2003 ба миён омад ва он аввал аз 20 то 18 фоиз ва дар моҳи майи соли 2005 аз 18 то 15 фоиз паст карда шуд.

**Амалиёт дар бозори озод.** Бо мақсади татбиқи сиёсати пулию қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар бозори озод амалиёти муайянро анҷом медиҳад. Амалиёти номбурда харид ва ё фурӯши воситаҳои молиявӣ ва ё дигар намуди дороиҳоро дар бозори аввалия ва ё дуюм дар назар дорад. Барои ин чунин намуди дороиҳо ва ё воситаҳои молиявӣ, ба мисли асъори нақд ё ғайринақди хориҷӣ, коғазҳои қиматноки давлатӣ, векселҳои давлатии хазинадорӣ, вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

Ҳар як намуди воситаҳои молиявӣ мазмун ва хусусияти худро дошта, танҳо бо дарназардошти вазъи бозор, равандҳои дар он ба амаломада, тағйирёбии қиматҳои барномаи пулӣ, таъсирнокии онҳо ба нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ ва як зумра омилҳои дигар, мавриди истифода қарор мегиранд. Азбаски ин восита барои ҷумҳурии мо нав буд, барои дуруст ва мақсаднок истифода бурдани он зарурати таҳияи механизм, заминаи меъёрӣ, қоида ва принсипҳои гузаронидани амалиёт ва интихоби ширкаткунандагони бозор ба миён омад.

Амалиёти хариду фурӯш бо асъори хориҷӣ аз соли 1996 оғоз ёфта, амалиёт бо векселҳои давлатии хазинадорӣ ва вомҳои Бонки

миллии Тоҷикистон бошад, нисбатан дертар мувофиқан аз соли 1998 ва 2001 оғоз гардид.

Механизми барориш, муомилот ва пардохти векселҳои давлатии хазинадорӣ дар Низомномаи махсус, ки бо ин мақсад таҳия гашта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998, №358 тасдиқ шуда буд, муайян гардид. Дар ин барориш̣ҳо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чун эмитент баромад намуда, барои маблағгузории касри буҷети давлатӣ маблағҳои пулии озодро ҷалб менамуд. Аз ҷониби дигар, масъалаҳои хизматрасонии музоядаҳо, нигоҳдории сабти соҳибияти векселҳои давлатии хазинадорӣ ва анҷом додани ҳисоббаробариҳоро Бонки миллии Тоҷикистон анҷом медод.

Низомномаи мазкур имкон дод, ки барои харидорӣ намудани коғазҳои қиматнок дар қатори бонкҳо, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии дигар низ иштирок намоянд.

Дар маҷмӯъ, дар давоми солҳои 1998-2003 ҳамагӣ 54 музоядаи барориши векселҳои хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар онҳо ба маблағи бештар аз 22,9 млн. сомонӣ векселҳои давлатии хазинадорӣ (Ҷадвали 4) фурӯхта шуд.

*Ҷадвали 4. Ҳаҷми барориш ва фурӯши векселҳои давлатии хазинадорӣ дар солҳои 1998-2003 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Ҳаҷми барориш | Ҳаҷми фурӯш | Фоизи фурӯш |
|---|---|---|---|
| 1998 | 0,6 | 0,2 | 33,3 |
| 1999 | 1,8 | 1,1 | 61,1 |
| 2000 | 2,8 | 1,5 | 53,6 |

Ба фурӯш баровардани векселҳои хазинадорӣ дар тавсеа ёфтани бозори коғазҳои қиматнок нақши калон бозид, зеро ин иқдом ба ташкилотҳои молиявӣ имкон дод, ки номгӯйи амалиёт бо дороиҳоро зиёд карда, захираҳои молиявии худро як дараҷа диверсификатсия намоянд.

**Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт.** То қабул шудани қонуни дахлдор Бонки миллии Тоҷикистон чун мақоми охирини маблағгузор, аз сабаби он ки солҳои зикршуда бонкҳои тиҷоратӣ нисбатан заиф ва ҳаҷман хурд буданд, барои дастгирии молиявии фаъолияти дорои аҳамияти стратегӣ ва муҳими иқтисодӣ, аз ҷумла барои харидорӣ ва ворид намудани ғалла, маҳсулоти нафт ва дигар

намуди ашёи барои таъмини эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ зарур, бевосита ва мустақиман ба корхонаҳои масъули ин соҳаҳо қарз ҷудо менамуд.

Умуман, иқтисодиёти ҷумҳурӣ баъди паси сар намудани бухронҳои шадиди сиёсию иҷтимоӣ ба маблағҳои озоди қарзӣ талаботи калон дошт. Аз ин лиҳоз, ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ аз ҷониби низоми бонкӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо суръати баланд меафзуд (Ҷадвали 5) ва то як дараҷа ин талаботро Бонки миллии Тоҷикистон қонеъ мекард.

*Ҷадвали 5. Бақияи ҳаҷми маблаггузории қарзӣ ба иқтисодиёт дар солҳои 1995-2000 (бақия дар охири давра, млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағгузорӣ | 9,1 | 28,2 | 54,5 | 229,6 | 300,2 | 377,4 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта (млн. сомонӣ) | - | 19,1 | 26,3 | 175,1 | 70,6 | 77,2 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта ,% | 100 | 3,0 мар. | 1,9 мар. | 4,2 мар. | 1,3 мар. | 1,2 мар. |

Пас аз қабули қонуни нав "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон " бошад, тартиби додани қарз мебоист танҳо ба воситаи бонкҳо ва дар асоси принсипҳои бозаргонӣ сурат гирад. Аз ин хотир, зарурати таҳияи чунин як механизми ҷудо намудани қарзҳо дар музояда (яке аз шаклҳои маъмултарини бозори қарзӣ) ба миён омад, ки он бояд ҷавобгӯйи ду шарти зерин буд:

а) баробарии ҳуқуқи ҳамаи иштироккунандагони музоядаҳо;

б) беимтиёз будани шартҳои қарзҳои ҷудошаванда.

Ҳамин тариқ, санади меъёрии дахлдор омода шуда, музоядаи нахустини қарзӣ моҳи декабри соли 1997 тибқи тартиби санади муқарраршуда баргузор гардид ва ба он ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ, ки талаботи меъёрии Бонки миллии Тоҷикистонро риоя мекарданд, роҳ дода шуданд. Аз соли 1998 сар карда, музоядаҳои қарзӣ ҳар моҳ як маротиба ва баъдан моҳе ду маротиба баргузор мегарданд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои ноил шудан ба мақсадҳои дар пеш гузошташуда таҷрибаи додани қарзҳои мустақими мутамарказро ба иқтисодиёт тадриҷан қатъ намуд.

Қобили зикр аст, ки ин фишанги татбиқи сиёсати пулӣ, дар давраи аввали рушди низоми мустақили бонкдории ватанӣ дар таъмин намудани фаъолияти иқтисодиёт бо маблағҳои озоди қарзӣ нақши калон бозид.

**Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ.** Ислоҳотҳои иқтисодие, ки дар ин давра амалӣ гаштанд, ба беҳтар шудани вазъи макроиқтисодии кишвар таъсири мусбат расониданд. Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) пас аз чанд соли коҳишёбӣ соли 1997 аввалин маротиба қимати мусбатро (Ҷадвали 6, сутуни 3) соҳиб шуд ва мунтазам суръати афзоиши он боло рафт.

Нишондиҳандаи таваррум низ тадриҷан муътадил гашта, маротибаи охирин қимати адади сераққамаи худро маҳз дар соли 1997 (Ҷадвали 6, сутуни 4) соҳиб шуд ва пас аз ин тамоюли устувори пастравиро пеш гирифт.

Оид ба тамоюли тағйирёбии сатҳи таваррум дар солҳои 1995-2000 таъсири омилҳои асосии зеринро қайд намудан зарур аст:

- гузаштани муддати кӯтоҳ пас аз давраи ҷанги дохилӣ барои барқароршавии истеҳсоли маҳсулоти гуногуни истеъмолӣ дар кишвар;
- кам будани номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшавандаи кишоварзии ватанӣ;
- вобаста будани истифодаи моводи сӯхту равғанкорӣ ва маводи сохтмон аз воридот.

*Ҷадвали 6. Тағйирёбии воқеии ММД ва сатҳи таваррум дар солҳои 1996-2000*

| Солҳо | Тағйирёбии ММД (%) | | Таваррум (бо %) |
|---|---|---|---|
| | Соли 1991=100% | Нисбати соли гузашта, % | |
| 1996 | 32,4 | - | 40,6 |
| 1997 | 33,0 | 0,6 | 159,6 |
| 1998 | 34,7 | 1,7 | 2,7 |
| 1999 | 36,0 | 1,3 | 30,1 |
| 2000 | 39,0 | 3,0 | 60,6 |

Умуман, нишондиҳандаҳои мазкур аз тадриҷан барқарор шудани фаъолияти иқтисодиёт, тамоюли мусбати дигаргуниҳои самти сиёсӣ ва иқтисодӣ дарак медоданд.

Дар робита ба ин масъала, яке аз омилҳои мусбати сиёсиро қайд кардан бамаврид аст, ки он пеш аз ҳама бо шарофати кӯшишҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 июни соли 1997 ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ дар

мамлакат мебошад ва он оғози давраи сулҳу оромӣ ва ваҳдати комил ба шумор меравад.

### *3.3. Сиёсати асъор ва нақши он дар таъмини устувории молиявӣ*

Сиёсати танзими асъор аз ибтидо яке аз самтҳои муҳими сиёсати пулию қарзии мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаи аввал бо мақсади ташкил кардани механизми бозорию савдои асъори хориҷӣ, ки дар асоси омилҳои талабот ва пешниҳод бояд амал мекард, моҳи апрели соли 1995 Биржаи байнибонкии асъор ташкил карда шуд.

Тадриҷан Бонки миллии Тоҷикистон дар амалия татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, қисмати асъории он ва танзими механизми қурбгузории пули миллиро ба долл. ИМА ба роҳ монд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июли соли 1997, №763 "Дар бораи таъмини устувории макроиқтисодӣ ва беҳтар кардани фаъолияти бозори асъор" дар вусъат додан ва такмили фаъолияти Биржаи байнибонкии асъор мусоидат намуд ва 23 июли ҳамон сол нахустин музоядаи ғайринақдӣ баргузор гардид. Каме дертар инчунин биржаҳои байнибонкии асъор дар маркази вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон кушода шуданд.

Бо амалӣ шудани тартиби амалиёти бозории асъори хориҷӣ тадриҷан амалиёти байнибонкӣ вусъат ёфта, барои васеъ гаштани доираи аҳдҳо ва пурратар истифода бурдани фишангҳои бозаргонӣ зарурат ба миён омад. Бинобар ин, аз соли 2000 ин механизм васеътар шуда, бозори байнибонкии асъор ташкил дода шуд, ки дар низоми бонкдории мамлакат қадами хеле муҳим буд.

Вобаста ба реҷаи (режими) мавҷудаи асъорӣ, ки дар чаҳорчӯбаи реҷаи "шинокунанда" интихоб шуда буд ва мавқеи иқтисоди хориҷии кишвар, ки он чун анъана бо касри бақияи тавозуни савдо ифода меёбад, қурби пули миллӣ нисбат ба долл. ИМА дар тӯли солҳои 1995-2000 тамоюли пастравӣ дошт (Ҷадвали 7). Реҷаи асъорӣ, ки дар ин давра мавриди истифода қарор дошт, муайян намудани қурбро танҳо дар асоси талабот ва пешниҳоди бозор талаб менамуд ва дахолати мақомоти танзими пулию

қарзиро, ба таври истисно, дар ҳолатҳои тағйирёбии ҷиддии қурб пешбинӣ мекард.

*Ҷадвали 7. Қурби расмии рубли тоҷикӣ нисбат ба долл. ИМА дар солҳои 1995-2000 (1 долл. ИМА бо рубли тоҷикӣ ва бо сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қурб | 138,0 | 293,0 | 562,0 | 778,0 | 1 237,3 | 1,8307 |
| Тағйирёбии нисбати соли гузашта, сомонӣ | - | 150,0 | 269,0 | 216,0 | 459,3 | 593,3 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта, % | 100% | 2,1мар. | 1,9 мар. | 1,4 мар. | 1,6 мар. | 1,5 мар. |

Ин раванд, ҳамчунин шароит ва хусусияти бозори истеъмолии дохилиро, ки ба асъори хориҷӣ талаботи калон дорад, ифода менамояд. Қобили зикр аст, ки чунин падида барои ҳамаи кишварҳое, ки бухронҳои сиёсӣ ва иқтисодиро паси сар намудаанд, хос мебошад.

## 3.4. Ташкили низоми омори тавозуни пардохт

Бо дарназардошти он ки баҳодиҳии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои иқтисоди хориҷӣ (ҳолати тавозуни савдою хизматрасонӣ, ҳисоби амалиёти ҷорӣ ва ғ.) дар таҳия намудани сиёсати иқтисодии давлатӣ, пулию қарзӣ, аз ҷумла сиёсати асъор нақши калон мебозад, соли 1998 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 203 «Дар бораи тартиби таҳия ва пешниҳоди тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

Тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои қабулшуда дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ (Дастурамали Хазинаи Байналмилалии Асъор) таҳия гардида, маълумот оид ба амалиёти иқтисоди хориҷӣ, ба монанди содироту воридоти молу хизматрасонӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ, қарзи берунӣ ва захираҳои байналмилалиро дар бар мегирад.

Бо дарназардошти ноустувории тавозуни пардохт (дар солҳои 1998-2000) соли 2002 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №366 «Дар бораи тадбирҳои такмили таҳия ва баланд бардоштани сатҳи устувории тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид ва мутобиқи он ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода

шуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳое, ки ба ноустувории тавозуни пардохти давлат оварда мерасонанд, чораҳои зарурӣ андешанд. Дар асоси ин қарор Комиссияи байниидоравии корӣ оид ба ҳамоҳангсозии раванди омодасозӣ ва таҳияи тавозуни пардохти мамлакат таъсис дода шуд.

Яке аз моддаҳои асосии муайянкунандаи касри ҳисоби амалиёти ҷорӣ ин тавозуни савдо ба шумор меравад. Тавозуни савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи чандин солҳо манфӣ мебошад, ки ин барзиёдии воридоти молҳоро нисбат ба содирот инъикос менамояд.

Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат дар он аст, ки номгӯйи молии содироти ҷумҳурӣ хеле маҳдуд мебошад, масалан бештар аз 85 фоизи онро танҳо се навъи маҳсулот ташкил менамояд: алюминии холис, нахи пахта ва неруи барқ. Маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатии кишвар, ки баъзе аз онҳо иқтидори баланди рақобатнокиро дар мамлакатҳои хориҷӣ доранд, танҳо 15 фоизро ташкил менамояд.

Ин дар ҳолест, ки сохтори молии воридот хеле васеъ буда, ба ғайр аз маҳсулоти саноатӣ, таҷҳизот ва маводи сӯзишворӣ, ки воқеан дар кишвари мо истеҳсол намешаванд, инчунин номгӯйи зиёди маҳсулоти истеъмолиро дар бар мегирад ва онҳоро бидуни мушкилот метавон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол кард.

## *3.5. Таҳкими низоми бонкӣ*

Дар такмил ва таҳкими низоми бонкӣ дар ин марҳила қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" нақши муҳим бозид. Ин санад имкон дод, ки камбудиҳои марбут ба бонкҳои тиҷоратӣ ва назорати номуносиби онҳо, ки хоси он давра буд, марҳила ба марҳила рафъ гарданд. Дар навбати худ камбудиҳои мазкур, ки дар шароити мураккаби иҷтимоӣ, мавҷуд будани фишори муайян аз тарафи гурӯҳҳои мусаллаҳ ва мухолифони сулҳу оромӣ ҷой доштанд, ҳалли онҳоро боз ҳам мушкилтар мегардониданд.

Сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда, диққати махсуси Бонки миллии Тоҷикистон ба тақвият додани сиёсати назорати бонкӣ, таҳлили фаъолияти бонкҳо равона карда шуд, ки он ҳалли

мушкилоти зерини рушди низоми бонкиро дар мадди аввал гузошт:

- мухолифати қонунгузории бонкӣ бо қонунгузории дигар;
- ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани сатҳи дониши кормандони бонкӣ, алалхусус дар соҳаи баҳодиҳии хавфи амалиёт ва идораи дороиҳо;
- паст будани сифати сандуқи қарзӣ бо сабабҳои объективии ба корхонаҳои дорои аҳамияти давлатидошта қаблан додани қарз, ки дар он замон таҳти таъсири вазъи иҷтимоӣ ва сиёсӣ ғайрифаъол гашта буданд;
- заиф будани бархе аз бонкҳо ва аз ин лиҳоз таъсири хавфи молиявӣ ва системавӣ доштани онҳо ба суботи низоми бонкӣ, ки яке аз омилҳои он маҳдуд будани номгӯйи фаъолияти бонкӣ ва ё бар манфиати гурӯҳи муайян кор кардани онҳо ба ҳисоб мерафт;
- заминаи паст ва нокифояи моддию техникии бонкҳо ва шуъбаҳои онҳо, алалхусус дар минтақаҳои берун аз марказ ва ноҳияҳои дурдаст;
- суст будани ҳимояи манфиатҳои амонатгузорон, ки то як андоза нобоварии аҳолиро барои дар бонкҳо гузоштани пасандозҳо ба миён меовард.

Дар солҳои 1996-2000 маҷмӯи чорабиниҳо ва барномаҳои муайян андешида шуданд, ки мақсади онҳо, пеш аз ҳама, ба бартараф намудани камбудиҳои мазкур, муҳайё сохтани шароит барои фаъолияти озод, шаффоф ва рақобатноки бонкҳо равона шуда буд. Дар ин давра инчунин:

- кори доимӣ ва пайваста барои таҳлил ва такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ оғоз гардид. Дар ин самт қонунҳо “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ”, Кодексҳои граждани ва андоз ва дигар санадҳои меъёрӣ таҳия ва қабул гашта, як зумра санадҳои ҳуқуқӣ такмил ва пурра гардиданд;
- бо мақсади ба низоми бонкӣ роҳ додани танҳо ташкилотҳои қарзии устувор ва неруманд сармояи оинномавии бонкҳо тадриҷан аз 300 ҳазор долл. ИМА то 1 млн. долл. ИМА баланд карда шуд;
- таҷдиди сохтори бонкҳои нисбатан калон вобаста ба ин тадбир, бо бонкҳо бастани шартномаҳои дарозмуҳлат, ки

мутобиқи он бонкҳо барои андешидани чораҳо оид ба таҳким бахшидани идоракунӣ, беҳтар кардани сифати сандуқи қарзӣ, ба талаботи меъёрҳои иқтисодӣ мувофиқ намудани фаъолият уҳдадор карда шуданд;

- бо бонкҳои калони ҷумҳурӣ якҷоя шудани бонкҳои хурд, ки дорои нишондиҳандаҳои нисбатан мусбат буданд;
- бозхонди иҷозатнома барои гузаронидани амалиёти бонкӣ аз бонкҳое, ки талаботи меъёрҳои иқтисодиро иҷро намекарданд ва барои суботи низоми бонкӣ хавфи муайян ба миён меоварданд.

Натиҷаи ин тадбирҳо нишон дод, ки дар солҳои 1996-2000 сарфи назар аз кам шудани шумораи бонкҳо (Ҷадвали 8, сутуни 1 ва 2), беҳтар гаштани фаъолият, тақвият ёфтани вазъи молиявӣ, баланд шудани сифати сандуқи қарзӣ ва васеъ шудани номгӯйи хизматрасонии онҳо мушоҳида гардид.

*Ҷадвали 8. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1996-2000 (адад)*

| Сол | Ҳамагӣ | Бонкҳо | Дигар ташкилотҳои қарзӣ |
|---|---|---|---|
| 1996 | 23 | 20 | 3 |
| 1997 | 28 | 25 | 3 |
| 1998 | 20 | 18 | 2 |
| 1999 | 19 | 17 | 2 |
| 2000 | 17 | 14 | 3 |

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра барои таҷдиди қарзҳои мушкилситони корхонаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ мусоидат кард ва якчанд қарор низ қабул намуд. Аз ҷумла, мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 1997, №124 "Дар бораи реструктуризатсияи қарзҳои корхонаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи кредитҳои бонкҳо", қарзҳои пештар ба хоҷагиҳои воқеъ дар ноҳияҳои кӯҳистон додашуда ва фоизҳои онҳо ба қарз дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуданд, ки то андозае сандуқи қарзии бонкҳоро беҳтар намуд.

## *3.6. Таъсиси низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи ба даст овардани Истиқлолияти ҷумҳурӣ оғоз гардидааст.

Дар солҳои аввали таъсиси низоми пардохт мубодилаи ҳуҷҷатҳои пардохт дар шакли коғазӣ ва тавассути муассисаҳои алоқаи почтавӣ амалӣ мегашт ва сари вақт анҷом наёфтани пардохтҳо, ҳафтаҳо ва дар баъзе мавридҳо моҳҳо тӯл кашидани вақти пардохтҳо мушкилоти зиёдро ба миён меовард. Ҳамаи ин ҳолатҳо ба рушди бахшҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла иҷрои пардохтҳои буҷет ва барномаҳои иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонид.

Бо мақсади муҳайё намудани низоми боэътимод ва самараноки пардохт, Бонки миллии Тоҷикистон чорабиниҳои зеринро амалӣ намуд:

- дар ноҳияҳои гуногуни кишвар шуъбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон барои хизматрасонии пардохтҳои байнибонкӣ ташкил карда шуданд;
- санадҳои меъёрӣ, ки тартиби ҳисоббаробариҳои ғайринақдиро дар низоми бонкии ҷумҳурӣ муқаррар мекарданд, таҳия ва қабул гардиданд;
- бо мақсади суръат бахшидани гардиши ҳуҷҷатҳо ва камтар кардани хавфи гумшавии ҳуҷҷатҳои пардохт моҳи апрели соли 1995 ҳадамоти пайкии байнибонкӣ созмон дода шуд.

Дар натиҷаи амалӣ гаштани ин чораҳо то охири соли 1995 муҳлати анҷом додани пардохтҳои байнибонкӣ камтар гардид ва нишондиҳандаи миёнаи онҳо ба 6-7 рӯз расид.

Бонки миллии Тоҷикистон инчунин бо мақсади инкишофи низоми пардохт дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкил намудани низоми пардохтҳои электронӣ шурӯъ намуд. Соли 1997 Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон Низомномаи муваққатӣ “Дар бораи ташкили ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ тавассути низоми пардохтҳои электронӣ”-ро тасдиқ намуд ва ин санад ҳисоббаробариҳои бонкҳо – иштирокдорони низоми пардохтҳои электрониро ба танзим даровард. Дар марҳилаи аввали созмон додани низоми пардохтҳои электронӣ, ҳисоббаробариҳои байнибонкӣ бо усули мубодилаи ҳуҷҷатҳои пардохт ва файлҳои электронӣ анҷом дода мешуд.

Соли 1999 байни Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он низоми пардохти электронӣ таҳия ва татбиқ гардид.

Аз соли 2000 то 2002 ба низоми пардохти электронии Бонки миллии Тоҷикистон 3 бонки калонтарини тиҷоратӣ (ҶСК

“Агроинвестбонк”, ҶСК “Ориёнбонк” ва ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”) пайваст гардиданд.

Бо мақсади самаранок анҷом додани пардохтҳои фаромарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон соли 1998 узви Созмони байналмилалии SWIFT гардид. Ин барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдоди муҳим ба ҳисоб мерафт.

## *3.7. Ислоҳоти ҳисобдорӣ дар низоми бонкӣ*

Бонки миллии Тоҷикистон то соли 1998 дар амалияи ҳисобдории худ сохтори ҳисобдории собиқ Бонки давлатии ИҶШС-ро истифода мебурд, ки он ба талаботи бозаргонӣ мутобиқат намекард. Нақшаи ҳисобҳо, тақсимот ва қисмҳои дороиҳо, уҳдадориҳо, ҳисобҳои қарзӣ ва суратҳисобҳои корхонаҳо ва ташкилотҳо дар шакли муфассал аз рӯйи соҳаҳои иқтисодиёт нишон дода шуда буданд, ки ин таҳлили ҳисоботҳои молиявиро душвор мекард.

Бо гузаштани иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба муносибатҳои бозаргонӣ, васеъ шудани муносибатҳои байналхалқии молиявӣ талабот ба мутобиқ кардани низоми ҳисобдории бонкҳои Тоҷикистон ба меъёрҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омад.

Бо дарназардошти ин, соли 1996 Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади азнавсозии низоми ҳисобдорӣ ба хотири таҳия намудани Нақшаи нави ҳисобҳо махсус барои Бонки миллии Тоҷикистон ва барои бонкҳои тиҷоратӣ қарор қабул кард.

Таҳия ва татбиқи лоиҳаи дастурамалҳо оид ба сохтори ҳисобдорӣ бо ёрии техникии Бонки Ҷаҳонӣ (ширкати Артур Андерсон) амалӣ гардид. Ҳангоми таҳияи лоиҳа талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шуда, таҷрибаи бонкҳои марказии дигар давлатҳо мавриди истифода қарор гирифт.

Ва ниҳоят, барои мутобиқ намудани тартиби ҳисобдории ҷумҳурӣ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ, аз 1 январи соли 1999 Нақшаи нави ҳисобдорӣ барои ташкилотҳои молиявӣ ҷорӣ шуд, ки он аз ҷиҳати сохтор ва хусусияти худ ҷавобгӯйи меъёрҳои ҷаҳонӣ мебошад.

## *3.8. Ислоҳоти пулии соли 2000*

Бо беҳтар шудани вазъи сиёсии кишвар барои амалӣ намудани барномаи ислоҳоти иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам омад, ки ҳадафи он дар заминаи такя ба бахши хусусӣ ва механизмҳои бозорӣ таъмини рушди иқтисодиёт ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб мерафт.

Сиёсати мазкур бо Барномаи Ҳукумат оид ба устувор намудани вазъи макроиқтисодии ҷумҳурӣ ҳамоҳанг карда шуд. Ин барнома ба фароҳам овардани шароит ҷиҳати боздоштани пастравии истеҳсолот, ғайридавлатӣ кардани муассисаҳои хурду миёнаи давлатӣ, рушди бозори молиявӣ, такмили механизми фаъолияти онҳо, таҳкими қобилияти харидории пули миллӣ ва инкишоф додани фаъолияти иқтисоди берунӣ равона гардида буд.

Вобаста бо муътадил гардидани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат зарурати гузаронидани ислоҳоти дуюми пулӣ ва ба муомилот баровардани пули дорои унсурҳои ҳимоявии муосир, ки мебоист ҳамзамон мероси таърихию фарҳангии тоҷиконро таҷассум намояд, ба миён омад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат Гурӯҳи корӣ барои ба муомилот баровардани пули миллӣ ташкил дода шуд, ки ба он худи Сарвари давлат роҳбарӣ мекард. Бо мақсади сари вақт чоп намудани пулҳои миллӣ соли 1999 Бонки миллии Тоҷикистон барои чоп намудани пули миллӣ бо корхонаи Giesecke & Devrient GmBx (Олмон) шартнома ба имзо расонд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2000, №415 дар хусуси аз таърихи 30 октябри соли 2000 ба муомилот баровардани воҳиди нави пули миллии кишвар "сомонӣ", ки ба ифтихори асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон Исмоили Сомонӣ (849-907) номгузорӣ шудааст, эълон гардид ва пулҳои коғазӣ бо арзиши 1, 5, 10, 20, 50, 100 сомонӣ ва воҳиди хурди он бо арзиши 1, 5, 20, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд.

Дар пулҳои коғазии нав расми арбобони бузурги гузашта ва муосири халқи тоҷик, ҳамчунин тасвири ёдгориҳои меъморӣ ва таърихии Тоҷикистон, ашёи санъату ҳунари мардуми тоҷик ҷой дода шудааст.

Унсурҳои ҳимоявии пули «сомонӣ» тамоми воситаҳои пешрафтаи дар он замон маъмулро дар бар гирифтаанд.

Бо мақсади такмили сохтори низоми пулии кишвар бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2001, аз таърихи 3 сентябри ҳамон сол тангаҳои филизӣ бо арзиши 1, 3, 5 сомонӣ ва 5, 10, 20, 25, 50 дирам аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шуданд.

Ислоҳоти мазкур анҷоми мантиқии давраи барқароршавии шабакаи бонкӣ, такмили сиёсати пулию қарзӣ ва ташкили низоми миллии пулӣ буда, дар китоби рушду такомул ва вусъату инкишофи ҳаматарафаи бахши молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи нав боз намуд.

# БОБИ 4. СИЁАТИ ПУЛӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ 2001-2005

## *4.1. Вазъи макроиқтисодии кишвар*

Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2005-ум тамоюли устувори беҳтар шудани вазъи иқтисодиро инъикос мекард. Дар ин солҳо ММД мунтазам бо суръати баланди рушди воқеӣ, ки ба ҳисоби миёна бештар аз 9 фоизро (Ҷадвали 9, сутуни 4) ташкил менамояд, меафзуд. Афзоиши мазкур ҳам дар қисмати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ҳам дар қисмати кишоварзӣ ба мушоҳида мерасид.

*Ҷадвали 9. Тағйирёбии исмӣ ва воқеии ММД дар солҳои 2001-2005*

| Солҳо | ММД-и исмӣ (млн. сомонӣ) | Тағйирёбии ММД-и воқеӣ | | Таваррум (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| | | Соли 1991=100 | Сол ба сол (бо %) | |
| 2001 | 2 563,8 | 43,5 | 4,5 | 12,1 |
| 2002 | 3 375,3 | 31,6 | -11,9 | 14,7 |
| 2003 | 4 761,4 | 41,1 | 9,5 | 13,7 |
| 2004 | 6 167,2 | 29,5 | -11,6 | 5,7 |
| 2005 | 7 206,6 | 16,8 | -12,7 | 7,1 |

Дар давраи таҳлилшаванда раванди таваррум низ тамоюли муътадилӣ ва тадриҷан пастшавиро ба худ касб карда буд, аз ҷумла

тайи солҳои 2001-2003 ин нишондиҳанда дар доираи 12-15 фоизи солона ҷамъбаст шуда, дар соли 2004 то ба 5,7 фоиз паст фаромад. Нишондиҳандаи мазкур дар охири соли 2005 нисбат ба соли 2004 ба андозаи 1,4 банди фоизӣ баланд шуд ва ин тағйирёбӣ бо дигаргуншавии вазъи бозори ҷаҳонӣ вобастагӣ дошт. Яке аз сабабҳои дигари болоравии намояи нархҳо дар ин давра тағйирёбии сатҳи нархҳои маҳсулоти воридотӣ ба кишвар аз давлатҳои минтақа ба шумор мерафт (Ҷадвали 9, сутуни 5).

*Диаграммаи 1. Пӯёии тағйирёбии ММД ва таваррум дар солҳои 2001-2005 (бо фоиз)*




Пӯёии тағйирёбии ҳақиқии ММД ва сатҳи таваррум дар диаграммаи 1 оварда шудааст. Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ дар давоми панҷ соли таҳлилшаванда (2001-2005) сатҳи болоравии ҳақиқии ММД мунтазам ба назар мерасид. Ин болоравӣ асосан бо афзоиши сатҳи истеҳсолоти дохилии кишвар, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти талаботи аввалия вобастагӣ дошт. Дар ин замина беҳтаршавии вазъи нархҳо дар бозори дохилӣ ба назар мерасид, ки дар диаграммаи 1 тасвир шудааст.

Маъмулан ба раванди таваррум дар кишвари мо омилҳое таъсир мерасониданд, ки бештар хусусияти ғайрипулӣ дошта, тӯли ин солҳо боқӣ мондаанд ва ба хусусияти хоси бозори истеъмолии ватанӣ алоқаманд мебошанд, аз ҷумла:

- баланд шудани сатҳи нархҳо дар мамлакатҳое, ки маҳсулоти ба кишвар воридшавандаро истеҳсол менамоянд («воридоти таваррум»);

- дар бозори ҷаҳонӣ баланд шудани нархи маҳсулоти воридотӣ, бахусус: нафт, масолеҳи сохтмон, техникаю дигар мавод ва паст шудани нархи маҳсулоти содиротии ватанӣ, аз ҷумла нахи пахта. Маҳдуд будани сохтори молии содирот ва бештар хусусияти истеъмолӣ доштани сохтори молии воридот ба кишвар;
- ривоҷ гирифтани савдои озоди минтақавӣ, ки ба гардиши маҳсулот байни кишварҳо мусоидат менамояд ва он агар аз як тараф ба устувор шудани тавозуни пардохт мусоидат намояд, аз тарафи дигар ба таваррум таъсир мерасонад;
- таваҷҷуҳи асосӣ танҳо ба истеҳсоли як навъи маҳсулоти кишоварзии ватанӣ – пахта зоҳир мегардид, ки ин амал доира ва ҳаҷми истеҳсоли дигар маҳсулоти кишоварзиро то андозае маҳдуд менамояд;
- қафо мондани рушди истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ ва хизматрасонӣ аз босуръат зиёд шудани қобилияти харидории умумии шаҳрвандон. Ин омил дар навбати худ бо сабаби муътадил шудани вазъи макроиқтисодӣ, рушди бахши иҷтимоӣ, зиёд шудани интиқолҳо бештар вусъат пайдо мекунад.

Хусусияти тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои 2000-2005-ум бо бақияи манфии тавозуни савдо ва дар ин замина ноустувор шудани ҳисоби амалиёти ҷорӣ таҷассум ёфт. Масалан, дар соли 2000-ум касри тавозуни савдо андозаи 81,6 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод. Дар соли 2004 бошад ин нишондиҳанда маблағи 135,5 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуда, нисбат ба соли 2000-ум 66,0 фоиз афзуд. Афзоиши касри тавозуни савдо маъмулан ба зиёд будани ҳаҷми воридоти молҳо ба ҷумҳурӣ нисбат ба содироти маҳсулот аз ҷумҳурӣ вобаста мебошад.

Аз ҷумла, содироти молҳо дар соли 2005 маблағи 1108,1 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд ва нисбат ба соли 2000-ум ба андозаи 32,1 фоиз афзуд. Воридоти молҳо бошад, дар ин давра маблағи 1430,4 млн. долл. ИМА-ро ташкил дода, нисбат ба нишондиҳандаи соли 2000-ум ба андозаи 55,4 фоиз зиёд гардид (Ҷадвали 10).

Дар сохтори молии содироти кишвар тағйироти ҷиддӣ ба назар намерасид ва қисми бештарро маъмулан се намуди маҳсулот - алюминий, нахи пахта ва неруи барқ ташкил медод. Ин ҳолат

вобастагии даромади асъории ҷумҳуриро аз сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ ба молҳои мазкур муайян менамуд ва аз ин лиҳоз барои иқтисодиёт то андозае хавфи асъориро ба миён овард.

Воридоти молҳо ба ҷумҳурӣ асосан бо молҳои истеъмолӣ ва сармоявӣ тавсиф ёфта, сохтори молии он аз гилхок, маҳсулоти нафт, неруи барқ, маҳсулоти хӯрокворӣ, мошин ва таҷҳизот иборат буд.

Суръати афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулот дар ин давра нисбат ба ҳаҷми воридот пасттар буд. Аз ҷумла, ҳаҷми содирот дар соли 2005 нисбат ба соли 2004 ба андозаи 1,1 фоиз афзуд ва мавқеи асосиро мисли пештара алюминий, нахи пахта ва неруи барқ (ҳамагӣ бештар аз 85 фоиз) ишғол намуд. Дар баробари ин, воридоти молҳо дар ин давра 16,0 фоиз афзуд, ки сохтори молии онро бештар маҳсулоти хӯрокворӣ, маҳсулоти саноати кимиё, маҳсулоти маъданӣ, мошинҳо ва таҷҳизот дар бар гирифтанд.

*Ҷадвали 10. Тавозуни савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000 – 2005, (бо млн. долл. ИМА)*

| Солҳо | Содирот (ФОБ) | Воридот (ФОБ) | Бақияи тавозуни савдо *(содироти холис)* |
|---|---|---|---|
| 2000 | 838,9 | 920,5 | -81,6 |
| 2001 | 651,7 | 765,7 | -114,0 |
| 2002 | 699,1 | 822,9 | -123,8 |
| 2003 | 906,2 | 1025,7 | -119,5 |
| 2004 | 1096,9 | 1232,8 | -135,9 |
| 2005 | 1108,1 | 1430,4 | -322,3 |

Бо максади таҳким бахшидани вазъи ҳисоби амалиёти ҷорӣ ва беҳтар намудани шарти интиқолҳои пулии шаҳрвандон моҳи сентябри соли 2001 боҷи давлатии 30 фоиза бекор карда шуд, ки он барои зиёд кардани интиқолҳои пулӣ аз хориҷи кишвар заминаи мусоид фароҳам овард.

Аз соли 2002 (Ҷадвали 11, сутуни 2) инҷониб интиқолҳои пулии шаҳрвандон бақияи манфии тавозуни савдои кишварро то андозае ҷуброн менамояд.

Таҳқиқоти Бонки миллии Тоҷикистон нишон дод, ки ин интиқолҳо асосан аз ду манбаъ – содироти хурди маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби соҳибкорони хурд ва интиқолҳои музди кори муҳоҷирони меҳнатӣ сарчашма мегиранд.

Яке аз тамоюлҳои номатлуби солҳои 2002-2005 тавре қайд намудем, афзоиши ҳаҷми воридот мебошад, ки он баръало дар ҳаҷми интиқолҳои пулӣ ба хориҷи кишвар низ мушоҳида мешавад (Ҷадвали 11, сутуни 3).

*Ҷадвали 11. Интиқолҳои пулии шаҳрвандон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба хориҷи кишвар (бо млн. долл. ИМА)*

| Солҳо | Воруд | Хуруҷ | Бақия |
|---|---|---|---|
| 2002 | 78,4 | 13,0 | 65,4 |
| 2003 | 253,6 | 64,3 | 192,3 |
| 2004 | 433,5 | 118,9 | 314,6 |
| 2005 | 664,0 | 360,4 | 303,5 |

**Сиёсати асъор ва реҷаи қурб.** Сиёсати асъор яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи сиёсати пулию қарзии мамлакат ба ҳисоб меравад. Таъмини устувории қурб ва қобилияти харидории сомонӣ, танзим ва инкишофи бозори дохилии асъор ва ташкили ҳисоббаробарии байналхалқӣ, назорати иҷрои меъёрҳои иқтисодӣ ва дуруст анҷом додани амалиёти бонкӣ бо асъори хориҷӣ, таҳияи омори амалиёти асъорӣ, ташкили ҳамкории иқтисоди берунаи Тоҷикистон дар доираи ташкилотҳои минтақавӣ ва байналхалқии молиявию иқтисодӣ, ба талаботи байналхалқӣ мувофиқ намудани асноди қонунгузорӣ ва меъёрии танзиму назорати асъор, самтҳои асосии сиёсати асъорро ташкил дода, мазмун ва мундариҷаи фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистонро дар ин соҳа дар давраи солҳои 2000-2005-ум муайян карданд.

Бонки миллии Тоҷикистон тайи ин солҳо реҷаи танзимшавандаи шинокунандаи қурби мубодилавиро истифода бурда, аз мудохила ба бозори асъор ба истиснои ҳолатҳои тағйирёбии зиёд худдорӣ намуд.

Мутобиқи ин реҷа Бонки миллии Тоҷикистон қурби расмии пули миллиро нисбат ба доллари ИМА дар асоси қурби миёнавазни қарордодҳои бозори байнибонкии асъор муқаррар менамуд.

Моҳи декабри соли 2004 Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадориҳои моддаи VIII – Созишномаҳои ХБА-ро расман қабул кард, ки ин маънои ба низоми пардохтҳои ҷории озоди байналмилалӣ ворид гаштанро дошт. Иқдоми мазкур натиҷаи кори якҷояи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатии буд, ки тайи солҳои 2000-2005-ум анҷом дода

шуд ва он барои густариши ҳамкориҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Пас аз давраи мунтазам паст шудани қурби расмии мубодилавии сомонӣ нисбат ба долл. ИМА, ки то соли 2001 идома ёфт (Ҷадвали 12), то охири соли 2005-ум давраи устуворӣ ва муътадилии қурби сомонӣ ба назар мерасид.

*Ҷадвали 12. Қурби расмии сомонӣ нисбат ба долл. ИМА дар солҳои 2001-2005, (1 долл. ИМА нисбат ба сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар охири давра | 2,5500 | 3,0000 | 2,9565 | 3,0370 | 3,1993 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта (бо%) | 15,9 | 17,6 | -1,5 | 2,7 | 5,3 |
| Миёнасолона | 2,3722 | 2,7638 | 3,0614 | 2,9705 | 3,1166 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта(бо%) | 29,6 | 16,5 | 10,8 | -3,0 | 4,9 |

Дар ҳамин давра Бонки миллии Тоҷикистон барои боз ҳам озод намудани реҷаи асъорӣ, бекор кардани маҳдудиятҳои асъории боқимонда, инчунин таъмини пешрафт ва фаъолияти самараноки бозори дохилии асъор пайгирона кӯшиш ба харҷ медод.

## 4.2. Татбиқи сиёсати пулӣ

Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро барои дарёфти роҳу воситаҳои асосии солимгардонии низоми молиявӣ, муҳайё кардани шароити мусоиди рушди иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, нигоҳ доштани сатҳи таваррум, таъмини устувории қурб ва нигаҳдории қобилияти харидории пули миллӣ, мустаҳкам намудани низоми бонкӣ ва иҷрои қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар солҳои 2000-2005-ум равона намуд.

**Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ дар солҳои 2000-2005**. Мақсади асосии сиёсати пулию қарзӣ аз таъмини шароити мусоид барои рушди зарурии воқеии Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) ва нигоҳ доштани суръати таваррум дар сатҳи барномавӣ иборат буд.

Барои амалӣ намудани ҳадафҳои зикршуда иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ гардиданд:

- татбиқи нишондиҳандаҳои барномаи молиявӣ дар доираи ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ;
- мониторинги афзоиши ҳаҷми пешниҳоди пул;
- такмили механизми амалиёт дар бозори озод, аз ҷумла дар бозори байнибонкии асъор ва бозори байнибонкии қарзӣ;
- васеъ намудани доираи хизматрасонии бонкҳо, аз ҷумла қарздиҳии ипотекӣ ва қарздиҳӣ дар минтақаҳои деҳот, алалхусус манотиқи кӯҳистон, беҳтар кардани сифати фаъолият ва мустаҳкам намудани вазъи молиявии низоми бонкӣ;
- такмили минбаъдаи сифати хизматрасонии бонкӣ бо пули нақд;
- таъминоти пурраи талаботи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ бо пули нақд бо дарназардошти дархости онҳо;
- мустаҳкам намудани заминаи амонатии бонкӣ ва идомаи корҳо оид ба зиёд намудани боварии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба низоми бонкӣ;
- афзоиши сармояи оинномавии бонкҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ;
- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи бонкӣ, мутобиқ намудани муқаррароти онҳо ба талаботи иқтисоди бозорӣ;
- таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ барои гузаронидани амалиёт бо филизоти қиматбаҳо;
- фароҳам овардани шароит барои гузаронидани амалиёт дар бозори байналмилалии тилло (LBMA) дар низоми «on-line»;
- пайваста тоза намудани муомилоти пулӣ аз пулҳои фарсуда ва вусъати гардиши тангаҳои филизӣ;
- ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ;
- идома додани татбиқи чорабиниҳо мутобиқи Стратегияи ҳалли қарзҳои соҳаи пахтакорӣ.

**Ташкили Кумитаи монетарӣ**. Соли 2003 бо мақсади баррасии доимии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи сиёсати пулӣ Кумитаи сиёсати монетарии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Ба ҳайати Кумитаи мазкур ғайр аз намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон,

инчунин намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуданд.

Яке аз мақсадҳои асосии Кумитаи мазкур интихоб намудани амалиёти зарурӣ барои фишангҳои мавҷудаи сиёсати пулию қарзӣ буд, ки вобаста ба он механизми пешбинии кӯтоҳмуддати пардохтпазирӣ таҳия гашт ва ҷаласаҳои он мунтазам ҳар ҳафта-рӯзҳои душанбе баргузор мегардид.

Аз ҷумла, ваколати муайян намудани меъёри бозтамвил ва муқаррар намудани ҳаҷми фурӯши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон ба Кумитаи сиёсати монетарӣ вогузор шуд. Зимни баррасӣ дар ҷаласаҳои ин Кумита меъёри бозтамвил тадриҷан паст карда шуда (Ҷадвали 13), дар соли 2005 ба 9 фоиз расонида шуд.

Кумитаи монетарӣ яке аз воситаҳои хеле муфиди татбиқи сиёсати монетарӣ гардида, дар таъмини устувории молиявии кишвар нақши муҳим дорад.

Таҷриба ва амалияи воситаҳои сиёсати пулии ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки фишангҳои мустақим бо мурури замон самарабахшии худро гум мекунанд ва фишангҳои ғайримустақим ба танзими ҳаҷми пул дар муомилот таъсири бештар мерасонанд, ки инро Бонки миллии Тоҷикистон дар ин давра мавриди истифода қарор дода буд.

*Ҷадвали 13. Пӯёии (динамикаи) меъёри бозтамвил дар солҳои 2000 – 2005 (фоизи солона)*

| Солҳо | Дар охири давра | Миёнасолона |
|---|---|---|
| 2000 | 20,6 | 20,5 |
| 2001 | 20,0 | 20,2 |
| 2002 | 20,0 | 20,0 |
| 2003 | 15,0 | 17,7 |
| 2004 | 10,0 | 10,8 |
| 2005 | 9,0 | 9,1 |

Дар шароити ҷумҳурии мо бо дарназардошти дараҷаи рушди иқтисодиёт ва низоми бонкӣ истифодаи баъзе аз ин фишангҳо қобили қабул мебошад.

**Захираҳои ҳатмӣ.** Ҳаҷми захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, дар тӯли солҳои 2000-2005 тамоюли устувори зиёдшавиро дошт. Ҳаҷми ин захираҳо дар

охири соли 2005 нисбат ба соли 2000-ум ба маблағи 23,6 млн. сомонӣ зиёд шуд (Ҷадвали 14). Аз ҷумла, дар интиҳои соли 2005 маблағи захираҳои ҳатмии дар Бонки миллии Тоҷикистон ба амонат гузоштащуда 39,5 млн. сомониро ташкил дод, ки вай аз 13,8 млн. сомонӣ бо пули миллӣ ва 25,7 млн. сомонӣ бо асъори хориҷӣ иборат буд.

*Ҷадвали 14. Ҳаҷми бақияи захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2005 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Ҳаҷми умумӣ | Бо пули миллӣ | Бо асъори хориҷӣ |
|---|---|---|---|
| 2001 | 12,3 | 7,4 | 4,9 |
| 2002 | 16,6 | 7,2 | 9,4 |
| 2003 | 30,0 | 11,2 | 18,8 |
| 2004 | 46,7 | 16,8 | 29,9 |
| 2005 | 68,4 | 20,3 | 48,1 |

Соли 2001 бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба Низомномаи №127 «Дар бораи захираҳои ҳатмии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд» тағйироту иловаҳо ворид гардид, ки мувофиқи онҳо ба бонкҳои тиҷоратӣ истифода бурдани 25 фоизи захираҳои ҳатмӣ барои хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ иҷозат дода шуд.

Мақсади асосии ин қарор ба қадри муайян ройгон нигоҳ доштани амонатҳои бонкҳои тиҷоратӣ буд. Механизми мазкур муддати се сол мавриди истифода қарор гирифт ва бо дарназардошти муътадил шудани шароити макроиқтисодӣ ва паст кардани сатҳи меъёри захираҳои ҳатмӣ аз 20 то 18 фоиз дар соли 2004 истифодаи он қатъ карда шуд.

**Амалиёт дар бозори озод.** Фишанге, ки аксари бонкҳои марказӣ онро истифода мебаранд ва бо ғайримустақим буданаш дар бозори молиявӣ талаботи калон дорад, амалиёт дар бозори озод мебошад.

Аз соли 2001 сар карда Бонки миллии Тоҷикистон дар ин қисмати бозор фаъолияти худро вусъат бахшид ва барои баровардани вомҳои худ шурӯъ намуд. Барориши вомҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон имкон дод, ки маблағи заруриро аз муомилот ҷалб карда, идораи кӯтоҳмуддати пешниҳоди пулро таъмин намояд.

Дар ин робита, амонатгоҳи Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои сабти векселҳои хазинадорӣ ташкил шуда буд, имкон дод, ки сабт ва баҳисобгирии вомҳо низ ба осонӣ идома дода шавад.

Вомҳои мазкур ба муҳлати кӯтоҳ ба муомилот баровада шуда, давомнокии 14 рӯз, 28 рӯз ва 56 рӯзро дар бар мегирифтанд. Музоядаҳои фурӯши вомҳо низ мутобиқи муҳлати барориш ташкил карда шуда, барои вомҳои 14 рӯза ҳар ҳафта рӯзҳои сешанбе, 28 рӯза ҳар ҳафта рӯзҳои панҷшанбе ва барои вомҳои 56 рӯза дар ҳафтаи охирони моҳ рӯзи чоршанбе баргузор мегардид.

Талабот барои харидорӣ намудани вомҳо аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ дар тӯли солҳои 2000-2005-ум зиёд буда, дар сатҳи 100-130 млн. сомонӣ баҳо дода мешуд (Ҷадвали 15).

Ба ҷуз ҷалби маблағҳои озоди бозор, барориши вомҳо инчунин моҳияти дигари муҳими иқтисодиро ифода намуд, ки он фоизи бозорӣ мебошад. Сатҳи даромаднокии вомҳо, ки дар музоядаҳои фурӯш муайян мешавад, воқеан меъёри бозории дороиҳои молиявиро инъикос менамояд ва он ҳамчун намуна аз ҷониби тамоми иштирокдорон истифода мешавад.

*Ҷадвали 15. Ҳаҷми барориш ва фурӯши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2005 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Ҳаҷми барориш | Ҳаҷми фурӯш | Фоизи фурӯш |
|---|---|---|---|
| 2001* | 11,9 | 5,8 | 48,7 |
| 2002 | 104,2 | 84,0 | 80,6 |
| 2003 | 184,9 | 173,6 | 93,9 |
| 2004 | 92,9 | 87,2 | 93,9 |
| 2005 | 116,8 | 96,9 | 83,0 |

** Соли 2001 ҳамчун пойгоҳи муқоисавӣ = 100 фоиз*

Дар қатори дигар нишондиҳандаҳои молиявӣ, меъёри даромаднокии вомҳо низ дар ин давра тамоюли пастшавиро дошт, вале сарфи назар аз ин раванд талаботи бонкҳо ҷиддӣ тағйир наёфт (Ҷадвали 16), зеро харидории вомҳо аз лиҳози хавф бехатар буда, барои маблағгузории кӯтоҳмуддат дар ин давра беҳтарин воситаи молиявӣ ба ҳисоб мерафт.

*Ҷадвали 16. Пуёии (динамикаи) даромаднокии вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2001-2005 (фоизи солона)*

| Солҳо | Дар охири давра | Миёнасолона |
|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| 2001 | 15,00 | 19,99 |
| 2002 | 21,00 | 18,65 |
| 2003 | 4,49 | 14,53 |
| 2004 | 6,00 | 5,67 |
| 2005 | 5,00 | 6,43 |

**Қонунигардонии маблағҳо.** Дар давоми солҳои 2000-2005-ум ба ғайр аз инкишофи устувори сиёсати пулӣ ва низоми бонкӣ якчанд тадбир ва чорабиниҳое ба вуқӯъ пайвастанд, ки ба ҷалби бештари муштариён, аҳолӣ ва соҳибкорон ба низоми бонкӣ мусоидат намуд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002, №40 «Дар бораи авфи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии маблағҳояшон» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2003-юм «Дар бораи муқаррар кардани мӯҳлати қонунигардонии маблағҳои пулӣ» аз ҷумлаи ин тадбирҳо буданд.

Ин тадбир имкон дод, ки маблағҳои, якдафъаинае, ки бо сабабҳои гуногун берун аз муомилоти расмӣ қарор гирифта буданд, қонунӣ гардонида шаванд ва ба муомилоти расмӣ тавассути низоми бонкӣ баргарданд. Вобаста ба ин чорабинӣ, дар тӯли моҳҳои апрел ва июни соли 2003 ба шаҳрвандон имконият дода шуд, ки дар сурабтҳисобҳои махсуси дар бонкҳои масъул кушодашуда маблағҳои пулии худро гузоранд ва оид ба қонунӣ гардидани онҳо шаҳодатнома гиранд.

Амалӣ намудани ин чорабинӣ имкон дод, ки беш аз 170 млн. долл. ИМА ва 59 млн. сомонӣ маблағҳои пулӣ, ки бо сабабҳои гуногун дар гардиши расмӣ қарор надоштанд, ба бонкҳо ворид шаванд. Дар натиҷа хаҷми амонатҳои шахсони воқеӣ беш аз 5,7 маротиба афзоиш ёфт.

Қайд кардан зарур аст, ки ин иқдоми ҷасурона ва қотеъонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд ва он дар боз ҳам қавитар гаштани низоми бонкӣ саҳми босазо гузошт. Бояд тазаккур дод, ки чунин иқдоми устуворсозии иқтисодиёт ва таҳкими низоми молиявӣ ва бонкӣ дар Осиёи Миёна танҳо дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифт.

**Низоми пардохт дар солҳои 2001-2005.** Бо мақсади таъмини фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохтҳои электронӣ дар соли 2002 Бонки миллии Тоҷикистон маҷмааи барномавии

муосири “Палатаи ҳисоббаробаркунӣ”-ро татбиқ намуд. Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои он, инчунин ҳамаи саридораҳои бонкҳои тиҷоратии дар шаҳри Душанбе воқеъбуда иштирокдори низоми мазкур гардиданд. Дар натиҷаи татбиқи маҷмааи “Палатаи ҳисоббаробаркунӣ” мухлати гузаронидани пардохтҳои байнибонкӣ то як рӯзи бонкӣ кӯтоҳ гардид.

Бо мақсади такмил ва таъмини додугирифти боэътимоди пардохтҳои фаромарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2002 Нуқтаи дастёбии дастаҷамъӣ ба шабакаи SWIFT-ро таъсис дод ва ин имконият фароҳам овард, ки ба шабакаи SWIFT дигар бонкҳои тиҷоратӣ низ ҳамроҳ шаванд. Дар охири соли 2005 шаш бонки тиҷоратӣ иштирокдори Нуқтаи дастёбии дастаҷамъии SWIFT-и Бонки миллии Тоҷикистон гардиданд.

Дар давоми солҳои 2000-2005 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бозори хизматрасонии бонкӣ бо истифодаи кортҳои пардохт рӯ ба тараққӣ ниҳод. Дар ин давра се бонки калони тиҷоратии мамлакат иштирокдори Низомҳои пардохти байналмилалӣ “Visa International”, ”Europay International” ва “STB Card” гардиданд. Дар охири соли 2005 аз ҷониби ин бонкҳо зиёда аз 5 000 адад корти пардохт бароварда шуд.

## *4.3. Вусъати минбаъдаи низоми бонкӣ*

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 2000-2005 раванди бемайлони вусъат ва таҳкимёбиро паси сар намуд. Дар ин муддат зиёд шудани шумораи ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла пайдо шудани ташкилотҳои маблағгузории хурд ба вуқӯъ пайваст. Суръати инкишофи нишондиҳандаҳои бонкӣ дар ин давра умуман нисбат ба рушди иқтисодиёт баландтар буд.

Гуфтан мумкин аст, ки дар ин давра низоми бонкии ҷумҳурӣ ба зинаи сифатан нав қадам гузошт. Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкӣ дар ҷумҳурӣ нақшаи махсуси таҷдиди сохтори Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Бо чор бонки калонтарини ҷумҳурӣ ҶСК “Агроинвестбонк”, ҶСК “Ориёнбонк”, ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ва БДА ҶТ “Амонатбонк” оид ба дигаргунсозии сохтори молиявию амалиётӣ созишнома баста шуд. Бо мақсади идома додани ислоҳот дар бонкҳои дигар, аз ҷумла таҷдиди сохтории бонкҳои калон (БДА ҶТ “Амонатбонк” ва

ҶСК “Агроинвестбонк”) барои ривоҷу равнақи институтҳои маблағгузории хурд қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Дороиҳои умумии бонкҳо, ҷамъиятҳои қарздиҳӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ аз 311 млн. сомонӣ дар соли 2000 (17,2 фоиз нисбат ба ММД) то 1'556 млн. сомонӣ (22,3 фоиз нисбат ба ММД) дар интиҳои соли 2005 афзуд (Замимаи 4). Дар навбати худ уҳдадориҳо дар зарфи ин давра аз 272 млн. сомонӣ (15,1 фоиз нисбат ба ММД) то 1'314 млн. сомонӣ (18,8 фоиз нисбат ба ММД) зиёд гардид. Сармояи бонкҳо, ҷамъиятҳои қарздиҳӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ низ дар ин давра хеле афзоиш ёфта, аз 38,2 млн.сомонӣ дар ибтидо (2,1 фоиз нисбат ба ММД), то ба 244,2 млн. сомонӣ (3,5 фоиз нисбат ба ММД) зиёд гардид.

Аз ҷониби комиссияи салоҳиятдори Бонки миллии Тоҷикистон ба таври муназзам ҳисоботи солонаи ташкилотҳои қарзӣ бо иштироки бевоситаи кормандони роҳбарикунандаи худи ташкилотҳои қарзӣ ва бо дарназардошти хулосаҳои аудиторӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба фаъолияти онҳо баҳо дода шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон ба омӯзиши сохтори соҳибони ҳақиқии ташкилотҳои қарзӣ, иҷрои меъёрҳои мақбули (пруденсиалии) фаъолият пас аз расмиёти азнавташкилӣ, баҳогузории сифати идоракунии бонкҳо аҳамияти махсус дода, ҳамчунин барои аз бозори хизматрасонии бонкӣ баровардани бонкҳои заифе, ки иштироки онҳо дар бозори номбурда ба боварии қарздиҳандагон (кредиторон) ва сармоягузорон дар низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд, таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд.

*Ҷадвали 17. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2005 (адад)*

| Сол | Ҳамагӣ | Бонкҳо | Ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ | Ташкилот ва фондҳои қарзии хурд |
|---|---|---|---|---|
| 2001 | 17 | 13 | 2 | - |
| 2002 | 17 | 12 | 3 | - |
| 2003 | 19 | 13 | 4 | - |
| 2004 | 24 | 10 | 12 | - |
| 2005 | 44 | 10 | 14 | 21 |

Шаффофияти низоми бонкӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ба шумор меравад. Бо ин мақсад бонкҳои кишвар ҳар сол санҷиши аудити байналмилалиро анҷом доданд ва ҳисоботи солонаи онҳо дар нашрияҳо дар ин давра ба чоп расиданд.

Бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо байни мақомоти назоратӣ ва табодули таҷриба байни давлатҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Русия соли 1995 бо тавсияи Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ Гурӯҳи минтақавии назорати бонкӣ таъсис дода шуд.

Мақсади асосии Гурӯҳи минтақавӣ аз нигоҳ доштани равобити байни аъзои гурӯҳ, табодули маълумот дар бораи ҳолати бахши бонкӣ ва мушкилоти танзими ташкилотҳои қарзӣ, бахусус бахши танзим ва назорати бонкӣ, амалӣ намудани назорати босамари фаромарзӣ оид ба фаъолияти бонкҳо иборат буд.

Конфаронси XIII-уми Гурӯҳи минтақавии назорати бонкии давлатҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Русия 8-10 октябри соли 2003 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар кори он намояндагони Бонкҳои марказии Федератсияи Русия, Арманистон, Бонки миллии Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Бонки марказии Ӯзбекистон, ҳамчунин намояндагони USAID, AED ширкат варзиданд.

**Пасандозҳо.** Дар давраи аз соли 2000, алалхусус аз соли 2003 (пас аз анҷоми қонунӣ гардонидани маблағҳо) ҳаҷми амонатҳо дар низоми бонкӣ тамоюли бемайлони афзуншавиро ба худ касб намуд (Ҷадвали 18), ки ин шаҳодати зиёд шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар мебошад. Ба ин раванд якчанд омил мусоидат намуд, аз ҷумла:

- устувор шудани вазъи макроиқтисодии кишвар ва дар ин асно тадриҷан баланд шудани сатҳи даромади пулии шаҳрвандон;
- пай дар пай паст шудани сатҳи таваррум ва солҳои охир муътадил гаштани он (5,7 фоиз дар соли 2004 ва 7,1 дар соли 2005), ки ба нигоҳдории иқтидори харидории пули миллӣ асос гузошт;
- беҳтар шудани вазъи молиявии бонкҳои ватанӣ ва зиёд шудани амонатҳо ва ҷалби пасандозҳо;

- ворид кардани тағйирот ба Кодекси андоз, ки расмиёти ба бонкҳо гузоштани амонатҳои шахсони воқеиро осонтар намуд.

Баъдан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» қабул гардид, ки дар асоси он Фонди суғуртаи амонатҳо таъсис дода шуд ва қабули ин қонун ба афзоиши пасандозҳои шаҳрвандон дар бонкҳо аз бисёр ҷиҳат мусоидат намуд.

**Маблағгузории қарзӣ.** Ба хотири ташкили сохторҳои нави молиявӣ дар кишвар, ҳамчунин бештар ҷалб намудани ташкилотҳои молиявии мавҷуда дар амри додани қарзҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), таъмини табақаҳои камбизоат бо ҷойи кор ва афзудани даромадҳои онҳо зарурати омода кардани заминаи ҳуқуқӣ барои ташаккули сохтори маблағгузории хурд, бахусус дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон ва такмили фаъолияти он ба миён омад.

*Ҷадвали 18. Ҳаҷми амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар солҳои 2001-2005 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Амонатҳо | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | |
| 2001 | 10,3 | 91,9 | 102,2 |
| 2002 | 18,3 | 129,1 | 147,4 |
| 2003 | 75,8 | 166,7 | 242,5 |
| 2004 | 108,6 | 183,0 | 291,6 |
| 2005 | 157,7 | 381,5 | 539,2 |

** Соли 2001 ҳамчун пойгоҳи муқоисавӣ = 100 фоиз*

Бо дастури Сарвари давлат барои ҳаллу фасли ин масъала Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»-ро омода намуд, ки аз ҷониби Парламент дар соли 2004 қабул гардид.

Бонки миллии Тоҷикистон пас аз қабули ин Қонун барои татбиқи амалии он механизми додани қарзҳои хурдро ба иқтисодиёт тавассути бонкҳо пешбинӣ намуд ва санадҳои меъёриро доир ба тартиби иҷозатномадиҳӣ ва танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд таҳия кард.

Барои дастгирии бахши хусусӣ ва дар ин замина аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод намудани қарзҳои хурд ба соҳибкорон, хоҷагиҳои деҳқонӣ, шахсоне, ки бо соҳибкории хурд бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ машғул мебошанд, баъд аз қабули қонуни мазкур бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкили 21 фонди қарзии хурд дар ин давра розигӣ дода шуд.

Илова бар ин, дигар бонкҳои ҷумҳурӣ, аз қабили ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Бонки Эсхата", БСТ ТИСТ "Тоҷпромбонк", ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд", БДА ҶТ "Амонатбонк" низ дар ривоҷи маблағгузории хурд саҳми назаррас гузоштанд.

**Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт.** Дар солҳои 2001-2005 ҳаҷми қарзҳо ба иқтисодиёти кишвар босуръат афзоиш ёфт. Асосан талаботи сохторҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар ба воситаҳои пулӣ дар ин давра аз сабаби пайдоиши заминаҳои истеҳсолоти дохилӣ хеле зиёд буд. Дар охири соли 2005 ҳаҷми бақияи қарзҳое, ки ба иқтисодиёти кишвар дода шуд, маблағи 1,3 млрд. сомониро ташкил намуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2004 ба 17,8 фоиз афзуд (Ҷадвали 19). Қарзҳои ҷудошуда дар ин давра ба соҳаи кишоварзӣ, саноат ва сохтмон равона гардида, барои истеҳсолоти дохилӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

*Ҷадвали 19. Бақияи ҳаҷми маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт дар солҳои 2001-2005 (бақия дар охири давра, млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 |
|---|---|---|---|---|---|
| Бақияи қарз | 691,2 | 633,1 | 671,9 | 1091,5 | 1286,3 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта, млн. сомонӣ | 313,8 [1] | -58,1 | 38,8 | 419,6 | 194,8 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта, % | 83,1[1] | -8,4 | 6,1 | 62,4 | 17,8 |

1. Муқоисаи тағйирёбӣ бо маълумотҳои ҷадвали 5.

Дар давраи солҳои 2000-2005-ум дар ҷумҳурӣ 44 ташкилоти қарзӣ (бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ва фондҳои қарзии хурд) дар баробари гузаронидани дигар амалиётҳои бонкӣ ба додани қарзҳои хурд машғул гардиданд.

То охири соли 2005 бонкҳо ва ташкилотҳои ғайрибонкии маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ ба маблағи 295,9 млн.сомонӣ, аз ҷумла дар вилояти Суғд – 93,7 млн сомонӣ, вилояти Хатлон – 55,2 млн сомонӣ, шаҳри Душанбе – 81,3 млн сомонӣ, Вилояти Мухтори

Кӯҳистони Бадахшон -15,5 млн. сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 50,2 млн. сомонӣ қарзҳои хурд ҷудо намуданд.

Моҳи декабри соли 2002 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ дар чорчӯбаи механизми кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодӣ барномаи мушаххаси «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ»-ро қабул кард.

Дар ин давраи душвор Бонки миллии Тоҷикистон Низомнома «Дар бораи таъмини пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ»-ро таҳия карда, онҳоро бо маблағҳои зарурӣ таъмин намуд. Пас аз ин вазъи бонкҳо ва интиқоли маблағҳо беҳтар гардид. Чунин равиши таъмини пардохтпазириро Бонки миллии Тоҷикистон нахустин шуда дар байни кишварҳои ИДМ ҳангоми гузариш ба муносибатҳои бозорӣ мавриди истифода қарор дод.

Яке аз масъалаҳои муҳимми низоми бонкӣ дар ин давра ҳалли қарзҳои мушкилситон ба шумор мерафт. Таҳлили ин қарзҳо нишон дод, ки бисёре аз субъектҳои хоҷагидорӣ бидуни огоҳ кардани бонкҳои хизматрасон барҳам дода шудаанд ё ба хоҷагиҳои хурд тақсим гардиданд, ки ин баргардонидани қарзҳоро душвор гардонид.

Барои баргардонидани қарзҳо амволи ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт ё дигар дороиҳои молию моддии қарзгирони алоҳида ситонда шуданд.

Дар ин давра яке аз мушкилоти асосӣ ҳалли қарзҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ, хусусан хоҷагиҳои пахтакор ба шумор мерафт. Барои ҳалли ин масъала бо иштироки бевоситаи Бонки миллии Тоҷикистон Стратегияи ҳалли карзҳои бахши пахтакорӣ таҳия шуда, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4 марти соли 2005 ба имзо расид.

Баҳри татбиқи Стратегияи мазкур, Бонки миллии Тоҷикистон Нақшаи чорабиниҳо ва гурӯҳҳои кориро дар шуъбаҳои минтақавии худ таҳия ва ташкил намуд. Мутахассисони гурӯҳи корӣ оид ба муайян намудани майдони кишт, танзими қарзи хоҷагиҳои таҷдидгардида, тартиб додани санадҳои муқоисавӣ ва гузаронидани таҷдиди сохтори қарзҳо мунтазам кор бурданд.

Татбиқи Стратегияи номбурда роҳи дурусти ҳалли ин масъала буда, боиси беҳбудии фазои сармоягузорӣ гардид ва барои ҷалби

сармоягузориҳо ба иқтисодиёти мамлакат ва бахши пахтакории он шароиту имкониятҳои мусоид фароҳам овард.

**Такмили қонунгузорӣ.** Қабули як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули иқтисодиёти миллӣ ва низоми бонкӣ мусоидат намуда бошад ҳам, вале тадриҷан барои рушди иқтисодиёт зарурати ворид намудани тағйиротро ба санадҳои ҷудогонаи қонунгузорӣ дар ин давра ба миён овард.

Аз ин рӯ, бо мақсади такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти вазифаю талаботи бонкҳо дар шароити муосир, таҷрибаи пешқадами қонунгузории бонкии дигар давлатҳо оид ба масъалаҳои андозбандии бонкҳо, танзиму назорати фаъолияти бонкӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои амонатгузорону кредиторон лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», ҳамчунин ба "Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон" омода гардид ва онҳо баъдан аз ҷониби Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ кардани оқибатҳои номатлуб, Низомнома «Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи фонди талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо»-ро таҳия намуд, ки мутобиқи он бонкҳо вобаста аз сифати сандуқи қарзӣ метавонанд фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ташкил намоянд.

Дар ҷумҳурӣ раванди такмил додани заминаи меъёрию ҳуқуқие, ки ба ташкили зерсохтори (инфраструктураи) ҳуқуқии ҷавобгӯйи талаботи замон мусоидат намуда, ба рушди бахши хусусӣ, низоми молиявию қарзӣ ва ҳамчунин барои фароҳам овардани шароити мусоид ба сармояи хориҷӣ ва дастгирии сохторҳои бозорӣ равона шудааст, идома дода шуд.

**Сиёсати кадрҳо**. Масъалаи тарбияи кадрҳои бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳимми фаъолияти бонкӣ ба шумор меравад.

Бонки миллии Тоҷикистон ба тайёрии касбии кормандон ва рушди маданияти онҳо диққати махсус медиҳад, зеро кадрҳои лаёқатманд гарави муваффақияти соҳа мебошанд. Дар низоми

бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2005-ум бештар аз 6,5 ҳазор мутахассис кор мекард.

Бо мақсади барпо намудани асосҳои таълимӣ ва такмили тахассуси кормандони низоми бонкӣ дар соли 1994 бонкҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар шаҳри Тошканд Маркази таълимии минтақавии бонкиро таъсис доданд. Дар он солҳо вай амалан ягона маркази бозомӯзии кормандони бонкӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор мерафт. Аз соли 1994 сар карда дар Маркази таълимии минтақавии бонкӣ тақрибан 300 нафар кормандони низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим гирифтанд.

Бо дарназардошти зиёд шудани кормандони низоми бонкӣ ва талабот ба кормандони ихтисосманд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 Маркази таълимии байнибонкии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил гардид, ки дар он то охири соли 2005 бештар аз 350 мутахассисони низоми бонкӣ таълим гирифтанд.

Рушду такомули босуръати технологияҳои бонкӣ мунтазам баланд бардоштани тахассуси касбии мутахассисони бонкиро талаб менамояд. Бо ин мақсад бо бонкҳои хориҷӣ (Русия, ИМА, Олмон, Фаронса, Нидерланд, Швейтсария, Ингилистон, Япония, Ҳиндустон ва ғайра) дар ин давра робитаҳои мустақим ба роҳ монда шуданд.

Агар дар соли 1996 дар ин кишварҳо 20 нафар корманди бахшҳои гуногуни низоми бонкии кишвар дониши касбии худро баланд бардошта бошанд, дар соли 2005 ин шумора ба 111 нафар расид. Умуман, дар солҳои 1996-2005 зиёда аз 750 нафар кормандон сатҳи дониши худро такмил доданд ва дар рушди низоми бонкӣ ҳиссаи сазовор гузоштанд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа" ба масъалаи рушди касбӣ ва пешбарии занон ба мақомоти роҳбарӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

Дар давраи солҳои 2000-2005-ум дар низоми Бонки миллии Тоҷикистон аз шумораи умумии кормандон 40 фоизро занон ташкил медод. Аз ин шумора 31 нафари онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда кор мекунанд. Аз ҷумла, 1 нафар дар вазифаи муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, 2 нафар дар вазифаи роҳбари воҳидҳои сохторӣ, 7 нафар вазифаи муовини роҳбари

воҳидҳои сохторӣ, 19 нафар дар вазифаи сардори шуъба, 2 нафар дар вазифаи муовини сардори шуъба фаъолият менамуданд.

## *4.4. Ҳамкории байналмилалӣ*

Ҳадафи асосии Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкории байналмилалӣ вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои наздику судманд бо созмонҳои молиявию фондҳои байналмилалӣ, кишварҳои мададрасон ва сармоягузорони хусусӣ, ки ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард, мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор фаъолияти худро дар самти ҷустуҷӯйи роҳҳои нави ҳамкории судманд, инчунин шарикони нави байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ бо мақсади ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт равона менамояд.

Дар давраи солҳои 2000-2005-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи чунин созмонҳои бонуфузи молиявии байналхалқӣ, ба монанди Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Бонки Исломии Рушд, Бонки Осиёии Рушд буда, инчунин бо Фонди Саудии Рушд, Фонди Кувайтии Рушди Иқтисодии Араб ва Фонди Созмони Кишварҳои Содиркунандаи Нафт (ОПЕК) буд.

Таърихи ҳамкориҳои байналмилалии Бонки миллии Тоҷикистон нисбатан фосилаи ками замонро дарбар гирад ҳам, вай дар ин муддат ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Аввалин натиҷаҳои ин ҳамкориҳо ҳанӯз аз соли 1996 ба даст омаданд ва тибқи онҳо барномаи ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсати пулию қарзие, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон таҳия намуданд, аз ҷониби Хазинаи Байналмилалии Асъор маъқул дониста шуд ва ин ташкилоти молиявии бонуфуз ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 22 млн. долл. ИМА қарзи имтиёзнок ҷудо кард. Моҳи сентябри ҳамон сол бошад, Бонки Ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон ба андозаи 50 млн. долл. ИМА барои барқароркунии ҳолатҳои баъдиҷангӣ қарз дод.

Барномаи мазкур дар давоми се сол тадбирҳои мушаххасро дар соҳаи сиёсати андозу буҷет ва пулию қарзӣ, идоракунии

қарзҳои берунӣ ва ислоҳоти сохторӣ пешбинӣ менамуд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои рушди иқтисодиёт ва таъмини устувории он танҳо роҳу усул, воситаҳо ва саъю талошҳои худӣ кифоят намекунанд. Ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ҳам ба бахши истеҳсолот ва ҳам ба бахши иҷтимоӣ зарур мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон мувофиқи супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар нақши асосиро иҷро карда, барои ҳарчи бештар ворид шудани он мусоидат намуд.

Барои ҷалбу ҷойгир кардани сармояи хориҷӣ дар ҷумҳурӣ санадҳои дахлдори қонунгузорӣ қабул карда шуданд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳимояи баробарҳуқуқии сармоягузорон ва амволи субъектҳои фаъолияти сармоягузорӣ таъмин карда шуда, сармояи хориҷӣ ва интиқоли маблағи даромадҳои онҳо ба хориҷа кафолат дода шуд, илова бар ин, дар қонун кафолатҳои ҳуқуқии онҳо муайян гардид.

Дар шароити бозори озод тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои судманд бо созмонҳои молиявии байналхалқӣ талаби замон буда, аз тарафи роҳбарияти кишвар, бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ин самти афзалиятнок таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид.

Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) барои дастгирии Барномаи иктисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва рушди иқтисодӣ 226,7 млн. долл. ИМА қарзҳои дарозмуддат ҷудо намуд.

Бонки Ҷаҳонӣ барои дастгирии соҳаи инфрасохторӣ, барқ, тандурустӣ, маориф, кишоварзӣ, иҷтимоӣ, дигаргунсозиҳои бунёдӣ, раванди ғайридавлатӣ кардан ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба андозаи 332,9 млн. долл. ИМА маблағ ҷудо намуд, аз ҷумла Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ ба соҳаи хусусӣ то охири соли 2005-ум зиёда аз 32,4 млн. доллари ИМА маблағгузорӣ намудааст.

Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои дастгирии соҳаи соҳибкории хурду миёна 59,0 млн. долл. ИМА, Бонки Осиёии Рушд барои рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, нақлиёт, тармим ва барқарорсозии шабакаҳои барқӣ ба андозаи 240 млн. долл. ИМА, Бонки Исломии Рушд ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, нақлиёт,

энергетика, обёрии заминҳо 108,9 млн. долл. маблағи қарзӣ ва зиёда аз 2,3 млн. долл. ИМА грант ҷудо намуданд.

Ғайр аз ин Фонди Саудии Рушд бо мақсади маблағгузории соҳаҳои нақлиёт, тандурустӣ ва маориф 12 млн. долл. ИМА, Фонди Кувайтии Рушди Иқтисодии Араб ба соҳаҳои энергетика ва нақлиёт беш аз 29,3 млн. долл. ИМА (аз он 0,9 млн. долл. ИМА грант), Фонди Созмони Кишварҳои Содиркунандаи Нафт ба рушди соҳаҳои тандурустӣ, нақлиёт ва маориф зиёда аз 15 млн. долл. ИМА маблағ ҷудо намуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки моҳи майи соли 2003 бо пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо дастгирии Бонки Ҷаҳонию кӯмаки молиявии Ҳукумати Швейтсария дар ш. Душанбе машварати кишварҳои мададгор (донор) баргузор гардид. Дар ин машварат намояндагони 17 давлат ва 30 ташкилоти байналхалқӣ ширкат варзиданд. Аз рӯйи натиҷаҳои ин машварат кишварҳои мададгор дар доираи барномаи давлатии сармоягузориҳо ва ҳуҷҷат дар бораи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон кӯмакҳои бебозгашт ва қарзҳои имтиёзнок ҷудо намуданд.

Аз 25 то 28 сентябри соли 2003 дар ш. Душанбе Конфаронси байналхалқии сармоягузории Бонки Исломии Рушд бо иштироки сармоягузорон аз кишварҳои араб барпо гардид. Дар ин Конфаронс 121 соҳибкор аз кишварҳои араб, 22 намоянда аз Бонки Исломии Рушд ва бештар аз 300 соҳибкор аз Тоҷикистон иштирок намуданд. Дар конфаронс масъалаҳои вобаста ба бахши бонкдорӣ, саноати сабук, кишоварзӣ, энергетика, саноати маъдан, нақлиёт ва саёҳат ҳаллу фасл гардиданд.

То соли 2004 дар Тоҷикистон бо кӯмаки институтҳои молиявии бонуфузи байналхалқӣ 38 лоиҳа ба маблағи умумии 560,5 млн. доллари ИМА татбиқ шудааст.

Дар таърихи 16-17 июни соли 2005 дар ш. Душанбе Конфаронси байналмилалӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи "Ҳолат, мушкилот ва дурнамои рушди низоми бонкӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар марҳилаи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ" баргузор гардид. Дар кори Конфаронс Президенти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ҷаноби

Жан Лемер, намояндагони низоми бонкии 18 мамлакат ва 16 ташкилоти байналхалқӣ иштирок намуданд.

Дар рафти ин конфаронс байни Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва бонкҳои тиҷоративу фонди қарздиҳии хурди “Имон” ба маблағи умумии 5,0 млн. долл.ИМА созишномаи қарзӣ ба имзо расид.

# БОБИ 5. СИЁСАТИ ПУЛӢ ВА РУШДИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ 2006-2010

## *5.1. Вазъи макроиқтисодии кишвар*

Дар давоми солҳои 2006-2010 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар аз раванди барқароршавии рушди иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳанд. Вале, мутаассифона, дар солҳои охир (аз нимсолаи дуюми соли 2008 то охири соли 2009) давраи пайдошавии бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар то андозае таъсири манфӣ расонд.

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии давраи баъдибӯҳронӣ шаҳодат медиҳанд, ки рушди иқтисодиёти кишвар дар сатҳи ҳақиқии истеҳсолот, афзоиши содирот ва устуворӣ дар бозорҳои молиявии кишвар зоҳир мегардад.

**Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД).** Рушди воқеии ММД дар давраи солҳои 2006-2010 ба ҳисоби миёна 6,6 фоизи солонаро ташкил дод (Ҷадвали 20 сутуни 3). Хусусан дар соли 2009 ин нишондиҳанда аз сабаби сар задани бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ нисбат ба соли 2008 ба 4,0 банди фоизӣ паст гардид. Дар охири соли 2010 ин нишондиҳанда андозаи 6,5 фоизи солонаро ташкил намуд, ки нисбати соли 2009 ба андозаи 2,6 банди фоизӣ зиёд мебошад.

*Ҷадвали 20. Тағйирёбии исмӣ ва ҳақиқии ММД дар солҳои 2006-2010*

| Солҳо | ММД-и исмӣ (млн. сомонӣ) | ММД-и воқеӣ (бо фоиз) | Тағйирёбии банди фоизӣ |
|---|---|---|---|

| | | | нисбат ба соли қаблӣ |
|---|---|---|---|
| 2006 | 9272,2 | 7,0 | -9,8 [1] |
| 2007 | 12779,7 | 7,8 | +0,8 |
| 2008 | 17609,3 | 7,9 | +0,1 |
| 2009 | 20622,8 | 3,9 | -4,5 |
| 2010 | 24704,7 | 6,5 | +3,1 |

1. Муқоисаи тағйирёбӣ бо маълумотҳои ҷадвали 9.

Рушди иқтисодиёт дар ин давра бештар аз ҳисоби вусъатёбии соҳаи хизматрасонии пулакӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, гардиши савдои чакана, нақлиёт ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҷараён гирифт.

Соли 2010 барои иқтисодиёти бештари минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ соли барқароркунии баъдибуҳронии иқтисодиёт ба ҳисоб мерафт. Буҳрони шадиди молиявии ҷаҳонӣ, ки дар соли 2009 ба раванди рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонид, бо норасоии пардохтпазирӣ, коҳишёбии нархи молҳои содиротӣ, кам шудани ҳаҷми интиқолҳои пулӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ, паст рафтани сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва талаботи ниҳоӣ зоҳир гардид.

Ҷиҳати маҳдуд намудани таъсири буҳрон дар ин давра аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои зиддибуҳронӣ амалӣ гардиданд, ки пеш аз ҳама барои таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва фаъолияти муътадили низоми бонкӣ равона гашта буданд. Бо амалӣ гардидани чунин тадбирҳо, дар соли 2010 рушди мусбати истеҳсолот ва сатҳи муътадили нархҳо дар ҷумҳурӣ таъмин гардид.

Дар соли 2010 аз рӯйи таҳлили натиҷаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазъи буҳронӣ баромада, ба тамоюли рушди давраи пеш аз буҳронӣ рӯй ниҳод. Ба ин раванд дар мадди аввал татбиқи тадбирҳои иловагии баъдибуҳронӣ дар самти вусъатёбии бахши воқеии иқтисодиёт мусоидат намуд, ки аз ин барқарорёбии рушди истеҳсолот, афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ, муътадилии нисбии сатҳи нархҳо, беҳтар гардидани вазъи тавозуни пардохт ва устувории низоми молиявии кишвар шаҳодат медиҳанд.

**Таваррум.** Дар давоми панҷ соли охир сатҳи таваррум аз доираи сатҳи баландтарин 19,7 фоиз то сатҳи пастарин 5,0 фоиз тағйир ёфт. Ин дигаргунӣ асосан аз тағйирёбии нархи молҳои аз бозори ҷаҳонӣ ба кишвар воридшаванда вобастагӣ дошт. Хусусан

тағйирёбии нархи бозории маҳсулоти нафт ва гандум дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақа сабаби болоравии сатҳи таваррум гардид (Ҷадвали 20).

Дар давраи таҳлилшаванда болоравии нархи воридотии орд, гандум ва маводи сӯзишворӣ боиси зиёд гардидани фишорҳои таваррумӣ шуда, ба суръати афзоиши солонаи он мусоидат намуд. Новобаста аз болоравии нархи маҳсулоти истеъмолӣ, раванди нисбатан муътадили сатҳи таваррум дар давоми солҳои охир нигоҳ дошта шуд. Дар натиҷа меъёри солонаи он дар соли 2010-ум 9,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи дурнамои қабулшуда, ки 11,0 фоизро ташкил мекард, 1,2 банди фоизӣ паст мебошад.

Таварруми ҳосилшуда дар соли 2010 аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти озуқа ба 13,4 фоиз, ғайриозуқа 5,5 фоиз ва хизматрасонӣ 4,0 фоиз ба вуқӯъ омад.

*Ҷадвали 21. Тағйирёбии*
*сатҳи таваррум дар давраи солҳои 2006-2010*

| Солҳо | Таваррум (бо фоиз) | Тағйирёбии банди фоизӣ нисбат ба соли қаблӣ |
|---|---|---|
| 2006 | 12,5 | +5,4 [1] |
| 2007 | 19,7 | +7,2 |
| 2008 | 11,8 | -7,9 |
| 2009 | 5,0 | -6,8 |
| 2010 | 9,8 | +4,8 |

1. Муқоисаи тағйирёбӣ бо маълумотҳои ҷадвали 9.

Ба болоравии сатҳи нархҳо дар ин давра пеш аз ҳама ҳамчун омили беруна афзоиши нархи маҳсулоти воридшаванда, аз қабили гандум, орд, маҳсулоти нафт (бензин), масолеҳи бинокорӣ, қиматшавии нархи маҳсулоти хусусияти мавсимӣ дошта, ба монанди сабзавот, меваҷот, шакар ва инчунин тарифҳои хизматрасонии пулӣ, ба мисли хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ, муассисаҳои осоишгоҳию истироҳатӣ, алоқа ва маишӣ таъсир расониданд. Ҳамзамон, омилҳои мазкур боиси зиёд гардидани хароҷоти истеҳсолӣ шуда, ба болоравии нархи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, нақлиёти мусофирбар ва дигар маҳсулотҳо мусоидат намуданд.

Тибқи таҳлилҳои Бонки миллии Тоҷикистон сатҳи таварруми аслӣ (бе дарназардошти омилҳои мавсимӣ, маъмурӣ ва фишорҳои беруна) дар соли 2010-ум 1,8 фоизро ташкил намуд.

Дар панҷ соли охир коҳишёбии сатҳи таварруми аслӣ (бе назардошти омилҳои мавсимӣ, маъмурӣ ва фишорҳои беруна) ба назар мерасад, ки дар соли 2010-ум 1,8 фоизро ташкил намуда, нисбат ба соли 2006-ум 5,5 банди фоизӣ паст гардид.

**Тавозуни пардохт.** Вазъи тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми панҷ сол (2006-2010) бо коҳиш ёфтани касри тавозуни савдо, афзоиши бақияи мусбати трансфертҳои ҷорӣ ва воруди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ тавсиф меёбад.

Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи таснифи тавозуни пардохт дар солҳои 2006-2010 ба ҳисоби миёнасолона маблағи 4,0 – 4,5 млрд. долл. ИМА-ро (Ҷадвали 22, сатри 1) ташкил намуд.

Гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои хориҷии наздик ба ҳисоби миёна 40,2 фоиз зиёд гардида, бо кишварҳои хориҷии дур 23,5 фоиз афзуд.

*Ҷадвали 22. Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. долл. ИМА)*

| **Нишондиҳанда** | **Соли 2006** | **Соли 2007** | **Соли 2008** | **Соли 2009** | **Соли 2010** |
|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷӣ | 3 585,4 | 4 671,9 | 5 133,9 | 3 808,9 | 3 853,1 |
| Содироти молҳо (ФОБ) | 1 455,4 | 1 556,9 | 1 504,9 | 1 038,5 | 1 195,3 |
| Воридоти молҳо (ФОБ) | 2 130,0 | 3 115,0 | 3 629,0 | 2 770,4 | 2 657,8 |
| Тавозуни савдо | -674,6 | -1 558,1 | -2 124,1 | -1 732,8 | -1 462,5 |

Дар соли 2007 бақияи манфии тавозуни савдо бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф (бозшумории арзиши воридот бо нархи ФОБ), арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, маблағи 1558,1 млн. долл. ИМА-ро (42,2 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дод ва нисбат ба соли гузашта 2,3 маротиба афзуд. Бақияи манфии амалиёти савдо бо кишварҳои хориҷии наздик 1427,6 млн. долл. ИМА ва бо кишварҳои хориҷии дур 130,5 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд.

Касри тавозуни савдо дар соли 2008 бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф (бозшумории арзиши воридот бо нархи ФОБ), арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, маблағи 2124,1 млн. долл. ИМА-ро (41,4 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 36,3 фоиз

зиёд мебошад. Дар навбати аввал он бо зиёд шудани талабот ба маҳсулоти воридотӣ, паст шудани нархи молҳои асосии содиротӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин кам гардидани ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноатии ватанӣ вобаста аст. Бақияи манфии амалиёти савдо бо кишварҳои хориҷии наздик 1595,4 млн. долл. ИМА ва бо кишварҳои хориҷии дур 528,7 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд.

Кам шудани содирот дар соли 2008 бо коҳиш ёфтани таҳвилоти воқеии молҳо ба 5,6 фоиз вобаста аст, ҳарчанд нархи миёнаи содиротӣ 2,4 фоиз зиёд гардид. Афзоиши воридоти молҳо ба 16,5 фоиз, асосан бо зиёд шудани таҳвилоти воқеии молҳо ба 13,4 фоиз ва нархи миёнаи воридотӣ ба 2,8 фоиз вобаста аст (Ҷадвали 23).

Афзоиши содироти молҳо бо болоравии нархи молҳои асосии содиротӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, аз қабили алюминий ва нахи пахта дар охири давра вобаста мебошад. Дар сохтори содирот дар охири соли 2010 мисли солҳои пештара мавқеи асосиро алюминий – 67,1 фоиз, нахи пахта – 11,0 фоиз ва маҳсулоти растанӣ – 5,4 фоиз ишғол менамоянд, ки дар маҷмӯъ 83,5 фоизи ҳаҷми умумии содироти молҳоро ташкил медиҳанд.

Содироти алюминий дар охири давра 256,7 ҳазор тонна ва маблағи 545,8 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд ва бо ҳисоби арзиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 ба 35,8 фоиз зиёд гардид. Афзоиши содироти алюминий бо баланд шудани нархи содиротӣ ба 35,1 фоиз ва таҳвилоти воқеӣ ба 0,5 фоиз вобаста мебошад. Ҳаҷми содироти нахи пахта дар соли 2010 57,9 ҳазор тонна ва маблағи 89,5 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 ба 55,5 фоиз зиёд гардид. Афзоиши содироти нахи пахта, асосан бо баланд шудани нархи содиротии он ба 46,3 фоиз ва зиёд гардидани ҳаҷми воқеии он ба 6,3 фоиз вобаста аст. Содироти маҳсулоти растанӣ дар соли 2010 ба 44,3 млн. долл. ИМА баробар шуда, бо ҳисоби арзиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 ба 12,8 фоиз зиёд гардид. Дар таркиби содироти маҳсулоти растанӣ қисми бештарро содироти пиёз, сабзӣ, лиму ва меваҳои хушк ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 23. Тағйирёбии содирот ва воридоти молҳо дар соли 2008 дар муқоиса бо соли 2007 (млн. долл. ИМА)*

| | **Ҳамагӣ** | **аз ҷумла, аз ҳисоби** |
|---|---|---|

| Нишондиҳанда | (афзоиш (+), камшавӣ (-)) | ҳаҷми таҳвилоти воқеӣ | нарх |
|---|---|---|---|
| Содироти молҳо | -52,0 | -86,8 | +34,8 |
| Воридоти молҳо | +514,0 | +416,0 | +98,0 |
| Гардиши савдои хориҷӣ | +462,0 | +329,0 | +132,8 |
| Тавозуни савдо | -566,0 | -502,8 | -63,2 |

Дар солҳои охир дар сохтори ҷуғрофии содирот вазни қиёсӣ бештар ба кишварҳои Хитой (44,4 фоиз аз ҳаҷми умумии содироти молҳо), Туркия (28,2 фоиз), Русия (8,7 фоиз), Эрон (4,2 фоиз) ва Афғонистон (4,1 фоиз) рост меояд. Ба ин кишварҳо асосан алюминии холис, нахи пахта ва пӯсти чорво содирот карда мешавад.

Хусусияти дигари бозори истеъмолии кишвар дар он аст, ки дар сохтори молии воридот, маҳсулоти дар худи Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, ба мисли тарбуз, харбуза, помидор, бодиринг, лӯбиё, нахӯд, тухм ва ғайра ҷой доранд.

Ҳолати зиёд шудани ҳаҷми воридот нисбат ба содирот моро водор месозад, ки ҳар чи зудтар ба татбиқи механизми таҳким бахшидани иқтидори содиротии кишвар диққат диҳем, зеро афзоиши касри тавозуни савдо метавонад ба мушкилоти тавозуни пардохт оварда расонад.

Қадами аввалин ва фаврӣ дар самти беҳтар намудани ин ҳолат васеъ кардани номгӯйи содирот (диверсификатсияи он) мебошад ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти кишвар, пеш аз ҳама зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст, ки он дар навбати худ ҳам содиротро вусъат медиҳад ва ҳам талаботи дохилиро қонеъ мегардонад. Бо ин мақсад, ба эътибор гирифтани чунин самтҳои инкишоф хеле муҳим мебошад, аз ҷумла:

- тадриҷан кам намудани афзалиятнокии пахтакорӣ ва минбаъд зиёд намудани истеҳсоли пахта на аз ҳисоби зиёд кардани масоҳати кишти он, балки аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии он;
- истифодаи заминҳои озодшуда барои истеҳсоли маҳсулоти дигари кишоварзӣ. Ин кор имкон медиҳад, ки вобастагии бозорро аз воридот кам намуда, сатҳи нархҳоро муътадил нигоҳ дорад ва интиқоли маблағҳо ба хориҷа аз рӯи ин гуна воридот коҳиш ёбад.
- тақвият додани истеҳсолот дар бахши хусусӣ, ки чун бахши муҳимтарини фаъолияти иқтисодиёт дар шароити бозаргонӣ

ба ҳисоб меравад ва он алҳол таҷриба ва иқтидори беҳтари фаъолият дорад.

Воридоти молҳо (бо нархи ФОБ) бо назардошти ислоҳҳо, тасниф ва арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, дар соли 2010 ба 1 980,8 млн. долл. ИМА (45,7 фоиз нисбат ба ММД) баробар шуд, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 ба 1,8 фоиз зиёд мебошад. Дар таркиби воридоти мол ба кишвар дар солҳои охир, мисли солҳои пешин воридоти гилхок (ашёи хом барои истеҳсоли алюминий), қувваи барқ, маҳсулоти нафт, гази табиӣ, маҳсулоти растанӣ бартарӣ дорад. Дар соли 2010 кам шудани воридоти маҳсулоти ғалладона бо номусоид омадани боду ҳаво дар кишварҳои асосии содиркунандаи ғалла, аз ҷумла Русия ва Қазоқистон вобаста буд, зеро ин кишварҳо содироти маҳсулоти ғалладонаро то охири сол манъ карда буданд.

Дар сохтори ҷуғрофии воридот вазни қиёсии бештар ба Русия (32,5 фоиз аз ҳаҷми умумии воридот), Қазоқистон (10,3 фоиз), Хитой (8,3 фоиз), Украина (6,0 фоиз), Эрон (4,9 фоиз) ва кишварҳои дигар (38 фоиз) рост меояд.

**Интиқоли пулӣ.** Ҳаҷми интиқолҳои пулии ба ҷумҳурӣ воридшуда ва аз ҷумҳурӣ хориҷшуда дар давоми солҳои 2006-2010 бо тағйирёбиҳои гуногун ҷамъбаст гардид. Ба ҳисоби миёнасолона дар ин давра ҳаҷми интиқолҳои ба ҷумҳурӣ воридшуда ба андозаи 51,4 фоиз ва ҳаҷми интиқолҳои пулии аз ҷумҳурӣ хориҷшуда ба андозаи 48,6 фоиз афзуд (Ҷадвали 24, сутуни 2).

Дар охири соли 2009 нисбат ба охири соли 2008 ҳаҷми интиқолҳои пулии ба кишвар воридшуда ба 31,3 фоиз ва интиқолҳои аз кишвар хориҷшуда ба 38,0 фоиз кам шуданд. (Ҷадвали 24, сутуни 4). Коҳишёбии ҳаҷми интиқолҳои пулӣ дар ин давра ба мушкилиҳои норасоии пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ, ноустувории молиявӣ, кам шудани талабот, паст гардидани даромаднокии аҳолӣ таъсири ҷиддӣ расонид. Яке аз сабабҳои ин камшавӣ буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ буд, ки ба сатҳи иқтисодиёти кишварҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ, хусусан ба кишвари Федератсияи Русия ва Қазоқистон таъсир расонид.

*Ҷадвали 24. Интиқолҳои пулии шаҳрвандон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба хориҷи кишвар, (бо млн. долл. ИМА)*

| Солҳо | Вуруд | Тағйирот | Хуруҷ | Тағйирот | Бақия | Тағйирот |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | (бо%) | | (бо%) | | (бо%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2006 | 1 127,7 | 69,0 | 561,2 | 55,7 | 566,5 | 86,6 |
| 2007 | 1 774,1 | 57,3 | 901,6 | 60,6 | 872,5 | 54,0 |
| 2008 | 2 670,5 | 50,5 | 967,6 | 7,3 | 1 702,9 | 95,2 |
| 2009 | 1 833,8 | -31,3 | 599,7 | -38,0 | 1 234,1 | -27,5 |
| 2010 | 2 362,9 | 28,8 | 1 023,8 | 70,7 | 1 339,1 | 8,5 |

Дар ин кишварҳо бо таъсири бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ дар ин давра бозистии сатҳи истеҳсолот, аз ҷумла корхонаҳои калони саноатӣ ва сохтмон сар зад, ки дар натиҷа муҳоҷирони меҳнатие, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин кишварҳо кор мекарданд, сари вақт музди меҳнат намегирифтанд ва як қисми дигари онҳо тамоман бекор монданд.

## *5.2. Татбиқи сиёсати пулӣ*

Татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон дар панҷ соли охир дар доираи қонунгузории бонкӣ, Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, баҳри муътадилии сатҳи нархҳо ва дар сатҳи барномавӣ нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои пулӣ равона гардид.

Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ асосан ба таъмини талаботи барномаҳо, консепсияҳо ва нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳкими бахши иқтисодию молиявӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ нигаронида шуда буданд.

Вобаста ба ин, рушди иқтисодиёти кишвар дар панҷ соли охир бо баланд гардидани суръати рушди истеҳсолот дар соҳаҳои гуногуни бахши воқеӣ ва мутаносибӣ байни истеҳсолот ва истеъмолот мушоҳида гардид.

Дар давоми солҳои 2006-2008 истеҳсолот ва пешниҳодоти молу маҳсулоти ватанӣ дар иқтисодиёти кишвар нисбатан муътадил буда, рушди иқтисодиёт бештар аз ҳисоби вусъатёбии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ ба вуқӯъ пайваст. Баъдтар бухрони молиявию иқтисодӣ бо паст гардидани суръати рушди иқтисодиёт, номутавозунии байни содирот ва воридоти молу маҳсулот, коҳиш ёфтани ҳаҷми интиқолҳои пулӣ, кам шудани

сармоягузориҳои хориҷӣ ва мушкилиҳои пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ифода гардид.

Дар соли 2010 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар аз раванди барқароршавии рушди иқтисодиёт дар давраи баъдибуҳронӣ шаҳодат медиҳад, ки он дар рушди воқеии истеҳсолот, афзоиши содирот ва устуворӣ дар бозорҳои молиявии кишвар ба назар расид.

Тайи солҳои қаблӣ сиёсати пайгиронаи пулию қарзии кишвар баҳри муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум равона шуда буд.

Дар шароити буҳрони молиявии ҷаҳонӣ коҳишёбии талаботи дохилӣ ва то андозае пастравии нархи маҳсулоти воридшаванда ба бозори истеъмолии дохилӣ мусоидат намуда, ба коҳиш ёфтани сатҳи таваррум дар кишвар оварда расонд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва вобаста ба тағйирёбии вазъи макроиқтисодӣ дар кишвар татбиқи сиёсати мутавозини пулию қарзиро самаранок ба роҳ монда, дар таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гашт.

Вобаста ба ин, меъёри бозтамвил давра ба давра аз 16,0 то 8,25 фоизи солона паст гардида, барои маблағгузории иқтисодиёт аз ҷониби бонкҳои ватанӣ шароит фароҳам оварда шуд. Инчунин, дар солҳои қаблӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон меъёри захираҳои ҳатмӣ ба андозаи 2 банди фоизӣ паст карда шуда, аз рӯйи амонатҳо бо пули миллӣ 7,0 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9,0 фоиз муқаррар гардид, ки бевосита барои таъмини пардохтпазирии бонкҳои ватанӣ мусоидат намуд.

Ҳамзамон, дар ин давра Бонки миллии Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ба бонкҳои ватанӣ, ки ба мушкилии пардохтпазирӣ дучор шуда буданд, давра ба давра қарзҳои кӯтоҳмуддат пешниҳод намуд. Дар натиҷа ин амал барои нигоҳ доштани ҳолати устувории низоми бонкӣ дар кишвар таъсири мусбат расонд.

Дар баробари барориши вомҳо, Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2009 то имрӯз ба воситаи гузаронидани музоядаҳо ҷойгир кардани Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳамчун фишанг дар бозори озод ҷиҳати ҷалби маблағҳои дохилӣ ва ташаккули бахши молиявӣ хизмат мекунанд, идома медиҳад.

Дар натиҷаи саривақт анҷом додани амалиёт бо истифода аз фишангҳои пулию қарзӣ, ҳаҷми пулҳои захиравӣ, ки яке аз нишондиҳандаи асосии барномавӣ ба ҳисоб меравад, дар интиҳои соли 2010-ум 2993,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2006-ум 3,6 маротиба афзуд. Ин нишондиҳанда аз таҳкими устувории бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ дарак медиҳад.

Тайи солҳои охир нишондиҳандаҳои асосии пулӣ, ки тибқи барномаи пулию қарзии Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) ва Ёддоштҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати моливию иқтисодӣ амалӣ мегарданд, алалхусус захираҳои софи байналмилалӣ, дороиҳои софи хориҷӣ, дороиҳои умумии хориҷӣ ва дороиҳои софи дохилӣ мунтазам афзоиш ёфтанд.

Дар ин раванд ҳаҷми пули миллӣ давра ба давра афзоиш ёфта, ба ҳолати охири соли 2010-ум 3 214,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2006-ум 3,0 маротиба зиёд аст. Ин тағйирёбӣ бештар аз ҳисоби 2,4 маротиба афзоиш ёфтани пулҳои нақди берун аз бонкҳо ба даст омад.

*Диаграммаи 2. Тағйирёбии ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар давраи солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*




Вобаста ба афзоиши ҳаҷми пули миллӣ ва ба андозаи 2,2 маротиба зиёд шудани амонатҳо бо асъори хориҷӣ, нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул низ дар давоми панҷ соли охир 2,7 маротиба афзуд ва дар интиҳои соли 2010-ум 4 458,3 млн. сомониро ташкил дод.

Сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул дар соли 2010 ба 20,5 фоиз расид, ки нисбат ба соли 2006 6,1 банди фоизӣ афзоиш ёфт. Ин

нишондиҳанда сол то сол аз беҳтар гардидани вазъи иқтисодиёти кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Дар давоми панҷ соли охир баҳри иҷрои тавсияҳои Ёддошти ХБА аз рӯйи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории он, пеш аз ҳама, барои нигоҳ доштани сатҳи барномавии нишондиҳандаҳои пулӣ ва гузаронидани ислоҳот ҷиҳати беҳтар намудани шаффофияти фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, назорат бурда шуд. Бо ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ Барномаи баҳодиҳии бахши молиявӣ (FSAP) аз рӯйи масъалаҳои иҷрои Кодекси Хазинаи Байналмилалии Асъор оид ба идоракунии хавфҳои бонкӣ, баҳодиҳии бонкҳо, самаранокии назорати бонкӣ ва иҷрои принсипҳои асосии Базел, рушд ва танзими соҳаи суғурта татбиқ гардид.

*Ҷадвали 25. Бақияи унсурҳои пулӣ дар давраи солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*

| | Нишондиҳандаҳои пулӣ | с. 2006 | с. 2007 | с. 2008 | с. 2009 | с. 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **М0** | **Пули нақди берун аз бонкҳо** | **821,3** | **1025,2** | **1403,0** | **1770,8** | **2004,6** |
| **М1=М0+1** | | **985,9** | **1326,5** | **1705,0** | **2191,8** | **2525,3** |
| 1 | Пасандозҳои дархостшаванда | *164,6* | *301,3* | *302,0* | *421,0* | *520,7* |
| **М2=М1+2** | | **1059,1** | **1481,6** | **1974,1** | **2527,4** | **2971,7** |
| 2 | Пасандозҳои муҳлатдор | *73,2* | *155,1* | *269,1* | *335,6* | *446,5* |
| **М3** | **Ҳаҷми пули миллӣ** | **1059,1** | **1481,6** | **1974,1** | **2527,4** | **2971,7** |
| 3 | Коғазҳои қиматнок ба ғайр аз саҳмияҳо | | | | | |
| **М4** | **Нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул** | **1896,4** | **3398,7** | **3266,2** | **3759,4** | **4458,3** |
| 4 | Пасандозҳо бо асъори хориҷӣ | *837,3* | *1917,1* | *1292,1* | *1232,0* | *2972,7* |

Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии бӯҳрони молиявӣ дар соли 2009, Консепсия ва самтҳои асосии фаъолияти баъдибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010 чораҳои мушаххас андешида, бевосита ба фаъолияти босуботи низоми бонкии кишвар ва сатҳи муътадили нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ мусоидат намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани барномаи "Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009", тамоми масъалаҳои марбут ба татбиқи сиёсати пулию қарзиро босамар иҷро кард.

Дар давоми панҷ соли охир дар раванди фаъолияти низоми бонкӣ ҷиҳати иҷрои бандҳои Паёмҳои Президенти кишвар, бахри иҷрои самтҳои асосии сиёсати пулии давлат, аз ҷумла васеъ намудани сохтори хизматрасониҳои бонкӣ, рушди ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ, таҳкими қонунгузорӣ ва рушди устувори низоми бонкӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шуд ва ин тадбирҳо бевосита дар нигоҳдории устувории нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар мусоидат намуданд.

### *5.3. Муомилоти пулӣ ва хазинадории Бонки миллии Тоҷикистон*

Таърихи пули миллии кишварамон аз 10 майи соли 1995 сарчашма мегирад. Маҳз ҳамин рӯз бори аввал Тоҷикистони соҳибистиқлол пули миллӣ - "рубли тоҷикӣ" ба муомилот баровард. "Рубли тоҷикӣ" нахустин пули миллии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ва ниҳоят баъди панҷ сол, яъне 30 октябри соли 2000-ум пули миллии "сомонӣ", ки ба ифтихори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон – Сомониён номгузорӣ шудааст, ба муомилот ворид карда шуд.

Пули миллӣ имрӯз дар муомилот мақому мартабаи баланд дошта, яке аз рамзи истиқлолияти кишвари тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад ва дар танзими иқтисодиёти кишвар ҳамчун фишанги боэътимод хизмат мерасонад. Пули миллии "сомонӣ" моҳияти баланди фарҳанги халқи тоҷикро дар худ таҷассум мекунад, ки дар рубли тоҷикӣ ин хусусият дида намешуд. Дар ҳарду тарафи пулҳои миллии сомонӣ аксҳои абармардони сиёсат ва илму фарҳанги миллатамон, ёдгориҳои қадимаи меъмории аҷдодӣ ва манзараҳои зебову нотакрори диёр ҷой дода шудаанд. Аз нигоҳи сиёсӣ ба муомилот баровардани пули миллӣ давлати моро чун кишвари дорои фарҳанги ғанӣ ва таърихи пурарзиш ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Дар айни замон сомонӣ яке аз пулҳои нисбатан устувор дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шумор меравад ва таваҷҷуҳи доираҳои молиявии давлатҳои ҳамсояро ба худ ҷалб намудааст. Инчунин тайи солҳои дар муомилот қарор доштанаш ба камтарин пастшавии қобилияти харидорӣ мувоҷеҳ гашта, дар қатори пулҳои устувори ҷаҳонӣ мавқеи худро мустаҳкам намуд. Пули миллӣ ба туфайли устуворӣ ва табдилпазирии хеш ба омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва накуаҳволии мардум табдил ёфтааст.

Моҳи ноябри соли 2004 аввалин тангаҳои хотиравии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шуданд: тангаҳои арзиши 5 сомонӣ ба ифтихори 10-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тангаҳои арзиши 3 сомонӣ ба муносибати 80-солагии пойтахти кишварамон, ш. Душанбе бахшида шудаанд. Ин тангаҳо дар ду шакл – аз нуқра ва маводи омехта (латун ва мелхиор) сикка зада шудаанд. Тангаҳое, ки аз маводи омехта сикказанӣ шудаанд, дар муомилоти пулии ҷумҳурӣ қарор доранд.

Соли 2006 дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон соли рӯйдодҳои муҳим ба шумор меравад ва ба ифтихори онҳо Бонки миллии Тоҷикистон чор намуд тангаҳои хотиравиро аз филизоти қиматбаҳо (тилло, нуқра) ва филизоти ранга (хӯлаи мису никел ва латун) ба муомилот баровард. Ин тангаҳо ба ифтихори XV солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб ва Соли Тамаддуни Ориёӣ (ду намуд танга) бахшида шудаанд. Тангаҳои аз филизоти қиматбаҳо сохташуда барои ҳадафҳои коллексионӣ ва тангаҳои аз филизоти ранга сохташуда дар баробари тангаҳои ҳамарзиши бароришии солҳои 2001, 2004 дар муомилот гардиш мекунанд. Ба ифтихори 800-солагии шоир ва мутафаккири бузурги тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ (соли 2007) Бонки миллии Тоҷикистон ду намуд тангаи хотиравиро аз филизоти қиматбаҳо (нуқра) ва филизоти ранга (хӯлаи мису никел ва руҳ) ба муомилот баровард. Тангаи аз филизоти қиматбахо (нуқра) сохташуда барои ҳадафҳои коллексионӣ ва тангаи аз филизоти ранга сохташуда, дар баробари тангаҳои ҳамарзиши бароришии солҳои 2001-2006 дар муомилоти пулӣ мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни 1150-солагии сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2008 аз филизи ранга (хӯлаи мису никел ва руҳ) ва аз филизоти

қиматбаҳо (нуқра) тангаҳои хотиравии арзишаш 5 сомониро ба муомилот баровард.

Дар ин муддат талаботи бозорро ба инобат гирифта зарурати дар баробари истифодаи пулҳои мавҷуда ба муомилот ворид намудани пулҳои коғазии сомонии арзишашон баланд ба миён омад. Гузашта аз ин, ҳал нагардидани ин масъала, қабл аз ҳама боиси ба таври зиёд истифода шудани пулҳои миллии арзишашон баланд ва асъори хориҷӣ мегардид, ки ин бешубҳа ба иқтисодиёти кишвар зарар меовард. Ҳамчунин, дар муомилот нигоҳ доштани миқдори зиёди пулҳои камарзиш ба зиёд шудани хароҷоти давлат барои чоп, ҳамлу нақл ва коркарди онҳо оварда мерасонид.

Бо мақсади ташкили самараноки муомилоти молию пулӣ ва кам кардани хороҷоти чоп, ҳамлу нақл ва коркарди он, инчунин пешгирии истифодаи васеи асъори хориҷӣ дар муомилоти пулии кишвар Бонки миллии Тоҷикистон пулҳои арзишашон 3, 200 ва 500 сомониро аз чоп бароварда, моҳи сентябри соли 2010 ба муомилот ворид намуд, ки ин далели мустаҳкам шудани сиёсати пулии давлат ба ҳисоб меравад. Қобили зикр аст, ки пулҳои номбурда дорои унсурҳои ҳозиразамони ҳимоявӣ мебошанд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки ба муомилоти пулӣ ворид шудани пулҳои коғазии 3, 200 ва 500 сомонӣ кори мардумро дар хариду фурӯши молу амвол ва доду гирифти дигар ашёи зарури зиндагӣ осон намуда, хароҷоти давлатро камтар кард.

Бонки миллии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани гардиши пули миллӣ як қатор корҳоро анҷом дода истодааст. Ҳаҷми пулҳои нақди дар муомилотбуда ҳама вақт аз тарафи кормандони низоми бонкӣ таҳлил карда мешавад ва ба талаботи сохторҳои гуногуни иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошад. Мақсади муомилоти пули нақд таъмини самаранокии муомилоти молӣ ва пардохтҳо ба шумор меравад. Таъмини талаботи муомилоти молӣ ба пул зарурати пайваста ба муомилот баровардану аз муомилот гирифтани пулро ба миён меорад. Механизми танзими эмиссиониву хазинавии ҳаҷми пули дар муомилот тартиби эмиссия ва аз муомилот гирифтани пули нақд ва тақсимоти онро дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ мувофиқи талаботи иқтисодиашон дар бар мегирад.

Пули нақд ба муомилот бо дарназардошти талаботи ташкилотҳои қарзӣ бароварда мешавад. Талабот бо пули нақд аз тарафи муштариёни ташкилотҳои қарзӣ ба амал меояд.

Барориши пул ба муомилот дар минтақаҳо мунтазам таҳлил гардида, аз рӯйи натиҷаҳои таҳлил фонди барориши дар шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти сохти пул таҳким дода мешавад.

Дар давоми панҷ соли охир (2006-2010) ба маблағи 3 515,8 млн. сомонӣ ба муомилоти пулии ҷумҳурӣ пули нақд бароварда шуд, ки аз он 3 499,5 млн. сомонӣ пулҳои коғазӣ ва 16,3 млн. сомониро тангаҳои филизӣ ташкил медиҳад. Аз муомилот бошад, дар ин давра маблағи 1 366,1 млн. сомонӣ пулҳои коғазии фарсуда ва 2,2 млн. сомонӣ тангаҳои филизӣ бозпас гирифта шуданд.

Дар муомилоти пулии ҷумҳурӣ пули нақд то охири соли 2010 маблағи 2 445,8 млн. сомонӣ, аз ҷумла 2 425,0 млн. сомонӣ пулҳои коғазӣ, ё 99,1 фоиз ва 20,8 млн сомонӣ тангаҳои филизӣ ё 0,9 фоизро аз ҳаҷми умумии пулҳои дар гардишбуда ташкил медиҳад (Ҷадвали 26). Бори нахустин солҳои 2005-2006 дар муомилоти пулии кишвар пулҳои фарсуда (дарида, ширешкардашуда, хаткашида ва ҳоказо) пайдо шудаанд, ки ин андешидани чорабиниҳои махсусро талаб мекард ва Бонки миллии Тоҷикистон чунин тадбирҳоро андешид. Ба ҳамаи ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ тавсия дод, ки пулҳои муносиби муомилот набударо аз шаҳрвандон ва ташкилоту идораҳое, ки ба онҳо хизмат мерасонанд, бе ягон мамонният қабул намуда, ба Хазинаи марказии Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он супоранд. Ин чорабинӣ дар амри аз муомилот бозпас гирифтани пулҳои корношояму фарсуда саҳми сазовор гузошт.

*Ҷадвали 26. Барориши пули нақди коғазӣ ва тангаҳои филизӣ ба муомилот дар давраи солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*

| | **Нишондиҳандаҳои пулӣ** | **с. 2006** | **с. 2007** | **с. 2008** | **с. 2009** | **с. 2010** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамагӣ: барориш | 484,3 | 629,8 | 743,7 | 825,6 | 832,4 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | -пулҳои коғазӣ | 478,8 | 626,4 | 740,4 | 823,8 | 830,1 |
| | -тангаҳои филизӣ | 5,5 | 3,4 | 3,3 | 1,8 | 2,3 |
| 2. | Ҳамагӣ: гирифта шуд | 244,8 | 376,0 | 362,1 | 385,4 | 439,1 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | - пулҳои коршоям | 75,5 | 129,8 | 51,3 | 75,0 | 107,5 |
| | - пулҳои фарсуда | 168,8 | 245,7 | 310,6 | 309,8 | 331,2 |
| | - тангаҳои филизӣ | 0,5 | 0,5 | 0,2 | 0,6 | 0,4 |

Дар давоми ин солҳо дар Хазинаи марказии Бонки миллии Тоҷикистон таҷҳизоти ҳозиразамон, аз ҷумла мошинаҳои

пулшумории баландсифат, дастгоҳҳои парпечкунӣ, бандубаст, детекторҳои мухталиф, заррабин, ду тарозуи сохти Швейтсария барои баркашидани филизоти қиматбаҳо, тамға ва клишеҳои замонавӣ мавриди истифода қарор доранд, ки фаъолияти ҳаррӯзаи хазинадории бонкро осон мегардонанд.

Бо мақсади таъмини амният, тозагӣ ва сифати баланди пулҳои коғазӣ ва тангаҳои дар муомилотбуда, ба Қоидаҳо «Оид ба тартиби муайян намудани коршоямии пулҳои коғазӣ ва тангаҳои Бонки миллии Тоҷикистон» моҳи июли соли 2008 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, моҳи ноябри соли 2010 бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуданд.

Ҳамзамон соли 2008 бо Қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дастурамалҳо «Дар бораи тартиби ҳамлу нақли дороиҳо дар муассисаҳои Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи корҳои эмиссионӣ дар муассисаҳои Бонки миллии Тоҷикистон» ва "Оид ба корҳои кассавӣ дар муассисаҳои низоми бонкӣ" дар таҳрири нав бо иловаю пешниҳодҳои ҷадид дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шудаанд ва то имрӯз мавриди амал қарор доранд.

Дар мавриди андешидани чораҳои таъмини амнияти бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастурамал "Дар бораи тартиби баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ, супурдан, истифода ва ҳамлу нақли яроқи ҷангии хизматӣ аз тарафи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул ва моҳи июни соли 2007 бо фармони Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон тасдиқ шуда, то кунун мавриди истифода мебошад.

Барои аз муомилот гирифтани пулҳои фарсуда Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ аз моҳи марти соли 2006 "Қоидаҳои нобуд сохтани пулҳои фарсудаи ботилшудаи Бонки миллии Тоҷикистон"-ро тасдиқ намуд.

## *5.4. Сиёсати асъор ва қурби пули миллӣ*

Солҳои 2006-2010 сиёсати асъории Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо барои ташаккули минбаъдаи бозори асъор равона гардид. Панҷ соли охир вазъи бозори дохилии асъор аз устувории нисбии қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дарак дод.

Бо мақсади пурзӯр намудани фаъолияти бозори асъор, нигоҳдории мувозинати талабот ва пешниҳодот дар бозори дохилии асъор ва сари вақт анҷом додани амалиёти асъорӣ, Бонки миллии Тоҷикистон низоми электронии хариду фурӯши асъори хориҷиро дар бозори байнибонкии асъор таҳия ва ҷорӣ намуд.

Фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2006-2010 бевосита барои иҷрои мақсаду вазифаҳои сиёсати асъорӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати пулию қарзии давлат, аз ҷумла таъмин ва нигоҳдории устувории қурб таввасути таъмини кори бонизому самараноки бозори дохилии асъор ва дар маҷмӯъ таъмини суботи нархҳо равона шуда буд.

Сиёсати қурбӣ дар давраи солҳои 2006-2010 ба реҷаи "шинокунандаи танзимшаванда" асос ёфта, тибқи он қурби асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ тавассути механизмҳои бозорӣ, бо таносуби "талабот" ва "пешниҳод"-и онҳо муқаррар карда мешуд.

Дар айни замон тибқи ин реҷа Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дошт дар ҳолатҳои аз эътидол берун тағйир ёфтани қурб бо роҳи анҷомдиҳии амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ дар бозори дохилии асъор суботи онро таъмин намояд.

Соли 2006 вазъи қурби сомонӣ зери таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ки таносуби қобили қабули пешниҳод ва талаботи асъори хориҷиро таъмин менамуданд, муътадил тағйир ёфта, мутаносибан 7,1 фоиз паст шуд.

Соли 2007 зери таъсири омилҳои мавсимӣ ва ба маротиб афзудани ҳаҷми интиқолҳо аз хориҷа, дар бозор ба қадри кифоя асъори хориҷӣ пешниҳод мешуд, ки ин ҳолат ба устувории қурби сомонӣ мусоидат намуд ва дар ин сол сомонӣ нисбат ба доллари ИМА танҳо ба андозаи 1,1 фоиз беқурб гардид.

Соли 2008 зери таъсири омилҳои мусоиди дохилӣ ва беруна бори дувум дар таърихи худ қурби расмии сомонӣ нисбати доллари ИМА ба андозаи 0,4 фоиз устувор гашт.

Соли 2009 барои тамоми иқтисоди ҷаҳон ва аксари асъорҳои миллӣ, аз ҷумла барои сомонӣ соли душвор буд. Бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ устувории низоми пулии мамлакатҳои алоҳида ва асъори байналхалқиро аз байн бурда, ба тағйирёбии аз эътидол беруни қурби онҳо сабаб шуд. Аз ин рӯ, дар нимсолаи аввали соли зикршуда қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 23,9 фоиз паст фаромад.

Зери таъсири чораҳои фаврии зиддибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи июли соли 2009 сар карда, раванди ба эътидол омадани тағйирёбии қурби сомонӣ шурӯъ шуд ва то охири сол беқурбшавии он ҳамагӣ 2,6 фоизро ташкил дод (Ҷадвали 27, сатри 3).

*Ҷадвали 27. Тағйирёбии миёнасолонаи қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ дар солҳои 2006-2010 (1$=сомонӣ)*

| Давра | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | Миёна дар давра (2006-2010) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Оғози давра | 3,1993 | 3,4265 | 3,4649 | 3,4556 | 4,3711 | 3,1993 |
| Анҷоми давра | 3,4265 | 3,4649 | 3,4519 | 4,3710 | 4,4031 | 4,4031 |
| Тағйирёбӣ (анҷоми дар муқоиса ба оғози давра), % | 7,1 | 1,1 | -0,4 | 26,5 | 0,7 | 37,6 |

Яке аз чораҳои амалӣ ва самарабахши аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар ин давра татбиқшуда, ин ташкили Низоми савдои электронӣ дар бозори байнибонкӣ мебошад, ки бастани аҳдҳо ва ҳисоббаробариҳоро ба маротиб осон кард.

Истифодаи ин механизм таъсири омилҳои мавсимиро ба таносуби талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ бартараф намуд.

Бо бартараф шудани оқибатҳои буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ манбаҳои асосии пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ барқарор гашта, тағйирёбии қурби сомонӣ ба эътидол омад.

Дар натиҷа, талаботи мавҷудаи дохилӣ ба асъори хориҷӣ сари вақт ва пурра қонеъ карда шуда, дар баробари ин вазифаи зиёд намудани захираҳои байналхалқии Бонки миллии Тоҷикистон низ иҷро гардид.

Бо назардошти мақоми махсуси бозори нақди асъори хориҷӣ дар бозори дохилии асъор, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамарӯза онро таҳқиқ ва назорату танзим менамуд.

Барои бартараф намудани тағйирёбиҳои кӯтоҳмуддати аз эътидол беруни қурби асъори нақд Бонки миллии Тоҷикистон аз механизми дахолати бевоситаи асъорӣ дар бозори асъор (фурӯши асъори нақд) истифода менамуд.

Ба ин васила ва бо истифода аз дигар усулҳо, бахусус анҷомдиҳии амалиёти асъории банкнотӣ бо ташкилотҳои қарзӣ

устувории бозори нақдӣ ва қурби қарордодҳои хариду фурӯши он низ таъмин карда мешуд.

Дар таъмини суботи бозори нақдии асъор ва маҳдуд кардани бозори ғайрирасмӣ ташкили нуқтаҳои мубодилаи асъори шахсони воқеӣ мақоми махсус дошт. Дар интиҳои соли 2010 дар ҷумҳурӣ 358 адад нуқтаҳои мубодилаи асъори шахсони воқеӣ ба қайд гирифта шуд (Диаграммаи 4).

*Диаграммаи 4. Маълумот оид ба шумораи нуқтаҳои мубодилаи асъор дар солҳои 2006-2010 (адад)*




## *5.5. Амалиёт дар бозори озод*

Ташкили бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, корпоративӣ ва инфрасохтори дахлдор яке аз шартҳои асосии гузариш ба иқтисоди бозорӣ мебошад, ки ба табақаҳои васеи аҳолӣ барои иштирок дар ба даст овардани моликият имконият фароҳам оварда, ба ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, истифодаи коғазҳои қиматнок ба сифати гарави гирифтани қарз ва такмили фишангҳои танзими муомилоти пулӣ мусоидат хоҳад кард.

Аз ҳисоби барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ зиёд шудани қарзи давлатии дохилӣ, тадриҷан вобастагии иқтисодиётро аз маблағгузории хориҷӣ кам намуда, бо ин роҳ хавфнокии асъори хориҷиро, ки ба қарзи давлатӣ алоқаманд аст, паст карда, имконияти ҷалб намудани қарзҳои бахши хусусиро таъмин менамояд ва ҳамин тариқ, таносуби умумии қарзи давлатӣ ва Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ зери назорат гирифта мешавад.

Ҳамзамон, барориши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун фишанги самараноки татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ба

таъмини пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ таъсири мусбат расонид. Дар давоми 25 соли истиқлолияти худ низоми бонкии кишвар истифодаи ин амалиётро ба таври васеъ анҷом дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ба рушди устувори иқтисодӣ саҳми бузург гузошта, хавфнокӣ ва вобастагии иқтисодиётро аз маблағгузории расмии хориҷӣ кам менамояд.

Амалиёт дар бозори озод барои ба даст овардани мақсадҳои сиёсати пуливу қарзӣ, бахусус нигоҳдории таваррум ва таъмини рушди иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар давоми панҷ соли охир амалиёт дар бозори коғазҳои қиматнок мунтазам гузаронида мешуд. Дар ин давра аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон 298 музоядаи коғазҳои қиматнок гузаронида шуд. Фоизи даромаднокии миёнавазни солонаи вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2006 ба 7,27 фоиз ва дар соли 2010 ба 6,5 фоиз баробар шуд. Ҳаҷми умумии фурӯши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи мазкур маблағи 760,2 млн. сомониро ташкил дод (Ҷадвали 28). Барориши вомҳо дар ин давра бо мӯҳлати 14, 28 ва 56 рӯза ба роҳ монда шуда буд.

Иштирокдорони асосии ин музоядаҳо асосан бонкҳои ҷумҳурӣ ва дигар ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла, БДА ҶТ "Амонатбонк", Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ, ҶСП Аввалин бонки молиявии хурд, филиали бонки "Тиҷорат"-и Ҷумҳурии Исломии Эрон, ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСП "Казкоммертсбонки Тоҷикистон" ва ҶСК "Аксесбонк" ба ҳисоб мераванд.

*Ҷадвали 28. Фурӯши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010*

| *Солҳо* | *Шумораи музоядаҳои баргузоргардида* | *Ҳаҷми фурӯш (млн.сом.)* | *Даромаднокии миёнавазни солона (%)* |
|---|---|---|---|
| 2006 | 93 | 121,5 | 7,27 |
| 2007 | 64 | 70,4 | 7,49 |
| 2008 | 63 | 239,0 | 12,3 |
| 2009 | 41 | 170,0 | 6,49 |
| 2010 | 37(46) | 159,3 | 6,51 |

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2009 барориши векселҳои давлатии хазинадории Ҷумҳурии

Тоҷикистонро аз нав ба роҳ монд. Ҳаҷми умумии барориш 10 млн сомониро ташкил дода, фоизи даромаднокии он ба 7,0 фоизи солона баробар шуд.

Дар соли 2010 бошад, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барориши векселҳои давлатии хазинадориро идома дод, ки мувофиқи он Бонки миллии Тоҷикистон дар ин давра 11 музояда гузаронида, ба маблағи 52,7 млн. сомонӣ векселҳои давлатии хазинадориро ба фурӯш баровард. Фоизи даромаднокии миёнавазни солонаи онҳо ба 6,8 фоизи солона баробар шуд. Муҳлати барориши ин коғазҳо 91 рӯзро дар бар гирифт (Ҷадвали 29).

Рақамҳои мушаххаси фурӯши коғазҳои қиматнокро барои солҳои 2006-2010 дар ҷадвали зерин мушоҳида карда метавонед:

*Ҷадвали 29. Фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар давраи соли 2006-2010*

| ***Солҳо*** | ***Шумораи музоядаҳои баргузоргардида*** | ***Ҳаҷми фурӯш (млн.сом.)*** | ***Даромаднокии миёнавазни солона ( %)*** |
|---|---|---|---|
| *2009* | *1* | *10* | *7* |
| *2010* | *11* | *52,7* | *6,76* |

Меъёри захираҳои ҳатмӣ яке аз фишангҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ба шумор меравад. Ин фишанг аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои танзими ҳаҷми пули дар муомилотбуда дар доираи нақшаи пешбинишуда, танзими пардохтпазирии бонкҳо ва паст намудани сатҳи таваррум истифода бурда мешавад.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва идома додани ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи бонкӣ соли 2006 меъёри захираҳои ҳатмӣ аз 15 то 12 фоиз кам карда шуд.

Бо вуҷуди пастшавии меъёри захираҳои ҳатмӣ, динамикаи захираҳои ҳатмӣ тамоюли афзуншавӣ дошт. Маблағи умумии захираҳои ҳатмӣ охири соли 2006 маблағи 79,5 млн. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2005 ба андозаи 2,0 млн. сомонӣ ё 2,6 фоиз зёд мебошад.

Маротибаи дуюм моҳи сентябри соли 2007 бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон меъёри захираҳои ҳатмӣ аз рӯи амонатҳои дархостии ғайрирезидентҳо – 6 фоиз ва аз рӯи навъҳои боқимондаи амонатҳои резидентҳо -12 фоиз (ҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ) муқаррар гардид. Танзими андозаи захираҳои ҳатмӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳар моҳ

амалӣ мегардид, ки дар натиҷа ҳаҷми онҳо хеле афзоиш ёфт. Охири соли 2007 ҳаҷми онҳо ба 140,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба охири соли 2006 ба андозаи 76,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Афзудани маблағи захираҳои ҳатмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми амонатҳои ҷалбшуда ба бонкҳои ҷумҳурӣ низ дар ин давра зиёд шудааст.

Маротибаи сеюм моҳи апрели соли 2008 бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ин меъёр барои амонатҳо бо пули миллӣ - 9 фоиз ва амонатҳо бо асъори хориҷӣ - 11 фоизи солона муқаррар карда шуд. Бо вуҷуди аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон кам карда шудани ин меъёр, ҳаҷми ин захираҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон аз ҳисоби афзоиши амонатҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ зиёд гардид. Охири соли 2008 ин маблағ 160,1 млн. сомониро ташкил дод, аз он 89,5 млн. сомонӣ бо пули миллӣ ва 70,5 млн. сомонӣ бо асъори хориҷӣ буда, нисбат ба охири соли 2007 14,3 фоиз зиёд мебошад.

Маротибаи чорум моҳи апрели соли 2009 бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон меъёри захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ 7 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9 фоиз муқаррар гардид (Ҷадвали 30). Маблағи умумии захираҳои ҳатмӣ дар охири соли 2009 ба 181,4 млн. сомонӣ баробар шуд, ки аз он 93,4 млн. сомониро пули миллӣ ва 88,0 млн. сомониро асъори хориҷӣ ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо соли 2008 ба андозаи 21,3 млн. сомонӣ афзуд. Зиёд шудани андозаи захираҳои ҳатмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми амонатҳои ҷалбшуда ба бонкҳои ҷумҳурӣ дар ин давра афзоиш ёфт.

*Ҷадвали 30. Меъёри захираҳои ҳатмӣ (бо фоиз)*

| Нишондиҳанда | | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2006** | **2007** | **2008** | **2009** | **2010** |
| 1. | Бо пули миллӣ | 12,0 | 12,0 | 9,0 | 7,0 | 7,0 |
| 2. | Бо асъори хориҷӣ | 12,0 | 12,0 | 11,0 | 9,0 | 9,0 |

Дар давоми соли 2009 Бонки миллии Тоҷикистон масъалаи аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ сари вақт ва пурра ба амонат гузоштани захираҳои ҳатмиро назорат намуд. Аксари ташкилотҳои қарзӣ асосан захираҳои ҳатмиро дар Бонки миллии Тоҷикистон сари вақт ва дар ҳаҷми пурра ба амонат гузоштанд. Ҳаҷми захираҳои ҳатмӣ

дар ин давра 181,4 млн. сомониро ташкил намуд, ки аз он 93,4 млн. сомонӣ бо пули миллӣ ва 88,0 млн. сомонӣ бо асъори хориҷӣ мебошад. Яъне, дар муқоиса бо соли гузашта ҳаҷми захираҳои ҳатмӣ ба андозаи 53,4 млн. сомонӣ афзудааст.

Ҳаҷми умумии захираҳои ҳатмӣ охири соли 2010 маблағи 234,8 млн. сомониро ташкил дод, ки аз он 127,6 млн. сомонӣ бо пули миллӣ ва 107,2 млн. сомонӣ бо асъори хориҷӣ мебошад. Зиёд шудани ҳаҷми захираҳои ҳатмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки теъдоди амонатҳои ҷалбшуда ба бонкҳои ҷумҳурӣ афзоиш меёбад (Ҷадвали 31). Танзими захираҳои ҳатмӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳар моҳ амалӣ мегардад ва дар соли 2010 аз болои 45 ташкилоти қарзӣ дар мавриди сари вақт анҷом додани амалиёт аз рӯи захираҳои ҳатмӣ назорат бурда шуд.

**Муносибати Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалиёт дар бозори озод.** Бо мақсади беҳтар намудани ҳисоббаробариҳои тарафайн, тибқи “Созишнома оид ба танзими уҳдадориҳои тарафайни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон”, “Тартиби ҳисоббаробариҳои молиявии байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳар семоҳа ҳисоббаробариҳо ба анҷом расонида мешаванд.

*Ҷадвали 31. Маблағи захираҳои ҳатмӣ дар солҳои 2006 – 2010 (млн. сомонӣ)*

| | **Нишондиҳанда** | **Солҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2006** | **2007** | **2008** | **2009** | **2010** |
| 1. | Маблағи умумии захираҳои ҳатмӣ | 79,5 | 140,0 | 160,1 | 181,4 | 234,8 |
| | аз ҷумла: бо пули миллӣ | 49,1 | 73,1 | 89,5 | 93,4 | 127,6 |
| | бо асъори хориҷӣ | 30,4 | 66,9 | 70,5 | 88,0 | 107,2 |

Аз рӯи ин амалиёт Бонки миллии Тоҷикистон уҳдадор карда шудааст, ки аз рӯйи амонатҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фоизи муайян пардохт намояд ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор карда шудааст, ки аз рӯйи қарзҳои аз Бонки миллии Тоҷикистон гирифташуда мувофиқи фоизи бозории қарз фоиз пардохт намояд.

**Сиёсати қарзӣ дар бозори озод.** Воситаҳои қарзӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ яке аз сарчашмаҳои асосии рушди

соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Сиёсати қарзии низоми бонкии ҷумҳурӣ барои инкишофи соҳаҳои муҳими иқтисодиёт, соҳаҳои афзалиятноки он, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва зиёдшавии Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) равона гардид.

Бо мақсади дастгирии ташкилотҳои қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми панҷ соли охир пешниҳоди маблағҳои қарзиро ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар ба воситаи ташкилотҳои қарзӣ идома дод. Маълумоти оморию бонкӣ доир ба қарзҳои ҷудонамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар бо воситаи низоми бонкӣ дар Ҷадвали 32 оварда мешавад.

**Бозгашти қарзҳо.** Дар соли 2006 баргардонидани қарз аз ҷониби бонкҳо маблағи 42,7 млн. сомонӣ, дигар соҳаҳои иқтисодиёт бошад, маблағи 6,2 млн. сомониро ташкил намуд. Вале пардохти фоизҳои онҳо ҳамагӣ 2,2 млн. сомониро ташкил дод, аз ҷумла пардохти фоизи бонкҳо 1,7 млн. сомонӣ. Дар соли 2007 бошад, ҳамагӣ аз қарзҳои умумии додашуда маблағи 82,2 млн. сомонӣ бозпас гардонида шуд, ки 8,9 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳоро ташкил медиҳад. Баргардонии фоизи қарзҳо ба 2,3 млн. сомонӣ баробар аст, аз ҷумла фоизҳои қарзи бонкҳои тиҷоратӣ маблағи 1,9 млн.сомонӣ. Қайд кардан зарур аст, ки дар солҳои 2006 ва 2007 қарзҳо ба бонкҳо ба муҳлати зиёда аз як сол дода шуда, саривақт баргардонда намешуданд, ки ин ба фаъолияти молиявии Бонки миллии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонд. Қисми зиёди қарзҳо бо воситаи ҶСП ТМҒ "Кредит-Инвест" дода шуда буданд.

*Ҷадвали 32. Қарзҳои ҷудонамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2006 -2010 (млн. сомонӣ)*

| Номгӯи муштариён | | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1. | Ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) | 50,20 | 911,93 | 83,87 | 157,15 | 629,60 |
| 2. | аз ҷумла:<br>барои пардохтпазирӣ | 0,00 | 0,00 | 0,00 | 157,15 | 629,60 |
| 3. | иқтисодиёт | 16,94 | 11,48 | 2,22 | 0,44 | 2,16 |
| | Ҳамагӣ | 67,14 | 923,42 | 86,09 | 157,59 | 631,76 |

Соли 2008 додани қарзҳо аз ҷониби ҶСП "Кредит-Инвест" тибқи санадҳои дахлдор қатъ гардид ва Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати қарздиҳии худро такмил дод ва назорати баргардонидани

қарзҳоро фаъол намуда, аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ самаранок истифода бурд.

Соли 2008 ва солҳои минбаъда тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи бонкӣ ворид карда шуданд, ки дар натиҷа фаъолияти қарздиҳӣ ба ташкилотҳои қарзӣ ва баргардонидани қарзҳо беҳтару хубтар гардид.

Воқеан, қарздиҳӣ танҳо аз соли 2008 ба ташкилотҳои қарзӣ тибқи санадҳои дахлдор шурӯъ карда шуд. Дар ин давра ба ташкилотҳои қарзӣ 83,9 млн. сомонӣ қарз ҷудо гардид, ки аз ин маблағ 68,8 млн. сомонӣ, ё ки 82 фоизи қарзҳои додашуда аз ҷониби бонкҳо баргардонида шуданд. Фоизҳои қарзҳои додашудаи бонкҳо бошад, 1,9 млн. сомониро ташкил намуд. Қарзҳои ба иқтисодиёт додашуда ба 2.2 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки дар ин давра маблағи 5,1 млн. сомонӣ пардохт гардид, аз ҷумла 2,9 млн. сомонӣ аз ҳисоби қарзҳои солҳои пешин пардохт шудааст.

Соли 2009 бо назардошти дастгирии ташкилотҳои қарзӣ ва паст кардани шиддати бухрони молиявии ҷаҳонӣ Бонки миллии Тоҷикистон додани қарзҳоро барои пардохтпазирӣ идома дод. Қайд кардан зарур аст, ки дар ин давра санадҳои зарурӣ қабул карда шуданд ва тибқи онҳо Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ танҳо ба мухлати то 3 моҳ барои таъмини пардохтпазирӣ қарз пешниҳод мекард.

Тибқи маълумоти бонкӣ дар соли 2009 ба ташкилотҳои қарзӣ маблағи 157,2 млн. сомонӣ қарз барои таъмини пардохтпазирӣ дода шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,9 маротиба зиёд мебошад. Пардохти қарзҳо бошад, маблағи 147,3 млн. сомониро ташкил кард, яъне 93,7 фоизи қарзҳои умумии додашудаи бонкҳо саривақт пардохт карда шуданд. Пардохти фоизи қарзҳои бонкҳо, маблағи 8,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбати соли гузашта 2,5 баробар зиёд мебошад.

Ва ниҳоят, соли 2010 қарздиҳӣ ба ташкилотҳои қарзӣ тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ гардид. Дар ин давра ба ташкилотҳои қарзӣ 631,8 млн.сомонӣ қарз ҷудо карда шуд. Асосан қарзҳо барои дар шароити бухрони молиявӣ дастгирӣ намудани низоми бонкӣ 629,6 млн. сомонӣ ва 2,2 млн. сомонӣ ба иқтисодиёт пешниҳод шудаанд. Шумораи қарзҳо барои пардохтпазирӣ бошад 62 ададро ташкил дод. Қарзҳои додашуда нисбат ба соли гузашта ба маблағи 474,2 млн.сомонӣ ё 4,0 маротиба зиёд мебошанд. Пардохти

қарзҳо дар маҷмӯъ дар ин давра 502,3 млн.сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли гузашта 344,5 млн.сомонӣ ё 3,2 маротиб зиёд мебошад.

Тибқи тартиб қарзҳо ба мухлати аз 1 то 3 моҳ ҷудо шуда, барои таъминнокии онҳо амволи ғайриманқул ва векселҳои одӣ пешниҳод шуданд.

Соли 2010 бонкҳо дар ҳаҷми 490,2 млн. сомонӣ қарз пардохт намуданд, ки ин 99,1 фоизи қисми маблағҳои пардохташударо ташкил мекунад. Дар ин давра қарзҳои ба иқтисодиёт додашуда маблағи 4,4 млн. сомонӣ пардохт шуданд.

*Қарзҳои мушкилситон*. Дар ин давра корҳои зарурӣ оид ба пардохти қарзҳои мушкилситон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои ҷумҳурӣ идома дода шуданд.

Аз соли 2006 то соли 2010 аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳои мушкилситон бо пули миллӣ ба маблағи 11,3 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ ба маблағи 9,56 млн. доллари ИМА баргардонида шудаанд.

Дар давраи мазкур қарзҳои мушкилситони Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ба маблағи 12,24 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 0,44 млн. доллари ИМА пардохт шудааст (Ҷадвали 33).

Барои пурсамар гардонидани кор бо қарзҳои мушкилситон кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ба минтақаҳои ҷумҳурӣ сафарҳои хизматӣ намуда, бо роҳбарони якчанд корхонаҳо ва хоҷагиҳои қарздор вохӯрӣ гузаронида, доир ба пардохти қарз корҳои муайянеро ба анҷом расониданд. Натиҷаи ҳамин буд, ки зиёда аз 62 хоҷагиҳои қарздор ба пуррагӣ қарзро пардохт карданд.

*Ҷадвали 33. Ҳаҷми қарзҳои мушкилситон дар солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*

| Номгӯи муштариён | | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
| 1. | Бо пули миллӣ | 3,8 | 3,5 | 3,5 | 0,95 | 2,4 |

Оид ба баргардонидани қарзҳои мушкилситон ҳамкориҳо бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармони муштараки тарафайн аз соли 2003 ба роҳ монда шудааст. Мутобиқи он парвандаи 75 муштарӣ барои андешидани чораҳои дахлдор оид ба баргардонидани қарзҳо ба мақомоти прокуратура супорида шуд.

Аз моҳи сентябри соли 2006 мутобиқи санадҳои расмии байни Бонки Рушди Хитой ва Бонки миллии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ то имрӯз 35 млн. доллари ИМА қарз дода шудааст. Аз ин қарзҳо зиёда аз 4,9 ҳазор хоҷагиҳо истифода бурда истодаанд. Қарзи номбурда ба минтақаҳои дурдаст ва ноҳияҳои кӯҳӣ ҷудо карда шудааст, ки асосан ба соҳаҳои хоҷагии қишлоқ: занбӯрпарварӣ, чорводорӣ, боғдорӣ, токпарварӣ, моҳипарварӣ, парвариши сабзавот дар гармхонаҳо, картошкапарварӣ, хариди нуриҳои маъданӣ, маводи сӯхту равғанкорӣ ва ғалладона равона гардидааст. Аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ маблағи 15,4 млн. сомонӣ қарзи асосӣ ва 10,2 млн. сомонӣ фоизи қарз бо пули миллӣ ва 0,4млн. доллари ИМА бо асъори хориҷӣ пардохт шудааст.

Мутобиқи санади меъёрии "Оид ба тартиби ташкил ва истифодаи захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ (потенсиалӣ) ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон" ва бо мақсади нигоҳ доштани устуворӣ ва фаъолияти мӯътадили низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ аз моҳи феврали соли 2005 Бонки миллии Тоҷикистон давра ба давра фонди талафоти имконпазирро ташкил намуд. Дар таърихи 31 декабри соли 2010 фонди талафоти имконпазир 2 074,77 млн. сомонӣ ва 2,31 млн. доллари ИМА-ро ташкил дод.

Мутобиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи майи соли 2009, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи июли соли 2009 "Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қарзҳои сармоягузорон ба маблағи 154 млн. доллари ИМА, ки тавассути ҶСП ТМҒ "Кредит-Инвест" барои коркард ва содироти маҳсулоти пахта маблағгузорӣ шуда буданд, ба тавозуни Бонки миллии Тоҷикистон қабул карда шуданд. То 31 декабри соли 2010 аз тарафи сармоягузорон 6,2 ҳаз. доллари ИМА қарзи асосӣ ва 5,03 ҳаз. доллари ИМА фоизи он пардохт карда шуд.

Инчунин, барои иҷрои қарори мазкур, аз ҳисоб баровардани қарз, фоиз ва ҷарима бо назардошти риояи тартиби додани тасдиқномаҳои ҳуқуқӣ ба хоҷагиҳои кишоварзии пахтакор, ба субъектҳои хоҷагидорӣ 6893 адад тасдиқнома ба маблағи 418,5 млн.

доллари ИМА ва 21,6 млн. сомонӣ қарзҳои тасдиқшуда ба воситаи сармоягузорон тақсим гардид.

## *5.6. Вусъати минбаъдаи низоми бонкӣ*

Дар солҳои 2006-2010 фаъолияти низоми бонкии кишвар ба таъмини рақобатнокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, боло бурдани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва сармояи хориҷӣ, маблағгузории бахши воқеии иқтисодиёт ва устувории вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ равона гардид. Дар ин раванд шумораи ташкилотҳои қарзӣ ва шуъбаҳои онҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ зиёд гардида, ба васеъ гардидани доираи хизматрасониҳои бонкӣ ва инкишофи муътадили низоми бонкӣ мусоидат намуд.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба охири соли 2010-ум дар маҷмӯъ 138 адад ташкилоти қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз ҷумла 14 адад бонк, 2 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 35 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 42 адад ташкилоти қарзии хурд ва 44 адад фондҳои қарзии хурд фаъолият менамуд.

Дар солҳои 2006-2010 шумораи бонкҳо 4 адад аз ҳисоби таъсиси ҶСП "Кафолатбонк", ҶСП "Фононбонк", ҶСП "Казкоммертсбонк Тоҷикистон", ҶСП "Аксесбонк Тоҷикистон" зиёд гардид. Филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ бошад ба миқдори 43 адад зиёд шуданд (Ҷадвали 34). Зиёдшавии ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо ба зиёд шудани дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ мусоидат намуд

Дар тӯли 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми бонкии кишвар ба ғайр аз бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзию молиявӣ боз як қатор ташкилотҳои аудиторие, ки ҳуқуқи гузаронидани аудити ташкилотҳои қарзиро доранд, ташкил карда шуданд. Шумораи ин гуна ташкилотҳо дар солҳои 2006-2010 5 адад зиёд шуда, дар маҷмӯъ ба 12 адад расид.

Дар ин давра 3 намояндагии бонкҳои хориҷӣ, намояндагиҳои ҶС "Траста Коммерсбанка" (Латвия), ҶСК "Росселхозбонк" (Русия) ва намояндагии Ҷамъияти саҳомии "Айзкрауклес банка" (Латвия) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуданд.

*Ҷадвали 34. Маълумот дар бораи ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ба охири сол)*

| Номгӯй | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | Тағйирот (+/-) (2010-2006) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Бонкҳо | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 4 |
| Филиалҳои (шуъбаҳои) онҳо | 211 | 218 | 235 | 237 | 254 | 43 |
| 2. Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ (ҶҚ) | 9 | 7 | 7 | 6 | 2 | -7 |
| 3. Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 56 | 71 | 93 | 117 | 122 | 66 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ (ТМҒ) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 0 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ) | 5 | 8 | 14 | 31 | 35 | 30 |
| Ташкилотҳои қарзии хурд | 20 | 24 | 37 | 42 | 42 | 22 |
| Фондҳои қарзии хурд (ФҚХ) | 30 | 38 | 41 | 43 | 44 | 14 |
| **Ҳамагӣ:** | **75** | **89** | **112** | **136** | **138** | **63** |

Сармояи оинномавии пардохтшудаи ташкилотҳои қарзӣ ба охири соли 2010-ум дар маҷмӯъ ба 788,1 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 584,6 млн сомонӣ ё 74,2 фоиз афзуд.

Бо мақсади татбиқи принсипҳои Базел оид ба самаранокии назорати бонкӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти назоратии кишварҳои дигар низ густариш ёфта, дар соли 2010 шартномаҳои ҳамкорӣ байни мақомоти назоратии Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Ҷумҳурии Исломии Эрон (моҳи июли соли 2010) ва Комиссияи танзими фаъолияти бонкии Ҷумҳурии Мардумии Чин (25 ноябри соли 2010) баста шуданд.

Бо мақсади бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намудани санади меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 2009 “Қоидаҳои гузаронидани санҷиши тахассусии номзадҳо ба вазифаи кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ)” тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 январи соли 2009, №560 ба қайд гирифта шуд.

Ҷиҳати андешидани тадбирҳои имдодӣ бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 2010, бинобар бо зарар фаъолият намудан дар соли 2009 ва кам шудани сармоя дар ҶСК “Соҳибкорбонк” маъмурияти муваққатӣ ҷорӣ карда шуда, тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи январи

соли 2011, фаъолияти маъмурияти муваққатӣ дар ин бонк анҷомёфта ҳисобида шуд.

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ ва хизматрасонии молиявӣ дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ "Тартиби таъсиси воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) ва филиалҳои онҳо"-ро қабул намуд ва он дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 январи соли 2010 ба қайд гирифта шуда, дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" интишор гардид.

Тибқи тартиби мазкур, бонкҳо ва филиалҳои онҳо метавонанд берун аз маҳалли воқеъгардидаи худ марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва нуқтаҳои интиқоли пулро таъсис диҳанд.

Мутобиқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2010 "Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ)" ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсиси минтақавӣ, ки танҳо дар ҳудуди як вилоят ва ё ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Тавилдара, Тоҷикобод ва Ҷиргатоли Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, маблағи 10 млн. сомонӣ муқаррар карда шуд.

Айни замон ҳуҷҷатҳои таъсисии як бонки минтақавӣ (ҶСП "Деҳқонбонк") дар марҳилаи баррасӣ қарор доранд.

Қарори мазкур баҳри фароҳам овардани шароит ва дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ ва хизматрасонии молиявӣ, ҳамчунин таъмини талаботи рӯзафзуни шахсони ҳуқуқию воқеӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ қабул гардидааст.

**Таҳлили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2006-2011.** Охири соли 2010-ум дороиҳои бонкҳо ва ҷамъиятҳои қарздиҳӣ 6 241,1 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 4 559,0 млн. сомонӣ ё 3,7 маротиба зиёд шуданд (Ҷадвали 35). Ин афзоиш асосан аз ҳисоби зиёдшавии сандуқи қарзӣ, воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳо ба амал омад.

*Ҷадвали 35. Дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Дороиҳо | Уҳдадориҳо | Сармояи тавозунӣ |
|---|---|---|---|
| 2006 | 1 682,0 | 1 331,0 | 350,0 |
| 2007 | 3 574,9 | 2 984,6 | 590,3 |
| 2008 | 3 909,0 | 2 954,4 | 954,7 |
| 2009 | 4 956,4 | 3 868,2 | 1 088,2 |
| 2010 | 6 241,1 | 5 061,0 | 1 180,0 |
| Тағйирот дар с.2010 нисбат ба с.2006 (млн. сомонӣ) | 4 559,0 | 3 730,0 | 830,0 |
| Тағйирот дар с.2010 нисбат ба с.2006, (маротиба) | 3,7 мар. | 3,8 мар. | 3,4 мар. |

Дороиҳои пардохтпазир дар охири соли 2010 маблағи 1 622,8 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба охири соли 2006 142,4 фоиз зиёд шуданд. Қайд кардан бомаврид аст, ки суръати афзоиши дороиҳо нисбати суръати афзоиши дороиҳои пардохтпазир 128,7 фоиз бештар мебошад. Бинобар ин сабаб бонкҳо мушкилоти пардохтпазирии ҷории худро доранд.

*Диаграммаи 5. Тағйирёбии дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2006-2010*




Сандуқи қарзии бонкҳо ва ҷамъиятҳои қарздиҳӣ охири соли 2010 ба 2 895,6 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба охири соли 2006 маблағи 2 162,0 млн. сомонӣ ё 3,9 маротиба зиёд шудааст (Ҷадвали 36). Зиёдшави қарзҳо асосан аз ҳисоби афзудани бақияи қарзҳои додашудаи бонкҳои ҷумҳурӣ, хусусан ба соҳаи кишоварзӣ, тиҷорат ва соҳибкории хурду миёна ба амал омад.

*Ҷадвали 36. Таркиби дороиҳои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Дороиҳо ҳамагӣ | аз он ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Дороиҳои пардохтпазир | Сандуқи қарзӣ (холис) | Воситаҳои асосӣ | Дигар дороиҳо |
| 2006 | 1 682,0 | 669,5 | 733,5 | 156,6 | 122,4 |
| 2007 | 3 574,9 | 1 604,2 | 1 620,5 | 239,9 | 110,3 |
| 2008 | 3 909,0 | 1 024,5 | 2 336,0 | 443,5 | 105,0 |
| 2009 | 4 956,4 | 1 399,2 | 2 487,6 | 541,6 | 528,0 |
| 2010 | 6 241,1 | 1 622,8 | 2 895,6 | 715,5 | 1 007,2 |
| Тағйирот дар с. 2010 нисбат ба с. 2006 (млн. сомонӣ) | 4 559,0 | 953,0 | 2 162,0 | 559,0 | 885,0 |
| Тағйирот дар с. 2010 нисбат ба с. 2006 (маротиба) | 3,7 мар. | 2,4 мар. | 3,9 мар. | 4,6 мар. | 8,2 мар. |

Қарзҳои саривақт пардохтнашуда дар охири соли 2010 маблағи 191,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2006 167,0 млн. сомонӣ ё 7,9 маротиба зиёд шудаанд (Ҷадвали 37). Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби кам шудани сандуқи қарзии бонкҳои калон ба вуқӯъ пайваст.

Воситаҳои асосӣ дар охири соли 2010 маблағи 715,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2006 ба андозаи 559 млн. сомонӣ ё 4,6 маротиба зиёд гардидаанд. Зиёдшавии ин воситаҳо асосан аз ҳисоби афзоиши арзиши ибтидоӣ ба вуқӯъ пайваст (сохтмонҳои нав, таъмири биноҳо ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ дар бонкҳо).

Ҷадвали 37. *Тамоюли сандуқи қарзӣ ва қарзҳои саривақт пардохтнашуда дар солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Сандуқи қарзӣ (холис) | Қарзҳои саривақт пардохтнашуда |
|---|---|---|
| 2006 | 733,5 | 24,2 |
| 2007 | 1 620,5 | 54,6 |
| 2008 | 2 336,0 | 98,4 |
| 2009 | 2 487,6 | 211,5 |
| 2010 | 2 895,6 | 191,1 |
| Тағйирот дар с. 2010 нисбат ба с. 2006 (млн. сомонӣ) | 2 162,0 | 167,0 |
| Тағйирот дар с. 2010 нисбат ба с. 2006 (маротиба) | 3,9 мар. | 7,9 мар. |

Вазни қиёсии қарзҳои таснифшудаи сандуқи қарзӣ дар охири соли 2010 ба 17,2 фоиз баробар шуда, нисбат ба охири соли 2009 5,2 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар семоҳаи якуми соли 2010 то 28,9 фоиз зиёд шуда, дар семоҳаи сеюм то 19,7 фоиз аз ҳисоби таҷдиди қарзҳои бахши пахтакорӣ паст шуд.

Ҳарчанд қисми зиёди қарзҳои таснифшуда аз ҳисоб хориҷ карда шуда бошанд ҳам, вале 20,6 фоизи онҳо дар соҳаи тиҷорат ва 20,3 фоизи дигари ин қарзҳо дар соҳаи кишоварзӣ то ҳол ба гурӯҳи қарзҳои таснифшуда шомил мебошад. Нишондиҳандаи пасттарини қарзҳои таснифшуда 14,2 фоизи қарзҳои ба шахсони воқеӣ ва соҳибкории хурду миёна додашударо ташкил мекунад. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо охири соли 2009 ба андозаи 1 фоиз кам шуд.

Охири соли 2010 сандуқи коғазҳои қиматноки низоми бонкӣ ба 453,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки аз он 378,5 млн. сомониро қоғазҳои қиматноке, ки бонкҳо аз Вазорати молия бар ивази аз ҳисоб хориҷ намудани қарзҳои соҳаи пахтакорӣ гирифта буданд, ташкил медиҳад.

Таркиби уҳдадориҳои бонкҳоро бақияи маблағҳои буҷети мамлакат, ки ҳамчун амонат дар бонкҳо гузоштаанд, амонатҳои дархостшаванда, муҳлатдор, пасандозӣ ва дигар уҳдадориҳо ташкил мекунанд.

Пасандозҳои дархостшаванда охири соли 2010 дар таркиби уҳдадориҳои бонкҳо ба андозаи 380 млн. сомонӣ ё 50 фоиз афзуданд ва маблағи 1 141,0 млн. сомониро ташкил намуданд. Амонатҳои муҳлатнок бошанд, дар ин давра ба андозаи 1 418,0 млн. сомонӣ ё 5,2 маротиба зиёд шуданд. Ин омил аз як ҷониб ба даромаднокии низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонид, зеро хароҷоти фоизии бонкҳоро афзун намуд. Бақияи маблағҳои буҷетӣ охири соли 2010 маблағи 220,7 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба охири соли 2006 4,8 маротиба афзуд.

Уҳдадориҳои дигар дар таркиби уҳдадориҳои бонкҳо ва ҷамъиятҳои қарздиҳӣ дар давоми панҷ соли охир ба андозаи 1 580,0 млн. сомонӣ ё 8,1 маротиба зиёд шуданд (Ҷадвали 38).

*Ҷадвали 38. Таркиби уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ).*

| Нишондиҳандаҳо | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | Тағйирот дар с. 2010 нисбат ба с. 2006 |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | маблағ | маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ухдадориҳо, ҳамагӣ: | 1 331,0 | 2 984,6 | 2 954,4 | 3 868,2 | 5 061,0 | 3 730 | 3,8 мар. |
| *аз ҷумла:* амонатҳо (ҳамагӣ) | 1 071,6 | 2 322,8 | 1 773,0 | 2 472,0 | 3 038,6 | 1 967,0 | 2,8 мар. |
| дархостшаванда | 760,6 | 1 168,4 | 904,3 | 1 112,4 | 1 141,0 | 380,0 | 1,5 мар. |
| пасандозӣ | 39,6 | 96,9 | 116,7 | 135,5 | 208,7 | 169,0 | 5,3 мар. |
| муҳлатнок | 271,4 | 1 057,5 | 752 | 1 224,1 | 1 688,9 | 1 418,0 | 5,2 мар. |
| амонатҳои сохтори давлатӣ | 37,8 | 84,9 | 141,5 | 142,3 | 220,7 | 183,0 | 5,8 мар. |
| Дигар ухдадориҳо | 221,6 | 576,9 | 1 039,9 | 1 253,9 | 1 801,7 | 1 580,0 | 8,1 мар. |

Сармояи тавозунӣ охири соли 2010 ба 1 180,0 млн. сомонӣ баробар шуда, дар муқоиса бо охири соли 2006 ба андозаи 830,0 млн. сомонӣ ё 3,4 маротиба зиёд шуд. Афзоиши ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби зиёд шудани сармояи пардохташуда ва азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ ва тилло ба амал омад (Ҷадвали 39).

**Амалиёти ғайритавозунии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ.** Ухдадориҳои ғайритавозунӣ 62,3 фоизи ҳаҷми умумии дороиҳоро ташкил мекунанд ва вазни қиёсии онҳо дар соли 2010 ба андозаи 9,03 фоиз кам шуд. Гарави аз ҷониби бонкҳо қабулшуда ба 56,6 фоизи дороиҳо баробар аст. Амалиёти боқимонда 4,3 фоизро дар таркиби ухдадориҳои ғайритавозунӣ ташкил мекунад.

*Ҷадвали 39. Таркиби сармояи ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ).*

| Нишондиҳандаҳо | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | Тағйирот дар с. 2010 нисбат ба с. 2006 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | маблағ | маротиба |
| Сармояи тавозунӣ, ҳамагӣ: | 350,0 | 590,4 | 954,7 | 1 088,2 | 1 180,0 | 830,0 | 3,4 |
| *аз ҷумла:* сармояи оинномавӣ | 201,5 | 366,6 | 574,4 | 706,7 | 787,1 | 586,0 | 3,9 |
| сармояи изофӣ | 1,3 | 1,0 | 0,5 | 4,9 | 4,7 | 3,0 | 3,6 |
| захираҳои асосӣ | 54,8 | 76,5 | 105,8 | 130,4 | 144,7 | 90,0 | 2,6 |
| захираҳои иловагӣ | 40,7 | 62,2 | 184,9 | 182,9 | 157,7 | 117,0 | 3,9 |
| Фоида/зарари соли гузашта ва тақсимнашуда | 2,4 | 10,1 | 8,8 | 28,2 | 43,7 | 41,0 | 18,2 |
| Фоида/зарари соли ҷорӣ | 49,3 | 74 | 80,3 | 35,1 | 42,1 | -7,0 | -0,8 |

Қисми зиёди амалиёти мазкур ин хариди асъори хориҷӣ дар асоси форвардҳо мебошад, ки маблағи он ба 155,9 млн. сомонӣ ё ба 2,5 фоизи дороиҳо баробар аст.

Илова бар ин, афзоиши кафолатҳо ва аккредитивҳои додашуда ба мушоҳида расид ва дар якҷоягӣ ин амалиёт 1,2 фоизи дороиҳоро ташкил дод, вале нишондиҳандаи мазкур ба

пардохтпазирии бонкҳои алоҳида ва ё низоми бонкӣ таъсир расонида наметавонад.

**Такмили санадҳои меъёрӣ дар самти назорати бонкӣ.** Бо мақсади ҷорӣ намудани амалиёти нави бонкӣ, ба монанди бонкдории мобилӣ ва амалиёт тибқи принсипҳои бонкдории исломӣ, дар Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳҳои корӣ ташкил дода шудаанд, ки барои гузаштани низоми бонкии кишвар ба ин амалиёт заминаи меъёрии ҳуқуқиро омода месозанд.

Ба хотири такмил додани ҳисоббаробарии ғайринақдӣ дар ҷумҳурӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо бонкҳо оид ба созмон додани низоми ягонаи протсессингии кортҳои пластикӣ фаъолият бурда истодааст.

Дар баробари намудҳои амалиёти маъмули бонкӣ, ба мисли амалиёти хазинавӣ, додани қарзҳо, қабули амонатҳо, иҷрои ҳисоббаробариҳо ва пардохтҳо, бонкҳои ҷумҳурӣ амалиёти муосири бонкиро низ, аз қабили амалиёти сейфӣ, ҳамлу нақл, ҳисоббаробарӣ бо кортҳои пластикӣ, пардохтҳои электронӣ ва зина ба зина татбиқ намудани интернети бонкӣ, ки ба воситаи он муштариён метавонанд ҳисобҳои худро берун аз бонк идора намоянд, мавриди истифода қарор доданд.

Бо мақсади такмили Феҳрасти шаклҳои ҳисоботи танзими фаъолияти бонкҳои ҷумҳурӣ мутобиқи моддаи 74-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаи 41-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" Феҳрасти ҳисобҳои тавозунӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ дар таҳрири нав ва иловаи №1 ба Феҳрасти мазкур бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2005 тасдиқ гардиданд.

Ҳамчунин баҳри такмили санадҳои меъёрӣ ва дар ин замина мувофиқи таҷрибаи байналмилалӣ пурзӯр намудани назорати бонкӣ, мутобиқи моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" ва моддаи 5 ва 74 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" Дастурамал "Оид ба тартиби ташкил ва истифодаи захира барои талафоти потенсиалӣ ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо" таҳия шуд, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 6 июли соли 2005 тасдиқ гардид.

Бо мақсади такмили санадҳои меъёрӣ ва дар ин асос тибқи таҷрибаи байналмилалӣ пурзӯр намудани назорати бонкӣ аз рӯйи фаъолияти ҷамъиятҳои қарздиҳӣ мутобиқи моддаҳои 45 ва 74-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" Дастурамал "Дар бораи тартиби танзими ҷамъиятҳои қарздиҳӣ" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 6 июли соли 2005 тасдиқ гардид.

Баҳри пурзӯр намудани назорати бонкӣ бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ, назорати хавфи асъорӣ дар низоми бонкӣ мутобиқи қисми 3-и моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор", моддаи 29-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" ва моддаҳои 45 ва 74-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" Дастурамали №143 "Дар бораи муқаррар кардани ҳудудҳои мавқеи кушодаи асъорӣ ва назорат аз болои риояи онҳо аз ҷониби бонкҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия шуда, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2005 ба тасвиб расид.

Барои такмили санадҳои меъёрӣ ва дар ин замина мувофиқи таҷрибаи байналмилалӣ пурзӯр намудани назорати бонкӣ мутобиқи моддаи 45-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаи 28-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" Тағйироту иловаи №1 ба Дастурамали №132 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти бонкҳо" ва тағйироту иловаи №1 ба Дастурамали №140 "Дар бораи тартиби танзими ҷамъиятҳои қарздиҳӣ" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2006 қабул карда шуд.

Мутобиқи моддаи 45-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаи 28-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" ба Дастурамали №143 "Дар бораи муқаррар кардани ҳудудҳои мавқеи кушодаи асъорӣ ва назорат аз боли риояи онҳо аз ҷониби бонкҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2006 тағйирот ворид гардид.

Бо мақсади пурзӯр намудани назорати бонкӣ аз рӯи фаъолияти ҷамъиятҳои қарздиҳӣ мутобиқи моддаҳои 31 ва 42-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии

Тоҷикистон" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 17 июли соли 2006 "Феҳрасти шаклҳои ҳисоботи батанзимдарории фаъолияти ҷамъиятҳои қарздиҳӣ" тасдиқ гардид.

Ба хотири мустаҳкам гардонидани заминаи сармоявии ҷамъиятҳои қарздиҳӣ ва мувофиқи таҷрибаи байналхалқӣ пурзӯр намудани назорати бонкӣ мутобиқи моддаи 45-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаҳои 13 ва 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" тағйироту иловаҳо ба Дастурамали №140 "Дар бораи тартиби танзими ҷамъиятҳои қарздиҳӣ" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2007 ворид карда шуданд.

Баҳри мустаҳкам намудани заминаи сармоявии ҷамъиятҳои қарздиҳӣ ва мувофиқи таҷрибаи байналмилалӣ пурзӯр намудани назорати бонкӣ мутобиқи моддаи 41-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" тағйироту иловаҳо ба "Феҳрасти шаклҳои ҳисоботи батанзимдарории фаъолияти ҷамъиятҳои қарздиҳӣ" ва Тартиби омода сохтани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 11 январи соли 2008 ворид гардиданд.

Бо мақсади нигоҳдории рақобати солим байни бонкҳои амалкунанда ва таъмини бештари кифоятии сармояи бонкҳои навтаъсис мутобиқи моддаи 45 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаҳои 13 ва 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" ба Дастурамали №132 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти бонкҳо" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2008 тағйирот ворид карда шуд.

Ба хотири кам кардани хавфҳои асъорӣ ва танзими бозори дохилии асъории ҷумҳурӣ, мутобиқи моддаи 45-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" ба Дастурамали №143 "Дар бораи муқаррар кардани ҳудудҳои мавқеи кушодаи асъорӣ ва назорат аз боли риояи онҳо аз ҷониби бонкҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2009 тағйирот дароварда шуд.

Бо мақсади таҳкими назорати бонкӣ ва такмилу танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ)» таҳия шуд ва бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2009 тасдиқ гардид.

Ҷиҳати фароҳам овардани имконият ба таъсиси бонкҳо дар вилоятҳо ва минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва васеъ намудани доираи хизматрасонии бонкӣ ба Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ)» илова дохил карда шуд.

Ҳамзамон бо назардошти таъсири манфии буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ иловаҳо ба Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ)» дохил карда шуда, барои бонкҳое, ки талаботи ҳадди ақалли сармояи танзимшавандаро иҷро намекунанд, то 1 марти соли 2010 муҳлат дода шуд.

Барои таъмини шаффофият ва дурустии ҳисоботдиҳии ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, қоидаҳои ҳисобдории муҳосибавӣ барои ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ омода ва аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 30 июни соли 2010 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд.

Бо мақсади назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар мавриди идораи дороиҳо ва уҳдадориҳо ва таъмини пардохтпазирӣ ҳар сол санҷишҳои ҳамаҷониба гузаронида шуданд.

Баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" лоиҳаи "Қоидаи аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ситонидани ҷарима аз ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд" қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2010 қабул гардид.

Бо мақсади такмил ва таҳкими бахши бонкӣ "Стратегияи рушди бахши бонкӣ ва Нақшаи фаъолият барои солҳои 2010-2015" таҳия шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2010 тасдиқ гардид.

**Фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд.** Охири соли 2010 дар ҷумҳурӣ 121 ташкилоти маблағгузории хурд, аз ҷумла: 35 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 42 ташкилоти қарзии хурд ва 44 фонди қарзии хурд фаъолият доштанд (Диаграммаи 6).

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи мазкур ба назар мерасад, ки шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд сол то сол тамоюли зиёдшавӣ дошт ва ин аз рушди соҳаи мазкур дар кишвар шаҳодат медод. Хусусан зиёдшавии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд дар соли 2009 назаррас буд. Яке аз сабабҳои асосии дар давоми як сол то 17 адад зиёд шудани ташкилотҳои номбурда, ин васеъ будани доираи амалиёти бонкӣ ва нисбатан паст будани ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ дар ин давра ба шумор меравад.

*Диаграммаи 6. Тамоюли тағйирёбии шумораи ташкилотҳои маблаггузории хурд дар солҳои 2006-2010*




Ҷойгиршавии ташкилотҳои маблағгузории хурд аз рӯйи минтақаҳо нишон медиҳад, ки онҳо асосан дар ш. Душанбе (37 фоиз) ва вилояти Суғд (27 фоиз) кушода шудаанд, бо вуҷуди он ки филиалу офисҳои иловагии онҳо дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд (Диаграммаи 7).

*Диаграммаи 7. Ҷойгиршавии ташкилотҳои маблаггузории хурд аз рӯйи минтақаҳо (бо фоиз аз ҳаҷми умумӣ)*




**Дороиҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд.** Дар интиҳои соли 2010 дороиҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд маблағи 591,5 млн.сомониро ташкил доданд. Ин нишондод нисбати охири соли 2006 ба маблағи 513,1 млн. сомонӣ ё 7,5 маротиба зиёд шуд. Афзоиши дороиҳои ин ташкилотҳо асосан аз ҳисоби зиёдшавии шумораи онҳо ба вуқӯъ пайваст (Диаграммаи 8).

*Диаграммаи 8. Дороиҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*




Дар охири соли 2010 ҳиссаи дороиҳои 5 ташкилоти маблағгузории хурди Тоҷикистон 56 фоизи дороиҳои низоми умумии ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар бар гирифт. Вазни қиёсии дороиҳои пардохтпазир охири соли 2010 дар таркиби

дороиҳои умумии ташкилотҳои маблағгузории хурд 9,4 фоизро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 0,5 банди фоизӣ кам шуда бошад ҳам, вале дар асл ба маблағи 40,1 млн. сомонӣ ё 6,1 маротиба зиёд гардид. Ҳаҷми сармоягузориҳо дар таркиби дороиҳои умумии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ин давра ба 6,3 фоиз баробар буда, нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 100 фоиз зиёд шуд. Воситаҳои асосии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ин давра ба 49,3 млн. сомонӣ ё 8,3 фоизи дороиҳои умумӣ баробар буда, дар муқоиса ба охири соли 2006 ба маблағи 46,8 млн. сомонӣ ё 19,7 маротиба зиёд гардиданд. Дороиҳои дигари ташкилотҳои маблағгузории хурд дар давраи таҳлилшаванда ба 25,3 млн. сомонӣ ё 4,3 фоизи дороиҳои умумӣ баробар буда, нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 24,2 млн. сомонӣ ё 23 маротиба зиёд гардиданд (Диаграммаи 9).

*Диаграммаи 9. Ҳиссаи дороиҳои панҷ ташкилоти калони маблағгузории хурди Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии дороиҳо (бо фоиз)*




**Сатҳи қарздиҳӣ ва таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд.** Ҳаҷми умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд охири соли 2010 ба 423,8 млн. сомонӣ баробар буда, нисбат ба охири соли 2006 356,9 млн. сомонӣ ё 6,3 маротиба зиёд шуд. Суръати афзоиши қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд чунонки дар боло қайд намудем, асосан аз ҳисоби зиёд гардидани шумораи онҳо ба вуқӯъ пайваст. Вале сандуқи қарзии фондҳои қарзии хурд бошад, дар ин давра кам шуд. Яке аз сабабҳои камшавии сандуқи қарзии фондҳои қарзии хурд дигаргун шудани сохтори онҳо (гузаштан аз сохтори фонди қарзии хурд ба сохтори ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд) ва

қисми асосии сандуқи қарзии худро ба ҳамин сохтори нав интиқол додани онҳо мебошад.

Қарзҳои сари вақт пардохтнашуда дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд соли 2010 маблағи 17,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 16,6 млн. сомонӣ ё 19,4 маротиба зиёд аст.

Таъсири бухрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар он эҳсос гардид, ки бинобар кам гардидани маблағи интиқолҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ва дар ин замина коҳиш ёфтани даромадҳои аҳолӣ ва паст шудани қобилияти пардохти қарзгирандагон, ҳаҷми қарзҳои батаъхирафтода зиёд ва даромаднокии онҳо камтар шуд.

Қарзҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд бо пули миллӣ дар фуроварди соли 2010 нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 5,8 маротиба ва бо асъори хориҷӣ 100 фоиз аз ҳисоби ташкилотҳои амонатии қарзии хурд зиёд шуд.

Вазни қиёсии бақияи қарзҳо бо асъори хориҷӣ дар таркиби сандуқи қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд 8,7 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 100 фоиз зиёд аст.

Дар охири соли 2010 қарзҳои хурди аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд додашуда 148 221 ададро ташкил дод, ки нисбат ба охири соли 2007-ум 7 344 адад зиёд мебошад.

**Уҳдадориҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд.** Соли 2010 уҳдадориҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд ба 359,9 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 307,9 млн. сомонӣ ва ё 6,9 маротиба зиёд шуданд. Дар таркиби уҳдадориҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд, амонатҳо ва қарзҳои байнибонкӣ нисбат ба охири соли 2006 13,2 маротиба афзоиш ёфтанд.

**Сармояи ташкилотҳои маблағгузории хурд.** Соли 2010 сармояи оинномавии пардохтшудаи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба 112,4 млн. сомонӣ баробар шуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба охири соли 2006 102,0 млн. сомонӣ ё 10,8 маротиба зиёд мебошад. Сармояи тавозунии ташкилотҳои маблағгузории хурд бошад, дар ин давра 231,6 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбати интиҳои соли 2006 205,3 млн. сомонӣ ё 8,8 маротиба зиёд гардидааст.

*Диаграммаи 10. Сандуқи қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар давраи солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*




**Даромаднокии дороиҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд.** Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд дар охири соли 2010 ба 4,7 фоиз баробар шуда, нисбат ба соли 2006 ба андозаи 3,3 фоиз кам гардид. Яке аз сабабҳои камшавии нишондиҳандаи мазкур дар давраи таҳлилшаванда тамоюли афзоиши нисбатан тези даромаднокии миёнаи дороиҳо нисбат ба фоидаи соф мебошад. Дар шакли аслӣ фоидаи соф дар ин давра 25,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2006 ба маблағи 18,9 млн. сомонӣ, ё ба андозаи 4 маротиба зиёд гардид.

Нишондиҳандаи даромаднокии сармояи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар соли 2010 ба 12,45 фоиз баробар шуда, нисбат ба соли 2006 11,5 фоиз кам гардид.

*Диаграммаи 11. Сармояи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар солҳои 2006-2010 (млн.сомонӣ)*




**Манбаҳои маблағгузории ТМХ.** Соли 2010 сохтори манбаҳои маблағгузории ташкилотҳои маблағгузории хурд: аз ҳисоби амонатҳо 8,0 фоиз, сармояи тавозунӣ 39,1 фоиз, воситаҳои аз

дигар ташкилотҳои қарзӣ ҷалбшуда 10,4 фоиз, векселҳо барои пардохт 35,9 фоиз, маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон 0,6 фоиз ва дигар ӯҳдадориҳо 6 фоизро ташкил дод.

Соли 2010 аз ҷониби ташкилотҳои амонатии қарзии хурд амонатҳои ҷалбкардашуда, дар маҷмӯъ 47,8 млн. сомониро ташкил карда, нисбат ба соли 2006 46,6 млн. сомонӣ ё 39,8 маротиба афзудаанд. Вазни қиёсии амонатҳо бо асъори хориҷӣ дар таркиби ҳаҷми умумии амонатҳои ҷалбшудаи ин ташкилотҳо 48,9 фоизро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2006 ба сифр баробар буд.

## *5.7. Таҳкими заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ТМХ*

Бахри дуруст ҷорӣ намудани фаъолият ва танзими зарурии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд 17 майи соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» қабул гардид. Қонун бо мақсади фароҳам овардани шароит ва рушди бозори хизматрасонии маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ ва инкишофи соҳибкорӣ асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро танзим мекунад. Барои татбиқи амалии Қонуни мазкур аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро танзим менамоянд, қабул гардиданд: Дастуруламали №135 «Дар бораи тартиби танзими ташкилотҳои амонатии кредитии хурд», Низомномаи №136 «Дар бораи ташкилотҳои қарзии хурд», Низомномаи №137 «Дар бораи фондҳои қарзии хурд».

Инчунин, Феҳрасти шаклҳои оморӣ ва дигар ҳисоботҳои батанзимдарории фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 17 июли соли 2006 қабул гардид, ки мувофиқи он ташкилотҳои маблағгузории хурд ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботҳои молиявии худро пешниҳод менамоянд.

Дар доираи Барномаи корпоратсияи молиявии байналмилалӣ (IFC) аввали соли 2010 гурӯҳи корӣ оид ба таъсиси аввалин Бюрои қарзии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Дар ҳайати ин бюро мутахассисони БОР, АТМХТ, бонкҳои ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд шомил мебошанд.

## 5.8.Афзоиши ҳаҷми пасандоз ва амонатҳо дар давраи солҳои 2006-2010

*Пасандоз ва амонатҳо.* Тайи солҳои 2006-2010 афзоиши ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкии кишвар ба назар мерасад, ки он аз баланд шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар шаҳодат медиҳад. Ба ҳолати охири давра ҳаҷми бақияи пасандозу амонатҳо маблағи 3,2 млрд. сомониро ташкил дод, аз ҷумла амонатҳои шахсони воқеӣ 1,5 млрд. сомонӣ (ё 46,9 фоизи ҳаҷми умумии амонатҳо) ва шахсони ҳуқуқӣ 1,7 млрд. сомонӣ (ё 53,1 фоизи ҳаҷми умумии амонатҳо) (Ҷадвали 40). Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба ҳисоби миёна дар солҳои 2006-2010 ҳаҷми амонатҳо бо пули миллӣ дар таркиби ҳамаи амонатҳо 33,8 фоиз ва амонатҳо бо асъори хориҷӣ 66,2 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи таҳлилшаванда бонкҳои кишвар роҳҳои гуногуни ташвиқу таблиғро бахри ҷалби бештари амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла роҳҳои ҳавасмандкунӣ, тартиби ташкили амонатҳои бурднок ва дигар тарзу услуби муосири хизматрасониҳои бонкиро истифода намуда истодаанд.

*Ҷадвали 40. Ҳаҷми бақияи амонатҳо дар солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Бақияи умумии амонатҳо | Шахсони воқеӣ | | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | бо сомонӣ | бо асъори хориҷӣ | Ҳамагӣ | бо сомонӣ | бо асъори хориҷӣ |
| 2006 | 1 107,9 | 280,9 | 46,0 | 234,9 | 827,0 | 225,9 | 601,1 |
| 2007 | 2 397,6 | 570,2 | 81,3 | 488,9 | 1 827,4 | 434,7 | 1 392,7 |
| 2008 | 1 923,5 | 725,7 | 121,0 | 604,6 | 1 197,8 | 582,7 | 615,1 |
| 2009 | 2 640,8 | 1 109,2 | 209,1 | 900,2 | 1 531,5 | 754,7 | 776,9 |
| 2010 | 3 269,7 | 1 515,6 | 291,8 | 1 223,8 | 1 770,9 | 1 102,6 | 668,3 |

## 5.9. Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт

Дар солҳои 2006-2010 мувофиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар мунтазам афзуд. Ин афзоиш ба зиёдшавии талаботи сохторҳои гуногуни иқтисодиёт ба воситаҳои пулӣ вобастагӣ дошт. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар охири соли 2010 бақияи ҳаҷми қарзҳои ба иқтисодиёти кишвар додашуда 6,1 млрд сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2009

10,5 фоиз афзуд (Ҷадвали 41). Ба ҳисоби миёна дар панҷ соли охир бақияи ҳаҷми қарзҳо 39,4 фоиз афзоиш ёфт. Хусусан ин афзоиш дар соли 2006 нисбат ба соли 2005 ба андозаи 86,1 фоиз мушоҳида гардид, ки ба он ҳаҷми маблағҳои ба соҳаи кишоварзӣ ҷудошуда таъсир расонд.

*Ҷадвали 41. Бақияи ҳаҷми маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт дар солҳои 2006 – 2010 (бақия дар охири давра, млн.сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| Бақияи қарз | 2 393,1 | 3 977,2 | 4 860,1 | 5 453,4 | 6 027,3 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба соли гузашта , млн. сомонӣ | 1 106,8 [1] | 1 584,1 | 822,9 | 593,3 | 573,9 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба соли гузашта, % | 86,1[1] | 66,1 | 22,2 | 12,2 | 10,5 |

2. Муқоисаи тағйирёбӣ бо маълумотҳои ҷадвали 19.

Қарзҳои додашуда дар давраи ҳисоботӣ бештар ба бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла ба соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, савдои хориҷӣ ва истеъмолот равона гардиданд (Ҷадвали 42).

Дар давраи мазкур афзоиши қарзҳои дар давоми сол додашуда аз талаботи бозорӣ ва аз нақшаҳои маблағгузории соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ дошт. Хусусан барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсолоти дохилӣ аз ҷониби низоми бонкӣ ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ дар соли 2007 нисбат ба соли 2006 ба андозаи 46,6 фоиз зиёд гардид. Сабаби асосии афзоиши ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар чуноне қайд намудем, ин дастгирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва хусусан истеҳсолоти дохилӣ ба шумор меравад.

*Ҷадвали 42. Ҳаҷми қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт дар солҳои 2006 – 2010 (бақия дар охири давра, млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| Бақияи қарз | 1 918,4 | 2 812,8 | 3 935,2 | 4 205,8 | 5 543,8 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта, млн. сомонӣ | 502,8 | 894,4 | 520,0 | 270,6 | 1 138,0 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта, % | 35,5 | 46,6 | 15,2 | 6,9 | 31,8 |

**Қарзҳои хурд.** Қарздиҳии хурд дар кишвар яке аз самтҳои асосии дастгирии соҳибкории хурду миёна ба шумор рафта, ба паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва афзоиши сатҳи истеҳсолоти дохилӣ мусоидат менамояд.

Қарздиҳии хурд аз ҷониби низоми бонкии кишвар дар солҳои 2006-2010 афзоиши назаррасро соҳиб гашт. Дар ин давра мувофиқи маълумоти оморӣ ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба ҳисоби миёна 2-3 маротиба афзуд, ки он дар таркиби ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба иқтисодиёти кишвар 36,1 фоизро ташкил медиҳад. Дар тӯли ин солҳо нишондодҳои назаррас дар самти афзоиши қарздиҳии хурд маҳз дар соли 2007 мушоҳида гашт, ки он назар ба соли 2006 ба 3,1 маротиба зиёд мебошад. Ин афзоиш аз фаъолияти босамари низоми бонкии кишвар дар самти дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамчунин қобили зикр аст, ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрии худ бо фаъолону соҳибкорони кишвар ёдрас шуд, ки барои ба рушди пурраи иқтисодӣ ноил гаштани Тоҷикистон дастгирии соҳаҳои истеҳсолии дохилӣ бояд дар мадди аввал қарор дода шавад ва дар ин мулоқот ба низоми бонкии кишвар пешниҳод гардид, ки барои дастрасии саривақтии қарзҳо ба истеҳсолкунандагони дохилӣ, соҳибкории хурду миёна, хусусан дар ноҳияҳои дурдасти кишвар чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон барои беҳтар намудани қарздиҳии хурд ба соҳаҳои истеҳсолии кишвар, дастгирии бевоситаи соҳибкорӣ, хусусан ба соҳибкорони ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ба бонкҳо ва дигар ташкилотҳои хурди қарзӣ дастуру тавсияҳои мушаххас дод.

Аз рӯйи маълумоти оморӣ дар соли 2010 ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда маблағи 1 799,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2009 ба 10,6 фоиз афзуд. Ҳаҷми қарзҳои дар ин давра ба ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон додашуда 429,2 млн. сомониро ташкил намуд ва нисбат ба соли 2009 5,3 фоиз зиёд шуд. Дар солҳои 2006-2010 ҳаҷми қарзҳои хурди дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон додашуда ба 1 618 млн. сомонӣ расид, ки он дар таркиби ҳаҷми умумии маблағгузориҳои қарзии кишвар 8,8 фоизро ташкил медиҳад (*Ҷадвали 43*).

Афзоиши қарзҳои хурд дар ин давра ба болоравии сатҳи истеҳсолоти дохилӣ то андозае таъсири мусбат расонд, ки дар натиҷа дар фасли зимистони солҳои 2010-2011 нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, ба монанди помидор, бодиринг, пиёз, картошка, сабзӣ ва ғайра чун солҳои пешин баланд нагашт.

*Ҷадвали 43. Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда ба иқтисодиёт дар солҳои 2006 - 2010 (дар охири давра, млн.сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои додашуда | 528,6 | 1 026,5 | 1 663,1 | 1 626,8 | 1 793,1 |
| Тағйирёбӣ нсбати соли гузашта, (маротиба/ %) | 1,8 мар. | 1,9 мар. | 62,0% | -2,2% | 10,2% |
| Қарзҳои додашуда ба ноҳияҳои кӯҳистон | 72,9 | 295,5 | 434,3 | 407,5 | 408,5 |
| Тағйирёбӣ нисбати соли гузашта, (маротиба/ %) | 2,1 мар. | 4,1 мар. | 47,0% | -6,2% | 0,2% |

**Маблағгузории соҳаи кишоварзӣ.** Соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар ба шумор меравад. Низоми бонкии кишвар бахри рушди соҳаи кишоварзи роҳу усулҳои гуногуни қарздиҳиро истифода менамояд. Дар солҳои охир рафти маблағгузории хоҷагиҳои деҳқонӣ мувофиқ ба механизми нави маблағгузориии ин соҳа пешаи кори бонкҳо гардид. Ин тарзи маблағгузорӣ нишон дод, ки дастгирии соҳаи мазкур нисбати механизмҳои пешина, ки ба воситаи сармоягузорон амалӣ мегардид, самараи беҳтар дода истодааст.

Мутобиқи ин механизм ба воситаи низоми бонкии кишвар аз маблағҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба соҳаи кишоварзӣ, алалхусус ба пахтакорӣ қарзҳо ҷудо гардиданд. Солҳои 2008-2010 ҳаҷми қарзҳое, ки аз буҷаи ҷумҳуриявӣ ба соҳаи кишоварзӣ ҷудо гардиданд, 433,5 млн. сомониро ташкил намуд (Ҷадвали 44), ки ин натиҷаҳои хуб рӯйи кор овард. Ҳамзамон, аз ҳисоби ташкилотҳои қарзӣ дар ин давра ба маблағи 163,4 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби сармоягузорон ба маблағи 165,9 млн. сомонӣ қарз ҷудо карда шуд.

*Ҷадвали 44. Ҳаҷми маблаггузории соҳаи пахтакорӣ дар солҳои 2006 – 2010 (дар охири давра, млн.сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2008 | 2009 | 2010 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ қарзҳои додашуда | 375,4 | 186,6 | 200,9 | 762,9 |
| аз ҷумла: | | | | |
| буҷети ҷумҳуриявӣ | 136,5 | 151,1 | 145,9 | 433,5 |
| ташкилотҳои қарзӣ | 76,7 | 31,8 | 55,0 | 163,5 |
| сармоягузорон | 162,2 | 3,7 | 0,0 | 165,9 |

Дар ин самт аз ҷониби низоми бонкии кишвар низ корҳои назаррас анҷом дода шудааст. Хусусан дар солҳои 2006-2010 ҳаҷми

қарзҳои ҷудошуда ба соҳаи кишоварзӣ дар таркиби ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи иқтисодиёт ба ҳисоби миёна 53,0-54,0 фоизро ташкил намуд. Ин нишондиҳанда аз дастгирии соҳаи мазкур аз ҷониби низоми бонкии кишвар шаҳодат медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ фаъолияти худро бо бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ мунтазам тавсеа дода, дар самти пешниҳоди саривақтии маблағҳои қарзӣ ва дастрасии саривақтии қарзҳо ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дастуру пешниҳодҳо манзур менамояд.

## *5.10. Низоми пардохт дар солҳои 2006 – 2010*

Тайи солҳои 2006-2010 Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти такмили низоми пардохтро идома дода, давра ба давра ҳамаи ҳисоббаробариҳои байнибонкиеро, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ амалӣ мегардиданд, ба низоми пардохтҳои электронӣ гузаронид.

Бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёти мамлакат, дар ин давра бонкҳои тиҷоратӣ технологияҳои нави иттилоотии бонкиро татбиқ намуданд, ки дар асоси онҳо бозори хизматрасонии фосилаанҷоми бонкӣ, аз қабили хизматрасонӣ бо кортҳои пардохт, интернет-банкинг, низомҳои бонк-муштарӣ ва ғайра босуръат рушд ёфтанд. Бо мақсади кам кардани арзиши аслии ҷорӣ намудани технологияҳои кортӣ ва ҳавасмандгардонии доираҳои васеи аҳолӣ дар истифодаи онҳо, кори Маркази протсессингии “Тоҷкорт”, ки соли 2004 ташкил шуда буд, фаъол гардонида шуд.

Дар ин самт дар ин солҳо баҳри рушди босамари низоми пардохт аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида шуд, аз ҷумла:

- барномаи савдои электронии асъор таҳия гардида, низоми электронии фурӯши асъор байни Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ созмон дода шуд;
- санадҳои меъёрӣ - Дастурамали № 178 “Дар бораи ташкили ҳисоббаробариҳо байни ташкилотҳои қарзӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Қоидаҳои амалигардонии пардохтҳои электронӣ тавассути низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон” таҳия гардиданд, ки дар онҳо қоидаю

талабот ба ташкили низоми ҳисоббаробаркуниҳои байни ташкилотҳои қарзӣ муайян шудаанд;

- чараёни гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо байни ташкилотҳои қарзӣ тавассути низоми пардохти электронии Бонки миллии Тоҷикистон ба пуррагӣ анҷом ёфт;
- шумораи иштирокдорони Нуқтаи дастёбии дастаҷамъӣ ба шабакаи SWIFT-и Бонки миллии Тоҷикистон соли 2010 ба 10 адад расид;
- шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми моҳҳои май-июни соли 2010 ба низоми мутамаркази ҳисобдорӣ гузаштанд;
- шабакаи байнибонкии муҳофизатшудаи BankNet-M ташкил карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2006 модели "Member Concentrator"-ро истифода мебарад, ки ин хароҷоти аъзои SWIFT-ро хеле камтар мегардонад.

Бо мақсади таъмини фаъолияти самаранок ва бехатарии низоми пардохт бо истифодаи кортҳои пардохт ва кам кардани ҳиссаи ҳисоббаробариҳои нақдӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои қарзӣ лоиҳаи созмон додани Маркази протсессингии миллиро оғоз намуд.

*Ҷадвали 45. Нишондиҳандаҳои бозори кортҳои пардохти бонкӣ дар солҳои 2005-2010*

| | Соли 2005 | Соли 2010 | Афзоиши мутлақ | Афзоиши нисбӣ, маротиба |
|---|---|---|---|---|
| Миқдори умумии кортҳои пардохт (ҳаз. адад) | 4,8 | 155,6 | 150,8 | 32,4 мар. |
| Миқдори дорандагони кортҳои пардохт (ҳаз. нафар) | 4,5 | 147,7 | 143,2 | 32,8 мар. |
| Банкоматҳо (адад) | 27,0 | 220,0 | 193,0 | 88,1 мар. |
| Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (адад) | 29,0 | 231,0 | 202,0 | 8,0 мар. |
| Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ (адад) | 8,0 | 94,0 | 86,0 | 11,7 мар. |
| Шумораи умумии амалиёт (ҳаз. адад) | 75,7 | 2 025,0 | 1 949,3 | 26,7 мар. |
| Ҳаҷми умумии амалиёт (млн. сомонӣ) | 27,1 | 980,9 | 953,8 | 36,2 мар. |

## *5.11. Ҳамкории байналмилалӣ дар солҳои 2006-2010*

Дар тӯли солҳои 2006-2010 Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро бо созмонҳои молиявӣ ва фондҳои байналхалқӣ, аз ҷумла бо Бонки Осиёии Рушд (БОР), Бонки Исломии Рушд (БИР), Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ), Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР), Фонди Саудии Рушд (ФСР), Фонди Кувайтии Рушди Иқтисодии Кишварҳои Араб (ФКРИА) ва Фонди Созмони Кишварҳои Содиркунандаи Нафт (ОПЕК), Бонки рушди Чин, Бонки Тиҷорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, бонкҳои марказии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Бонки АврОсиё ва дигар ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ вусъат дод.

**Созишномаҳои қарзӣ.** Соли 2006 байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Рушди Чин Созишномаи қарзӣ ба маблағи 10 млн. доллари ИМА барои рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

**Конфаронси байналмилалӣ ва мизи мудаввар дар Тоҷикистон.** Соли 2006 дувумин Конфаронси байналхалқӣ оид ба ташкил намудани консорсиуми байналмилалӣ ҷиҳати хотима бахшидани сохтмони ҶСК НБО Роғун ва хати интиқоли барқ дар доираи лоиҳаи мубодилаи тиҷоратии нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид.

Конфаронси мазкур бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва дигар созмонҳои молиявӣ ва ширкатҳои байналхалқӣ, амсоли Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ), Бонки Осиёии Рушд (БОР), Бонки Исломии Рушд (БИР), Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР), Бонки рушди Чин (БРЧ), Бонки рушди Қазоқистон (БРҚ), ширкати РАО "ЕЭС", ширкати "Русский Алюминий", Ширкати амрикоии шабакаҳои барқӣ ва ширкати Ла-Майер сурат гирифт.

Ҳамчунин дар кори ин конфаронс намояндагони Ҳукумат, як қатор вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва сафирони кабири Федератсияи Русия, Чинӣ, Қазоқистон ва Япония иштирок намуданд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкории наздик бо ҳайатҳои намояндагии дар боло зикргардида якҷо бо Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои ҷумҳурӣ рӯйхати иштирокдорони конфаронс ва инчунин тамоми маводи заруриро бо мақсади дар сатҳи баланд гузаронидани ин чорабинӣ таҳия намуд.

Дар соли 2006 дар Бонки миллии Тоҷикистон мизи мудаввар бо иштироки аъзои Гурӯҳи ҳамоҳангии мамлакатҳои Араб (БИР, ФКРИА, ФСР ва Фонди ОПЕК) гузаронида шуд. Аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин мизи мудаввар зиёда аз 70 намояндаи вазоратҳои тандрустӣ, нақлиёт ва хоҷагии роҳ, энергетика, маориф, кишоварзӣ, мелиоратсия ва хоҷагии об иштирок намуданд. Шахсони ваколатдори вазорату идораҳои дахлдор суханронӣ намуда, лоиҳаҳои асосии соҳаи худро барои баррасӣ пешниҳод карданд.

Бонки миллии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани конфаронси дувум оид ба фурӯши неруи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ дар моҳи октябри соли 2006 дар ш. Душанбе бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва бонкҳою ширкатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ намуд. Дар конфаронси мазкур масоили ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахши энергетикаи кишвар ва рушди бозори неруи барқ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ баррасӣ гардиданд.

**Ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳодияи байнибонкии Созмони ҳамкории Шанхай.** Иттиҳоди байнибонкӣ фаъолияти худро пас аз ба имзо расидани "Созишномаи ҳамкории байнибонкӣ" аз тарафи намояндагони бонкҳои ваколатдори кишварҳои аъзо дар ш. Маскав дар моҳи октябри соли 2005 оғоз намуд. Бонки миллии Тоҷикистон дар ин ҷаласа узви комилҳуқуқи Иттиҳоди байнибонкӣ гардид ва ба иҷрои фаъолияти худ дар доираи Иттиҳоди байнибонкии Созмони ҳамкории Шанхай оғоз намуд. Аз лаҳзаи ташкилёбии Иттиҳоди байнибонкӣ ҳамкориҳо миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки рушди Чин фаъолона ба роҳ монда шуд.

Дар ш. Душанбе гурӯҳи кории Бонки рушди Чин фаъолият менамояд. Мақсади гурӯҳи корӣ ҳамоҳанг сохтани фаъолияти Бонки Рушди Чин бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

То имрӯз дар доираи Иттиҳоди байнибонкӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки рушди Чин корҳои зерин амалӣ гардид:

- имзои шартномаи принсипиалӣ оид ба пешниҳод намудани хатти қарзӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- созишномаи умумӣ оид ба свопи асъорӣ;

- созишнома оид ба таъсис додани Идораи муштараки Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки давлатии рушди Чин.

Бо дархости Бонки давлатии рушди Чин 30 лоиҳаи афзалиятноки соҳаҳои гуногун дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиш ва маблағгузории эҳтимолӣ ба бонки мазкур пешниҳод гардиданд.

Мувофиқи "созишномаи умумӣ оид ба свопи асъорӣ" ва "созишнома оид ба таъсис додани Идораи муштараки Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки давлатии рушди Чин" миёни Бонки рушди Чин ва Бонки миллии Тоҷикистон созишномаҳои қарзӣ ва свопи асъорӣ ба имзо расиданд.

Ҳайати намояндагии Бонки миллии Тоҷикистон моҳи феврали соли 2006 дар Ҷаласаи якуми коршиносони Иттиҳодияи байнибонкӣ дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар ш.Пекин иштирок намуда, оид ба рушди ҳамкориҳо миёни аъзои Иттиҳодияи байнибонкӣ як қатор фикру мулоҳизаҳои ҷониби Тоҷикистонро пешниҳод намуд.

## *5.12. Ташкили мониторинги молиявӣ*

Дар робита ба иҷрои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2010, ки дар он оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои хавфноки муосир, аз ҷумла терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир, коррупсия, одамфурӯшӣ қайд гардида буд, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2009, №724 дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон департаменти алоҳида оид ба мониторинги молиявӣ ташкил карда шуд.

Вазифаи асосии ин сохтор ба амал баровардани мубориза бар зидди қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада ва маблағгузории терроризм бо роҳи ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди иттилоот ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ин сохтор дар асоси талаботи Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди расмикунонии пул (ФАТФ) кори худро ба роҳ монда, аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар нимсола

тибқи тартиби коргузории ин ташкилот оид ба мутобиқ намудани қонуну санадҳои худ ба тавсияҳои ФАТФ дар ҳар як ҷаласаи умумии Гурӯҳи АврОсиё ҳисобот медиҳад.

Тибқи талаботи ин ташкилот Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Гурӯҳи кории байниидоравӣ мутобиқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2010 №8910 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм"-ро таҳия намуд, ки он 25 марти соли 2011 ба имзо расида, 31 марти соли 2011 эътибор пайдо намуд.

Бояд зикр намуд, ки Қонуни мазкур ба таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла назорати гардиши маблағҳои ғайриқонунӣ бадастоварда ва маблағгузории терроризм мусоидат менамояд.

Илова ба ин, дар мавриди қабули маблағгузориҳои калон ба кишвар аз тарафи созмонҳои молиявии байналхалқӣ, ба мисли Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) ва Бонки Осиёии Рушд (БОР) ва дигар диққати махсус ба риояи ин талаботҳо аз ҷониби кишвари маблағгиранда дода мешавад. Бинобар ин, қабули ин Қонун ва таъсиси Департаменти мониторинги молиявӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти хусусияти байналхалқӣ доштани ин соҳа, қабули қонуни соҳавӣ аз ҷониби Тоҷикистон эътибори кишвари моро баланд намуда, ба тақвияти ҳамкории байнидавлатӣ дар ин самт, рушди фазои сармоягузорӣ ва мутобиқати меъёрҳои дохилӣ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

# БОБИ 6. СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ВА НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ 2011-2015

## *6.1. Вазъи макроиқтисодии кишвар*

Бояд таъкид намуд, ки оғози соли 2010 барои иқтисодиёти бештари минтақаҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон соли барқарорсозии баъдибуҳронии иқтисодиёт ба ҳисоб мерафт. Буҳрони шадиди молиявии ҷаҳонӣ, ки дар солҳои 2008-2009 кишварҳои гуногуни ҷаҳонро фаро гирифта буд, ба рушди иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла кишвари тозаистиқлоли мо таъсири манфӣ расонид, ки бо норасоии пардохтпазирӣ, коҳишёбии нархи молҳои содиротӣ, кам шудани ҳаҷми интиқолҳои пулӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ, паст рафтани сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва ғайра тавсиф меёбад.

**Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД).** Рушди ҳақиқии ММД дар давраи солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёна 7,0 фоизи солонаро ташкил дод (Ҷадвали 46, сутуни 3). Хусусан дар соли 2011-2013 ин нишондиҳанда ба андозаи 7,5 фоизи солона ба мушоҳида расид. Дар охири соли 2015 нишондиҳандаи мазкур 6,0 фоизи солонаро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2011 ба андозаи 1,4 банди фоизӣ кам мебошад.

*Ҷадвали 46. Тағйирёбии исмӣ ва воқеии ММД дар солҳои 2011-2015*

| Солҳо | ММД-и исмӣ (млн. сомонӣ) | ММД-и ҳақиқӣ (бо фоиз) | Тағйирёбии банди фоизӣ нисбат ба соли қаблӣ |
|---|---|---|---|
| 2011 | 30 069,3 | 7,4 | +0,9[5] |
| 2012 | 36 161,1 | 7,5 | +0,1 |
| 2013 | 40 524,5 | 7,4 | -0,1 |
| 2014 | 45 605,2 | 6,7 | -0,7 |
| 2015 | 48 401,6 | 6,0 | -0,7 |
| *Миёнаи солона (дар давраи солҳои 2010-2015)* | *40 152,3* | *7,0* | - |

3. Муқоисаи тағйирёбӣ бо маълумотҳои ҷадвали 20.

Сабаби асосии камшавии рушди ҳақиқии ММД дар солҳои охир асосан ба вазъи номуътадили бозорҳои молиявии ҷаҳон ва вазъи геосиёсии ҷаҳон алоқамандӣ дорад. Вале бо вуҷуди бад шудани вазъи сиёсию иқтисодии кишварҳои дигар дар Тоҷикистон

рушди воқеии ММД ба назар мерасид. Дар солҳои охир рушди иқтисоди кишвар бештар аз ҳисоби вусъатёбии соҳаи хизматрасонии пулӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, гардиши савдои чакана, нақлиёт ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сурат гирифт.

Ба ин раванд дар навбати аввал татбиқи тадбирҳои иловагии баъдибуҳронӣ дар самти вусъатёбии бахши воқеии иқтисодиёт мусоидат намуд, ки аз он барқарорёбии рушди истеҳсолот, афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ, муътадилии нисбии сатҳи нархҳо, беҳтар гардидани вазъи тавозуни пардохт ва устувории низоми молиявии кишвар шаҳодат медиҳад.

**Таваррум.** Дар давоми панҷ соли охир сатҳи таваррум ба ҳисоби миёнаи солона 6,4 фоизро ташкил намуд. Сатҳи пасттарини таваррум дар панҷ соли охир дар соли 2013 ба назар расид, ки ба 3,7 фоизи солона баробар шуда буд. Дар ин давра сатҳи баландтарини таваррум дар соли 2011 мушоҳида гардид, ки он ба 9,3 фоизи солона баробар буд. Тағйирёбиҳои мазкур дар ин давра асосан аз ҳисоби тағйирёбии сатҳи нархи молҳои аз бозори ҷаҳонӣ ба кишвар воридшаванда вобастагӣ дошт. Хусусан тағйирёбии нархи бозории маҳсулоти нафт ва гандум дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақа сабаби болоравии сатҳи таваррум дар соли 2011 гардид (Ҷадвали 47).

Дар давоми се соли аввали панҷсолаи охир болоравии нархи воридотии орд, гандум ва маводи сӯзишворӣ боиси зиёд гардидани фишорҳои таваррумӣ гардида, ба суръати афзоиши солонаи он мусоидат намуд. Бо вуҷуди болоравии нархи маҳсулоти истеъмолӣ, раванди нисбатан муътадили сатҳи таваррум дар давоми солҳои охир нигоҳ дошта шуд. Дар натиҷа меъёри солонаи он дар соли 2015-ум 5,1 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи дурнамои қабулшуда, ки 7,5 фоизро ташкил мекард, 2,4 банди фоизӣ паст мебошад.

Таварруми дар соли 2015 бамиёномада аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти озуқа ба андозаи 4,3 фоиз, ғайриозуқа 7,6 фоиз ва хизматрасонӣ 2,3 фоиз ба вуқӯъ омад.

*Ҷадвали 47. Тағйирёбии сатҳи таваррум дар давраи солҳои 2011-2015*

| Солҳо | Таваррум (бо фоиз) | Тағйирёбии банди фоизӣ нисбат ба соли қаблӣ |
|---|---|---|
| 2011 | 9,3 | -0,5[6] |
| 2012 | 6,4 | -2,9 |

| | | |
|---|---|---|
| 2013 | 3,7 | -2,7 |
| 2014 | 7,4 | +3,7 |
| 2015 | 5,1 | -2,3 |
| *Миёнаи солона (дар давраи солҳои 2010-2015)* | 6,4 | - |

4. Муқоисаи тағйирёбӣ бо маълумотҳои ҷадвали 21.

Ба болоравии сатҳи нархҳо дар ин давра пеш аз ҳама афзоиши нархи маҳсулоти воридшаванда, аз қабили гандум, орд, маҳсулоти нафт (бензин), масолеҳи бинокорӣ, қимат шудани нархи маҳсулоти хусусияти мавсимӣ дошта, ба монанди сабзавот, меваҷот, шакар ва инчунин тарифҳои хизматрасонии пулӣ, ба мисли хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ, муассисаҳои фарғату истироҳатӣ, алоқа ва маишӣ мусоидат карданд. Ҳамзамон, омилҳои мазкур боиси зиёд гардидани хароҷоти истеҳсолӣ шуда, ба болоравии нархи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, нақлиёти мусофирбар ва дигар маҳсулот сабаб гардиданд.

**Тавозуни пардохт.** Вазъи тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми панҷ соли охир (2011-2015) бо коҳиш ёфтани касри тавозуни савдо, афзоиши бақияи мусбати трансфертҳои ҷорӣ ва вуруди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ тавсиф меёбад.

Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи тасnифи тавозуни пардохт дар солҳои 2011-2015 ба ҳисоби миёнасолона маблағи 4,5 - 5,0 млрд. долл. ИМА-ро (Ҷадвали 48, сатри 1) ташкил намуд.

*Ҷадвали 48. Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015, (млн. долл. ИМА)*

| Нишондиҳанда | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои хориҷӣ | 4 463,3 | 5 137,8 | 4 988,8 | 5 274,8 | 4 312,2 |
| Содироти молҳо (ФОБ) | 1 257,3 | 1 359,4 | 943,4 | 977,3 | 876,9 |
| Воридоти молҳо (ФОБ) | 3 206,0 | 3 778,4 | 4 045,4 | 4 297,4 | 3 435,3 |
| Тавозуни савдо | -1 948,7 | -2 418,8 | -3 102,0 | -3 320,1 | -2 558,4 |

Дар соли 2011 бақияи манфии тавозуни савдо бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф (бозшумории арзиши воридот бо нархи ФОБ), арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар

бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, маблағи -1 948,7 млн. долл. ИМА-ро (29,9 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дод ва нисбат ба соли гузашта 33,3 фоиз афзуд.

Ҳаҷми содирот дар соли 2011 маблағи 1 257,3 млн. долл. ИМА-ро (19,3 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуда, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2010-ум 5,2 фоиз афзоиш ёфт. Дар таркиби содирот асосан содироти молҳои асосӣ, аз ҷумла алюминий ва пахта нақши муҳим бозиданд. Дар ин давра ҳаҷми содироти алюминий 277,7 ҳазор тонна ва маблағи он 664,6 млн. долл. ИМА-ро ташкил намуд. Содироти нахи пахта давраи мазкур 197,3 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод.

**Воридот.** Воридоти молҳо дар соли 2011 маблағи 3 206,0 млн. долл. ИМА-ро (49,2 фоиз нисбат ба ММД) ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2010 ба андозаи 549,1 млн. долл. ИМА ё 20,7 фоиз зиёд мебошад. Ба таркиби воридоти молҳо асосан ҳаҷми барзиёди гилхок барои истеҳсоли алюминий ба андозаи 530,1 ҳаз. тонна, ё ба маблағи 264,4 млн. долл. ИМА, воридоти гази табиӣ 179,7 млн. м/кубӣ ё маблағи 48,2 млн. долл. ИМА дохил мешавад. Дар таркиби воридоти мол ба кишвар маҳсулоти нафт дар соли 2011 яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол намуда, маблағи 450,1 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2010 ба андозаи 3,6 фоиз зиёд шуд. Бар замми ин, болоравии нархи миёнаи он ба андозаи 47,9 фоиз ва нархи ҷаҳонии он ба андозаи 39,3 фоиз барои 1 тонна маблағи умумии воридоти онро ба кишвар зиёд намуд. Дар соли 2011 дар таркиби ҳаҷми умумии воридот, воридоти маҳсулоти нафт 14,1 фоизро ташкил дод. Ҳамзамон воридоти гандум дар ин давра дар таркиби ҳаҷми умумии воридоти мол ба кишвар 3,6 фоизро ташкил дод. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба ҳисоби маблағ 41,9 фоиз зиёд шуд, аммо ба ҳисоби ҳаҷм бошад 4,0 ҳаз. тонна ё 0,9 фоиз коҳиш ёфт, инчунин нархи миёнаи он ба андозаи 43,2 фоиз ва нархи ҷаҳонии он ба андозаи 41,5 фоиз афзуд. Сабаби болоравии нархи гандум ба офатҳои табиӣ дар кишварҳои истеҳсолкунандаи ин навъи маҳсулот вобаста буд. Инчунин кишварҳои содиркунандаи ин навъи маҳсулот барои содироти он боҷи гумрукиро зиёд карданд. Воридоти орд дар ҳаҷми умумии воридоти мол ба кишвар 4,1 фоизро ташкил дод. Ҳарчанд ҳаҷми воридоти орд дар ин давра зиёд бошад ҳам, вале болоравии нархи миёнаи он ба андозаи 47,6 фоиз ва нархи ҷаҳонии он ба

андозаи 41,5 фоиз расида, таркиби воридоти молро тағйир дод. Воридоти молҳои дигар дар соли 2011 нисбат ба соли 2010 45,2 фоиз афзоиш ёфт. Афзоиши молҳо асосан дар таркиби воридоти молҳои дигар, аз ҷумла: равғани чорво ва растанӣ 19,9 фоиз, маҳсулоти растанӣ 31,3 фоиз, маҳсулоти тайёри озуқа 38,0 фоиз, маҳсулоти саноати кимиё 0,6 фоиз, чӯб ва маснуоти чубӣ 39,9 фоиз, бофандагӣ ва маснуоти бофандагӣ 27,0 фоиз, маснуот аз санг, гулгаҷ ва семент 57,8 фоиз, филизоти камбаҳо ва маснуоти онҳо 12,2 фоиз, мошин, таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётӣ 38,1 фоиз, васоити нақлиёт 35,9 фоиз, молҳои гуногуни саноатӣ 2,4 маротиба ба назар мерасад.

Гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2012 маблағи 5 137,8 млн. долл. ИМА-ро (67,7 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 ба андозаи 15,1 фоиз афзуд.

Дар соли 2012 бақияи манфии тавозуни савдо бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф (бозшумории арзиши воридот бо нархи ФОБ), арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, маблағи -2 418,8 млн. долл. ИМА-ро (31,9 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дод ва нисбат ба соли гузашта 24,1 фоиз афзоиш ёфт.

Ҳаҷми содироти мол дар соли 2012 маблағи 1 359,4 млн. долл. ИМА-ро (17,9 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2011 ба андозаи 8,1 фоиз афзоиш ёфт. Дар таркиби содирот асосан содироти молҳои асосӣ, аз ҷумла алюминий ва пахта нақши муҳим мебозанд.

Воридоти молҳо (бо нархи ФОБ) бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф ва арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, дар соли 2012 ба 3 778,4 млн. долл. ИМА (49,8 фоиз нисбат ба ММД) баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 17,9 фоиз зиёд мебошад. Дар таркиби воридоти мол ба кишвар дар солҳои охир, мисли солҳои пешин воридоти гилхок (ашёи хом барои истеҳсоли алюминий), қувваи барқ, маҳсулоти нафт, гази табиӣ, маҳсулоти растанӣ бартарӣ дошт.

Ҳолати зиёд шудани ҳаҷми воридот нисбат ба содирот водор месозад, ки ҳар чи зудтар ба татбиқи механизми таҳким бахшидани иқтидори содиротии кишвар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, зеро афзоиши касри тавозуни савдо метавонад ба мушкилоти тавозуни пардохт оварда расонад.

Қадами аввал ва фаврӣ дар самти беҳтар намудани ин вазъ васеъ кардани номгӯйи содирот (диверсификатсияи он) мебошад ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти кишвар, пеш аз ҳама зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст, ки он дар навбати худ метавонад ҳам содиротро вусъат диҳад ва ҳам талаботи дохилиро қонеъ гардонад. Бо ин мақсад, ба эътибор гирифтани чунин самтҳои зерини инкишоф хеле муҳим мебошад:

- баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бо истифода аз техникаю технологияи муосир;
- кам кардани вобастагии бозори дохилӣ аз воридоти молҳои истеъмолӣ бо роҳи афзун намудани истеҳсоли молҳои рӯзмарра дар дохили кишвар, аз ҷумла молҳои соҳаи кишварзӣ ва саноатӣ бо роҳи афзун намудани маблағгузориҳо;
- дастгирии бевоситаи бахши хусусӣ, ки бахши муҳимтарини фаъолияти иқтисодиёт дар шароити бозорӣ ба ҳисоб меравад ва он алҳол таҷриба ва иқтидори беҳтари фаъолият дорад.

Гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2013 маблағи 4 988,8 млн. долл. ИМА-ро (58,7 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2012 ба андозаи 2,9 фоиз коҳиш ёфт.

Дар соли 2013 бақияи манфии тавозуни савдо бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф (бозшумории арзиши воридот бо нархи ФОБ), арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, маблағи -3 102,0 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод ва нисбат ба соли гузашта ба андозаи 28,2 фоиз афзуд.

Ҳаҷми содироти мол дар соли 2013 маблағи 943,4 млн. долл. ИМА-ро (10,6 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2012 ба андозаи -30,6 кам гардид. Кам шудани ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби тағйир ёфтани нархи молҳои асосии содиротии кишвар, аз ҷумла, алюминий ва пахта дар бозори ҷаҳонӣ вобаста мебошад.

Воридоти молҳо (бо нархи ФОБ) бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф ва арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, дар соли 2013 ба 4 025,4 млн. долл. ИМА (47,6 фоиз нисбат ба ММД) баробар шуд, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2012 ба андозаи 7,1 фоиз зиёд мебошад. Дар таркиби воридоти мол ба кишвар дар солҳои охир, мисли солҳои

пешин воридоти гилхок (ашёи хом барои истеҳсоли алюминий), қувваи барқ, маҳсулоти нафт, гази табиӣ, маҳсулоти растанӣ бартарӣ дошт.

Дар соли 2014 гардиши савдои хориҷӣ 5 274,8 млн. долл. ИМА-ро (57,1 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 ба андозаи 5,7 фоиз афзуд.

Дар соли 2014 бақияи манфии тавозуни савдо бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф (бозшумории арзиши воридот бо нархи ФОБ), арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидаанд, маблағи -3 320,0 млн. долл. ИМА-ро (35,9 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дод ва нисбат ба соли 2013 ба андозаи 7,0 фоиз афзоиш ёфт.

Ҳаҷми содироти мол дар соли 2014 маблағи 977,4 млн. долл. ИМА (10,6 фоиз нисбат ба ММД)-ро ташкил намуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2013 ба андозаи 3,6 фоиз афзуд. Зиёдшавии ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби неруи барқ ва дигар молҳо вобаста мебошад.

Воридоти молҳо (бо нархи ФОБ) бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф ва арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, дар соли 2014 ба 4 297,4 млн. долл. ИМА (46,5 фоиз нисбат ба ММД) баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 ба андозаи 6,2 фоиз зиёд мебошад. Дар таркиби воридоти мол ба кишвар дар соли ҷорӣ воридоти маҳсулоти нафт ва гандум бартарӣ дорад.

Дар соли 2015 гардиши савдои хориҷӣ 4 312,3 млн. долл. ИМА-ро (54,9 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 ба андозаи 18,2 фоиз афзуд.

Дар соли 2015 бақияи манфии тавозуни савдо бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф (бозшумории арзиши воридот бо нархи ФОБ), арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидаанд, маблағи -2 558,5 млн. долл. ИМА-ро (32,6 фоиз нисбат ба ММД) ташкил дод ва нисбат ба соли 2014 ба андозаи -22,9 фоиз коҳиш ёфт.

Ҳаҷми содироти мол дар соли 2015 маблағи 876,9 млн. долл. ИМА (11,2 фоиз нисбат ба ММД)-ро ташкил намуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2014 ба андозаи -10,3 фоиз кам гардид. Кам шудани ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби тағйир

ёфтани нархи молҳои асосии содиротии кишвар, аз ҷумла, алюминий ва пахта дар бозори ҷаҳонӣ вобаста мебошад.

Воридоти молҳо (бо нархи ФОБ) бо дарназардошти ислоҳҳо, тасниф ва арзиши молҳое, ки ташкилотҳои нақлиётӣ дар бандаргоҳҳо харидорӣ намудаанд, дар соли 2015 ба 3 435,4 млн. долл. ИМА (43,7 фоиз нисбат ба ММД) баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 ба андозаи -20,1 кам гардид. Дар таркиби воридоти мол ба кишвар дар солҳои охир, мисли солҳои пешин воридоти гилхок (ашёи хом барои истеҳсоли алюминий), маҳсулоти нафт ва маҳсулоти растанӣ бартарӣ дорад.

## *6.2. Татбиқи сиёсати пулӣ*

Дар панҷ соли охир татбиқи сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи қонунгузориҳои амалкунандаи бонкӣ, аз ҷумла, Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид.

Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир асосан ба таъмини талаботи барномаҳо, консепсияҳо ва нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таҳкими бахши иқтисодию молиявӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо роҳи нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо, рушди боэътидоли ҳаҷми пул ва таъмини фаъолияти солим ва устувори низоми бонкӣ нигаронида шуда буданд.

Дар давоми солҳои 2011-2015 истеҳсолот ва пешниҳодоти молу маҳсулоти ватанӣ дар иқтисодиёти кишвар нисбатан муътадил буда, рушди иқтисодиёт бештар аз ҳисоби вусъати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ ба вуқӯъ пайваст.

Ҳамзамон дар давоми солҳои 2014-2015 падид омадани бухронҳои пай дар пайи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ бо паст гардидани суръати рушди иқтисодиёт, номутавозинии байни содирот ва воридоти молу маҳсулот, коҳиш ёфтани ҳаҷми интиқолҳои пулӣ, кам шудани сармоягузориҳои хориҷӣ ва мушкилиҳои пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ифода гардид.

Дар соли 2011 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар аз раванди барқароршавии рушди иқтисодиёт дар давраи баъдибуҳронӣ шаҳодат медиҳанд, ки он дар рушди воқеии истеҳсолот, афзоиши содирот ва устуворӣ дар бозорҳои молиявии кишвар ба назар расид.

Солҳои қаблӣ сиёсати пайгиронаи пулию қарзии кишвар баҳри муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум равона шуда буд.

Дар шароити буҳрони молиявии ҷаҳонӣ коҳиш ёфтани талаботи дохилӣ ва то андозае пастравии нархи маҳсулоти воридшаванда ба бозори истеъмолии дохилӣ мусоидат намуда, ба коҳиш ёфтани сатҳи таваррум дар кишвар оварда расонид.

Бонки миллии Тоҷикистон бо истифода аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва вобаста ба тағйирёбии вазъи макроиқтисодӣ дар кишвар татбиқи мутавозини сиёсати пулию қарзиро самаранок ба роҳ монда, дар таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гашт.

Вобаста ба ин, меъёри бозтамвил давра ба давра аз 9,8 то 6,1 фоизи солона паст гардида, барои маблағгузории иқтисодиёт аз ҷониби бонкҳои ватанӣ шароит фароҳам оварда шуд. Инчунин, дар солҳои қаблӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон меъёри захираҳои ҳатмӣ паст карда шуда, аз рӯйи амонатҳо бо пули миллӣ 2,0 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 8,0 фоиз муқаррар гардид, ки ин бевосита барои таъмини пардохтпазирии бонкҳои ватанӣ мусоидат намуд.

Дар баробари барориши вомҳо, Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2011 то имрӯз ба воситаи гузаронидани музоядаҳо ҷойгирсозии Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳамчун фишанг дар бозори озод ҷиҳати ҷалби маблағҳои дохилӣ ва ташаккули бахши молиявӣ хизмат мекунанд, идома медиҳад.

Дар натиҷаи саривақт анҷом додани амалиёт бо истифода аз фишангҳои пулию қарзӣ, ҳаҷми пулҳои захиравӣ, ки яке аз нишондиҳандаи асосии барномавӣ ба ҳисоб меравад, дар интиҳои соли 2015-ум 7 043,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2010-ум ба андозаи 2,4 маротиба афзуд. Ин нишондиҳанда аз таҳкими устувории бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ шаҳодат медиҳад.

Тайи солҳои охир нишондиҳандаҳои асосии пулӣ, ки тибқи барномаи пулию қарзии Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) ва Ёддоштҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати моливию иқтисодӣ амалӣ мегарданд, алалхусус захираҳои софи байналмилалӣ, дороиҳои софи хориҷӣ, дороиҳои умумии хориҷӣ ва дороиҳои софи дохилӣ мунтазам афзоиш ёфтанд (Ҷадвали 49).

Дар ин раванд ҳаҷми пули миллӣ давра ба давра афзоиш ёфта, ба ҳолати охири соли 2015-ум 6 535,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010 ба андозаи 2,2 маротиба зиёд мебошад. Дар ин давра афзоиши ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби зиёдшавии ҳаҷми пули нақди дар муомилотбуда ба андозаи 1 882,0 млн. сомонӣ ё 1,7 маротиба ба вуқӯъ пайваст.

*Диаграммаи 12. Тағийрёбии ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*




Вобаста ба афзоиши ҳаҷми пули миллӣ ва ба андозаи 1,9 маротиба зиёд шудани амонатҳои дигар, нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул низ дар давоми панҷ соли охир 1,8 маротиба афзуд ва дар интиҳои соли 2015-ум 10 790,0 млн. сомониро ташкил дод.

Дар давоми панҷ соли охир бахри иҷрои тавсияҳои Ёддошти ХБА аз рӯйи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории он, пеш аз ҳама, барои нигоҳ доштани сатҳи барномавии нишондиҳандаҳои пулӣ ва гузаронидани ислоҳот ҷиҳати беҳтар намудани шаффофияти фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон назорат бурда шуд. Бо ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ Барномаи баҳодиҳии бахши молиявӣ (FSAP) аз рӯйи масъалаҳои иҷрои Кодекси Хазинаи Байналмилалии

Асъор оид ба идоракунии хавфҳои бонкӣ, баҳодиҳии бонкҳо, самаранокии назорати бонкӣ ва иҷрои принсипҳои асосии Базел, рушд ва танзими соҳаи суғурта татбиқ гардид.

*Ҷадвали 49. Бақияи унсурҳои пулӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳои пулӣ | | с.2 011 | с.2 012 | с.2 013 | с.2 014 | с.2 015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **M4** | **Нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул** | **5 933** | **7 093** | **8 492** | **9 092** | **10 790** |
| 4 | Пасандозҳо бо асъори хориҷӣ | 2 071 | 2 350 | 2 865 | 3 266 | 4 255 |
| **M0** | **Пули нақди берун аз бонкҳо** | ***2 709*** | ***3 406*** | ***4 144*** | ***4 054*** | ***4 591*** |
| **M1=M0+1** | | 3 264 | 4 093 | 4 789 | 4 885 | 5 403 |
| 1 | Пасандозҳои дархостшаванда | 555 | 687 | 645 | 831 | 812 |
| **M2=M1+2** | | 3 862 | 4 743 | 5 627 | 5 826 | 6 535 |
| 2 | Пасандозҳои мухлатдор | 598 | 650 | 838 | 941 | 1 132 |
| **M3** | **Ҳаҷми пули миллӣ** | 3 862 | 4 743 | 5 627 | 5 826 | 6 535 |
| 3 | Коғазҳои қиматнок ба ғайр аз саҳмияҳо | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |

Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии бухрони молиявию иқтисодӣ, ҷиҳати амалӣ намудани барномаҳои стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас андешида, бевосита ба фаъолияти босуботи низоми бонкии кишвар, сатҳи муътадили нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ мусоидат намуд.

Дар давоми панҷ соли охир дар раванди фаъолияти низоми бонкӣ ҷиҳати иҷрои паёмҳои Пешвои миллат бахри иҷрои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии давлат, аз ҷумла васеъ намудани сохтори хизматрасониҳои бонкӣ, рушди ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ, таҳкими қонунгузорӣ ва рушди устувори низоми бонкӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шуд ва ин тадбирҳо бевосита дар нигоҳдории устувории нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар мусоидат намуданд.

## 6.3. Муомилоти пулӣ ва хазинадории Бонки миллии Тоҷикистон

Тавре ки пештар зикр намудем, пули миллӣ яке аз рукнҳои истиқлолияти кишвари тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ ба шумор

рафта, дар танзими иқтисодиёти кишвар ҳамчун фишанги боэътимод хизмат мекунад. Пули миллии сомонӣ ҳамчунин фарҳанги қадиму ғании халқи тоҷикро дар худ таҷассум менамояд.

Пули нақд ба муомилот асосан бо дарназардошти талаботи ташкилотҳои қарзӣ бароварда мешавад. Талабот бо пули нақд аз тарафи муштариёни ташкилотҳои қарзӣ ба амал меояд.

Барориши пул ба муомилот дар минтақаҳо мунтазам таҳлил карда шуда, аз рӯйи натиҷаҳои таҳлил фонди барориш дар шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон бо дарназардошти сохти пул таҳким дода мешавад.

Дар давоми солҳои охир ба муомилоти пулии ҷумҳурӣ ба маблағи 9 163,2 млн. сомонӣ пули нақд бароварда шуд, ки аз он 9 150,8 млн. сомониро пулҳои коғазӣ ва 12,4 млн. сомониро тангаҳои филизӣ ташкил медиҳад. Аз муомилот бошад, дар ин давра маблағи 6 303,4 млн. сомонӣ пулҳои коғазии фарсуда ва 2,1 млн. сомонӣ тангаҳои филизӣ бозпас гирифта шуданд.

*Ҷадвали 50. Барориши пули нақди коғазӣ ва тангаҳои филизӣ ба муомилот дар давраи солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*

| | **Нишондиҳандаҳои пулӣ** | **с. 2011** | **с. 2012** | **с. 2013** | **с. 2014** | **с. 2015** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамагӣ: барориш | 1 213,3 | 1 406,5 | 2 028,8 | 2 428,0 | 2 086,6 |
| | аз ҷумла: | | | | | |
| | -пулҳои коғазӣ | 1 211,0 | 1 403,3 | 2 025,6 | 2 425,6 | 2 085,3 |
| | -тангаҳои филизӣ | 2,3 | 3,2 | 3,2 | 2,4 | 1,3 |
| 2. | Ҳамагӣ: гирифта шуд | 611,4 | 758,3 | 1 202,0 | 2 143,4 | 1 588,3 |
| | аз ҷумла: | | | | | |
| | - пулҳои коршоям | 145,8 | 185,7 | 351,3 | 848,3 | 541,2 |
| | - пулҳои фарсуда | 465,1 | 572,4 | 850,5 | 1 294,7 | 1 046,3 |
| | - тангаҳои филизӣ | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,8 |

Дар муомилоти пулии ҷумҳурӣ пули нақд ба охири соли 2015 маблағи 5 305,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2011 ба андозаи 2 317,0 млн. сомонӣ, ё 1,8 маротиба афзоиш ёфт.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади тозаву босифат нигоҳ доштани пулҳои дар муомилотбуда мунтазам пулҳои фарсударо аз муомилот баргардонида мегирад. Бахри амалӣ кардани ин мақсад Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳамаи ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ мунтазам тавсия медиҳад, ки пулҳои ба муомилот муносиб набударо аз шаҳрвандон ва ташкилоту идораҳое, ки ба онҳо хизмат мерасонанд, бе ягон мамонияти қабул намуда, ба Хазинаи марказии Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он супоранд.

Ба роҳ мондани чунин тарзи фаъолият барои аз муомилот бозпас гирифтани пулҳои корношояму фарсуда мусоидат намуд.

### *6.4. Сиёсати асъор ва қурби пули миллӣ*

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеш гирифтани сиёсати таъмини истиқлолияти воқеӣ ва соҳибихтиёрии давлати навбунёди тоҷикон яке аз шартҳои асосии ба вуҷуд омадани низоми миллии пулӣ ва асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дастуру ҳидоятҳо ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат барои ташкил намудани низоми асъор дар заминаи принсипҳои бозоргонӣ ва ба амалияи муосири ҷаҳонӣ мувофиқ намудани он, ки ҳамбастагӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба иқтисодиёт ва истеҳсолоти ҷаҳонӣ таъмин менамояд, омили ҳалкунанда маҳсуб мешавад.

Ба муомилот баровардани пули миллӣ, ташкили бозори дохилии асъор ва низоми ҳисоббаробариҳои байналхалқӣ, узвият ба созмонҳои бонуфузи молиявии ҷаҳонӣ, аз қабили Хазинаи Байналмилалии Асъор, Созмони Ҷаҳонии Савдо, Бонки Ҷаҳонӣ ва ғ., муҳайё кардани асосҳои ҳуқуқӣ ва кафолатҳои давлатии мубодилашаванда будани пули миллӣ, ташкили низоми босамари интиқоли мабалғҳои пулии шахсони воқеӣ бо асъори хориҷӣ, шинохти пули миллӣ ҳамчун пули давлати соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳонӣ аз дастовардҳои назарраси татбиқи сиёсати асъорӣ дар панҷ соли охир ва умуман 25 соли соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Сиёсати қурбӣ ҳамчун ҷузъи таркибии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории давлат барои фароҳам овардани шароити мусоиди иҷрои мақсаду вазифаҳои асосии ин сиёсат – таъмини қобилияти харидории пули миллӣ ва устувории қурби он ва дар маҷмӯъ, нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо хизмат мекунад.

Сиёсати қурбии Бонки миллии Тоҷикистон аз ибтидои соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз низ ҳамин гуна мақсаду вазифа дошт ва тибқи асосу принсипҳои бозорӣ таҳия ва амалӣ мегардид.

Сиёсати қурбӣ дар тамоми ин давра ба реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда” асос ёфта, мутобиқи он қурби асъори хориҷӣ

нисбат ба пули миллӣ тавассути механизмҳои бозорӣ, яъне тавассути баҳам омадани таносуби “талабот” ва “пешниҳод”-и онҳо муқаррар карда мешавад.

Дар айни замон тибқи ин реҷа Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои аз эътидол берун тағйир ёфтани қурб бо роҳи анҷомдиҳии амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷӣ дар бозори дохилии асъор устувории онро таъмин намояд.

Дар шароити кифоя набудани захираҳои тиллою асъор, зиёд будани талабот аз пешниҳоди асъори хориҷӣ, истифодаи асъори хориҷӣ ҳамчун воситаи муомилоту пардохт ва пасандоз барои аҳолӣ, реҷаи мазкур механизми ягонаи таъмини тағйирёбии муътадили қурби пули миллӣ мебошад.

Дар давраи солҳои 2011-2013 вазъи бозори дохилии асъор аз устувории нисбии қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дарак медод, вале бо сар задани буҳронҳои пайдарпайи молиявию иқтисодӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, дар давоми 2 соли охир (солҳои 2014-2015) вазъи номуътадили бозори асъор мушоҳида гардид.

Бо мақсади пурзӯр намудани фаъолияти бозори асъор, нигоҳдории мувозинати талабот ва пешниҳодот дар бозори дохилии асъор ва сари вақт анҷом додани амалиёти асъорӣ, Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти низоми электронии хариду фурӯши асъори хориҷиро дар бозори байнибонкии асъор тақвият бахшид.

Бояд зикр намуд, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳои худ ва муътадил нигоҳ доштани вазъи бозори асъор дар кишвар бо дастгирии ҳамаҷонибаи Пешвои миллат байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки мардумии Чин 3 сентябри соли 2015 ба маблағи 3 млрд. юан (мутаносиб ба 3 млрд. сомонӣ) Созишномаи СВОП ба имзо расид. Санади мазкур ба муҳлати 3 сол баста шуда, ҳар сол тамдид карда мешавад ва барои кам кардани вобастагии бозори асъор танҳо аз доллари ИМА то андозае мусоидат менамояд. Дар ин замина як қатор амалиёти савдои хориҷии кишвар бо юани чинӣ ба роҳ монда шуд, ки то андозае ба муътадил гардидани ваъзи бозори асъор дар охири соли 2015 мусоидат намуд.

Илова бар ин, амалиёти СВОП байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки мардумии Чин бо мақсади зиёд кардани захираҳо, баланд бардоштани имкониятҳои содиротӣ,

маблағгузории савдо ва дастгирии тавозуни пардохт равона мегардад.

Қобили қайд аст, ки барои амалӣ намудани сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва афзоиши захираҳои байналмилалӣ Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2013 сар карда, то имрӯз, ҳамасола тасфияи такрории тилло мегузаронад, ки ин амал имкон медиҳад тиллои ғайримонетарии Бонки миллии Тоҷикистон ба тиллои монетарӣ, ки мутобиқи меъёрҳои ҳисобдории байналмилалӣ дорои сертификати LBMA (Иттиҳодияи бозори филизоти қиматбаҳои Лондон) мебошад, табдил дода шавад.

Бо дастгирии бевоситаи Роҳбари давлат бо мақсади афзун гардонидани захираҳои тилло қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, ки дар асоси он ба Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи истисноии хариди филизоти қиматбаҳои дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшуда, дода шудааст.

Ташкили ҳисоббаробариҳои байналхалқӣ тавассути барқарор кардани муносибатҳои муросилотии Бонки миллии Тоҷикистон бо бонкҳои марказию тиҷоратии хориҷӣ бо истифода аз низоми СВИФТ ва ба он ҷалб намудани бонкҳои тиҷоратии ватанӣ сурат гирифт ва ин иқдом дар айни замон такмил ёфта истодааст.

Тағйирёбии қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА дар солҳои 2011, 2012 ва 2013 мӯътадил буда, солҳои 2014 ва 2015 бо дарназардошти бад шудани вазъи геосиёсии ҷаҳон ва минтақа, ба мушкилоти иқтисодию молиявӣ гирифтор шудани шарикони асосии тиҷоратӣ ва ба таври бесобиқа паст рафтани нархи нафту дигар ашёи хом, аз эътидол берун гашт (ниг. ба Ҷадвали 51).

*Ҷадвали 51. Тағйирёбии миёнасолонаи қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ дар солҳои 2011-2015 (1$=сомонӣ)*

| **Давра** | ***2011*** | ***2012*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** | ***Миёна дар панҷ сол*** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар оғози давра | *4,6102* | *4,7621* | *4,7735* | *4,9348* | *6,8558* | *5,1873* |
| Тағйирёбии нисбӣ сол ба сол (бо %) | *5,5* [1] | *3,3* | *0,2* | *3,4* | *38,9* | *62,1* |
| Анҷоми давра | *4,7585* | *4,7644* | *4,7741* | *5,3079* | *6,9902* | *5,3190* |
| Тағйирёбии нисбӣ сол ба сол (бо %) | *8,1* [1] | *-0,12* | *0,2* | *11,2* | *31,7* | *20,8* |

1. Муқоисаи тағйирёбӣ бо маълумотҳои ҷадвали 27.

Бо мақсади ба эътидол овардани вазъи бозори дохилии асъор ва қурби пули миллӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ва мақомоти давлатии дахлдор як қатор чораҳои фаврӣ андешида, амалӣ намуданд.

Аз ҷумла, низоми нави мутамарказ ва идорашавандаи анҷомдиҳии амалиёти хариду фурӯши асъори хориҷии нақд тибқи Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" (қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015, №195) ҷорӣ гашта, маҷмӯи чорабиниҳои таҳкиму густаришу фаъолияти он дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ анҷом дода шуда истодааст.

Тамоми нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ ва шахсони воқеӣ баста шуда, амалиётҳои мубодилавӣ бо асъори нақди хориҷӣ дар хазинаҳои нуқтаҳои интиқоли пул, марказҳои хизматрасонии бонкӣ, филиал ва саридораи ташкилоти қарзӣ гузаронида мешаванд.

Дар айни замон, ташкилотҳои қарзӣ дар марказҳои савдо, бозорҳо, меҳмонхонаҳо ва дигар ҷойҳои серодам марказҳои хизматрасонии бонкии нав, аз ҷумла марказҳои ба таври шабонарӯзӣ фаъолияткунанда кушода истодаанд.

Фаъолияти низоми ягонаи электронии савдо дар бозори байнибонкии асъор, дар асоси платформаи кории Ширкати "Томсон Ройтерс" густаришу таҳким ёфта, тамоми амалиётҳои бонкии Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ бо асъори хориҷӣ тавассути он гузаронида мешаванд.

Фаъолияти босубот ва пурсамари механизми мубодилаи пурраи рубли русии интиқолшуда ба сомонӣ ва фурӯши на кам аз 50 фоизи он аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар бозори байнибонкӣ таъмин карда шудааст.

Нақшаи гузариш ба низоми қурби ягонаи пули миллӣ дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор амалӣ гашта, фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби бозории асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ аз ду фоиз пасттар фароварда шуда, таносуби мазкур нигоҳ дошта мешавад.

Таҷдиди назар кардани муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии танзиму назорати асъор ва тартиби анҷомдиҳии амалиётҳои бонкӣ бо асъори хориҷӣ идома дорад. Аз ҷумла, бо мақсади пурзӯр кардани масъулият ва ҷавобгарии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои истифодаи ғайриқонуниии асъори хориҷӣ дар муомилоти дохилӣ (хариду фурӯши молу мавод бо асъори хориҷии нақд) ва хариду фурӯши ғайрирасмии асъори хориҷии нақд ба Кодексҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо омода гашта, онҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

## *6.5. Амалиёт дар бозори озод*

Ташкили бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, корпоративӣ ва инфрасохтори дахлдор яке аз шартҳои асосии гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад, ки ба табақаҳои васеи аҳолӣ барои иштирок дар моликият имконият фароҳам оварда, ба ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, истифодаи коғазҳои қиматнок ба сифати гарав барои гирифтани қарз ва такмили фишангҳои танзими муомилоти пулӣ мусоидат менамояд.

Аз ҳисоби барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ зиёд шудани қарзи давлатии дохилӣ тадриҷан вобастагии иқтисодиётро аз маблағгузории хориҷӣ кам намуда, бо ин роҳ хавфнокии асъори хориҷиро, ки ба қарзи давлатӣ алоқаманд аст, паст менамояд ва имконияти ҷалб намудани қарзҳои бахши хусусиро таъмин карда, бо ҳамин роҳ таносуби умумии қарзи давлатӣ ва маҷмӯи маҳсулоти дохилиро зери назорат қарор медиҳад.

Дар ин раванд, амалиёт дар бозори озод ҳамчун фишанги самараноки татбиқи сиёсати пулию қарзӣ барои ба даст овардани мақсадҳои сиёсати пулию қарзӣ, хусусан нигоҳдории таваррум ва таъмини рушди иқтисодӣ идома ёфта истодааст.

Дар давоми солҳои 2011-2015 дар бозори коғазҳои қиматнок истифодаи амалиётҳои хариду фурӯши коғазҳои қиматнок фаъолона амалӣ гардид. Дар ин давра аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон 646 музоядаи коғазҳои қиматнок баргузор гардид, ки дар он вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон хариду фурӯш карда шуд. Фоизи миёнавазни даромаднокии солонаи онҳо дар соли 2011 ба

8,93 фоиз, соли 2012 - 3,21 фоиз, соли 2013 - 2,90 фоиз, соли 2014 - 3,22 фоиз ва дар соли 2015 ба 4,34 фоиз баробар шуд *(Диаграммаи 13).*

*Диаграммаи 13. Фоизи миёнавазни даромаднокии вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015 (бо фоиз)*




Ҳаҷми умумии фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми панҷ соли охир маблағи 5 542,9 млн. сомониро ташкил дод. Барориши коғазҳои қиматнок дар ин давра асосан бо муҳлати 7 рӯз, 14 рӯз, 28 рӯз ва 56 рӯз ба роҳ монда шуд.

Аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барориши векселҳои давлатии хазинадорӣ дар давоми панҷ соли охир идома ёфта, мувофиқ ба он Бонки миллии Тоҷикистон дар ин давра 28 музояда гузаронид ва ба маблағи 628,1 млн. сомонӣ векселҳои давлатии хазинадориро ба фурӯш баровард. Муҳлати барориши векселҳои давлатии хазинадорӣ 91 рӯзро ташкил медод.

**Меъёри захираҳои ҳатмӣ** яке аз фишангҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ба шумор меравад. Ин фишанг аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои танзими ҳаҷми пули дар муомилотбуда дар доираи нақшаи пешбинишуда, танзими пардохтпазирии бонкҳо ва паст намудани сатҳи умумии нархҳо (таваррум) истифода мешавад.

Ҷиҳати дастгирии соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ аз 8 сентябри соли 2015, №190 меъёри захираҳои ҳатмиро барои ташкилотҳои қарзӣ, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, аз 1 октябри соли 2015

барои пасандозҳо бо пули миллӣ 0,5 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 1,0 банди фоизӣ паст карда, мутаносибан дар сатҳи 1,5 фоиз ва 7,0 фоизи солона муқаррар намуд. Паст кардани меъёри захираҳои ҳатмӣ танҳо нисбат ба ташкилотҳои қарзие амалӣ мегардад, ки меъёрҳои мақбули муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистонро риоя мекунанд.

Ҳаҷми умумии захираҳои ҳатмӣ ба охири декабри соли 2015 маблағи 499,7 млн. сомониро ташкил дод, ки аз он 193,9 млн. сомонӣ бо пули миллӣ ва 305,8 млн. сомонӣ бо асъори хориҷӣ мебошад. Ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2014 ба андозаи 82,6 млн. сомонӣ афзоиш ёфт. Тамоюли тағйирёбии меъёр ва маблағи захираҳои ҳатмӣ дар ҷадвали зер оварда мешавад.

*Ҷадвали 52. Маблағ ва меъёри захираҳои ҳатмӣ дар давраи солҳои 2011 - 2015 (млн. сомонӣ)*

| **Нишондиҳандаҳо** | | **Солҳо** | | | | | **Тағйирот с. 2015 дар нисбат ба с. 2011** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | |
| 1 | Маблағи умумии захираҳои ҳатмӣ (млн. сомонӣ) | 337,7 | 297,0 | 331,8 | 417,1 | 499,8 | 162,1 |
| | аз ҷумла:<br>бо пули миллӣ<br>бо асъори хориҷӣ | <br>180,8<br>156,9 | <br>151,4<br>145,6 | <br>176,1<br>155,7 | <br>230,8<br>186,3 | <br>193,9<br>305,9 | <br>13,1<br>149,0 |
| 2. | Меъёри захираҳои ҳатмӣ ба ҳисоби миёна (бо фоиз) | 8,0 | 6,0 | 6,0 | 6,0 | 4,25 | -3,75 |
| | аз ҷумла:<br>бо пули миллӣ<br>бо асъори хориҷӣ | <br>7<br>9 | <br>5<br>7 | <br>5<br>7 | <br>5<br>7 | <br>1,5<br>7 | <br>-5,5<br>-2,0 |

**Қарздиҳӣ.** Қарз яке аз воситаи асосии пешрафти иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Сиёсати қарзии бонкҳои ҷумҳурӣ барои инкишофи соҳаҳои муҳиму афзалиятноки иқтисодиёт, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва зиёд шудани Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) равона гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади дастгирии ташкилотҳои қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015 додани қарзро идома дода, ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат намуд.

Воқеан дар давоми панҷ соли охир қарздиҳӣ танҳо ба ташкилотҳои қарзӣ тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор

амалӣ карда шуд. Дар ин давра ба ташкилотҳои қарзӣ бо пули миллӣ 4 968,7 млн. сомонӣ, бо асъори хориҷӣ 145,3 млн. доллари ИМА ва бо рубли русӣ 395,0 млн. рубли ФР қарз ҷудо карда шуд *(Ҷадвали 53)*.

*Ҷадвали 53. Ҳаҷми қарзҳои ҷудонамудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2015 (млн. воҳиди шартӣ)*

| № | Номгӯй | Солҳо | | | | | Тағйирот дар с. 2015 нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | |
| **(млн. сомонӣ)** | | | | | | | |
| 1. | Ташкилотҳои қарзӣ | 1 521,7 | 1 357,7 | 1 041,5 | 366,0 | 681,8 | -839,9 |
| | аз ҷумла:<br>-барои пардохтпазирӣ | 1 521,7 | 1 357,7 | 1 041,5 | 366,0 | 681,8 | -839,9 |
| 2. | Иқтисодиёт | 1,0 | 28,4 | 22,7 | 2,6 | 0,6 | -0,4 |
| **Ҳамагӣ:** | | **1 522,7** | **1 386,1** | **1 064,2** | **368,6** | **682,4** | **-840,3** |
| **(млн. долл. ИМА)** | | | | | | | |
| 3. | Ташкилотҳои қарзӣ | - | 114,6 | 12,7 | 15,2 | 2,8 | -111,8 |
| | аз ҷумла:<br>-барои пардохтпазирӣ | - | 114,6 | 12,7 | 15,2 | - | - |
| **Ҳамагӣ:** | | **-** | **114,6** | **12,7** | **15,2** | **2,8** | **-111,8** |
| **(млн. рубли ФР)** | | | | | | | |
| 3. | Ташкилотҳои қарзӣ | - | 100,0 | 125,0 | 140,0 | 30,0 | -70,0 |
| | аз ҷумла:<br>-барои пардохтпазирӣ | - | 100,0 | 125,0 | 140,0 | 30,0 | -70,0 |
| **Ҳамагӣ:** | | **-** | **100,0** | **125,0** | **140,0** | **30,0** | **-70,0** |

Дар соли 2011 баргардонидани қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бо пули миллӣ 1 613,0 млн. сомонӣ ва аз ҷониби дигар соҳаҳои иқтисодиёт бошад маблағи 3,4 млн. сомониро ташкил дод.

Дар соли 2015 баргардонидани қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бо пули миллӣ 606,0 млн. сомонӣ ва аз ҷониби дигар соҳаҳои иқтисодиёт маблағи 8,4 млн. сомониро ташкил намуд. Дар ин давра бозгардонидани қарзҳо бо асъори хориҷӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба 0,8 млн доллари ИМА ва бо рубли русӣ 60,0 млн. рубли Федератсияи Русияро ташкил дод *(Ҷадвали 54)*.

*Ҷадвали 54. Пардохти қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (бо млн. воҳиди шартӣ)*

| № | Номгӯй | Солҳо | | | | | Тағйирот с. 2015 нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | |
| **(млн. сомонӣ)** | | | | | | | |
| 1 | Ташкилотҳои қарзӣ | 1 613,0 | 1 393,1 | 1 098,7 | 280,6 | 606,0 | -1 007,0 |
| | аз ҷумла:<br>- барои пардохтпазирӣ | 1 609,4 | 1 385,8 | 1 091,5 | 273,0 | 596,3 | -1 013,1 |
| 2 | Иқтисодиёт | 3,4 | 8,8 | 8,2 | 8,0 | 8,4 | 5,0 |
| **Ҳамагӣ:** | | **1 616,4** | **1 401,9** | **1 106,9** | **288,6** | **614,4** | **-1 002,0** |
| **(млн. долл. ИМА)** | | | | | | | |
| 1 | Ташкилотҳои қарзӣ | - | - | 4,7 | 21,0 | 0,8 | -3,9 |
| | аз ҷумла:<br>- барои пардохтпазирӣ | - | - | 4,2 | 20,5 | - | 16,3 |
| **Ҳамагӣ:** | | - | - | 4,7 | 21,0 | 0,8 | -3,9 |
| **(млн. рубли ФР)** | | | | | | | |
| 1 | Ташкилотҳои қарзӣ | - | - | 210,0 | 125,0 | 60,0 | -150,0 |
| | аз ҷумла:<br>- барои пардохтпазирӣ | - | - | 210,0 | 125,0 | 60,0 | -150,0 |
| **Ҳамагӣ:** | | **-** | **-** | **210,0** | **125,0** | **60,0** | **-150,0** |

Дар соли 2011 пардохти фоизи қарз бошад маблағи 34,5 млн. сомониро ташкил дод, аз ҷумла пардохти фоизи истифодаи қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба 33,1 млн. сомонӣ баробар шуд.

Дар соли 2015 пардохти фоизи қарз бо пули миллӣ дар маҷмӯъ 28,6 млн. сомониро ташкил кард, аз ҷумла пардохти фоизи истифодаи қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ 27,8 млн. сомонӣ, бо асъори хориҷӣ 0,4 млн. доллари ИМА ва 1,6 млн. рубли Федератсияи Русияро ташкил дод *(Ҷадвали 55)*.

*Ҷадвали 55. Пардохти фоизи қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (бо млн. воҳиди шартӣ)*

| № | Номгӯй | Солҳо | | | | | Тағйирот дар с. 2015 нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | |
| **(млн. сомонӣ)** | | | | | | | |
| 1 | Ташкилотҳои қарзӣ | 33,1 | 22,5 | 19,2 | 8,2 | 27,8 | -5,3 |
| | аз ҷумла:<br>- барои пардохтпазирӣ | 29,3 | 19,7 | 16,6 | 5,9 | 25,2 | -4,1 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Иқтисодиёт | 1,4 | 0,6 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | -0,6 |
| **Ҳамагӣ:** | | **34,5** | **23,1** | **20,2** | **9,2** | **28,6** | **-5,9** |
| **(млн. долл. ИМА)** | | | | | | | |
| 1 | Ташкилотҳои қарзӣ | - | - | 0,3 | 0,7 | 0,4 | 0,1 |
| | аз ҷумла:<br>- барои пардохтпазирӣ | - | - | 0,1 | 0,4 | - | 0,3 |
| **Ҳамагӣ:** | | **-** | **-** | **0,3** | **0,7** | **0,4** | **0,1** |
| **(млн. рубли ФР)** | | | | | | | |
| 1 | Ташкилотҳои қарзӣ | - | - | 1,8 | 3,8 | 1,6 | -0,2 |
| | аз ҷумла:<br>- барои пардохтпазирӣ | - | - | 1,8 | 3,8 | 1,6 | -0,2 |
| **Ҳамагӣ:** | | **-** | **-** | **1,8** | **3,8** | **1,6** | **-0,2** |

**Қарзҳои мушкилситон.** Дар давоми панҷ соли охир бо мақсади баргардонидани қарзҳои мушкилситон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон андешидани иқдомоти зарурӣ идома дода шуд.

Дар муддати солҳои 2011- 2015 қарзҳои мушкилситони Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ дар ҳаҷми 4,1 млн. сомонӣ пардохт шудааст *(Ҷадвали 56).*

*Ҷадвали 56. Пардохти қарзҳои мушкилситон аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*

| № | Номгӯй | Солҳо | | | | | Тағйирот дар с. 2015 нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | |
| **(млн. сомонӣ)** | | | | | | | |
| 1 | Ташкилотҳои қарзӣ | 1,7 | 0,6 | 0,7 | 0,8 | 0,3 | -1,4 |

Дар хусуси баргардонидани қарзҳои мушкилситон ҳамкориҳо бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармони муштараки тарафайн аз соли 2003 ба роҳ монда шудааст. Мутобиқи рӯйхат парвандаи қарзии 253 муштарӣ барои андешидани чораҳои дахлдор оид ба баргардонидани қарзҳояшон ба мақомоти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2010, №РП-1374, қарзҳои сармоягузорон ба маблағи 154 млн. доллари ИМА-ро, ки тавассути ҶСП ТМҒ "КредитИнвест" барои коркард ва содироти маҳсулоти пахта дода шуда буданд, дар асоси шартномаҳои қарзии дутарафа ва ҷадвали пардохт барои давраи аз 1 апрели соли 2010 то 31 марти соли 2018 ба расмият даровард.

## *6.6. Рушди минбаъдаи низоми бонкӣ*

Дар давоми панҷ соли охир бо мақсади таҳкими устуворӣ, амният ва эътимоднокии низоми бонкии мамлакат, баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ ва васеъ гардонидани имконияти қарздиҳии онҳо, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат барои хизматрасонии молиявӣ ба шаҳрвандон санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон такмил дода шуд. Инчунин, аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав таҳия ва қабул гардиданд, ки мавриди амал қарор гирифтанд.

Барои танзим намудани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва кам кардани хавфҳои ҷойдоштаи низоми бонкӣ аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон Дастурамали №196 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд”, Дастурамали №197 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд”, Дастурамали №198 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти фондҳои қарзии хурд”, Дастурамали №176 “Дар бораи танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ”, Дастурамали 177 ”Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо”, Дастурамали №171 “Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Дастурамали №186 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ”, Дастурамали №181 “Дар бораи талабот оид ба мавҷудияти низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ”, Низомнома “Дар бораи Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ”, Раҳнамо “Дар бораи тартиби додани иҷозатнома барои фаъолияти бюрои таърихи қарз”, “Раҳнамои методӣ оид ба назорати фаъолияти бюрои таърихи қарз” қабул шудаанд, ки аксари санадҳои меъёрии мазкур вобаста ба талабот ва таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон таҳияву таҳрир гардидаанд.

Барои шаффофият ва беҳтар намудани назорати фосилавии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ сол аз сол Феҳристи шаклҳои ҳисоботҳои танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ такмил дода мешавад.

Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» аз соли 2004, барои тараққӣ додани бозори хизматрасонии маблағгузории хурд дар ҷумҳурӣ ва рушди соҳибкорӣ замина пайдо шуд, ва ташкилотҳои маблағгузории хурд бо суръат тараққӣ карда, дар бозори маблағгузории хурд, хусусан дар самти дастгирии соҳибкорони хурду миёна оид ба додани қарзҳои хурд ба аҳолии дурдасти кӯҳистон фазои рақобатнок фароҳам омад.

Барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои қарзии хурд, таҳкими фаъолияти онҳо ва аз шумора ба сифат гузаштан дар раванди фаъолият ҳадди ақалли сармоя барои онҳо тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2015, №103 ва №104 зиёд карда шуд.

Барои мукаммал кардани қонунгузории бонкӣ ва дар ҳамин замина ҷалб намудани сармоягузории бештари хориҷӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" қабул гардида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қонун дар таърихи 26 июли соли 2014, №1108 ба имзо расид, ки дар он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти бонкии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, ки шароити мусоидро барои пешбурди ин фаъолият дар мамлакат фароҳам меоварад.

Дар ҷумҳурӣ талаботи маблағгузорӣ ба иқтисодиёт ниҳоят зиёд буда, интизор меравад, ки бонкдории исломӣ ба васеъ кардани доираи амалиётҳои бонкӣ, пайдо намудани манбаъҳои нави ҷалби сармояи хориҷӣ, инчунин амонатҳои дохилӣ мусоидат намояд.

Барои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" Низомнома "Дар бораи Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2015, №186 тасдиқ гардид.

Бо мақсади татбиқи амалияи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 23 октябри соли 2015, №217/ФФ гурӯҳи корӣ "Оид ба омода намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" барои фаъолияти бонкии исломӣ таъсис дода шуд.

Аз ҷониби Гурӯҳи корӣ 5 лоиҳаи санадҳои меъёрии вобаста ба бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи кишварҳои шарики иқтисодии Тоҷикистон, ба монанди Қазоқистон, Қирғизистон ва Малайзия таҳия шуда истодааст, аз ҷумла: Дастурамал "Дар бораи амалиётҳое, ки мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилотҳои қарзии исломӣ анҷом дода мешаванд", "Тартиби таъсиси Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, ваколатҳо ва талабот ба аъзои он", Лоиҳаи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», "Тартиби табдили ташкилоти карзии анъанавӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ" ва Феҳрасти ҳисобҳои тавозунӣ барои ташкилотҳои қарзии исломӣ.

Инчунин дар баробари навъҳои амалиёти маъмули бонкӣ (мисли амалиёти хазинавӣ, додани қарз, қабули амонат, иҷрои ҳисоббаробарӣ ва пардохтҳо), ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ мутобиқи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалиётҳои муосири бонкиро низ ба мисли амалиётҳои сейфӣ, ҳамлу нақл, ҳисоббаробарӣ бо кортҳои пардохти бонкӣ ва пардохтҳои электронӣ анҷом дода истодаанд.

Ғайр аз ин, дар ташкилотҳои қарзӣ низоми интернет-банкинг ва мобайл-банкинг ҷорӣ шудааст, ки ин ба ҷалби бештари муштариёни нав мусоидат менамояд. Бартарии чунин хизматрасониҳо дар он аст, ки муштариён метавонанд ҳар вақт, ки хоҳанд аз вазъи суратҳисоби худ бохабар бошанд ва амалиётҳои бонкиро берун аз ҷумҳурӣ низ анҷом диҳанд.

Барои васеъ намудани ҳиссаи ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ, танзими онҳо ва коҳиш додани муомилоти пули нақд дар амалиётҳои тиҷоратӣ, хариду фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ, бо пешниҳодоти Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба чораҷӯйии масъалаҳои коҳиши муомилоти пули нақд дар ҳамаи амалиётҳои тиҷоратӣ, хариду фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тадбирҳои васеъ намудани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ" қабул гардид.

Мувофиқи ин қарор бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ муассисаҳои савдою хизматрасонӣ ва дигар муассисаҳои дахлдор

уҳдадор шудаанд, ки раванди қабули маблағҳоро ҳангоми пардохти молу хизматрасониҳо, пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмии ба он баробарро ба таври ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохти бонкӣ, таъмин намоянд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №815 "Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ" барои коҳиш додани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва рушди низоми ҳисоббаробарии ғайринақдӣ мунтазам бо ташкилотҳои қарзӣ дар иртибот буда, вохӯриҳо ва ҷаласаҳои корӣ ташкил менамояд ва раванди насб кардани терминалҳои электрониро аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ зери назорат мегирад.

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз (кредит)", моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва Низомнома "Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" мутобиқи қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2012, №307 ба Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон" ва аз 25 июли соли 2014, №186 ба ҶДММ "Бюрои таърихи қарзии Сомониён" барои иҷрои фаъолияти бюрои таърихи қарз иҷозатнома дода шуд.

Таъсиси бюрои қарзӣ барои баланд гардидани устувории молиявии низоми бонкӣ нақши муҳим мебозад. Иҷрои вазифаҳои дар назди бюрои қарзӣ гузошташуда ба паст шудани сатҳи хавфи қарзӣ, инчунин барои муайян намудани қарзгирони ҳолати молиявияшон бад мусоидат хоҳад намуд.

Барои сода гардонидани дастрасии маблағҳои қарзӣ ба лоиҳаҳои дорои аҳамияти иқтисодиву иҷтимоӣ ва бо мақсади васеъ гардидани дастрасии аҳолӣ ба захираҳои қарзӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии бонкӣ дар манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон ва дар ин замина зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ "Тартиби таъсиси воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2013, №319 тасдиқ

гардидааст, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 феврали соли 2014, №559 "б" ба қайд гирифта шуд.

Тибқи Тартиби мазкур ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо метавонанд берун аз маҳалли ҷойгиршудаи худ воҳидҳои сохторӣ таъсис диҳанд, ки ин дар навбати худ ба муҳайё гардидани шароит барои ҷалби бештари маблағҳои озод ва васеъ намудани фазои хизматрасонии бонкӣ, аз ҷумла пешниҳоди қарз ба аҳолии кишвар мусоидат менамояд.

**Низоми бонкӣ.** Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2015 дар маҷмӯъ 123 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 39 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 31 ташкилоти қарзии хурд ва 36 фонди қарзии хурд фаъолият намуданд.

Дар охири соли 2015 нисбат ба охири соли 2011 шумораи ташкилотҳои қарзӣ 14 адад, ё 10,2 фоиз кам гардид, ки ин ба таҳким бахшидани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ алоқаманд аст. Сиёсати пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт ҷиҳати гузаштан аз шумора ба сифат, ки дар асоси афзоиши ҳаррӯзаи талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ муайян мешавад ба суръати пешрафти иқтисоди кишвар таъсири мусбат мерасонад *(Ҷадвали 57)*.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи амалӣ гардидани ин мақсадҳо ташкилотҳои маблағгузории хурд барои таъмини талаботи санадҳои меъёрии такмилшуда ва пурзӯр кардани нишондиҳандаҳои тавозунӣ ба талаботи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хусусан мутобиқ намудани сармояи худ ба талаботи ин санадҳо, ба якдигар ҳамҷоя шуданд ва қисмати дигаре, ки ҳамҷоя шуда натавонистанд фаъолияти худро қатъ намуданд.

*Ҷадвали 57. Шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (адад)*

| Номгӯйи ташкилот | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ: Ташкилотҳои қарзӣ (адад)** | **137** | **141** | **136** | **137** | **123** |
| **аз ҷумла: бонкҳо** | **15** | **16** | **16** | **17** | **17** |
| **Ташкилотҳои маблағгузории хурд** | **122** | **125** | **120** | **120** | **106** |
| аз ҷумла: ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 34 | 35 | 39 | 42 | 39 |
| ташкилотҳои қарзии хурд | 43 | 44 | 42 | 42 | 31 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| фондҳои қарзии хурд | 45 | 46 | 39 | 36 | 36 |

Мутобиқи маълумотҳои ҷамъбастӣ нишондиҳандаҳои асосии ташкилотҳои қарзӣ дар панҷ соли охир тамоюли зиёдшавиро ба худ касб намуд. Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар охири соли 2015 нисбат ба охири соли 2011 ба андозаи 2,1 маротиба ва сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ ба андозаи 2,4 маротиба зиёд шудааст. Ҳамзамон ҳаҷми уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ 2,3 маротиба ва амонатҳо 1,9 маротиба зиёд шудааст. Дар ин давра сармояи ташкилотҳои қарзӣ 1,3 маротиба афзоиш ёфт *(Ҷадвали 58).*

*Ҷадвали 58. Нишондиҳандаҳои маҷмӯии низоми бонкӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*

| **Нишондихандахо** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **Тағйирот дар с. 2015 нисбат ба с. 2011 (бо маблағ)** | **Тағйирот дар с. 2015 нисбат ба с. 2011 (бо фоиз)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳо | 9 056 | 10 528 | 12 653 | 14 854 | 18 639 | 9 583 | 2,1 мар. |
| Қарзҳо (брутто) | 4 589 | 5 290 | 7 399 | 9 661 | 11 228 | 6 639 | 2,4 мар. |
| Уҳдадориҳо | 7 178 | 8 231 | 10 063 | 12 508 | 16 222 | 9 044 | 2,2 мар. |
| Амонатҳо | 4 424 | 4 926 | 5 519 | 6 691 | 8 614 | 4 190 | 94,7 |
| Сармоя | 1 878 | 2 297 | 2 590 | 2 346 | 2 417 | 539 | 28,7 |

## *6.7.Афзоиши ҳаҷми пасандозҳо дар давраи солҳои 2011-2015*

*Пасандозҳо.* Дар давоми панҷ соли охир афзоиши мунтазами ҳаҷми пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар ба назар расид, ки он аз баланд шудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар ва вазъи муътадили ташкилотҳои қарзии кишвар шаҳодат медиҳад. Баъди бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодии соли 2008 то охири соли 2010 вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии кишвар то андозае коҳиш ёфт. Баъди паси сар шудани бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ дар охири соли 2010 барои низоми бонкии кишвар марҳилаи нави фаъолият шурӯъ гардид. Ин вазъият то охири соли 2013 давом кард ва муътадилии вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ барои зиёд гардидани эътимоду боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар замина муҳайё сохт.

Мутаассифона, дар аввалҳои соли 2014 боз бӯҳрони молиявию иқтисодӣ дар бозорҳои молиявии кишварҳои ҷаҳон пайдо гардид, ки ин аз паст шудани нархи маводи сӯхт дар бозори ҷаҳонӣ вобаста

мебошад. Ҳамзамон сар задани бухронҳои молиявию иқтисодӣ дар кишварҳои шарики иқтисодии Тоҷикистон, аз ҷумла Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва ғ. ба номуътадилии вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии кишвар таъсир гузошт ва дар ду соли охир (солҳои 2014-2015) ҳолати ташкилотҳои қарзии кишвар то андозае номуътадил гардид. Инчунин дар бозори молиявии кишвар тағйирёбии бемайлони қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ ба назар мерасид ва то андозае вазъи молиявии як қатор бонкҳои ҷумҳурӣ бад гардид, ки ба камшавии эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар дар ду соли охир оварда расонид.

Хушбахтона, бо тағйир додани самти сиёсати пулию қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон тавонист аз охири соли 2015 вазъи муътадили бозори молияро ба даст гирад ва пурра ҳолати онро ба танзим дарорад.

Мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ ба ҳолати охири соли 2015 ҳаҷми бақияи амонат (пасандоз)-ҳо маблағи 8,6 млрд. сомониро ташкил дод, аз ҷумла амонатҳои шахсони воқеӣ 5,4 млрд. сомонӣ (ё 63,0 фоизи ҳаҷми умумии амонатҳо) ва шахсони ҳуқуқӣ 3,2 млрд. сомонӣ (ё 37,0 фоизи ҳаҷми умумии амонатҳо) *(Ҷадвали 59)*. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба ҳисоби миёна дар солҳои 2011-2015 ҳаҷми амонатҳо бо пули миллӣ дар таркиби ҳамаи амонатҳо 33,2 фоиз ва амонатҳо бо асъори хориҷӣ 66,8 фоизро ташкил медиҳад.

Дар давраи таҳлилшаванда бонкҳои кишвар роҳҳои гуногуни ташвиқу таблиғотро баҳри ҷалби бештари амонатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла роҳҳои ҳавасмандкунӣ, тартиби ташкили амонатҳои бурднок ва дигар тарзу услуби муосири хизматрасонии бонкиро истифода намуданд.

*Ҷадвали 59. Ҳаҷми бақияи амонатҳо дар солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*

| Солҳо | Бақияи умумии амонатҳо | Шахсони воқеӣ | | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | бо сомонӣ | бо асъори хориҷӣ | Ҳамагӣ | бо сомонӣ | бо асъори хориҷӣ |
| 2011 | 4 423,5 | 2 298,3 | 353,1 | 1 945,2 | 2 125,2 | 1 272,6 | 852,6 |
| 2012 | 4 927,2 | 2 937,4 | 469,8 | 2 467,6 | 1 989,9 | 1 140,9 | 849,0 |
| 2013 | 5 521,6 | 3 660,1 | 681,1 | 2 979,0 | 1 861,5 | 1 066,8 | 794,7 |
| 2014 | 6 690,6 | 4 253,3 | 838,0 | 3 415,3 | 2 437,3 | 1 470,4 | 966,9 |
| 2015 | 8 613,5 | 5 423,5 | 1 058,3 | 4 365,3 | 3 190,0 | 1 565,7 | 1 624,3 |

## *6.8. Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт дар давраи солҳои 2011-2015*

Дар давоми панҷ соли охир мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ афзоиши мунтазами ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба назар мерасид. Ин афзоиш асосан ба зиёд шудани талаботи сохторҳои гуногуни иқтисодиёт ба воситаҳои пулӣ алоқаманд буд. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар охири соли 2015 бақияи ҳаҷми қарзҳои ба иқтисодиёти кишвар додашуда 11,3 млрд. сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2010 ба андозаи 7,6 млрд. сомонӣ, ё 3,1 маротиба афзуд (*Ҷадвали 60*). Ба ҳисоби миёна дар панҷ соли охир бақияи ҳаҷми қарзҳо 25,6 фоиз афзоиш ёфт. Хусусан ин афзоиш дар соли 2013 нисбат ба соли 2012 ба андозаи 38,9 фоиз ва дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 29,9 фоиз ба мушоҳида расид, ки ба он ҳаҷми маблағҳои ба соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат ҷудошуда, таъсир расонид.

*Ҷадвали 60. Бақияи ҳаҷми маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт дар солҳои 2011 – 2015 (бақия дар охири давра, млн.сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Бақияи қарз | 4 799,6 | 5 421,3 | 7 531,0 | 9 783,2 | 11 341,7 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба соли гузашта (млн. сомонӣ) | 1 071,3 | 621,7 | 2 109,7 | 2 252,2 | 1 558,5 |
| Тағйирёбӣнисбат ба соли гузашта (бо %) | 28,7 | 12,9 | 38,9 | 29,9 | 15,9 |

Қарзҳои дар ин давра додашуда бештар ба бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла ба соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, савдои хориҷӣ ва истеъмолот равона гардиданд.

Афзоиши қарзҳои дар давоми давра додашуда аз талаботи бозор ва аз нақшаҳои маблағгузории соҳаи кишоварзӣ вобастагӣ дошт. Хусусан барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсолоти дохилӣ аз ҷониби низоми бонкӣ ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ дар соли 2011 нисбат ба соли 2010 ба андозаи 17,2 фоиз ва дар соли 2012 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 8,0 фоиз зиёд гардид. Дар ин давра афзоиши бештар дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 37,3 фоиз ба назар мерасад. Афзоиши қарзҳои дар давоми давра

додашуда, ба ҳисоби миёна андозаи 18,4 фоизро ташкил дод *(Ҷадвали 61)*. Сабаби асосии афзоиши ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, чунонки дар боло қайд гардид, дастгирии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва хусусан истеҳсолоти дохилӣ ба шумор меравад.

*Ҷадвали 61. Ҳаҷми қарзҳои додашуда ба иқтисодиёт дар солҳои 2011 – 2015 (бақия дар охири давра, млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Бақияи қарз | 6 495,4 | 7 013,2 | 8 867,4 | 12 178,6 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба соли гузашта (млн. сомонӣ) | 951,6 | 517,6 | 1 854,2 | 3 311,2 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба соли гузашта (бо %) | 17,2 | 8,0 | 26,4 | 37,3 |

**Қарзҳои хурд.** Тавре ки маълум аст, яке аз самтҳои асосии дастгирии соҳибкории хурду миёна қарздиҳии хурд ба ҳисоб рафта, ба паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва афзоиши сатҳи истеҳсолоти дохилӣ мусоидат менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ин роҳ низоми бонкии кишвар барои ноил гардидан ба супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти афзун намудани истеҳсоли молҳои содиротивазкунанда ва афзун намудани молҳои истеҳсоли дохилӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Қарздиҳии хурд аз тарафи низоми бонкии кишвар дар панҷ соли охир афзоиши назаррасро соҳиб гашт. Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба ҳисоби миёна 2-3 маротиба афзуд, ки он дар таркиби ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба иқтисодиёти кишвар 42,8 фоизро ташкил медиҳад. Дар тӯли панҷ соли охир нишондодҳои назаррас дар самти афзоиши қарздиҳии хурд маҳз дар соли 2013 мушоҳида гашт, ки он назар ба соли 2012 ба 1,5 маротиба зиёд мебошад. Ин афзоиш аз фаъолияти босамари низоми бонкии кишвар дар самти дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад.

Аз рӯйи маълумоти оморӣ дар соли 2011 ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда маблағи 2 402,5 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2010 ба андозаи 34,0 фоиз афзуд. Ҳаҷми қарзҳои дар ин давра дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон додашуда бошад маблағи 517,6 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2010 ба андозаи 26,7

фоиз зиёд шуд. Дар солҳои 2011-2015 ҳаҷми қарзҳои хурди дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон додашуда ба 3 648,2 млн. сомонӣ расид, ки он дар таркиби ҳаҷми умумии маблағгузориҳои қарзии кишвар 7,7 фоизро ташкил медиҳад *(Ҷадвали 62).*

Афзоиши қарзҳои хурд дар ин давра ба болоравии сатҳи истеҳсолоти дохилӣ то андозае таъсири мусбат расонд, ки дар натиҷа дар фасли зимистони солҳои 2011-2015 нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, ба монанди помидор, бодиринг, пиёз, картошка, сабзӣ ва ғайра чун солҳои пешин баланд нагардид.

*Ҷадвали 62. Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда ба иқтисодиёт дар солҳои 2011 – 2015 (дар охири давра, млн.сомонӣ)*

| Нишондиҳанда | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои додашуда | 2 402,5 | 3 138,2 | 4 707,5 | 6 189,9 | 5 366,4 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба соли гузашта (маротиба/ %) | 34,0% | 30,6% | 1,5 мар. | 31,5% | -13,3% |
| Қарзҳои додашуда ба ноҳияҳои кӯҳистон | 517,6 | 664,9 | 625,2 | 877,3 | 963,3 |
| Тағйирёбӣ нисбат ба соли гузашта (бо %) | 26,7% | 28,4% | -6,0% | 40,3% | 9,8% |

## *6.9. Низоми пардохт дар солҳои 2011-2015*

Дар давоми панҷ соли охир Бонки миллии Тоҷикистон мисли солҳои қаблӣ раванди такмили низоми пардохтро идома дода, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардид, аз ҷумла бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар, ташкилотҳои қарзӣ дар фаъолияти худ технологияву барномаҳои нави иттилоотию бонкиро истифода намуданд, ки он боиси рушди бозори хизматрасонии фосилаанҷоми бонкӣ, аз қабили хизматрасониҳои бонкӣ бо истифода аз кортҳои пардохт, интернет-банкинг, бонкдории мобилӣ, низомҳои бонк-муштарӣ ва ғ. гардид.

Дар ин давра барои рушди самараноки низоми пардохт аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо анҷом дода шуд, аз ҷумла:

- “Консепсияи назорати низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия шуд, ки мақсаду вазифаҳои асосии назорати низоми пардохт ва ҳисоббаробариро муайян менамояд;

- Дастурамали №190 “Дар бораи тартиби хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ” таҳия шуд, ки дар он талаботи умумӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзие, ки бо барориши кортҳои пардохти бонкӣ машғуланд муқаррар шуда, қоидаҳои гузаронидани амалиёт тавассути онҳо муайян гардид;

- Дастурамали №193 “Дар бораи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо мақсади муайян намудани шаклҳои ҳисоббаробарии ғайринақдӣ ва намунаҳои ҳуҷҷатҳои пардохт таҳия шуда, тартиби гузаронидани амалиёти ҳисоббаробариҳои ғайринақдиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- Дастурамали №178 “Дар бораи ташкили ҳисоббаробаркуниҳо байни ташкилотҳои қарзӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Қоидаҳои амалигардонии пардохтҳои электронӣ тавассути низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон” таҳия шуданд, ки дар онҳо қоидаҳо ва талабот ба ташкили низоми ҳисоббаробариҳои байни ташкилотҳои қарзӣ муайян гардиданд;

- ҷараёни гузаронидани ҳисоббаробариҳо байни ташкилотҳои қарзӣ тавассути Низоми пардохти электронии Бонки миллии Тоҷикистон ба пуррагӣ анҷом ёфт;

- Дастурамали №201 “Дар бораи хизматрасонии фосилавии бонкӣ” таҳия шуд, ки дар он тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод намудани хизматрасонии фосилавии бонкӣ муқаррар гардид;

- бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бонки миллии Тоҷикистон “Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025” ва Нақшаи чорабиниҳои миёнамуҳлати татбиқи Стратегияи мазкурро таҳия намуд. Стратегияи мазкур ва Нақшаи чорабиниҳои миёнамуҳлати татбиқи Стратегия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 октябри соли 2014, №679 тасдиқ гардиданд;

- барои зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ, танзим ва коҳиш додани муомилоти пули нақд дар амалиётҳои тиҷоратӣ, хариду фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути кортҳои

пардохтии бонкӣ”-ро таҳия намуд. Қарори мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2014, №815 қабул гардид.

Бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ, таъмин намудани соҳибихтиёрӣ ва кам кардани хавфи таъсири омилҳои беруна ба инфрасохтори пардохтии кишвар, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, Маркази протсессингии миллиро созмон дода, барои бунёди Низоми пардохти миллии “корти миллӣ” замина гузошт. Моҳи январи соли 2012 муаррифии расмии Маркази протсессингии миллӣ гузаронида шуд. То охири соли 2015-ум 17 ташкилоти қарзӣ бо бастани шартнома иштирокдори Низоми пардохти миллии “корти миллӣ” гардида, 12-тои онҳо барориш ва хизматрасонии кортҳои миллиро ба роҳ монданд. Инчунин, барои рушди минбаъдаи Низоми пардохти миллии “корти миллӣ” раванди пайвастшавӣ ба низоми пардохти байналмилалии “Unionpay”(Чин) амалӣ шуд, ки дар натиҷаи он барориши кортҳои пардохтии муштарак ва истифодаи онҳо берун аз марзи кишвар имконпазир гардиданд. Ба охири соли 2015 аз ҷониби иштирокдорони Низоми пардохти миллии “корти миллӣ” 946 147 корти пардохти миллӣ ва муштарак бароварда шуд.

Бо мақсади беҳтар намудани суботи фаъолияти низоми пардохти миллӣ ва сифати хизматрасониҳои пардохт, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохт ва низоми пардохт” таҳия гардида, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Бо мақсади вусъат бахшидани ҳисоббаробариҳо бо пули миллӣ ва бартараф кардани амалиёти иловагии мубодилаи асъор ҳангоми ҳисоббаробарӣ бо истифодаи кортҳои пардохти низоми пардохти Visa International, Бонки миллии Тоҷикистон Созишномаи ҳамкорӣ бо ширкати байналхалқии Visa International Service Association-ро оид ба иштироки ширкати мазкур дар низоми миллии ҳисоббаробариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонд. Аз 16 уми декабри соли 2015 лоиҳаи “TJNNSS” ба кор оғоз карда, тамоми амалиётҳои ҳисоббаробарӣ бо истифодаи кортҳои пардохти низоми пардохти Visa International дар ҷумҳурӣ танҳо бо пули миллӣ – сомонӣ, яъне бе гузаронидани амалиёти иловагии мубодилаи асъор иҷро мегардад. Бонки миллии Тоҷикистон дар

лоиҳаи мазкур ба сифати бонки ҳисоббаробарӣ амал менамояд (*Ҷадвали 63*).

*Ҷадвали 63. Нишондиҳандаҳои асосии бозори кортҳои пардохт дар солҳои 2011-2015 (ҳаз. воҳиди ченак)*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 | с. 2015 | Афзоиш (маротиба) |
|---|---|---|---|
| Миқдори умумии кортҳои пардохт (ҳаз. адад) | 377 | 1 446 | 3,84 |
| Миқдори дорандагони кортҳои пардохт (ҳаз. нафар) | 374 | 1 427 | 3,82 |
| Банкоматҳо (адад) | 333 | 762 | 2,29 |
| Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (адад) | 335 | 1 564 | 4,67 |
| Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ (адад) | 149 | 650 | 4,36 |
| Шумораи умумии амалиёт бо истифодаи кортҳои пардохт (ҳаз. адад) | 4 240 | 15 695 | 3,70 |
| Ҳаҷми умумии амалиёт бо истифодаи кортҳои пардохт (млн. сомонӣ) | 1 933 | 6 249 | 3,23 |

Бо мақсади васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, афзоиши пардохтҳои ғайринақдӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави хизматрасонӣ, ташкилотҳои қарзӣ хизматрасониҳои бонкиро тавассути воситаҳои алоқаи мутаҳаррики радиотелефонӣ (мобилӣ) ва шабакаи интернет ба муштариён пешниҳод менамоянд.

То охири соли 2015 тавассути воситаҳои алоқаи мутаҳаррики радиотелефонӣ (мобилӣ) 726 ҳаз. амалиёт ба маблағи 95 млн. сомонӣ ва тавассути шабакаи интернет 240 ҳаз. амалиёт ба маблағи 8 100 млн. сомонӣ гузаронида шуд.

Дар интиҳои соли 2015 шумораи иштирокдорони Нуқтаи дастёбии дастаҷамъӣ ба шабакаи SWIFT-и Бонки миллии Тоҷикистон ба 29 адад расид.

## *6.10. Ҳамкории байналмилалӣ*

Дар тӯли панҷ соли охир Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро бо бонкҳои марказӣ (миллӣ)-и хориҷаи дур ва наздик, созмонҳои молиявӣ ва фондҳои байналхалқӣ, аз ҷумла бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (1992), Хазинаи Байналмилали

Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ (1993), Бонки Исломии Рушд (1996), Бонки Осиёии Рушд (1998) мунтазам тақвият бахшид ва барои истифодаи маблағгузории ин ташкилотҳои бонуфузи молиявии байналмилалӣ ҳуқуқ пайдо намуд.

Инчунин, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фондҳои байналмилалӣ ба монанди Фонди Саудии Рушд (ФСР), Фонди Кувайтии Рушди Иқтисодии Араб (ФКРИА) ва Фонди Созмони Кишварҳои Содиркунандаи Нафт (ОПЕК), бонкҳои маркази кишварҳои хориҷи дуру наздик, мақомоти ҳамоҳангсозии Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё, Шӯрои роҳбарони кишварҳои узви Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё, Бонки рушди иттиҳоди иқтисодии АврОсиё дар доираи ИДМ, Созмони Ҳамкории Шанхай, бонкҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ғайра сол ба сол вусъат меёбад.

Дар даврони Истиқлолият байни Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шуд ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки ХБА барои дастгирии татбиқи барномаи иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид. Қаблан ин ташкилот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созишномаи "стенд-бай" барои дастгирии барориши пули миллӣ, барномаи фавқулодаи баъдинизоъ ва созишномаи сесола аз рӯйи механизми паст кардани сатҳи камбизоатӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо намуда буд.

Ҳамкориҳо бо чунин созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ба мисли Бонки Ҷаҳонӣ, Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ, Ассотсиатсияи байналмилалии рушд, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд барои ҷалби маблағҳои қарзию грантӣ ҷиҳати дастгирии рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар имконияти васеъ фароҳам овард.

Маблағгузории ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ дар шакли қарзҳои имтиёзнок бо меъёрҳои фоизӣ (0,5% - 3% солона) ва муҳлати пардохт (зиёда аз 10 сол) амалӣ гардида, барои татбиқи лоиҳаҳои гуногуни кишвари мо дар соҳаҳои нақлиёт, тандурустӣ, маориф, кишоварзӣ, энергетика, обёрӣ, инфрасохтор ва ғайра мусоидат менамояд.

Лоиҳаҳои сармоягузории созмонҳои байналмилалии дар боло зикршуда мутобиқи риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳои қарзӣ, шартномаҳои байналмилалӣ ва байнидавлатӣ

дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Аз соли 1998 оғоз карда, дар доираи созишномаҳои байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Япония барои татбиқи лоиҳаҳои грантӣ барои сохтмони роҳҳо, нақбҳо, асосмандии иқтисодию техникӣ барои таҷдиди ифрасохтор, бозомӯзии кормандон, обрасонии минтақаҳои кишвар, таҷҳизонидани консерваторияи миллӣ ва ТВ Сафина тариқи Бонки миллии Тоҷикистон хизматрасонӣ карда шуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби ин созмонҳо баҳри беҳсозии фазои сармоягузориву соҳибкории хурду миёна дар Тоҷикистон, аз ҷумла татбиқи як қатор лоиҳаҳо дар бахшҳои хусусиву давлатӣ, ҳамчунин маблағгузории хурду миёна, иштирок дар сармояи оиномавии бонкҳои тиҷоратӣ ва маблағгузории тиҷорат амалӣ шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ аз маблағҳои Бонки Исломии Рушд ва дигар фондҳои кишварҳои араб ба таври самаранок истифода мебарад. Бояд қайд намуд, ки яке аз дастовардҳои назарраси ҳамкорӣ дар доираи татбиқи лоиҳаҳои грантии БИР дар таърихи 26 июли соли 2014 ба имзо расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар амал ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ ба таъмини фазои ягонаи рақобатпазирӣ миёни ташкилотҳои қарзии анъанавӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гузошта, барои ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва амонатҳои дохилӣ мусоидат менамояд.

Дар айни замон Бонки миллии Тоҷикистон барои суръат бахшидан ба раванди ҷорӣ намудани низоми бонкдории исломӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти назорат ва танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломиро идома медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон 7 уми декабри соли 2011 узви комилҳуқуқи Иттиҳоди дастрасии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion-AFI) гардид. Бештар аз 120 ташкилот аз 90 кишвари сайёра ба узвияти ин созмон пазируфта шудаанд, ки дар ин кишварҳо қисми зиёди мардумони аз хизматрасонии бонкӣ берунмонда ба сар мебаранд.

AFI ташкилотест, ки дар рушди дастрасии молиявӣ миёни ташкилотҳои узв (кишварҳои узв) нақши назаррас дорад. Дар доираи ин ташкилоти байналмилалӣ кишварҳои узв метавонанд аз донишу малакаю маҳорати ҳамдигар баҳравар гарданд, дар фаъолияти гурӯҳҳои гуногуни кории AFI иштирок намоянд, тариқи истифодаи моҳиронаи донишу таҷриба ва малакаи андӯхтаи хеш дар баланд шудани иқтидори ташкилотҳояшон дар бахши дастрасии молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон саҳмгузор бошанд, барои гирифтани грантҳо бо мақсади иштирок дар ҳафтаҳои дастрасии молиявӣ, семинарҳо, барномаҳои омӯзишӣ муроҷиат намоянд ва дар ҷаласаҳои солонаи AFI иштирок намоянд.

Дар натиҷаи ба роҳ мондани муносибатҳои самаранок то ин давра кормандони зиёди Бонки миллии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои ин ташкилот дар семинару конфаронс дар кишварҳои узви ин ташкилот, ки дар мавзӯи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, маърифати молиявӣ, банкинги мобилӣ, маблағгузории хурд ва ғайра баргузор гардидаанд, иштирок намуда, савияи дониши тахассусии худро такмил доданд.

Ҳадафи калидии AFI ба кишварҳои узв кӯмак намудан дар амалӣ гардидани сиёсати рушди дастрасии молиявӣ мебошад, ки қисматҳои асосии он – ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, баланд бардоштани маърифати молиявӣ, дастрасии соҳибкории хурду миёна ба маблағгузорӣ, бонкдории мобилӣ ва ғайра мебошад.

Ҳамчунин, Бонки миллии Тоҷикистон узви Клуби мудирони бонкҳои марказии кишварҳои Осиёи Марказӣ, минтақаи Баҳри Сиёҳ ва Балкан мебошад.

Аъзои ин Клуб бонкҳои марказии кишварҳои пешрафта мебошанд, ки дар бонкдории муосир таҷрибаи ғанӣ доранд. Дар доираи Клуби мазкур сари масъалаҳои марбут ба густариши ҳамкориҳои минтақавӣ оид ба масъалаҳои монетарӣ, бонкӣ, молиявӣ, инчунин роҳҳои мусоидат ба рушди устувори низоми молиявию бонкӣ дар кишварҳои узви он андешаронӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки барои беҳтар намудани мавқеи кишвар мутобиқи “пешбурди соҳибкорӣ” дар баробари ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои амалкунандаи дахлдор, инчунин гузаронидани рейтинги қарзии давлатии Тоҷикистон хеле зарур аст. Муайян намудани рейтинги қарзии соҳибихтиёрии Тоҷикистон бо

мақсади ҷалби  бештари сармояи хориҷӣ муҳим мебошад, зеро сармоягузорони хориҷӣ қабл аз ворид шудан ба ин ё он кишвар аз рейтинги мазкур истифода мебаранд.

Айни замон Бонки миллии Тоҷикистон бо ширкатҳои рейтингии Standard & Poor's ва Moody's Investors Service, ки агентиҳои машҳуртарин ва эътирофшудаи ҷаҳонӣ буда, дар як қатор кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мисли Украина, Русия, Қазоқистон ва Озарбойҷон баҳои мустақил гузоштаанд, ки дар натиҷа ин давлатҳо фаъолона ба бозори фондии байналмилалӣ ҷалб гардидаанд, ҳамкории судманд намуда истодааст.

Гузашта аз ин, тӯли солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон бо бонкҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин (аз ҷумла,  Бонки Мардумии Чин ва Бонки давлатии рушди Чин) ҳамкориро дар самти СВОП-и асъор ба роҳ мондааст.

Ин иқдом барои рушди муносибатҳои тиҷоратӣ, истифодаи пули миллии ду кишвар дар ҳисоббаробарӣ, ки бевосита ба дастгирии тавозуни пардохт, устувории қурби пули миллӣ, коҳиши сатҳи долларизатсия ва пардохтпазирии бонкҳо мусоидат менамояд, нақши назаррас мебозад.

Бонки миллии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар оянда низ ҳамкориро бо ин ташкилотҳо идома дода, дар рушди иқтисодии кишвар саҳми арзанда гузорад.

Ҳамасола ҳаҷми сармоягузориҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, фондҳои байналхалқӣ, ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои мададгор дар маблағгузории лоиҳаҳои калонҳаҷми соҳаҳои энергетика, инфрасохтор, нақлиёт, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ғайра ба маротиб зиёд шуда истодааст, ки ин бевосита ба рушди иқтисодии кишвар, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва боло рафтани сатҳи зиндагии мардуми ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Татбиқи лоиҳаҳои CASA-1000, хатти интиқоли барқи Шимол – Ҷануб, роҳҳои автомобилгарди Душанбе – Чанак, Душанбе – сарҳади Ӯзбекистон, Айнӣ – Панҷакент, қисмати тоҷикистонии роҳи оҳани Туркманистон – Афғонистон – Тоҷикистон мисоли равшани гуфтаҳои боло мебошанд.

# БОБИ 7. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ҶАМЪБАСТИИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## *7.1. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ*

***Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД).*** ММД яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ва муҳимми рушди иқтисоди кишвар ба шумор рафта, дар давоми 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт натиҷаҳои назаррас ба даст омад. Маълумотҳои расмии оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки суръати пастравии ММД то охири соли 1996 идома ёфт. Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ пастравии сатҳи истеҳсолот дар соли 1992 - 32,3 фоизро дар бар гирифта, охири соли 1996 ин нишондиҳанда ба -16,7 фоиз расид. Дар ин давра бо талошу кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан заҳматҳои Пешвои миллат суръати пастравии сатҳи истеҳсолот боз дошта шуд ва аз аввали соли 1997 болоравии рушди ҳақиқии ММД ба андозаи 1,7 фоиз мушоҳида гардид.

Дар муддати 10 соли охир рушди ҳақиқии ММД ба ҳисоби миёнасолона 6,8 фоизро ташкил намуд, ки ин аз қабули барномаҳои дурусти иқтисодӣ ва татбиқи амалии онҳо шаҳодат медиҳад *(Ҷадвали 64)*.

***Ҷадвали 64. Тағйирёбии ММД ва сатҳи таваррум дар солҳои 1992-2015***

| Солҳо | Тағйирёбии ММД | | Таваррум |
|---|---|---|---|
| | Соли 1991=100% | Сол ба сол (бо %) | (бо %) |
| 1992 | 67,7 | -32,3 | 1420,0 |
| 1993 | 56,5 | -11,2 | 7430,0 |
| 1994 | 44,5 | -12,0 | 101,1 |
| 1995 | 38,9 | -5,6 | 983,6 |
| 1996 | 32,4 | -6,5 | 40,6 |
| 1997 | 33,0 | 0,6 | 159,6 |
| 1998 | 34,7 | 1,7 | 2,7 |
| 1999 | 36,0 | 1,3 | 30,1 |
| 2000 | 39,0 | 3,0 | 60,6 |
| 2001 | 43,5 | 4,5 | 12,1 |
| 2002 | 31,6 | -11,9 | 14,7 |
| 2003 | 41,1 | 9,5 | 13,7 |
| 2004 | 29,5 | -11,6 | 5,7 |
| 2005 | 16,8 | -12,7 | 7,1 |
| 2006 | 7,0 | -9,8 | 12,5 |
| 2007 | 7,8 | 0,8 | 19,7 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2008 | 7,9 | 0,1 | 11,8 |
| 2009 | 3,9 | -4,0 | 5,0 |
| 2010 | 6,5 | 2,6 | 9,8 |
| 2011 | 7,4 | 0,9 | 9,3 |
| 2012 | 7,5 | 0,1 | 6,4 |
| 2013 | 7,4 | -0,1 | 3,7 |
| 2014 | 6,7 | -0,7 | 7,4 |
| 2015 | 6,0 | -0,7 | 5,1 |

***Таваррум.*** Бо ташкил ва татбиқи сиёсати дурусти пулию қарзӣ ва асъории кишвар сатҳи таваррум мунтазам ба танзим даровარда шуда, болоравии бемайлони намояи нархҳо дар бозори дохилии кишвар пешгирӣ гардид. Мувофиқи маълумотҳои расмии оморӣ сатҳи таваррум аз андозаи 1 420,0 фоизи солона дар соли 1992 ва 7 430,0 фоизи солона дар соли 1993 то ба 5,1 фоизи солона дар соли 2015 паст карда шуд.

Маълумотҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки сол аз сол истеҳсолоти дохилӣ рушд ёфта, талаботи бозориро то андозае таъмин намуда истодааст. Гарчанде дар давоми солҳои 2014-2015 буҳронҳои пай дар пайи молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба гардиши иқтисоди дохилии кишвар бетаъсир намонда бошад ҳам, бо ташкил ва татбиқи сиёсати дурусти пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан тағйир додани самти он аз моҳҳои май-июни соли 2015 сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуд.

Қобили зикр аст, ки амали намудани Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон аз моҳи майи соли 2015 то инҷониб ва бо ташкили дурусти фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат таъсири омилҳои беруна ва ҳолатҳои ногувори (шокҳои) бозори молиявии кишвар то андозае пешгирӣ карда шуд, аз ҷумла дар ин давра дар самти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии кишвар натиҷаҳои назаррас дар танзими қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ ба назар мерасад. Ҳамзамон бо такмил додани сохтори Бонки миллии Тоҷикистон самаранокии фаъолият дар низоми Бонки миллӣ таъмин гардида, натиҷаи он ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии кишвар дар давраҳои дарозмуддат таъсири мусбат хоҳад расонд (*Диаграммаи 14.*).

***Диаграммаи 14.*** ***Тағйирёбии рушди ҳақиқии ММД ва сатҳи таваррум дар солҳои 1996-2015 (бо фоиз)***




## *7.2. Нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ*

***Меёри бозтамвил.*** Меъёри бозтамвил яке аз фишангҳои муҳимми сиёсати пулию қарзӣ ба шумор рафта, фоизи камтарини амалиёти қарзиро дар низоми бонкӣ ифода менамояд. Дар давраи солҳои аввали Истиқлолияти давлатии кишвар бо мақсади пешгирӣ намудани қарздиҳии барзиёд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, ин меъёр дар соли 1995 аз 100 фоизи солона оғоз ёфта, пай дар пай то охири сол ба 250 фоизи солона зиёд карда шуд. Бо гузашти якчанд сол, ҳангоме, ки сатҳи бештари нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ ба эътидол омад, меъёри бозтамвил тадриҷан аз аввали соли 2000 то андозаи 20,6 фоизи солона ва дар соли 2005 ба 9,0 фоизи солона паст карда шуд *(Ҷадвали 65).*

***Ҷадвали 65.*** ***Меъёри бозтамвил дар солҳои 1995-2015 (бо фоизи солона)***

| Солҳо | Меъёри бозтамвил | |
|---|---|---|
| | Охири давра | Миёнасолона |
| 1995 | 250,0 | 188,4 |
| 1996 | 72,0 | 138,1 |
| 1997 | 75,7 | 72,3 |
| 1998 | 38,7 | 46,8 |
| 1999 | 14,5 | 17,0 |
| 2000 | 20,6 | 20,5 |
| 2001 | 20,0 | 20,2 |

| | | |
|---|---|---|
| 2002 | 20,0 | 20,0 |
| 2003 | 15,0 | 17,7 |
| 2004 | 10,0 | 10,8 |
| 2005 | 9,0 | 9,1 |
| 2006 | 10,0 | 9,0 |
| 2007 | 13,0 | 12,9 |
| 2008 | 13,5 | 14,5 |
| 2009 | 8,0 | 9,7 |
| 2010 | 8,2 | 8,1 |
| 2011 | 9,8 | 9,1 |
| 2012 | 6,5 | 7,6 |
| 2013 | 5,5 | 6,2 |
| 2014 | 8,0 | 5,8 |
| 2015 | 8,0 | 8,0 |

Аввалин маротиба дар таърихи бонкдории кишвар меъёри бозтамвил дар соли 2013 ба андозаи 5,5 фоизи солона паст гардид. Зикр кардан бамаврид аст, ки бо сар задани бӯҳронҳои молиявию иқтисодии пай дар пайи ҷаҳонӣ ин меъёр дар солҳои 2014-2015 мутаносибан ба 5,8 фоиз ва 8,0 фоизи солона боло бурда шуд (*Диаграммаи 15.*).

***Диаграммаи 15.*** ***Тағйирёбии меъёри бозтамвил дар давраи солҳои 1995-2015 (бо фоиз)***




***Барориши пули нақд.*** Дар даврони Истиқлолияти кишвар ду маротиба ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд, ки давраи охирини ислоҳоти пулии гузаронидашуда ба 30 октябри соли 2000-ум рост меояд. Қобили зикр аст, ки анҷоми ҷанги дохилӣ ва барқарор

шудани сулҳу оромӣ дар соли 2000-ум вазъияти сиёсии кишвар беҳтар шуда, барои дар амал татбиқ намудани барномаҳо доир баислоҳоти иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам омад.

Ҳадафи асосии ин барномаҳо дар заминаи такя ба бахши хусусӣ ва механизмҳои бозорӣ таъмини рушди иқтисодиёт ва кам кардани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон ҳадафи асосии татбиқи амалии барномаҳои мазкур устувор намудани вазъи макроиқтисодии ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва назорат карда мешуд. Барномаҳои зикргардида барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мазкур, аз ҷумла: боздоштани пастравии сатҳи истеҳсолот дар кишвар, ғайридавлатӣ кардани муассисаҳои хурду миёнаи давлатӣ, рушди бозори молиявӣ ва тақвият ёфтани он, такмили механизмҳои фаъолияти мунтазами бозори молиявӣ дар кишвар, таҳкими қобилияти харидории пули миллӣ ва инкишоф додани фаъолияти иқтисоди берунии кишвар, равона шуда буданд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ аз давраи аввали барориши пули миллӣ то охири соли 2015 дар муомилот дар ҳаҷми умумӣ 5,3 млрд. сомонӣ пули нақд дар гардиш қарор дошт, ки аз он 5,2 млрд. сомонӣ пулҳои коғазӣ ва 0,1 млрд. тангаҳои филизӣ мебошад.

Агар ба маълумоти таърихӣ назар афканем, дар соли 2006 дар ҳаҷми барориши пули нақди дар муомилот мавҷудбуда маблағи 484,3 млн. сомониро ташкил намуд, ки аз он 478,8 млн. сомонӣ пулҳои коғазӣ ва 5,5 млн. тангаҳои филизӣ мебошад.

Бо афзоиши суръати гардиши иқтисодиёт талабот ба пули нақд низ мунтазам зиёд шуд, ки дар натиҷа дар охири соли 2015 маблағи пули нақди ба муомилот баровардаи Бонки миллии Тоҷикистон 2 086,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки аз он 2 085,3 млн. сомонӣ пулҳои коғазӣ ва 1,3 млн. сомонӣ тангаҳои филизӣ мебошанд. Барориши пули нақд ба муомилот дар охири соли 2015 нисбат ба охири соли 2006 ба андозаи 4,3 маротиба афзуд. Ин афзоиш аз баланд шудани суръати гардиши иқтисоди кишвар шаҳодат дода, талаботи бозориро инъикос менамояд (Ҷадвали 66.).

***Ҷадвали 66. Барориши пули нақди коғазӣ ва тангаҳои филизӣ ба муомилот дар давраи солҳои 2006-2015 (млн. сомонӣ)***

| | Нишондиҳандаҳои пулӣ | с. 2006 | с. 2007 | с. 2008 | с. 2009 | с. 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамагӣ: барориш | 484,3 | 629,8 | 743,7 | 825,6 | 832,4 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | -пулҳои коғазӣ | 478,8 | 626,4 | 740,4 | 823,8 | 830,1 |
| | -тангаҳои филизӣ | 5,5 | 3,4 | 3,3 | 1,8 | 2,3 |
| 2. | Ҳамагӣ: гирифта шуд | 244,8 | 376,0 | 362,1 | 385,4 | 439,1 |
| | Аз ҷумла: | | | | | |
| | - пулҳои коршоям | 75,5 | 129,8 | 51,3 | 75,0 | 107,5 |
| | - пулҳои фарсуда | 168,8 | 245,7 | 310,6 | 309,8 | 331,2 |
| | - тангаҳои филизӣ | 0,5 | 0,5 | 0,2 | 0,6 | 0,4 |
| | **Нишондиҳандаҳои пулӣ** | **с. 2011** | **с. 2012** | **с. 2013** | **с. 2014** | **с. 2015** |
| 1. | Ҳамагӣ: барориш | 1 213,3 | 1 406,5 | 2 028,8 | 2 428,0 | 2 086,6 |
| | аз ҷумла: | | | | | |
| | -пулҳои коғазӣ | 1 211,0 | 1 403,3 | 2 025,6 | 2 425,6 | 2 085,3 |
| | -тангаҳои филизӣ | 2,3 | 3,2 | 3,2 | 2,4 | 1,3 |
| 2. | Ҳамагӣ: гирифта шуд | 611,4 | 758,3 | 1 202,0 | 2 143,4 | 1 588,3 |
| | аз ҷумла: | | | | | |
| | - пулҳои коршоям | 145,8 | 185,7 | 351,3 | 848,3 | 541,2 |
| | - пулҳои фарсуда | 465,1 | 572,4 | 850,5 | 1 294,7 | 1 046,3 |
| | - тангаҳои филизӣ | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,8 |

## *7.5. Захираҳои ҳатмӣ.*

Захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон яке аз фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби дигар ҳамчун заминаи ҳимоявӣ барои ҳимояи манфиатҳои пасандоздорону амонатдорон дар ташкилотҳои қарзии кишвар баромад мекунад. Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии кишвар меъёри захираҳои ҳатмӣ баланд буд ва мувофиқ ба талаботи ҳамон давра муайян мегардид. Бо беҳтар шудани вазъи иқтисодиёти кишвар ва ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ ин меъёр мунтазам паст карда шуд. Агар ба маълумоти таърихӣ назар афканем дар соли 2006 ин меъёр 12,0 фоизро ташкил медод. Бо амалӣ кардани Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ин меъёр ба ҳисоби миёна ба 4,25 фоиз, аз ҷумла захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ 1,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 7,0 муқаррар гардид. Паст кардани меъёри мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзии кишвар шароит фароҳам меоварад, ки маблағҳои озоди ҷалбнамудаи худро бештар барои қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисоди кишвар равона созанд (Ҷадвали 67).

***Ҷадвали 67.*** *Маблағ ва меъёри захираҳои ҳатмӣ дар солҳои 2006 – 2015* **(млн. сомонӣ/бо фоиз)**

| **Нишондиҳанда** | **Солҳо** | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2006** | **2007** | **2008** | **2009** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағи умумии захираҳои ҳатмӣ | 79,5 | 140,0 | 160,1 | 181,4 | 234,8 | 337,7 | 297,0 | 331,8 | 417,1 | 499,8 |
| аз ҷумла: бо пули миллӣ | 49,1 | 73,1 | 89,5 | 93,4 | 127,6 | 180,8 | 151,4 | 176,1 | 230,8 | 193,9 |
| бо асъори хориҷӣ | 30,4 | 66,9 | 70,5 | 88,0 | 107,2 | 156,9 | 145,6 | 155,7 | 186,3 | 305,9 |
| Меъёри захираҳои ҳатмӣ ба ҳисоби миёна (бо фоиз) | 12,0 | 12,0 | 10,0 | 8,0 | 8,0 | 8,0 | 6,0 | 6,0 | 6,0 | 4,25 |
| аз ҷумла: бо пули миллӣ | 12,0 | 12,0 | 9,0 | 7,0 | 7,0 | 7,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 1,5 |
| бо асъори хориҷӣ | 12,0 | 12,0 | 11,0 | 9,0 | 9,0 | 9,0 | 7,0 | 7,0 | 7,0 | 7,0 |

***Бозори когазҳои қиматнок.*** Бозори аввалияи коғазҳои қиманок дар кишвар аз соли 1998 оғоз гардид. Тавре ки қаблан зикр намудем, механизми бароришъ, муомилот ва пардохти векселҳои давлатии хазинадорӣ дар Низомномаи махсус, ки бо ин мақсад таҳия гашта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998, №358 тасдиқ шуда буд, муайян гардид. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун эмитент баромад намуда, барои маблағгузории касри буҷети давлатӣ маблағҳои пулии озодро ҷалб менамуд. Хизматрасонии музоядаҳо, нигоҳдории сабти соҳибияти векселҳои давлатии хазинадорӣ ва анҷом додани ҳисоббаробариҳоро Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Ба муомилот баровардани векселҳои давлатии хазинадорӣ дар оғози фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок нақши калон бозида, барои гузаронидани амалиёт бо дороиҳои худ ва диверсификатсия кардани онҳо ба ташкилотҳои қарзии кишвар шароити мусоид фароҳам овард (Ҷадвали 66).

***Ҷадвали 68. Ҳаҷми бароришъ ва фурӯши векселҳои давлатии хазинадорӣ ва вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 1998-2015 (млн. сомонӣ)***

| Сол | Намуди коғазҳои қиматнок | Шумораи музоядаҳои баргузоргардида | Ҳаҷми фурӯш (млн.сом.) | Даромаднокии миёнавазни солона ( %) |
|---|---|---|---|---|
| *2002* | *Вомҳои БМТ* | *93* | *82,2* | *17,5* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *0* | *0* | *0* |
| *2003* | *Вомҳои БМТ* | *115* | *173,6* | *14,5* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *0* | *0* | *0* |
| *2004* | *Вомҳои БМТ* | *81* | *84,2* | *5,7* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *0* | *0* | *0* |
| *2005* | *Вомҳои БМТ* | *102* | *134,8* | *6,5* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *0* | *0* | *0* |
| *2006* | *Вомҳои БМТ* | *93* | *121,5* | *7,27* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *0* | *0* | *0* |
| *2007* | *Вомҳои БМТ* | *64* | *70,4* | *7,49* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *0* | *0* | *0* |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *2008* | *Вомҳои БМТ* | *63* | *239* | *12,3* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *0* | *0* | *0* |
| *2009* | *Вомҳои БМТ* | *41* | *170* | *6,49* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *1* | *10* | *7* |
| *2010* | *Вомҳои БМТ* | *37* | *159,3* | *6,51* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *11* | *52,7* | *6,76* |
| *2011* | *Коғазҳои қиматноки БМТ* | *123* | *324,1* | *8,93* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *8* | *72,9* | *7,16* |
| *2012* | *Коғазҳои қиматноки БМТ* | *132* | *1 581,5* | *3,21* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *5* | *76,1* | *3,8* |
| *2013* | *Коғазҳои қиматноки БМТ* | *165* | *863,8* | *2,9* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *5* | *124,7* | *1* |
| *2014* | *Коғазҳои қиматноки БМТ* | *143* | *968,3* | *3,22* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *5* | *154,8* | *0,4* |
| *2015* | *Коғазҳои қиматноки БМТ* | *83* | *1 805,2* | *4,34* |
| | *ВДХ Вазорати молия* | *5* | *199,6* | *0,71* |

Бо мақсади татбиқи амалии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тақвият бахшидани фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок аз оғози соли 2001 сар карда, барориши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Дар даврони Истиқлолият Бонки миллии Тоҷикистон тавонист бо воситаи барориши вомҳои худ маблағи заруриро аз муомилот ҷалб намуда, идораи кӯтоҳмуддати пешниҳоди пулро таъмин намояд. Вомҳои мазкур ба муҳлати кӯтоҳ ба муомилот баровада шуда, давомнокии 14 рӯз, 28 рӯз ва 56 рӯзро дар бар мегиранд. Фоизи даромаднокии миёнавазни ин гуна коғазҳо дар давраҳои аввали фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок аз сабаби зиёд будани талаботи буҷети ҷумҳурӣ ба маблағҳои озод хеле баланд мушоҳида мегардид. Хусусан, дар солҳои 1998 то 2005 ба ҳисоби миёнасолона ин фоиз ба ҳисоби миёна дар 8-соли аввал андозаи 68,5 фоизи солонаро ташкил медод.

Зикр кардан бамаврид аст, ки бо барориши вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон ва тақвият ёфтани фаъолияти соҳаҳои иқтисоди кишвар, инчунин беҳтар гардидани гардиши пул дар иқтисодиёти мамлакат даромаднокии миёнасолонаи коғазҳои қиматнок, аз ҷумла вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2002-2015 ба ҳисоби миёнасолона ба 7,63 фоизи солона баробар шуд. Даромаднокии миёнасолонаи Векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад дар ин давра ба 3,83 фоизи солона баробар гардид (Диаграммаи 16).

***Диаграммаи 16.*** ***Даромаднокии миёнасолонаи векселҳои давлатии хазинадорӣ ва вомҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1998-2015 (бо фоиз)***




***Қурби асъор.*** Сиёсати асъор яке аз қисмҳои ҷудонашавандаи сиёсати пулию қарзии мамлакат ба ҳисоб меравад. Аз давраи ба муомилот баровардани пули миллӣ (рубли тоҷикӣ 10 майи соли 1995) тартиби амалиётҳо дар бозори асъори хориҷӣ тадриҷан вусъат ёфта, бо мақсади истифодаи пурраи фишангҳои бозорӣ бахри таъмини татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ мунтазам ҳаҷми амалиётҳо дар ин бозор афзун гардонида шуд. Дар заминаи биржаи фурӯши асъори хориҷӣ аз оғози соли 2000 ин механизм васеътар шуда, бозори байнибонкии асъор ташкил дода шуд, ки дар низоми бонкдории мамлакат қадами хеле муҳим ба ҳисоб мерафт.

Бонки миллии Тоҷикистон тайи ин солҳо речаи танзимшавандаи шинокунандаи қурби мубодилавиро истифода бурда, аз мудохила ба бозори асъор ба истисноѝ ҳолатҳои тағйирёбии зиёд худдорӣ намуд.

Ҷиҳати фаъолияти озоди ташкилотҳои қарзӣ дар амалиётҳои бозори байнибонкии фурӯши асъори хориҷӣ дар давраҳои таърихии бонкдории кишвар речаи (режими) “шинокунанда” интихоб шуда буд. Яке аз сабабҳои асосии интихоби чунин реча ба мавқеи иқтисоди хориҷии кишвар, ки он бо касри бақияи тавозуни

савдо ифода меёфт вобаста буд ва қурби пули миллӣ нисбат ба долл. ИМА дар тӯли солҳои 1995-2014 мунтазам тамоюли пастравиро касб кард. Реҷаи амалкунандаи мазкур муайян намудани қурбро танҳо дар асоси талабот ва пешниҳоди бозор амалӣ намуда, дахолати мақомоти танзими пулию қарзиро, ба таври истисно, дар ҳолатҳои тағйирёбии ҷиддии қурб пешбинӣ мекард (Ҷадвали 67).

*Ҷадвали 69. Қурби расмии рубли тоҷикӣ нисбат ба долл. ИМА дар солҳои 1995-2000 (1 долл. ИМА бо рубли тоҷикӣ ва бо сомонӣ)*

| Солҳо | Қурб | Тағйирёбӣ Нисбат ба соли гузашта,% | Тағйирёбии мутлақ нисбат ба соли гузашта, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| 1995 | 138,0 | 100% | - |
| 1996 | 293,0 | 2,1 мар. | +155,0 |
| 1997 | 562,0 | 1,9 мар. | +269,0 |
| 1998 | 778,0 | 1,4 мар. | +216,0 |
| 1999 | 1 237,3 | 1,6 мар. | +459,3 |
| 2000 | 1,8307 | 1,5 мар. | +593,4 |
| 2001 | 2,3722 | 29,6 | +0,5415 |
| 2002 | 2,7638 | 16,5 | +0,3916 |
| 2003 | 3,0614 | 10,8 | +0,2976 |
| 2004 | 2,9705 | -3,0 | -0,0909 |
| 2005 | 3,1166 | 4,9 | +0,1461 |
| 2006 | 3,2984 | 5,8 | +0,1818 |
| 2007 | 3,4425 | 4,4 | +0,1441 |
| 2008 | 3,4289 | -0,4 | +0,0064 |
| 2009 | 4,1427 | 20,3 | +0,7138 |
| 2010 | 4,3790 | 5,7 | +0,2363 |
| 2011 | 4,6102 | 5,3 | +0,2312 |
| 2012 | 4,7627 | 3,3 | +0,1525 |
| 2013 | 4,7735 | 0,2 | +0,0108 |
| 2014 | 5,9348 | 24,3 | +1,1613 |
| 2015 | 6,8558 | 15,5 | +0,9210 |

Бо тағйир додани самти сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи май-июни соли 2015 сар карда, фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор таҳти назорати қатъӣ гирифта шуданд ва нуқтаҳои мубодилаи асъори ба ташкилотҳои қарзӣ тааллуқдошта ва берун аз қароргоҳҳои онҳо ҷойгирбуда то охири соли 2015 баста шуданд.

Дар ин давра новобаста аз таъсири омилҳои беруна, дохилӣ ва мавсимӣ суръати пастравии қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ дар охири соли 2015 ва аввалҳои соли 2016 пешгирӣ карда шуд (Диаграммаи 17).

***Диаграммаи 17.*** ***Тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбати доллари ИМА дар солҳои 1995-2015 (бо фоиз)***




**аз 10 майи соли 1995 то 30 октябри соли 2000 рубли тоҷикӣ нисбат ба долл. ИМА;*
*** аз 30 октябри соли 2000 то ин ҷониб сомонӣ нисбат ба долл. ИМА.*

***Тавозуни пардохт.***Тавозуни пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти мамлакат бо бақияи манфӣ ҷамъбаст гардида, дар ин замина ноустувории ҳисоби амалиёти ҷорӣ мушоҳида мегардад.

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ касри тавозуни савдо сол аз сол афзоиш ёфта, асосан ба зиёд будани ҳаҷми воридот нисбат ба ҳаҷми содирот вобаста мебошад. (Ҷадвали 68)

***Ҷадвали 70.*** ***Тавозуни савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000 – 2015, (млн. долл. ИМА)***

| Солҳо | Содирот (ФОБ) | Воридот (ФОБ) | Тавозуни савдо |
|---|---|---|---|
| 2000 | 838,9 | 920,5 | -81,6 |
| 2001 | 651,7 | 765,7 | -114,0 |
| 2002 | 699,1 | 822,9 | -123,8 |
| 2003 | 906,2 | 1025,7 | -119,5 |
| 2004 | 1096,9 | 1232,8 | -135,9 |
| 2005 | 1108,1 | 1430,4 | -322,3 |
| 2006 | 1 455,4 | 2 130,0 | -674,6 |
| 2007 | 1 556,9 | 3 115,0 | -1 558,1 |
| 2008 | 1 504,9 | 3 629,0 | -2 124,1 |
| 2009 | 1 038,5 | 2 770,4 | -1 732,8 |
| 2010 | 1 195,3 | 2 657,8 | -1 462,5 |
| 2011 | 1 257,3 | 3 206,0 | -1 948,7 |
| 2012 | 1 359,4 | 3 778,4 | -2 418,8 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2013 | 943,4 | 4 045,4 | -3 102,0 |
| 2014 | 977,3 | 4 297,4 | -3 320,1 |
| 2015 | 876,9 | 3 435,3 | -2 558,4 |

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ дар солҳои Истиқлолияти кишвар аз ҷиҳати рӯз аз рӯз зиёд шудани талаботи бозор ҳаҷми воридоти мол ба кишвар афзоиш ёфта, ҳаҷми содирот дар солҳои охир аз сабаби паст шудани нархи ҷаҳонӣ ба молҳои содиротии кишвар, аз ҷумла нахи пахта ва алюминий коҳиш ёфт. Дар ин асос барномаҳои рушди соҳавӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст, ки барои ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, хусусан истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда равона гардидааст. Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии кишвар низ мунтазам барои дастгирии соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ маблағҳои озодро равона карда истодааст, ки дар оянда наздик ба сатҳи истеҳсолоти дохилии кишвар таъсири мусбат мерасонад. Ҳаҷми воридот аз мамлакат ва ҳаҷми содирот ба мамлакат дар давраи солҳои 2000-2015 чунин тасвир меёбад (Диаграммаи 18).

***Диаграммаи 18.*** *Ҳаҷми содирот ва воридот дар солҳои 2000-2015 (млн. долл. ИМА)*




***Низоми бонкӣ.*** Сохтори низоми бонкиро дар давраи солҳои 1992-2015 метавонем ба таври зерин шарҳ диҳем. Дар давоми 25-соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои муайян ва чорабиниҳои гуногун амалӣ карда шуданд, ки мақсади

асосии онҳо пеш аз ҳама ба муҳайё сохтани шароит барои фаъолияти озод, шаффоф ва рақобатноки бонкҳо равона шуда буд.

Дар ин давра таркиби сохтории низоми бонкии мамлакат такмил ёфта, бонкҳои гуногуншакл ва ташкилотҳои маблағгузории хурд бо сармояи гуногун фаъолияти пурсамарро анҷом доданд.

Гузариш аз шакли ягонаи бонкдорӣ, ки дар кишвар аз собиқ Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ҳамчун мерос омада буд дар солҳои аввали Истиқлолияти кишвар барои ташаккули низоми бонкии мамлакат як қатор мушкилотро ба миён овард. Вале бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хусусан тавсияҳои додашуда дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ низоми бонкии кишвар таҷдид карда шуд ва сохтори мустақили бонкдорӣ дар кишвар ба фаъолият шурӯъ намуд. Ҳамзамон барномаҳои давлатӣ ҷиҳати рушди иқтисодии кишвар қабул гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти босамари низоми бонкии кишвар шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар ин замина низоми бонкии мамлакат ташкил карда шуд ва сохтори амалкунандаи он дар замони Истиқлолият чунин тасвир ёфтааст (Ҷадвали 69).

***Ҷадвали 71. Сохтори низоми бонкӣ дар солҳои 1992-2015***

| Сол | Ҳамагӣ (адад) | Бонкҳо (адад) | Ташкилотҳои маблағгузории хурд (адад) |
|---|---|---|---|
| 1992 | 10 | 8 | 2 |
| 1993 | 15 | 13 | 2 |
| 1994 | 18 | 16 | 2 |
| 1995 | 22 | 19 | 3 |
| 1996 | 23 | 20 | 3 |
| 1997 | 28 | 25 | 3 |
| 1998 | 20 | 18 | 2 |
| 1999 | 19 | 17 | 2 |
| 2000 | 17 | 14 | 3 |
| 2001 | 17 | 13 | 2 |
| 2002 | 17 | 12 | 3 |
| 2003 | 19 | 13 | 4 |
| 2004 | 24 | 10 | 12 |
| 2005 | 44 | 10 | 35 |
| 2006 | 75 | 10 | 65 |
| 2007 | 89 | 11 | 78 |
| 2008 | 112 | 12 | 100 |
| 2009 | 136 | 13 | 123 |
| 2010 | 138 | 14 | 124 |
| 2011 | 137 | 15 | 122 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2012 | 141 | 16 | 125 |
| 2013 | 136 | 16 | 120 |
| 2014 | 137 | 17 | 120 |
| 2015 | 123 | 17 | 106 |

***Нишондиҳандаҳои тавозунии ташкилотҳои қарзӣ.*** Дар давоми 25 соли Истиқлолият ҳолати тавозуни ташкилотҳои қарзӣ мунтазам беҳтар гардида, нишондиҳандаҳои асосии тавозунии онҳо, хусусан сатҳи дороиҳо ва сармоя аз ҳисоби маблағгузории дохилӣ ва хориҷӣ афзоиш ёфта истодааст. Дороиҳои низоми бонкӣ дар соли 1997 ҳамагӣ маблағи 43 млн. сомонӣ ва нисбат ба ММД 8,3 фоизро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар охири соли 2015 ба 18,6 млрд. сомонӣ баробар шуда, 38,5 фоизи ММД-ро ташкил дод. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур беҳтар шудани ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзии кишварро шаҳодат медиҳад.

Ҳаҷми сармояи ташкилотҳои қарзӣ дар соли 1997 ҳамагӣ ба маблағи 6,0 млн. сомонӣ баробар буда, нисбат ба ММД 1,2 фоизро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар охири соли 2015 ба 2,4 млрд. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ММД 5,0 фоизро ташкил кард.

Уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар соли 1997 ба маблағи 37,0 млн. сомонӣ баробар буд. Нишондиҳандаи мазкур дар охири соли 2015 ба 16,2 млрд. сомонӣ баробар шуд (Ҷадвали 70).

***Ҷадвали 72. Сохтори тавозуни ҷамъбастии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 1997-2015 (млн. сомонӣ, охири давра)***

| Сол | Дороиҳо | Нисбат ба ММД (бо%) | Уҳдадориҳо | Сармоя | Нисбат ба ММД (бо%) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1997 | 43,0 | 8,3 | 37,0 | 6,0 | 1,2 |
| 1998 | 103,0 | 10,0 | 91,0 | 12,0 | 1,2 |
| 1999 | 164,0 | 12,2 | 150,0 | 14,0 | 1,0 |
| 2000 | 311,0 | 17,2 | 273,0 | 38,0 | 2,1 |
| 2001 | 467,0 | 18,5 | 414,0 | 54,0 | 2,1 |
| 2002 | 594,0 | 17,7 | 506,0 | 89,0 | 2,6 |
| 2003 | 748,0 | 15,7 | 615,0 | 132,0 | 2,8 |
| 2004 | 1 221,0 | 19,8 | 1 055,0 | 167,0 | 2,7 |
| 2005 | 1 602,0 | 22,2 | 1 325,0 | 277,0 | 3,2 |
| 2006 | 2 394,0 | 25,8 | 2 013,0 | 381,0 | 4,2 |
| 2007 | 5 665,0 | 44,3 | 5 005,0 | 660,0 | 5,2 |
| 2008 | 6 169,0 | 35,0 | 5 082,0 | 1 087,0 | 6,2 |
| 2009 | 4 956,0 | 24,0 | 3 368,0 | 1 088,0 | 3,4 |
| 2010 | 6 241,0 | 25,5 | 5 061,0 | 1 180,0 | 4,3 |
| 2011 | 9 056,0 | 30,1 | 7 178,0 | 1 878,0 | 6,2 |
| 2012 | 10 528,0 | 29,1 | 8 231,0 | 2 297,0 | 6,3 |
| 2013 | 12 653,0 | 31,2 | 10 063,0 | 2 590,0 | 6,4 |
| 2014 | 14 854,0 | 32,6 | 12 508,0 | 2 346,0 | 5,1 |
| 2015 | 18 639,0 | 38,5 | 16 222,0 | 2 417,0 | 5,0 |

***Пасандоз ва амонатҳо.*** Дар давраи Истиқлолият дар низоми бонкии кишвар ҳаҷми пасандозу амонатҳо мунтазам афзоиш ёфтанд. Дар давраҳои аввали фаъолияти низоми бонкии кишвар ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо дар ташкилотҳои қарзӣ саҳми назаррас надошт. Масалан, дар соли 2001 ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо дар низоми бонкии кишвар ҳамагӣ маблағи 102,3 млн. сомонӣ, ё ҳамагӣ 4,0 фоизи ММД-ро ташкил медод. Дар натиҷаи сиёсати дурусти иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон фаъолияти босамари ташкилотҳои қарзӣ дар охири соли 2015 маблағи пасандоз (амонат)-ҳо дар низоми бонкии кишвар ба 8,2 млрд. сомонӣ баробар шуд. Дар ин давра ин нишондиҳанда нисбат ба ММД ба андозаи 16,9 фоиз баробар шуд. Афзоиши мазкур баланд шудани эътимоди аҳолиро ба низоми бонкии кишвар нишон медиҳад (Ҷадвали 71).

***Ҷадвали 73.*** ***Бақияи пасандоз (амонат)-ҳо дар давраи солҳои 1995-2015 (млн. сомонӣ)***

| Сол | Бақияи пасандозҳо (млн. сомонӣ) | Аз ҷумла: | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Бо сомонӣ | Бо асъори хориҷӣ |
| 2001 | 102,3 | 91,9 | 10,3 | 50,0 | 52,1 |
| 2002 | 147,4 | 129,1 | 18,3 | 73,6 | 73,8 |
| 2003 | 242,5 | 166,7 | 75,8 | 117,7 | 124,7 |
| 2004 | 291,6 | 183,0 | 108,6 | 124,8 | 166,8 |
| 2005 | 539,1 | 381,4 | 157,7 | 183,6 | 355,5 |
| 2006 | 1 108,1 | 827,9 | 281,1 | 273,1 | 835,9 |
| 2007 | 2 397,5 | 1 830,1 | 570,6 | 518,7 | 1 882,0 |
| 2008 | 1 923,3 | 1 197,8 | 725,6 | 703,7 | 1 219,7 |
| 2009 | 2 614,3 | 1 531,5 | 1 109,2 | 963,7 | 1 677,1 |
| 2010 | 3 221,8 | 1 770,9 | 1 498,7 | 1 380,3 | 1 889,3 |
| 2011 | 4 354,0 | 2 125,2 | 2 298,2 | 1 625,7 | 2 797,7 |
| 2012 | 4 816,9 | 1 989,9 | 2 937,3 | 1 610,6 | 3 316,6 |
| 2013 | 5 296,1 | 1 861,5 | 3 660,1 | 1 747,9 | 3 773,7 |
| 2014 | 6 446,4 | 2 437,3 | 4 253,3 | 2 308,4 | 4 382,1 |
| 2015 | 8 167,2 | 3 055,6 | 5 111,6 | 2 503,0 | 5 664,2 |

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳои шахсони воқеӣ дар таркиби бақияи умумии пасандоз (амонат)-ҳо сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Ин нишондиҳанда, агар дар соли 2001 ҳамагӣ 10,3 млн. сомониро ташкил медод, пас дар охири соли 2015 ба 5,1 млрд. сомонӣ баробар шуда, 469,3 маротиба

афзоиш ёфт, ки ин шаҳодати зиёд шудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар мебошад.

Дар охири соли 2015 дар таркиби бақияи пасандоз (амонат)-ҳо ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо бо сомонӣ 30,6 фоиз ва ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо бо асъори хориҷӣ ба 69,4 фоиз баробар мебошад. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки то ҳол аҳолии кишвар ба асъори хориҷӣ майли бештар дорад ва аз таъсири бухронҳои молиявии ҷаҳонӣ дороиҳои худро бо ин роҳ мехоҳад муҳофизат намояд. Яке аз сабабҳои дигари зиёд будани ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо бо асъори хориҷӣ дар он аст, ки то моҳи майи соли 2015 дар муомилот асъорҳои гуногуни хориҷӣ ба таври озод гардиш мекард ва моддаи 64-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" дар амал пурра татбиқи худро наёфта буд. Аз ин лиҳоз қобилияти харидории пули миллӣ нисбатан мунтазам коҳиш меёфт.

Бо амалӣ кардани нишондодҳои Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии кишвар, ҳамзамон ташкили гурӯҳҳои корӣ ва фаъолияти мунтазами онҳо дар байни аҳолӣ муқаррароти моддаи 64-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", яъне: "Пули миллии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон баровардашуда ва дар гардиш қарордошта воситаи ягона ва истисноии пардохти ҳар гуна уҳдадориҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо буда, қабули он бо арзиши номиналиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тамоми пардохтҳои пулӣ ҳатмӣ мебошад", амалӣ гашта истодааст. Ҳамзамон ворид намудани тағйирот дар Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ дар қаламрави кишвар дар амалӣ намудани моддаи 64-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" таъсири мусбат расонд, ки дар оянда эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ афзоиш ёфта ҳаҷми пасандоз (амонат)-ҳо бо пули миллӣ дар низоми бонкии кишвар меафзояд (Диаграммаи 19).

***Диаграммаи 19.*** ***Гурӯҳбандии таркиби ҳаҷми бақияи пасандоз (амонат)-ҳо дар давраи солҳои 2001-2015***

***(млн. сомонӣ)***




**Маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт.** Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби он, ки бонкҳои тиҷоратӣ хеле заиф буданд ва Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми охирини маблағгузор муайян гардида буд ҳаҷми маблағгузориҳоро ба соҳаҳои иқтисоди кишвар равона мекард. Бо ин восита тавонист дар замони Истиқлолият як муддати муайян талаботи иқтисоди кишварро бо воситаҳои пулӣ таъмин намояд. Мебояд зикр намуд, ки иқтисодиёти кишвар баъди паси сар намудани бухронҳои шадиди сиёсию иҷтимоӣ, хусусан баъди паси сар шудани ҷанги шаҳрвандӣ ба маблағҳои озоди қарзӣ талаботи калон дошт ва ҳаҷми умумии маблағгузории қарзӣ аз ҷониби низоми бонкӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо суръати баланд афзоиш меёфт ва то як дараҷа ин талаботро Бонки миллии Тоҷикистон низ қонеъ мегардонид.

Бо мурури замон ва бо гузашти вақт ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ мунтазам беҳтар гардид ва нақши худро дар пешниҳоди маблағгузории қарзӣ ба соҳаҳои иқтисоди кишвар муайян намуданд. Агар ба нишондиҳандаҳои таърихии ҳаҷми қарздиҳӣ ба иқтисоди кишвар назар афканем, дар солҳои аввали Истиқлолият талабот барои гирифтани қарз аз ҷониби корхонаю муассисаҳо хеле зиёд буд ва дар соли 1995 ҳаҷми умумии маблағҳои қарзӣ 9,1 млн. сомониро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар соли

1996 ба 3,0 маротиба, дар соли 1997 ба 1,9 маротиба, дар соли 1997 ба 4,2 маротиба умуман то соли 2000-ум ба ҳисоби миёнасолона 2,0 маротиба ҳар сол афзоиш меёфт (Ҷадвали 72).

***Ҷадвали 74. Ҳаҷми маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт дар соҳаои 1995 – 2015 (бақия дар охири давра, млн. сомонӣ)***

| Сол | Маблағгузори | Тағйирёбӣ (бо фоиз/маротиба) | Тағйирёбӣ (млн. сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1995 | 9,1 | 100 | - |
| 1996 | 28,2 | 3,0 мар. | 19,1 |
| 1997 | 54,5 | 1,9 мар. | 26,3 |
| 1998 | 229,6 | 4,2 мар. | 175,1 |
| 1999 | 300,2 | 1,3 мар. | 70,6 |
| 2000 | 377,4 | 1,2 мар. | 77,2 |
| 2001 | 691,2 | 83,1 | 313,8 |
| 2002 | 633,1 | -8,4 | -58,1 |
| 2003 | 671,9 | 6,1 | 38,8 |
| 2004 | 1 091,5 | 62,4 | 419,6 |
| 2005 | 1 286,3 | 17,8 | 194,8 |
| 2006 | 2 393,1 | 86,1 | 1 106,8 |
| 2007 | 3 977,2 | 66,1 | 1 584,1 |
| 2008 | 4 860,1 | 22,2 | 822,9 |
| 2009 | 5 453,4 | 12,2 | 593,3 |
| 2010 | 6 027,3 | 10,5 | 573,9 |
| 2011 | 4 799,6 | 28,7 | 1 071,3 |
| 2012 | 5 421,3 | 12,9 | 621,7 |
| 2013 | 7 531,0 | 38,9 | 2 109,7 |
| 2014 | 9 783,2 | 29,9 | 2 252,2 |
| 2015 | 11 341,7 | 15,9 | 1 558,3 |

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ дар охири соли 2015 бақияи ҳаҷми умумии қарзҳо маблағи 11,3 млрд. сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба соли 1955 ба 1 246 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин афзоиш асосан ба талаботи бозори дохилӣ ва ба фаъолият оғоз намудани соҳаҳои гуногуни иқтисод, аз ҷумла ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва ғ. вобаста мебошад.

Дар давоми 5-соли охир ҳаҷми қарзҳо ба иқтисодиёти кишвар ба ҳисоби миёнасалона 1 523,0 млн. сомонӣ афзоиш ёфта истодааст.

Афзоиши мазкур аз мунтазам ба фаъолият шурӯъ намудани соҳаҳои иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳад. Дар солҳои охир тибқи супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бонкии кишвар, махсусан дар таъкиду тавсияҳо дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар вохӯриҳо бо соҳибкорон, низоми бонкии кишвар бештари қарзҳоро ба соҳаи соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории истеҳсолӣ равона намуда истодааст (Диаграммаи 20).

***Диаграммаи 20.*** ***Бақияи ҳаҷми маблағгузории қарзӣ ба иқтисодиёт дар солҳои 1995-2015 (бақия дар охири давра, млн.сомонӣ)***




Агар мо давраҳои таърихии иқтисоди кишварро ба қисмҳо ҷудо намоем давраи аввали таърихии иқтисоди мамлакат ин давраи баъд аз ҷанги шаҳрвандӣ (аз соли 1995 то аввали соли 2000)-ро дар бар мегирад. Дар ин давра ҳама соҳаҳо аз таъсири ин ҷанг фалаҷ гашта буд ва ба маблағгузориҳои зиёд эҳтиёҷ дошт.

Мувофиқи маълумоти оморӣ тағйирёбии ҳаҷми қарзҳо дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин гуна соҳаҳои иқтисоди мамлакат, ки дар ин давра харобгашта ва фалаҷ шуда буданд равона мешуд. Тавре ки дар боло зикр намудем ин тарзи фаъолият то аввали соли 2000-ум идома ёфта, соҳаҳои гуногуни иқтисод, ки аз фаъолият боз монда буданд ва ба маблағгузориҳо эҳтиёҷи калон доштанд бо маблағгузориҳои низоми бонкии кишвар дастгирӣ меёфтанд ва ин маблағҳо танҳо барои барқарории соҳаҳои фалаҷгаштаи баъдиҷангӣ равона гардиданд.

Аз оғози соли 2000-ум сар карда маблағгузориҳои низоми бонкӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ равона шуда истодаанд, ки алҳол бозори дохилии кишвар ба як қатор маҳсулоти аввалиндараҷа аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин гашта истодааст (Диаграммаи 21).

***Диаграммаи 21**. Тағйирёбии ҳаҷми қарзҳои ба иқтисодиёт равонагашта дар давраи солҳои 1995-2015 (бо фоиз)*




**Қарзҳои хурд.** Тавре ки дар боло қайд намудем, яке аз самтҳои асосии дастгирии соҳибкории хурду миёна қарздиҳии хурд ба ҳисоб рафта, ба паст шудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ва афзоиши сатҳи истеҳсолоти дохилӣ мусоидат менамояд. Низоми бонкии кишвар баҳри иҷрои саривақтии супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти афзун намудани истеҳсоли молҳои содиротивазкунанда ва афзун намудани молҳои истеҳсоли дохилӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ дар давоми солҳои 2006-2015 ҳаҷми қарзҳои хурди ба соҳаҳои иқтисодиёт додашудаи низоми бонкии кишвар маблағи 28,4 млрд. сомониро ташкил дод. Агар ба таркиби ин маблағҳо назар афканем зиёда аз 56,0 фоизи қарзҳои ҷудогардида ба соҳаи соҳибкорӣ равона гаштаанд. Дар ин давра ҳаҷми қарзҳои хурди ба ноҳияҳои дурдаст додашуда бошад маблағи 5,3 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин дастгирии хоҷагиҳои хурди ноҳияҳои кӯҳистонро аз ҷониби низоми бонкии кишвар шаҳодат медиҳад (Ҷадвали 73).

***Ҷадвали 75.** Бақияи қарзҳо, қарзҳои хурд ва қарзҳои ба ноҳияҳои кӯҳистон додашуда дар давраи солҳои 1995-2015*

| Сол | Бақияи қарзҳо (млн. сомонӣ) | Қарзҳои хурди додашуда (млн. сомонӣ) | Ҳиссаи қарзҳои хурди додашуда аз ҳаҷми умумӣ бақияи қарзҳо (бо%) | Қарзҳои хурди ба ноҳияҳои кӯҳистон додашуда (млн. сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 2006 | 2 393,1 | 528,6 | 22,1 | 72,9 |
| 2007 | 3 977,2 | 1 026,5 | 25,8 | 295,5 |
| 2008 | 4 860,1 | 1 663,1 | 34,2 | 434,3 |
| 2009 | 5 453,4 | 1 626,8 | 29,8 | 407,5 |
| 2010 | 3 728,3 | 1 793,1 | 48,1 | 408,5 |
| 2011 | 4 799,6 | 2 402,5 | 50,0 | 517,6 |
| 2012 | 5 421,3 | 3 138,2 | 57,9 | 664,9 |
| 2013 | 7 530,9 | 4 707,5 | 62,5 | 625,1 |
| 2014 | 9 783,2 | 6 189,9 | 63,3 | 877,3 |
| 2015 | 11 341,7 | 5 366,4 | 47,3 | 963,3 |
| **Ҳамагӣ:** | **-** | **28 442,6** | **-** | **5 266,9** |

Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда дар таркиби ҳаҷми умумии қарзҳо сол то сол мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Агар ба маълумоти омории таърихӣ назар афканем дар соли 2006 ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда, ҳамагӣ 22,1 фоизи ҳаҷми умумии қарзҳои ба иқтисодиёти кишвар равонагаштаро ташкил медод. Нишондиҳандаи мазкур дар давоми 5-соли охир (2011-2015) ба ҳисоби миёнасолона 56,2 фоизро ташкил медиҳад. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур, хусусан пешниҳод намудани қарзҳои хурд ба соҳибкорӣ ва махсусан ба соҳибкории истеҳсолиро нишон дода, гувоҳи амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат аз ҷониби низоми бонкии кишвар мебошад (Диаграммаи 22).

***Диаграммаи 22.** Ҳиссаи қарзҳои хурди додашуда аз ҳаҷми умумии қарзҳои ба иқтисодиёт равонагашта дар солҳои 2006-2015 (бо фоиз)*



# БОБИ 8. ТАҲКИМИ ФАЪОЛИЯТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## *8.1. Ташаккули фаъолияти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон*

Соли 2008 аз ҷониби коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мутобиқ будани қонунгузории он ба Тавсияҳои 40+9-и Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ алайҳи қонунигардонии даромадҳо (минбаъд - ФАТФ) гузаронида шуд. Тибқи хулосаи онҳо он вақт дар ҷумҳурӣ мақомоти кашшофии молиявӣ ва ё дигар мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, ки бояд ҳамчун маркази ҷамъоварӣ, таҳлил ва коркарди иттилоот амал намояд, мавҷуд набуд.

Бо дастури Пешвои миллат ба сохтори Бонки миллии Тоҷикистон тағйирот ворид гардид ва мутобиқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2010, №33 Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сохтории алоҳида таъсис дода шуд.

Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон дар фаъолияти худ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм", "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, дастури амал қарор медиҳад.

Мақсад ва вазифаи асосии Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон дар амал татбиқ намудани талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" тавассути ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди иттилоот ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Аз соли 2011 Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил таҳти омӯзиш ва фаъолияти молиявии он мавриди таҳлилу баррасии Гурӯҳи кории ФАТФ оид ба ҳамкории байналмилалӣ қарор гирифт.

Аз ин хотир, Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон таваҷҷуҳи асосиро дар фаъолияти худ ба мутобиқгардонӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона намуд.

Қадами аввалин ва асосӣ дар ин самт аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” мебошад, ки дар таърихи 31 марти соли 2011 эътибори қонунӣ пайдо намуд.

Қадами навбатӣ дар ин самт аз тарафи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 11 июни соли 2011, таҳти №2/107 тасдиқ гардидани “Нақшаи чорабиниҳо оид ба мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Тавсияҳои ФАТФ” мебошад.

Бояд таъкид кард, ки Нақшаи чорабиниҳо дар асоси камбудиҳои баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2008 гузаронида шуда буд, тартиб дода шудааст. Ташрифи Ҳайати баландпояи намояндагони ФАТФ ва Гурӯҳи АврОсиё ба ҷумҳурӣ дар моҳи июни соли 2011 ба рушди минбаъдаи низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм такони ҷиддӣ бахшид.

Бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо дохил карда шуд, аз ҷумла:

- ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.04. с.2012, №808; 13.06. с.2013, №965 ва №966; 12.11. с.2013, №1028; 28.12. с. 2013, №1037 ва 26.07. с. 2014, №1089);
- ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (14.03. с. 2014, №1068);
- ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (14.03. с.2014, №1070);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят

бадастоварда ва маблағгузории терроризм” (13.06. с.2013, №967 ва 968 ва 26.07. с. 2014, №1100);

- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзим ва назорати асъор” (13.06.с.2013, №964);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи нотариати давлатӣ” (13.06.с.2013, №970);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” (01.08.с.2012, №879; 13.06.с.2013, №969 ва 27.11.с.2014, №1138);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок” (14.03.с.2014, №1076);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” (14.03.с.2014, №1079);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” (26.07.с.2014, №1114);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи алоқаи почта” (26.07.с.2014, №1115);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа” (27.11.с.2014, №1162);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гаравхона (ломбард)” (27.11.с.2014, №1153);
- ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо” (27.11.с.2014, №1156).

Ба як қатор дастурамал ва низомномаҳои Бонки миллии Тоҷикистон низ тағйироту иловаҳо ворид гардид, аз ҷумла:

- Дастурамали 171 “Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”;
- Дастурамали №181 “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ”;
- Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он.

Бо мақсади ҳимояи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз амалиётҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар асоси моддаи 1 ва қисми 3-и моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи

муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм", "Феҳрасти аломатҳои аҳд ва амалиёти шубҳанок" таҳия шуда, аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар таърихи 28 апрели соли 2011, таҳти №87 тасдиқ гардид. Феҳрасти мазкур дар асоси Тавсияҳои ФАТФ таҳия гардида, тартиби муайян намудани аломатҳои аҳд ва амалиётҳои шубҳанокро дар бар мегирад.

## *8.2. Мутобиқ намудани қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм*

Чунонки дар боло зикр шуд тибқи талаботи тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ бар зидди пулшӯйӣ ва маблағгузории терроризи (ФАТФ) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" дар таърихи 25 марти соли 2011 қабул гардид ва 31 марти соли 2011 эътибори қонунӣ пайдо кард.

Дар ин давра лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба "Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм", " Дар бораи мубориза бар зидди терроризм", "Дар бораи нотариати давлатӣ", "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок", "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", "Дар бораи фаъолияти аудиторӣ", "Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо", "Дар бораи алоқаи почта", "Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа", "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" омода ва ба тасвиб расиданд. Ҳамчунин ба Дастурамали №200 "Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик– бенефитсиар" тағйирот ворид гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябри соли 2013, №443 Низомномаи "Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии

даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" тасдиқ гардид.

Ба ғайр аз ин, тибқи талаботи тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ бар зидди пулшӯйӣ ва маблағгузории терроризи (ФАТФ), қатъномаҳои 1267, 1373, 2170 ва 2178-и Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва талаботи моддаи 17.2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" "Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳое, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд" таҳия гардида, бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шуд ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 ноябри соли 2015, №646 қабул ва тасдиқ гардид.

Ҳамзамон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ" таҳия гардида, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид ва дар таърихи 8 августи соли 2015, №1210 аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон", бо дарназардошти пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор таҳия гардида, хулосаи экспертизаи зиддикоррупсионӣ нисбат ба лоиҳаи мазкур аз Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия гирифта шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Вобаста ба иҷрои банди 2 Нақшаи кории Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, №2с/5 аз 25 декабри соли 2015, Дастурамал "Оид ба ташкили ҳамкорӣ дар бораи табодули маълумот байни Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм"бо назардошти пешниҳодҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳия гардида, аз ҷониби роҳбарони аввали мақомоти дар боло зикршуда ба имзо расид ва аз моҳи феврали соли 2016 маврида амал қарор гирифт.

Инчунин лоиҳаҳои Қонуни ҶТ "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи

ҷамъиятҳои саҳомӣ” ва “Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок” бо дарназардошти пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор таҳия гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар давраи сипаригашта тибқи талаботи тавсияҳои нави ФАТФ, қатъномаҳои Шӯрои амнияти Созмони милали Муттаҳид ва дигар институтҳои молиявии байналмилалӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” бо дарназардошти пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор дар таҳрири нав таҳия гардид.

Ба ғайр аз ин Низомномаи Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия шуда аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 3 ноябри соли 2015, №231 тасдиқ гардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми панҷ соли охир оид ба пурзӯр намудани иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз қабили иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ/омӯзишӣ ба кормандони ташкилотҳои қарзӣ, бахусус дурусту саҳеҳ ва пурра пешниҳод намудани ҳисоботҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон, саривақт пешгирӣ намудани хавфҳои амалиётӣ ва ғ. дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм тавассути хадамоти аудити дохилӣ ва хадамоти мувофиқа (комплаенс) фаъолияти мунтазамро амалӣ кард. Инчунин ба ташкилотҳои қарзии кишвар рӯйхати таҳримҳои OFAC SDN USA барои истифода дар фаъолияти худ ирсол гардид.

## *8.3. Таҳқиқоти типологӣ*

Дар доираи фаъолияти ФАТФ ва Гурӯҳи АврОсиё дар давраи солҳои 2011-2015 якчанд таҳқиқоти типологӣ гузаронида шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои аъзои Гурӯҳи АврОсиё дар онҳо фаъолона иштирок намуд.

Бо мақсади такмилу тақвияти фаъолият оид ба гузаронидани таҳқиқоти типологӣ, дар асоси фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2013 №270/фф дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм Шӯрои типологӣ таъсис дода шуд, ки ба он роҳбарони идораҳою департаментҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон шомил гардиданд.

Шӯрои мазкур ҷаласаи нахустини худро 27 декабри соли 2013 барпо намуд, ки дар он Низомномаи Шӯрои типологӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм баррасӣ шуда, баъдан бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар таърихи 9 январи соли 2014, №13/фф тасдиқ гардид.

Аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон натиҷаи таҳқиқоти зерини типологӣ пешниҳод гардид:

- “Расмикунонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм тавассути бозори коғазҳои қиматнок”;
- “Расмикунонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм тавассути пирамидаи молиявӣ";
- “Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо аз фурӯши маводи мухаддир”.

Бонки миллии Тоҷикистон фаъолиятро дар самти мунтазам баргузор намудани таҳқиқоти типологӣ идома дода, якчанд таҳқиқоти типологиро бо ҷалби намояндагони ниҳодҳои дахлдори ҷумҳурӣ мегузаронад.

Илова бар ин, бо қарори 21-уми Ҷаласаи умумии ГАО-Ҷумҳурии Тоҷикистон Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун роҳбари тадқиқоти типологӣ дар мавзӯи “Расмикунонии маблағҳо аз фаъолияти пирамидаҳои молиявӣ”интихоб гардидааст.

Барои ҳамоҳанг намудани иқдому талошҳои давлат ва ҳалли масъалаҳои маҷмӯӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ ташкил карда шуд. Комиссияи мазкур дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2013, №443 таъсис ёфтааст.

### *8.4. Густариши муносибатҳои байналмилалӣ*

Бо мақсади рушди низоми миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар панҷ соли охир фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар се самт сурат гирифт:

- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ;
- ҳамкории мутақобил бо мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ;
- таъмини иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ФАТФ, Гурӯҳи Авросиё (ГАО), Шӯрои роҳбарони мақомоти кашшофии молиявии ИДМ, Гурӯҳи "Эгмонт".

**Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ.** Бо мақсади пурзӯр намудани мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдори ватанӣ ба ҷаласаҳои ФАТФ ва Гурӯҳи Авросиё мунтазам омодагӣ мебинад.

Дар рафти таъсиси Гурӯҳи АврОсиё ҳамчун ташкилоти байналмилалӣ, Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи тасдиқ намудани Созишномаи Гурӯҳи АврОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва Низомнома оид ба тартиби ташаккул ва иҷрои буҷети он, ки ҷузъи ҷудонашавандаи Созишнома ба ҳисоб меравад, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои марбута омода намуд. Қобили қайд аст, ки пас аз гузаронидани расмиёти дохилидавлатӣ, фармон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардида, дар ҷаласаи 14 Гурӯҳи АврОсиё аз ҷониби намояндагони давлатҳои аъзо ба тасвиб расид.

Бояд тазаккур дод, ки Бонки миллии Тоҷикистон моҳи июли соли 2012 бо дастгирии хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Русия ва маркази мониторинги молиявии Бонки марказии Арманистон узви комилҳуқуқи гурӯҳи "ЭГМОНТ" гардид.

Бонки миллии Тоҷикистон аз соли 2013 ҳамчун узви Шӯрои мудирони мақомоти кашшофии молиявии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар натиҷаи кӯшишу талошҳои зиёд ва мутобиқ намудани фаъолият дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои зерин ноил гардид, аз ҷумла:

- бо қарори ҷаласаи умумии ФАТФ, дар моҳи октябри соли 2014 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҳти баррасии (мониторинги қатъии) Гурӯҳи кории ФАТФ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (ICRG) бароварда шуд;
- бо қарори 21-ми Ҷаласаи умумии ГАО (ноябр соли 2014) Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби пешравиҳои назаррас аз зери мониторинги қатъии Гурӯҳи Авросиё бароварда шуд.

**Ҳамкории мутақобил бо мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ.** Яке аз самтҳои фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар ин ҷода мубодилаи иттилоот бо мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ ба шумор меравад. Дар ин самт созишномаҳои тарафайн байни мақомоти кашшофии молиявӣ ба рушди низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм мусоидат намуда, пойгоҳи мустаҳкам барои ҳамкории мутақобил муҳайё месозад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ҳамкорӣ ба як қатор мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ созишномаҳои тарафайнро ба тасвиб расонд, аз ҷумла:

- бо Маркази мониторинги молиявии Бонки марказии Арманистон (майи соли 2011);
- бо Хадамоти давлатии кашшофии молиявии Ҷумҳурии Қирғизистон (декабри соли 2010);
- бо Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Русия (майи соли 2012);
- бо Хадамоти давлатии мониторинги молиявии Украина (июли соли 2012);
- бо Идораи кашшофии молиявии Вазорати молияи Туркманистон (соли 2012);
- бо Мақомоти кашшофии молиявии Ҷумҳурии Исломии Эрон (майи соли 2012);

- бо Кумитаи кашшофии молиявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Қазоқистон (майи соли 2013);
- бо Департаменти мониторинги молиявии Кумитаи назорати давлатии Ҷумҳурии Беларус (майи соли 2013);
- бо Маркази мониторинг, таҳлил ва муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаи Бонки мардумии Чин (марти соли 2014);
- бо Шӯрои тафтишоти ҷиноятҳои молиявии Вазорати молияи Ҷумҳурии Туркия (январи соли 2015);
- бо Департаменти ахбори молиявии Вазорати молияи Лаҳистон (майи соли 2015);
- Ҳисоботҳои молиявии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (FinTRACA) (сентябри соли 2015);
- бо Мақомоти кашшофии молиявии Япония (октябри соли 2015)

Бояд зикр кард, ки дар ояндаи наздик ба тасвиб расонидани созишномаҳои ҳамкорӣ ба як қатор мақомоти кашшофии молиявии кишварҳои зерин, аз ҷумла: Аморати Муттаҳидаи Араб, Шри – Ланка, Кореяи Ҷанубӣ ва Британияи Кабир дар назар аст.

Самти иловагии фаъолият барпо намудани видеоконфаронсҳо (ВКС) мебошад.

Дар моҳи октябри соли 2012 Созишнома байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Маркази байналмилалии таълимию методологии мониторинги молиявии Федератсияи Русия (МУМЦФМ) оид ба кушодани алоқаи видеоконфаронс ба имзо расид.

Тавассути шабакаи видеоконфаронс (ВКС) якчанд семинару ва вохӯриҳо доир ба самти мазкур гузаронида шуда, дар он масъалаҳои гуногуни соҳа бо мақомоти кашшофии молиявии Русия, Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон, ки ба ин шабака пайваст мебошанд, ба таври мустақим (он-лайн) мавриди баррасӣ қарор гирифт. Қайд кардан зарур аст, ки дар онҳо намояндагони дигар мақомотҳои дахлдори ватанӣ низ иштирок доштанд.

**Кӯмаки техникӣ (БРО).** Моҳи апрели соли 2014 аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд лоиҳаи Барномаи кӯмаки техникӣ дар самти пурзӯр намудани низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва

маблағгузории терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид.

Барномаи мазкур аз чор қисми зерин иборат мебошад:

- Бартараф намудани камбудиҳои қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм барои таъмин намудани он бо Тавсияҳои ФАТФ с.2012;
- Беҳтар кардани тартиби назорати муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм;
- Омӯзиши кормандони вазорату идораҳои дахлдор, ки бо масъалаҳои муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм вобаста мебошанд;
- Гузаронидани баҳодиҳии хавфи миллӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм.

**Баҳодиҳии хавфи миллӣ (дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм).** Бояд қайд, намуд, ки Баҳодиҳии хавфи миллӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм тибқи талаботҳои тавсияи 1-уми ФАТФ аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд ҳамчун ёрии техникӣ гузаронида шуд. Дар ин ҷода Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати мақоми салоҳиятдор дар ҷамъоварии маълумоти зарурӣ, таҳияи лоиҳаи қонуну санадҳои дахлдор ва баргузор намудани ҷаласаю вохӯриҳо бо намояндагони мақомоти дахлдор нақши муҳим бозид.

**Ҳамкорӣ бо мақомоти салоҳиятдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм.** Дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон бо мақомоти назоратӣ ва қудратии ҷумҳурӣ ҳамкорӣ намуда, ба як қатор вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм созишномаҳои тарафайн ба имзо расонид:

- бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2010);
- бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16 декабри соли 2011);
- бо Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2010);
- бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 октябри соли 2010);
- бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (18 октябри соли 2010);
- бо Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 июли соли 2011);
- бо Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2 феврали соли 2012);
- бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 феврали соли 2012).

Тибқи созишномаҳои тарафайн мақомоти назоратӣ ва қудратӣ баҳри иҷрои ӯҳдадориҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо вогузор кардааст, мубодилаи маълумотро ба роҳ мемонанд.

**Ҷаласаи 21-уми байналмилалии умумии Гурӯҳи АврОсиё.** Дар соли 2014 дар ш. Душанбе (Ҷумҳурии Тоҷикистон) Ҷаласаи 21-уми байналмилалии умумии Гурӯҳи АврОсиё баргузор гардид.

Дар ҷаласаи мазкур ҳайати давлатҳои аъзои Гурӯҳи АврОсиё, аз ҷумла: Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ширкат варзиданд.

Ҳамзамон, дар кори Ҳафтаи пленарӣ намояндагони давлатҳо ва созмонҳои нозири Гурӯҳи Авросиё, аз ҷумла: Арманистон, Афғонистон, Лаҳистон, ИМА, Туркия, Черногория, Фаронса, Украина, ФАТФ, АТГ, МАНИВЭЛ, Бонки Осиёии Рушд (БОР), Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ), Бонки Рушди Авросиё (БРАО), Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР), Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят (СММ ММҶ) иштирок намуданд.

Ҳамчунин вобаста ба баррасии масъалаи соҳиб шудан ба мақоми нозир дар Гурӯҳи АврОсиё, намояндагони Ҷумҳурии

Исломии Эрон ва Маркази зиддитеррористии ИДМ низ даъват шуда буданд.

Дар рафти ҷаласа Нақшаи кории Гурӯҳи АврОсиё ва Тақвими чорабиниҳои он барои соли 2015, ҳамзамон Тартиби гузаронидани давраи 2-юми баҳодиҳии тарафайни Гурӯҳи АврОсиё тасдиқ гардид. Ҳисоботи Котиботи Гурӯҳи АврОсиё барои соли 2014 мувофиқи мақсад шуморида шуда, қарор оид ба гузаронидани аудити берунаи фаъолияти он дар соли 2015 қабул гардид.

Инчунин дархости Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба соҳиб шудан ба мақоми нозир дар Гурӯҳи АврОсиё ва расонидани кӯмаки техникӣ баррасӣ гардид.

Дар ҷаласа Ҳиндустон, Чин, Русия, Беларус ва Қазоқистон оид ба тағийрот дар қонунгузории миллӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ахбор пешниҳод карданд. Ҳамзамон Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба пешравиҳои назаррас аз зери мониторинги қатъии Гурӯҳи АврОсиё баровარда шуд.

Дар доираи Ҷаласаи умумӣ бахшида ба 10 -солагии Гурӯҳи АврОсиё конфаронси илмию таҳқиқотӣ баргузор гардид.

Дар муддати 10 соли фаъолияти ин гурӯҳ дар минтақаи АврОсиё низоми минтақавии мукаммал ва ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ташкил карда шуд.

Самарабахш будани фаъолияти низоми минтақавии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давлатҳои аъзои Гурӯҳи АврОсиё низоми миллии устувори муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм мавҷуд буда, обрӯю нуфузи гурӯҳи мазкур дар арсаи байналмилалӣ боло меравад.

Гурӯҳи АврОсиё марҳилаи 1-уми баҳодиҳии тарафайнро ба анҷом расонида, марҳилаи 2-юмро дарояндаи наздик оғоз хоҳад кард.

Пойгоҳи ҳуқуқии фаъолияти ташкилот таъсис ёфта, котибот таъсис дода шуд ва гурӯҳи мутахассисон оид ба баҳодиҳӣ омода шуда истодааст.

**Вазифаҳои минбаъда ва доимӣ барои рушди низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм.** Барои рушди низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм вазифа ва фаъолиятҳои зерин дар солҳои оянда ба нақша гирифта шудаанд:

- идома додани баҳодиҳии хавфи миллӣ дар доираи дастгирии техникӣ бо Бонки Осиёии Рушд (БОР);
- пайвастшавӣ ба пойгоҳҳои мақомоти давлатӣ;
- гузаронидани семинарҳои дохилиҷумҳуриявӣ барои субъектҳои мониторинги молиявӣ ҷиҳати омӯзиши меъёрҳои нави ФАТФ;
- саривақт ба ташкилотҳои байналмилалӣ пешниҳод намудани маълумот оид ба корҳои анҷомдодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба роҳ мондани иҷрои амалияи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз ҷониби мақомот ва идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ;
- бастани созишномаҳои навбатӣ байни мақомоти кашшофии молиявии давлатҳои дигар;
- мутобиқ намудани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёрҳои нави ФАТФ;
- ташкили маркази омӯзишӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм;
- ба роҳ мондани кори дурусти барномаи автоматикунонии иттилооти Бонки миллии Тоҷикистон “равзанаи ягона”;
- амалӣ намудани талаботи Стратегияи солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон.

# БОБИ 9. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ АУДИТИ ДОХИЛӢ

## *9.1. Ташаккули аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 1995-2010*

Дар шароити дигаргуниҳои азими иқтисодӣ ва рушди босуръати низоми бонкӣ соҳаи аудити бонкӣ аҳамияти бештар пайдо кард. Аз ин хотир, дар Бонки миллии Тоҷикистон низ баҳри рушду такмили яке аз бахшҳои муҳимтарини аудити бонкӣ - аудити дохилӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир гардида, барои ин шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Ҷиҳати амалӣ намудани аудити дохилӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди махсус таъсис дода шуд.

Нигоҳи гузаро ба таърихи 25 солаи Бонки миллии Тоҷикистон аз ташаккул ва рушди тадриҷию бомароми назорат ё худ аудити дохилӣ шаҳодат медиҳад. Дар соли 1991 ҳангоми таъсиси Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди назоратии он ҳамчун Шуъбаи назоратию ревизионӣ ташкил ёфт, ки фаъолияти он дар асоси таҷрибаву усулҳои даврони қабл аз истиқлол ба роҳ монда шуда буд. Баъдан бо дарназардошти аҳамияти бештар пайдо кардан ва тавсеа ёфтани вазифаю уҳдадориҳои он, воҳиди мазкур соли 1995 ба Идораи назоратию ревизионӣ ва соли 1997 ба Идораи назорати дохилӣ табдил дода шуд. Баробари таҷдиди сохтор доираи вазифаҳои Идора васеъ гардида, самти фаъолият ва шеваю услуби кори он низ дар мавриди иҷрои вазифаҳо тадриҷан тағйир ёфт.

Моҳи декабри соли 2010 мутобиқи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҷдиди сохтори Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуда, дар баробари як қатор воҳидҳои сохторӣ Идораи назорати дохилӣ низ ба Департаменти аудити дохилӣ табдил дода шуд. Департамент кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки таҷрибаю амалияи бонкҳои пешқадами хориҷиро дар соҳаи аудити дохилӣ омӯхта, фаъолияти худро ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ созад.

Мақсади ташкили чунин сохтор дар он буд, ки ба роҳбарияти бонк дар хусуси ҳолати иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, вазифаю уҳдадориҳои ба зиммаи воҳидҳои сохтории бонк вогузоршуда, вазъи назорати дохилӣ, идорасозии хавфҳо ва ғайра маълумоти дурусту муътамад пешниҳод карда шавад, ҳамчунин ба

воҳидҳои сохтории бонк дар бобати беҳтар намудани кор тавсияҳои судманду самаранок дода шавад.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар фаъолияти аудити дохилӣ ин идорасозии хавфҳо мебошад, ки дар таҷрибаи бонкии ҷаҳонӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Бинобар ин, яке аз самтҳои асосии фаъолияти аудити дохилӣ муайян намудани хавфҳое, ки дараҷаи онҳо дар ин ё он соҳа баланд аст ва ба таври мувофиқ идора намудани онҳо мебошад. Аслан навъҳои мухталифи хавфҳо маълуманд, вале аксарият талафоти пул ва аз даст додани нуфузу эътиборро дар мақоми аввал гузоштаанд. Талафоти пулии бонк боиси зиён дидан ва дар навбати худ коҳиш ёфтани обрӯву эътибори бонк мегардад.

Вобаста ба ин, аудити дохилӣ барои муайян намудани дараҷаи хавф (риск) дар фаъолияти бонк ва идорасозии онҳо корҳои зиёдеро ба сомон мерасонад. Аз ҷумла, харитаи хавфҳои Бонки миллии Тоҷикистонро таҳия намуда, аз рӯйи он дараҷаи хавфро дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти бонк муайян месозад ва мутобиқ ба он нақшаи солонаи аудити дохилӣ тартиб дода мешавад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини фаъолияти аудиторони дохилӣ ин ҳамкорӣ бо аудиторони берунӣ мебошад. Ин ҳамкорӣ метавонад барои ҳарду ҷониб судманд бошад ва баҳри пешрафту беҳбуди кор мусоидат намояд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки агар Департаменти аудити дохилӣ ҳамчун унсури асосии назорати дохилӣ самаранок кор бикунад, дар ин сурат зарурати гузаронидани тафтишоти ҷузъӣ аз байн меравад, зеро аудитори берунӣ ба қадри муайян дар масъалаи ошкор намудани камбудиҳо ба аудиторони дохилӣ эътимоду боварӣ зоҳир мекунад. Ин эътимоду боварӣ имкон медиҳад, ки масрафи вақт барои гузаронидани тафтишот коҳиш дода шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон тӯли солҳо бо намояндагони машҳуртарин ширкатҳои аудиторӣ, ки ба чоргонаи бузурги ширкатҳои ҷаҳонӣ дохил шудаанд, аз ҷумла бо ширкатҳои аудитории «PriceWaterHouseCoopers» (Нидерланд), "Ernst&Young" (Ингилистон) ва "KPMG" (Қазоқистон) ҳамкориҳои наздик барқарор карда, дар мавриди гузаронидани аудити фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои гирдоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди маълумоту иттилооти марбута, иҷрои дархосту супоришҳои аудиторони берунию роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, сари

вақт ичро намудани тавсияҳои аудиторони берунӣ ва нақшаи чорабиниҳои таҳияву тасдиқшуда мусоидат намуд.

Бояд тазаккур дод, ки ин ҳамкориҳо дар заминаи боявариву эътимоди мутақобила асос ёфтааст, ки он барои рушду равнақи минбаъдаи фаъолияти бонк мусоидат хоҳад кард.

Танзими ҳуқуқии аудит вазифаи аввалиндараҷаи рушди аудит мебошад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифату ҷавобгӯи талаботи замон барои фаъолияти босамару пурмасъулият мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, соли 2010 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳти унвони «Қоидаҳои ташкили аудити дохилӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон» таҳияву тасдиқ гардид, ки ин санади меъёрӣ дар фаъолияти аудиторони дохилии бонк ҳамчун дастур ва раҳнамои амал истифода гардид.

## *9.2. Рушди аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015*

Тавре ки дар боло зикр намудем, то соли 2010 дар Бонки миллии Тоҷикистон Идораи назорати дохилӣ фаъолият мекард. Баъдтар бо назардошти талаботи замон сохтори Идораи мазкур таҷдид гардид ва аз соли 2011 фаъолияти худро ҳамчун Департаменти аудити дохилӣ ба роҳ монд.

Дар соли 2015 дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон тағйироту дигаргуниҳо ба амал омада, дар радифи дигар воҳидҳои сохторӣ тартиби кор ва сохтори Департаменти аудити дохилӣ низ тағйир ёфт. Бо назардошти таҷрибаи бонкҳои марказии кишварҳои рушдёфтаи хориҷӣ, инчунин бо мақсади таъйини дақиқи самтҳои корӣ ва иҷрои пурмаҳсулу самараноки вазифаҳои хидматӣ сохтори Департаменти аудити дохилӣ ба самтҳои зерин тақсим карда шуд:

- ташкил ва ҷамъбасти фаъолияти аудиторӣ;
- аудити молиявӣ (*financial audit*);
- аудити амалиётӣ (*operational audit*);
- аудити технологияҳои иттилоотӣ (*IT audit*).

Масъалаи таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба аудити дохилӣ ва ба талаботи рӯзафзуни замон мувофиқ гардонидани онҳо ҳамеша дар мадди назари Департаменти аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

Вобаста ба ин, дар соли 2015 Низомномаи Департаменти аудити дохилӣ пурра таҷдиди назар гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №231 аз 03.11.с.2015 тасдиқ карда шуд.

Инчунин, Қоидаҳои ташкили аудити дохилӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар фаъолияти Департаменти аудити дохилӣ яке аз дастурамалҳои асосӣ маҳсуб меёбад, таҷдиду такмил гардида, бо назардошти шароиту талаботи имрӯза ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №54 аз 22 апрели с.2016 тасдиқ гардид.

Бояд тазаккур дод, ки дар раванди пешбурди кори аудити дохилӣ бидуни татбиқу истифодаи барномаҳои ихтисосии аудиторӣ ба пешрафту муваффақиятҳо ноил шудан хеле душвор аст. Бонкҳои кишварҳои хориҷӣ дар ин самти кор ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, аз барномаҳои компютерии соҳавӣ ба таври васеъу густарда истифода мебаранд. Ин барномаҳо асосан барои омода намудани ҳуҷҷатҳои корӣ, ҷудо карда гирифтани маълумотҳо аз барномаҳои дигари бонкӣ, интихоб, муқоиса, таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳо, таҳияи ҳисоботу хулосаҳо, бойгонӣ кардани маълумоту санадҳои пешина ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Мутахассисони Департаменти аудити дохилӣ оид ба масъалаи татбиқи барномаи аудитории "AutoAudit" бо намояндагони Ширкати "Thomson Reuters" ҳамкорӣ карда истодаанд ва айни ҳол ҷанбаҳои техникии масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дорад. Амалӣ гардидани ин нақша ва татбиқи барномаи "Auto Audit" барои фаъолияти самараноки Департамент мусоидат хоҳад кард.

Мусаллам аст, ки бе мутахассисони дорои тахассусу касбияти баланд рушду пешрафти соҳаи аудити дохилӣ имконнопазир мебошад. Бинобар ин, дар Бонки миллии Тоҷикистон барои таълиму тарбияи аудиторони салоҳиятноку касбӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Аудиторони дохилии бонк дар доираи барномаҳои ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо бонкҳои марказии кишварҳои хориҷӣ дар коромӯзиву семинарҳои мухталифи байналмилалӣ пайваста ширкат меварзанд ва донишу тахассуси худро баланд мебардоранд.

Ҳамчунин, дар доираи чорабиниҳои Шӯрои машваратии аудиторони дохилии бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои ИДМ бо ҳадафи омӯзиш ва татбиқи таҷрибаву дастовардҳои беҳтарин ҳамкориҳои мутақобилаи судманд идома ёфта истодаанд. Ин

табодули таҷриба ҳам тавассути вохӯрию машваратҳои корӣ ва ҳам тариқи ташкили вебинарҳои (видеоконфаронсҳои) фосилавӣ бо иштироки мутахассисони хадамоти аудити дохилии бонкҳои марказӣ амалӣ мегардад.

Имрӯз аудити дохилӣ дар тамоми ҷаҳон соҳаи хеле муҳим маҳсуб ёфта, баҳри рушду такмили он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад, зеро аудити дохилӣ барои пайдо кардани имкониятҳои афзоиши самаранокии фаъолияти бонк воситаи басе муассир мебошад.

Пештар фаъолияти аудити дохилӣ ба санҷиши дуруст инъикос ёфтани амалиёти молиявию хоҷагидорӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тасдиқи воқеият (statement of fact) равона шуда буд, аммо дар шароити имрӯза ин кофӣ нест. Имрӯз талабот ба натиҷаҳои аудити дохилӣ рӯ ба афзоиш дорад. Мақомоти назоратию идора аз аудиторони дохилӣ тавсияҳо баҳри қабули қарорҳои судманди иқтисодӣ, таҳқиқу таҳлили мукаммали фаъолият (business review) ва машварати босалоҳият доир ба масъалаҳои мухталифро умедворанд. Аудити дохилӣ бояд хусусияти пешбинию огоҳсозӣ ва ошкор намудану пешгирӣ кардани хавфҳои эҳтимолию имконпазирро дошта бошад.

Бо назардошти ин, айни замон тамоми кӯшишҳо ҷиҳати рушду такомули доимӣ ва пешрафту муваффақияти аудити дохилӣ равона гардида, бо дастгирию раҳнамоии роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон баҳри фаъолияти пурмаҳсулу самараноки аудити дохилӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

# БОБИ 10. ҲАМКОРИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ИНСТИТУТҲОИ МОЛИЯВИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОН ВА ДИГАР ФАЪОЛИЯТҲОИ НАЗАРРАС

## *10.1. Ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо институтҳои молиявии байналмилалӣ дар давраи солҳои 2006-2010*

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи декабри соли 2008 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи апрели соли 2009 “Дар бораи тасдиқи консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Бонки миллии Тоҷикистон ҳар сол Барномаи таълим, тарбия ва бозомӯзии кормандонро бо дарназардошти вазифаҳои стратегӣ ва талаботи воқеии бонк дар омӯзиши технологияҳои нави бонкӣ, шиносоӣ бо дастовардҳои нави низоми бонкии ҷаҳонӣ, табодули таҷрибаи корӣ таҳия карда, дар марказҳои гуногуни таълимии дохилию хориҷӣ савияи дониши мутахассисони бонкро баланд мебардорад.

Дар асоси шартномаи ҳамкорӣ дар соҳаи бозомӯзии кормандони бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои аъзои Иттиҳоди АврОсиё аз соли 2004, дар давоми солҳои 2006-2010, дар маҷмӯъ 1380 мутахассис дар курсҳои марказҳои таълимии бонкҳои марказии (миллии) Русия, Арманистон, Қазоқистон, Беларус, Қирғизистон ва назди Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуда, савияи дониши худро баланд бардоштанд.

Дар асоси барномаи омӯзиши касбии кормандони бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои аъзои АврОсиё, дар давоми солҳои 2006-2010 дар Маркази истироҳатӣ ва таълимии Бонки миллии Тоҷикистон шаҳри Гулистон (Қайроққум)-и вилояти Суғд якчанд семинар дар мавзӯъҳои “Масъалаҳои муҳими ҳисобдорӣ ва банақшагирӣ”, “Амнияти иттилоотии бонк. Аудити амнияти иттилоотии бонк. Идоранамоии хавфҳо дар низоми иттилоотӣ” ва ғайра гузаронида шуданд, ки дар онҳо мутахассисони бонкҳои якчанд давлати ҷаҳон, ба мисли Чехия, Лаҳистон ва давлатҳои соҳили Балтика иштирок намуданд. Ҳамзамон ҳар сол Шӯрои ҳамоҳангсозии Давлатҳои аъзои Иттиҳоди АврОсиё дар якҷоягӣ

барномаҳои таълимӣ ва коромӯзиро мавриди таҳлил қарор дода, барои беҳтару хубтар гузаронидани онҳо чораҳои зарурӣ меандешад.

Дар Бонки миллии Тоҷикистон низоми интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон амал мекунад, ки мутобиқи он интихоб ва қабули кормандон аз рӯйи озмун, қарордод ва гузаронидани санҷиши тахассусии онҳо сурат мегирад.

Яке аз шохаҳои муҳими ташаккули ҳайати кадрҳои Бонки миллии Тоҷикистон баҳогузории натиҷаи фаъолияти касбии кормандон дар рафти гузаронидани санҷиши тахассусӣ ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади иҷрои талаботи Ёддошт оид ба сиёсати иқтисодию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2012 таҷдиди сохтори Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуд. Мувофиқи тағйироте, ки моҳи августи соли 2009 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ворид карда шуд минбаъд аъзои дигари Раёсат аз ҳисоби собиқадорони соҳаи иқтисод, устодони донишгоҳу донишкадаҳои иқтисодӣ, муассисаҳои илмӣ ва ғ. ба истисноии хизматчиёни давлатӣ, таъин карда мешаванд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи июли соли 2010 "Дар бораи ҳайати Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон", ҳайати нави Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз ҳисоби устодони донишгоҳу муассисаҳои илмӣ тасдиқ карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон муносибати наздики шариконаро бо Бонкҳои марказии Олмон, Швейтсария, Лаҳистон, Чехия, Нидерландия, Бонки ҳисоббаробариҳои байналмилалӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор мунтазам идома дода дар солҳои 2006-2010, бо мусоидат ва ёрии онҳо 448 мутахассисро дар барномаҳои мақсадноки гуногун ва чорабиниҳои таълимӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии хориҷӣ ва омӯзиш фаро гирифт.

Инчунин, дар асоси шартномаи байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Маркази байналхалқии таълимию равишомӯзии мониторинги молиявии ш. Маскав бо мақсади тайёр намудани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи мониторинги молиявӣ аз ҳисоби донишҷӯёни болаёқати соли хониши дуюми донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи озмун се нафар донишҷӯ, аз ҷумла ду нафар аз шуъбаи нанотехнологияҳои факултети

технологияи иттилоотию коммуникатсионии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ва як нафар аз шуъбаи системаҳои ахбори идоракунии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба муҳлати се сол барои таҳсил ба Институти амнияти молиявию иқтисодии шаҳри Маскав бо ихтисоси амнияти молиявӣ ва иқтисодӣ фиристода шуданд.

Дар ин давра (солҳои 2006-2010) 67 нафар донишҷӯи донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки миллии Тоҷикистон таҷрибаомӯзии истеҳсолии худро гузарониданд ва донишу малакаи худро баланд бардоштанд.

## 10.2. Ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо институтҳои молиявии байналмилалӣ дар давраи солҳои 2011-2015

Дар давоми шаш соли охир (солҳои 2011-2016) сиёсати бозомӯзии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам таҳким ёфта, бахри рушди фаъолияти низоми бонкии кишвар дар ин самт чораҳои дахлдор андешида шуд.

Мутобиқ ба созишномаю шартномаҳо доир ба ҳамкорӣ дар самти бозомӯзии кормандони бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои аъзои Иттиҳоди АврОсиё дар давоми панҷ соли охир зиёда аз 1 000 нафар мутахассис дар Марказҳои таълимии бонкҳои марказии (миллии) Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамзамон дар институтҳои молиявии байналмилалӣ дар семинар, курс ва коромӯзиҳо иштирок намуда, савияи донишу малакаи кории худро баланд бардоштанд. Умуман дар давоми 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 2 380 мутахассиси Бонки миллии Тоҷикистон дар марказҳои таълимӣ, бонкҳои марказӣ (миллӣ), институтҳои молиявии байналмилалӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Баҳри татбиқи амалии раҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таъкидҳои пайвастаи ӯ дар паёмҳо ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пайваста фаро гирифтани бозомӯзии кадрҳои ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ аз моҳи сентябри соли 2015 дар сохтори Бонки миллии

Тоҷикистон Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон таъсис дода шуд, ки ба низоми қаблии амалкунанда доир ба интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон тақвият бахшида истодааст. Ҳамзамон мутобиқи ин низоми амалкунанда интихоб ва қабули кормандони Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯйи озмун, қарордод ва гузаронидани санҷиши тахассусии онҳо сурат мегирад. Зикр кардан бамаврид аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкию молиявӣ ва мутобиқ ба талаботҳои муосир ҷорӣ намудани онҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон Комиссияи гузаронидани санҷиш (аттестатсия)-и кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои қарзӣ мунтазам фаъолият менамояд.

Дар давоми панҷ соли охир Бонки миллии Тоҷикистон муносибати наздики шариконаро бо Бонкҳои марказии Олмон, Швейтсария, Лаҳистон, Чехия, Нидерландия, Бонки ҳисоббаробариҳои байналмилалӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор давом дод. Бо мусоидат ва ёрии онҳо дар давраи Истиқлолият 1590 корманд дар барномаҳои мақсадноки гуногун ва чорабиниҳои таълимӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии хориҷӣ иштирок намудаанд.

Ҷиҳати баланд бардоштани савияи донишу маллакаи кории мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Тартиби гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон” *(18 феврали соли 2016, №25)* тасдиқ гардид.

Бо мақсади таҳкими пойгоҳи кадрҳои Бонки миллии Тоҷикистон барои давраи дарозмуҳлат аз ҷониби Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи “Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистон” омода гардида дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон барои тасдиқ намудан ба Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Барои мунтазам баланд бардоштани савияи донишу малакаи кории мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон ҳар сол Барномаи таълим ва такмили ихтисоси кормандони Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Раиси Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, ки дар он зиёда аз 150 то 170 курс, семинар ва

коромӯзиҳо дар Марказҳои таълимии бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои хориҷаи наздику дур ва дигар Институтҳои молиявии байналмилалӣ ба нақша гирифта мешавад. Мутобиқи ин Барнома ҳар сол мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон дар ин гуна семинар, курс ва коромӯзиҳо иштирок намуда, ба раванди пешравиҳо дар низоми бонкии ҷаҳон ошноӣ пайдо карда донишу таҷрибаи гирифтаро дар фаъолияти худ истифода менамоянд.

Қобили зикр аст, ки дар самти баланд бардоштани савияи донишу малакаи кории кормандони Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки мутахассисони бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои аъзои Ҷомеаи иқтисодии АврОсиё ва Бонки миллии Лаҳистон якчанд семинар ташкил карда шуд, аз ҷумла:

- дар Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон аз 15 то 18-уми сентябри соли 2015 дар мавзӯи "Назорати бонкӣ" ва аз 22 то 25-уми сентябри соли 2015 дар мавзӯи "Меъёрҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ";

- дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш. Гулистон (Қайроққум)-и вилояти Суғд аз 15 то 17-уми сентябри соли 2015 дар мавзӯи "Захираҳои меҳнатӣ. Масъалаҳои омӯзиш, таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос" ва аз 22 то 24-уми сентябр дар мавзӯи "Ташкил ва гузаронидани кор оид ба таъмини бехатарии иттилоотӣ".

Мутобиқи Нақшаи таълимии тасдиқгардида барои соли 2015 курсҳои махсуси давомнок дар моҳҳои октябр-декабри соли 2015 дар мавзӯъҳои зерин гузаронида шуд:

- "Сиёсати асъор: методикаи баҳодиҳӣ, таҳлили динамикӣ ваояндабинӣ", ки дар он 9 мутахассиси департамент ва идораҳои Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд;
- "Таъмини устувории пули миллӣ: назария ва методологияи тадқиқоти он", ки дар он 9 мутахассиси департаменту идораҳои Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон ширкат варзиданд;
- "Проблемаҳои муосири омори пулию қарзӣ: таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии муомилоти пулӣ", ки дар он 10 мутахассиси воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар ин давра оид ба рафтор ва муносибати корманди Бонки миллии Тоҷикистон, коргузорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон, муносибат бо ҳуҷҷатҳои дорои сирри бонкӣ барои мутахассисони воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон семинар баргузор гардид. Дар семинарҳои мазкур бештар аз 200 мутахассиси Бонки миллии Тоҷикистон ба омӯзиш фаро гирифта шуд.

Ҳамчунин дар мавзӯи "Хавфҳои бозорӣ" барои мутахассисони Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон курси давомнок ташкил карда шуд, ки дар он 50 мутахассиси воҳидҳои сохторӣ иштирок намуд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси шартномаи дуҷониба баҳри баланд бардоштани савияи дониши кормандон ва мунтазам ба омӯзиш фаро гирифтани мутахассисон дар ҳамоҳангӣ бо Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон семинар-машваратро дар мавзӯъҳои зерин пайдарпай гузаронида истодааст, аз ҷумла:

- "Сиёсати асъор: реҷаҳои қурби асъор ва методҳои танзими он" барои мутахассисони Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар он бештар аз 21 мутахассис ба омӯзиш фаро гирифта шуд;
- "Идоранамоии самараноки захираҳои байналмилалӣ, назария ва амалияи ҷаҳонӣ ва татбиқи он дар замони муосир" барои мутахассисони Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар он бештар аз 17 мутахассис ба омӯзиш фаро гирифта шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Федералии Олмон дар самти бозомӯзии мутахассисони ташкилотҳои қарзӣ фаъолият ба роҳ монд, аз ҷумла дар гузаронидани санҷишҳо аз рӯйи курсҳои давомдор дар мавзӯи "Таълимоти дугона", ки аз ҷониби Фонди мазкур ташкил карда шуд, ширкат варзид. Қобили қайд аст, ки дар давоми як соли охир дар ин курсҳо бештар аз 76 мутахассиси ташкилотҳои қарзӣ омӯзонида шуда, соҳиби тасдиқнома (сертификат) гардиданд.

Бояд гуфт, ки барои баланд бардоштани савияи дониши молиявии аҳолӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Федералии Олмон як қатор мавод (китобчаҳои омӯзишӣ

ва дарсӣ) барои мактаббачагон омода намуд. Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Фонди хазинаи амонатҳо ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Федералии Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-ум то 20-уми майи соли равон дар минтақаҳои гуногуни кишвар, аз ҷумла дар ш. Душанбе, ноҳияҳои тобеи марказ, ноҳияҳои вилоятҳои Суғд, Хатлон дар 12 мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ *(Қӯрғонтеппа, Дангара, Ҷалолиддини Балхӣ, Кӯлоб, Душанбе, Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Истаравшан, Ваҳдат ва Рӯдакӣ)* семинар-машваратҳо дар доираи мавзӯи “Баланд бардоштани дараҷаи саводнокии молиявии аҳолӣ” баргузор намуд. Дар ҳар як семинари мазкур директорони мактабҳои ноҳияҳо, муаллимони фанни “Асосҳои назарияи иқтисод”-и мактабҳои ноҳияҳо ва дар ҳар мактаб бештар аз 350 то 400 хонанда иштирок намуд.

Бояд зикр намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар самти бозомӯзии кормандон пайваста фаъолиятро идома дода, барои амалӣ кардани ин мақсад корҳои назаррасро ба анҷом мерасонад. Хусусан дар солҳои охир, ки дар сохтори Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди сохтории алоҳида - Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон ташкил гардид, ки фаъолият дар ин самт боз ҳам мустаҳкам ва устувор гардид. Дар ин замина Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо дигар бонкҳои марказӣ (миллӣ), институтҳои молиявии байналмилалӣ барои иштироки зиёда аз 94 нафар мутахассиси Бонки миллии Тоҷикистон дар семинар, курс, бозомӯзӣ ва конфаренсҳо дар хориҷи кишвар мусоидат намуд.

Дар ҳамкорӣ бо “Дойч Бундесбонк”-и Ҷумҳурии Федералии Олмон аз 30 май то 1 июни соли 2016 семинари байналмилалӣ дар мавзӯи “Назорати марбут ба хавф” барои мутахассисони низоми Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуд, ки дар он 20 мутахассиси дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон ба омӯзиш фаро гирифта шуд.

Барои мутахассисони Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар ш. Кӯлоб дар мавзӯи “Хавфҳои асъор ва бозорӣ” аз 23 то 25 майи соли 2016 семинар гузаронида шуд, ки дар ин семинар 10 мутахассиси шуъбаи минтақавӣ иштирок кард.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ширкати VISA дар таърихи 12-уми майи соли равон барои мутахассисони дастгоҳи марказӣ ва мутахассисони шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии

Тоҷикистон, вазорату кумитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи “Пардохтҳои электронӣ” семинари байналмилалӣ баргузор намуд, ки дар он 37 мутахассис, аз ҷумла 9 мутахассис аз вазорату кумитаҳо ва 28 мутахассис аз низоми Бонки миллии Тоҷикистон иштирок карданд. Ҳамзамон 13-уми майи соли равон барои намояндагони воситаҳои ахбори оммаи кишвар (ВАО) дар мавзӯи “Пардохтҳои электронӣ” семинари байналмилалӣ гузаронида шуд, ки дар он бештар аз 38 рӯзноманигори соҳаи иқтисод иштирок намуд.

Дар таърихи 8 июни соли 2016 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони ҷамъияти SWIFT ва ташкилотҳои қарзӣ семинар дар мавзӯи “SWIFT Ref – навовариҳо дар низом” барпо гардид.

SWIFT Ref – хадамоти низоми SWIFT, ки барои ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумотномаҳо ва маълумоти молиявӣ хизмат мекунад. SWIFT Ref манбаи ягона ва беҳамтои маълумотномаҳо ва маълумоти молиявӣ буда, ба ташкилотҳои қарзӣ барои коркарди паёмҳои молиявӣ, пешбурди ҳисобот ва таҳлили амиқи хавфи контрагент ва ғайраҳо имкон медиҳад.

Дар таърихи 13 июни соли 2016 Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Федералии Олмон барои кормандони низоми бонкии ҷумҳурӣ дар мавзӯи “Идоракунии кормандон дар шароити муосир” се тренинги омӯзишӣ баргузор намуд. Дар доираи тренингҳои мазкур, ки барои роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва мутахассисони низоми бонкии кишвар ихтисос ёфта буд, масъалаҳои “стратегияи кор бо кадрҳо”, “ҷустуҷӯ ва интихоби кадрҳои нав”, “ҷобаҷогузории кадрҳо”, “баҳодиҳии кадрҳо”, “идоракунии кадрҳо ва муносибат бо кормандон”, “таъсири кадрҳо дар рушди корхона” мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифта, иштирокдорони семинар аз намунаҳои беҳтарини таҷрибаҳои худ вобаста ба муносибат, идоракунӣ ва ҳавасмандгардонии кормандон ба якдигар табодули назар намуданд.

Қобили қайд аст, ки иштирокдорони тренинг дар баробари шинос шудан бо шаклҳои идоракунии ҳамкорони худ, инчунин бо таҷрибаҳои муосири кор дар Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Федералии Олмон ошно шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва пешбурди фаъолияти самаранок дар бахши низоми бонкии кишвар Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ рӯзҳои 9-10 июни соли 2016 барои кормандони бахши ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он, дар мавзӯи "Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва баланд бардоштани маърифати молиявӣ" семинари омӯзишӣ баргузор намуд.

Ҳадаф аз гузаронидани чорабинии мазкур такмил додани дониши молиявии кормандони ин бахши бонкӣ буда, ба иштирокдорони семинар дар бораи нозукиҳои хизматрасониҳои низоми бонкӣ, дуруст истифода бурдани пешниҳодҳо ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дарсҳои таълимӣ гузаронида шуд.

Дар робита ба баргузории семинари зикршуда бояд қайд намуд, ки таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои низоми бонкӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии молиявии мардум ва зиёд намудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ҳамеша аз самтҳои афзалиятноки Бонки миллии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо Фонди хазинаи амонатӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Федералии Олмон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи барномаи махсус оид ба "Баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ" барои аҳолии кишвар давом дорад.

Давраи дуюми семинар-машварати мазкур, аз таърихи 6-уми июн оғоз ёфта, то 1-уми июли соли ҷорӣ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, барои омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ идома меёбад.

Тавре дар боло зикр намудем, мақсад аз ташкили чорабинии мазкур омӯзонидани роҳу усулҳои муосир ва шавқовари баргузории машғулиятҳо аз фанни "Асосҳои назарияи иқтисод" ба шумор рафта, дар баробари баланд бардоштани дониши молиявии мактаббачаҳо, сатҳи маърифати молиявии омӯзгорони ин фан низ такмил дода мешавад.

Дар семинаре, ки рӯзи 6 июн дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф баргузор

гардид, 24 нафар омӯзгори фанни “Асосҳои назарияи иқтисод” аз мактабҳои таҳсилоти умумии минтақаҳои гуногуни кишвар иштирок намуданд.

Дар назар аст, шумораи умумии омӯзгороне, ки тибқи ин барнома фаро гирифта мешаванд, то ба 2900 нафар расонида шавад. Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, дар ҳамоҳангӣ бо дигар сохторҳои дахлдор ҳамкориро идома хоҳад дод.

## *10.3. Таҳкими забони давлатӣ дар низоми бонкӣ ва таблиғу инъикоси ин низом дар васоити ахбор*

Дар Бонки миллии Тоҷикистон шуъбаи тарҷума ба фаъолият машғул аст, ки дар таҳкими забони давлатӣ дар низоми бонкдории мамлакат саҳми арзанда дорад. Татбиқи амалии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат аз тарафи кормандони ин шуъба барои ташаккули забони тоҷикии иқтисоду бонкдорӣ заминаи мусоид муҳайё мекунад. Саҳми шуъбаи тарҷума дар омода кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои пулию ҳисоббаробарӣ, маводи ҷашнӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, ба хусус таҳияву танзими истилоҳоти миллии бонкдорӣ ва иқтисоду молия, аз ҷумла “Фарҳанги истилоҳоти байналмилалии бонкдорӣ” (Душанбе 1999), “Фарҳанги истилоҳоти молия ва бонкдорӣ” (Душанбе, 2010) назаррас аст.

Маҷаллаи “Бонкдорӣ дар Тоҷикистон” (дар айни замон “Бонкдорӣ, Тараққиёт, Ҷаҳонишавӣ”) фарогири тамоми масоили низоми бонкдорию иқтисодӣ мебошад. Дар тӯли мавҷудияташ маҷалла кӯшиш ба харҷ дод, ки доираи зиёди хонандагонро ба худ ҷалб карда, то ҷое миёни хонандагони худ маҳбубият пайдо намояд. Ахиран бо мусоидати роҳбарияти нави Бонки миллии Тоҷикистон ин маҷалла ба нашрияи бонуфузи низоми бонкии мамлакат ва ҷавобгӯ ба талаботи замон мубаддал гаштааст.

Кормандони маҷалла дар заминаи қонунҳои ҷорӣ ва дастуру супоришоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти эҷодии худро ба роҳ монда, бо маводи рангину пурмазмун ва ороишоти замонавӣ маҷалларо омодаи чоп менамоянд.

Дар ҳар шумораи маҷалла вазъи қурби пули миллӣ, санадҳои расмӣ, ҳисоботи бонкҳои тиҷоратӣ, мусоҳибаву назару таҳлили мутахассисон оид ба бозори коғазҳои қиматнок, омор ва дигар масоили низоми бонкиву иқтисодӣ пешкаши хонандагон мегардад.

Чорабинию рӯйдод ва мулоқоту вохӯриҳое, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон доир мегарданд, аз мадди назари кормандони маҷалла дур намемонанд ва дар шумораи навбатии маҷалла ба нашр мерасанд. Гузориши нишасти матбуотӣ бо ширкати Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва хабарнигорони ватанию хориҷӣ ҳар семоҳа дар маҷалла инъикос мегардад.

Дар давоми фаъолияти хеш маҷалла доираи зиёди олимону иқтисодшиносонро ба худ ҷалб намуда, мақолаҳои онҳоро пешкаши хонандагон гардонидааст.

Барои сазовор истиқбол гирифтани 25-умин солгарди Истиқлолияти кишвар кормандони маҷалла гӯшаеро бо номи "Истиқлолнома" тахсис додаанд ва дар ин гӯша аз дастоварду пешрафтҳои соҳаи бонкдорӣ матолиби ҷолиб ба табъ мерасад.

Дар тарғибу ташвиқи дастовардҳои низоми бонкии мамлакат шуъбаи матбуот саҳми арзанда дорад. Шуъбаи мазкур вазифаҳои аз ҷониби роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати инъикоси ҳамаҷонибаи фаъолияти БМТ ва низоми бонкии мамлакат тавассути воситаҳои ахбори омма гузошташударо, дар доираи салоҳдиди худ иҷро менамояд.

Шуъбаи матбуот инчунин дар асоси ҳуҷҷату дастур, қарорҳои Ҳукумат, консепсияҳо, қарорҳои Раёсат, тавсияи ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ва созмонҳои машваратии хориҷӣ ва дохилӣ (ХБА, БҶ ва ғайра), ки самти фаъолиятро дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат муайян менамоянд, фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Шуъбаи матбуот барои дар амал татбиқ намудани амри Президенти мамлакат дар бораи гузаронидани нишастҳои матбуотӣ бо кормандони васоити ахбори омма аз соли 2012 то моҳи январи соли 2016-ум 13 нишасти матбуотии нақшавӣ, 6 нишасти матбуотии ғайринақшавӣ ва чандин бриффингҳои матбуотӣ баргузор намуд. Дар нишастҳои мазкур роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ба саволҳои хабарнигорон доир ба бурду бохти фаъолияти низоми бонкии мамлакат посухҳои мушаххасу мукаммал гуфтанд.

Шуъбаи матбуот таҷрибаи андухта, тарзу услуби пешқадами муосири кор бо намояндагони ВАО-ро идома дода, барои боз ҳам беҳтар ташвиқу тарғиб намудани фаъолияти босамари Бонки миллии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳад.

### *10.4. Ҳимояи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ*

Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар амри татбиқи масъалаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои низоми бонкӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна, аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бинобар ин, бо мақсади тақвият бахшидани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва васеъ намудани миёнаравии молиявӣ бо роҳи таъмини сатҳи зарурии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ дар таърихи 1 сентябри соли 2015 дар ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди сохтории нав - Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ ташкил гардид ва аз ҳамин таърих ба фаъолият оғоз намуд.

Шуъба дар ҳамкории наздик бо ташкилотҳои қарзӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ бо кӯшишу ғайрати зиёд дар байни аҳолӣ, аз ҷумла соҳибкорони хурду миёна барои баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва курсу семинарҳои омӯзишӣ ташкил менамояд. Ҳамчунин аз рӯйи имкон маводи иттилоотӣ (ҷузва ва плакатҳо бо шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои молиявӣ) нашр карда, ба иштирокдорони курсу семинарҳо тақдим мекунад.

Илова бар ин, барои баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ аз ҷониби шуъба бо дастгирии намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ як зумра маводи тарғиботию ташвиқотӣ (видеороликҳо) омода гардид, ки ин мавод тавассути шабакаҳои

телевизионӣ якчанд муддат пешкаши тамошобинон карда шуд. Маводи мазкур мавзӯъҳои гуногуни рӯзмарра, аз ҷумла “Истифодаи самараноки маблағи интиқоли пулӣ”, “Тарзи дурусти истифодаи маблағи қарз”, “Тарзи дурусти ташкил намудани пасандози оилавӣ” ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар назар аст, ки дар оянда пахши чунин мавод тавассути радио ва телевизион бештар ба роҳ монда шавад.

Дар маҷмӯъ, таъсиси чунин воҳиди сохторӣ дар низоми бонкӣ, ки ба ҳимояи манфиатҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии мардум равона шудааст, аз дастовардҳои муҳимми низоми бонкии мамлакат маҳсуб мешавад.

# БОБИ 11. НАҚШАИ СТРАТЕГИИ СОЛИМГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДУРНАМОИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ МАМЛАКАТ

## *11.1. Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019*

Бо мақсади солимгардонии фаъолияти молиявӣ ва институтсионалии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин баҳри баланд бардоштани самаранокии идоракунии низоми бонкии мамлакат Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардид ва бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон, №152 аз 31 июли соли 2015 ба тасвиб расид.

Нақшаи стратегии мазкур барои солҳои 2015-2019 бо дарназардошти тамоми мақсаду вазифаҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ба зиммаи Бонки миллӣ вогузор карда шудаанд, таҳия шудааст. Ҳамзамон дар Нақшаи стратегии солимгардонӣ ҳадафи чорабиниҳои пешбинишуда, механизми татбиқи онҳо, натиҷагирӣ, иҷрокунандагон ва муҳлати иҷрои чорабиниҳо пурра ва муфассал дарҷ гардидааст. Нақшаи мазкур барои фаъолияти оянлаи Бонки миллии Тоҷикистон хеле муҳим буда, татбиқи муваффақонаи он ба беҳтар гаштани нишондиҳандаҳои бонк ва низоми бонкии мамлакат мусоидат хоҳад кард. Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳамаи воҳидҳои сохтории дахлдор мувофиқа ва эроду пешниҳодҳои манзургардида ба назар гирифта шудааст.

Дар Стратегияи мазкур ҳамаи ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкӣ, аз ҷумла мушкилоти институтсионалӣ, идоракунии фаъолияти амалиётӣ, самарабахш намудани идоракунии амалиёти пассивӣ, танзими сармояи Бонки миллӣ, ба эътидол овардани нишондиҳандаҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон, таҳкими идоракунии хавфҳо, назорати бонкӣ, амалиёт дар бозори озод, омор ва тавозуни пардохт, сиёсати пулию қарзӣ, инфрасохтори низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

фаъолияти аудиторӣ, мониторинги молиявӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар масъалаҳо ба инобат гирифта шудааст.

Ҳадафҳои асосии дар стратегияи мазкур дарҷгардида аз инҳо иборат мебошанд:

- оптималӣ ва самаранок намудани сохтори Бонки миллии Тоҷикистон;
- идоранамоии босамари захираҳои байналмилалӣ ва дигар уҳдадориҳои асъорӣ;
- фоидаовар намудани амалиёт бо филизоти қиматбаҳо ва сармоягузорӣ;
- беҳтар намудани масъалаи баргардонидани қарзҳои додашуда;
- ба даст овардани натиҷаи мусбати молиявӣ ва зиёд намудани сармояи бонк;
- ба талаботҳои СБҲМ (МСФО) мутобиқ намудани ҳисобдории Бонки миллии Тоҷикистон;
- ҳисоби автоматишуда ва ҳаррӯзаи хавфҳои асъорӣ;
- пурзӯр намудани назорати бонкӣ ва такмил додани таъминоти барномаи компютерӣ барои пешбурди назорати фосилавии босамари ташкилотҳои қарзӣ;
- зиёд намудани амалиётҳо дар бозори коғазҳои қиматнок бо мақсади ҷалби захираҳои молиявии иловагӣ;
- қонеъ намудани талаботи Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА), мутобиқ намудани стандартҳои байналмилалӣ, мутобиқ намудани маълумоти тавозуни пардохти Бонки миллӣ бо стандартҳои махсуси интишори маълумот (СМИМ);
- фаъол гардонидани механизми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ;
- беҳтар намудани сифати хизматрасонии амалиётҳои ғайринақдӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии пардохт;
- мутобиқ намудани талаботҳои тавсияи Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии муқовимат ба шустани пул (ФАТФ);
- беҳтар намудани ҳамкориҳои дутарафа бо ташкилотҳои байналмилалии шарикони рушд ҷиҳати ҷалби захираҳои молиявӣ барои танзими сиёсати пулӣ ва асъорӣ;
- беҳтар намудани самаранокии ҳамкорӣ оид ба кӯмаки техникӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба стратегия.

Дар амал татбиқ намудани тадбирҳои дар стратегия дарҷшуда барои дар муҳлати кӯтоҳтарин ҳал намудани мушкилоти низоми бонкӣ, ноил гардидан ба сатҳи муътадили нишондиҳандаҳои

сиёсати пулию асъорӣ, вазъи устувори молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва умуман низоми бонкии ҷумҳурӣ имконияти мусоид фароҳам меорад.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки ҷиҳати иҷрои мунтазами Нақшаи стратегиии мазкур ва ҳамоҳангсозии сиёсати пулию буҷетӣ бо дарназардошти манфиатҳои рушди иқтисоди миллӣ, тақвият додани ҳамкориҳои мутақобилаи Бонки миллии Тоҷикистон бо шарикони рушд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор ба манфиати кор мебошад.

Ҳадафи ниҳоӣ, ин солимгардонии вазъи молиявӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ намудани низоми бонкии ҷумҳурӣ, таъмини самарабахшӣ ва ҷолибияти низоми бонкӣ барои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, танзими сармоя ва дороиҳои Бонки миллии Тоҷикистон, ба эътидол овардани нишондиҳандаҳои молиявӣ, рушду таҳкими идоракунии хавфҳо, самаранокии назорати бонкӣ, татбиқи муваффақонаи сиёсати пулию қарзӣ, такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва ғайра маҳсуб меёбад.

## *11.2. Дастовард ва ислоҳоти воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон дар заминаи Нақшаи стратегӣ*

Барои баланд бардоштани самаранокии иҷрои Нақшаи стратегии солимгардонии Бонки миллии Тоҷикистон бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ ташкил гардид, ки ба он Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев роҳбарӣ мекунад.

Дар заминаи ҳамин Нақша сохтори Бонки миллии Тоҷикистон таҷдиди назар гардида, ба талаботи замон ва соҳаи фаъолияти бонки танзимгар мутобиқ гардонида шуд. Дар иртибот ба фаъолияти самараноки бонк дар сохтор воҳидҳои нав ташкил гардида, номи баъзе воҳидҳои сохторӣ тағйир дода шуд.

Иҷрои тадриҷӣ ва зина ба зинаи Нақшаи стратегии мазкур дар муддати бештар аз як соли охир барои пешрафти кор ва самаранокии назарраси фаъолият дар Бонки миллии Тоҷикистон

роҳ боз намуд, ки дастоварду ислоҳоти зерини воҳидҳои сохторӣ далели равшани ин гуфтаҳост.

**Идораи кормандон.** Бо мақсади кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии кори кормандон ихтисори воҳидҳои кории кормандон гузаронида шуд, ки дар натиҷа воҳидҳои кории Бонки миллии Тоҷикистон аз 1149 воҳид то ба 802 воҳид кам гардид (-347 воҳид).

Дар ин давра санҷиши тахассусии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шуда, озмун барои ишғоли ҷойҳои холии корӣ баргузор гардид, ки дар он бештар аз 400 нафар довталаб иштирок намуда, 35 нафар ғолиби озмун гардиданд ва қисми зиёди онҳо бо кор таъмин шуданд.

Бо Фонди хазинаҳои амонатгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (SBFIC) дар доираи шартномаи дутарафа барои кормандони низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон "омӯзиши дугона" ба роҳ монда шуд, ки ин омӯзиш дарозмуддат буда, то соли 2017 давом мекунад ва бояд 400 нафар омӯзонда шавад. Дар доираи ин барнома дар Шуъбаи минтақавии БМТ дар ш. Қӯрғонтеппа як синфхона бо мебел ва дигар асбоби хониш аз ҳисоби Фонди мазкур ҷиҳозонида мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки ба воситаи ин барнома пеш аз ҳама кормандоне, ки бевосита бо муштариён кор мекунанд, дар сатҳи байналмилалӣ омода карда мешаванд.

Бо ташаббуси ҳамин Фонд ҳамчунин семинари махсуси амалӣ бо истифодаи симулятсияи компютерӣ оид ба идораи бонкҳо аз 28.03.2016 то 01.04.2016 гузаронида шуд ва дар он намояндагони 7 бонки ҷумҳурӣ иштирок карданд.

Корҳои назаррас оид ба ҷамъоварӣ, ороиш ва ҷобаҷо намудани нигораҳо дар Осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон ба сомон расонида шуд. Қисмати осорхона, ки ба таърихи пул бахшида шудааст, соли гузашта дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатии ҶТ (соли 2015) расман кушода шуд. Инчунин, "Роҳнамои осорхонаи Бонки миллии Тоҷикистон" бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода гардида, ба нашр расонида шуд.

**Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқотӣ ва рушд.** Барои иҷрои мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон, яъне нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ сатҳи таварруми солона аз 7,4 фоиз дар

соли 2014 то 5,1 фоиз дар соли 2015 паст гардида, ба ҳолати 01.05.с.2016 дар сатҳи 5,5 фоиз муътадил нигоҳ дошта шуд.

Лоиҳаи "Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат" таҳия гардид, ки он марҳила ба марҳила фароҳам овардани фазои мусоид ва заминаи устувор барои гузариш ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррумро дар назар дорад.

Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани дастуру супоришҳое, ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 20 январи соли 2016 баён гардидаанд, таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2016, № 33 тасдиқ карда шуд. Ҷиҳати татбиқи Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ (аз 2 декабри соли 2015, №243) тасдиқ карда шуд.

Кӯмаки техникии Хазинаи Байналмилалии Асъор (26 март – 8 апрели соли 2016) қабул карда шуд, ки дар доираи он тамоми монеаҳою мушкилоти марбут ба сиёсати пулию қарзӣ муайян гардида, ҷиҳати баланд бардоштани таъсирбахшии сиёсати пулию қарзӣ ва амалиётҳои монетарӣ тавсияҳои мушаххас гирифта шуд.

Дар соли 2015 афзоиши ҳаҷми пулҳои захиравӣ нисбат ба соли қаблӣ тибқи нақша дар сатҳи 16 фоиз ва афзоиши дороиҳои софи дохилӣ дар сатҳи 10,7 фоиз нигоҳ дошта шуда, сатҳи таъминнокии иқтисодиёт бо пул аз 19,4 фоиз то 22,7 фоиз зиёд гардид.

Ҷиҳати пешгирии фишорҳои берунӣ аз 01.03.с.2016 меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 фоиз то ба 9 фоиз баланд карда шуд. Меъёри захираҳои ҳатмӣ ҷиҳати мусоидат ба фаъолияти муътадили низоми бонкӣ, аз 8.09.с.2015 барои пасандозҳо бо пули миллӣ аз 2 то 1,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ аз 8 то 7 фоиз паст карда шуд. Ҳаҷми фурӯши коғазҳои қиматнок дар соли 2015 нисбат ба соли қаблӣ 1,9 маротиба ва аз аввали сол то 26 апрели соли 2016 бошад дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта 4 маротиба зиёд гардид.

**Департаменти идораи захираҳои байналимилалӣ ва сиёсати қурби асъор.** Кӯмаки техникии ХБА (10-22 сентябри с.2015) оид ба идораи захираҳои байналмилалӣ қабул карда шуд.

Кӯмаки техникии Бонки миллии Швейтсария дар ду марҳила (аз 28.09.с.2015 то 25.10.с.2015 ва 5-8 апрели соли 2016) оид ба босамар намудани амалиётҳои идораи захираҳои байналмилалӣ ба итмом расид.

Нуқтаҳои мубодилаи асъори ба ташкилотҳои қарзӣ тааллуқдошта ва берун аз қароргоҳҳои онҳо ҷойгирбуда то охири соли 2015 баста шуда, амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷии нақдро танҳо хазинаҳои нуқтаҳои интиқоли пулӣ, марказҳои хизматрасонии бонкӣ, филиал ва саридора тибқи талаботи Дастурамали №211 "Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ" анҷом медиҳанд (дар айни замон, шумораи онҳо дар маҷмӯъ ба 4'604 адад баробар аст).

Дар Бонки миллии Тоҷикистон Барномаи низоми электронии савдои "Томсон Ройтерс" ба фаъолият оғоз намуд, ки акнун тамоми амалиётҳои асъорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ тавассути ин барнома гузаронида мешаванд. Амали мазкур фаъолияти бозори байнибонкии асъорро вусъат бахшида, анҷомдиҳии амалиётҳои қарздиҳӣ, мубодилавӣ, амонатгузорӣ ва дигари амалиётҳои ташкилотҳои қарзиро воқеӣ, сода ва шаффоф мегардонад.

Назорати фаъолияти муассисаҳои ташкилотҳои қарзӣ дар самти анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ ва истифодаи асъори хориҷӣ аз ҷониби гурӯҳҳои фаврии муштарак дар ҳамбастагӣ бо мақомоти Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, ситодҳои кории Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ дар ш.Душанбе ва дигар минтақаҳо пурзӯр карда шуд.

Бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарии инфиродӣ барои вайрон кардани тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ ва истифодаи асъори хориҷӣ, лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба кодексҳои маъмурӣ ва ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид, ки баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Маҷмӯи корҳои ташвиқу тарғиб ва шарҳу эзоҳи вазъи ҷорӣ дар бозори дохилии асъор ва чораҳои амалишаванда дар васоити

ахбори омма аз ҷониби роҳбарият ва мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам анҷом дода мешавад.

Дар ин давра ҳаҷми умумии захираҳои байналмилалӣ (GIR) аз 474,1 млн. долл. ИМА (31.03.с.2015) то ба 593,3 млн. долл. ИМА (30.04.с.2016) расид.

Сатҳи захираҳои байналмилалӣ муътадил монда, NIR ба моҳи импорт аз 1.01 (31.03.с.2015) то ба 1.66 (31.04.с.2016) ва GIR ба моҳи импорт аз 1.37 (31.03.с.2015) то ба 2.14 (30.04.с.2016) афзун гаштанд.

Уҳдадориҳои фоизии беруна дар ҳаҷми 137,8 млн. долл. ИМА кам карда шуданд, аз ҷумла 2,7 тонна тилло аз уҳдадориҳои СВОП озод карда шуд. Вобаста ба ин, хароҷоти фоизӣ кам гардида, даромади дороиҳо аз ҳисоби депозитҳои тилло ва овернайти асъор зиёд карда шуд. Зарар аз амалиётҳо ва азнавбаҳодиҳӣ ба маротиб паст карда шуд.

Тиллои монетарии Бонки миллии Тоҷикистон аз 01.01.с.2015 то 31.05.с.2016 ба миқдори 50% (аз рӯйи вазн) зиёд карда шуд.

Бо мақсади ташкили фурӯш ва бозхариди сабикаҳои тиллои тасфияшуда лоиҳаи "Қоидаҳои фурӯш ва бозхариди сабикаҳои меъёрии тиллои тасфияшуда ва ба муомилот баровардаи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Дастурамал "Дар бораи аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардани нархи фурӯш ва бозхариди сабикаҳои меъёрии тиллои тасфияшуда ва ба муомилот баровардаи Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия шуданд.

**Идораи суботи молиявӣ.** Тибқи тавсияҳои ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ (FSAP – Барномаи баҳодиҳии бахши молиявии ҶТ), бо қабул гардидани сохтори нав (бо қарори Раёсати БМТ, №114 аз 25.06.2015) дар Бонки миллии Тоҷикистон Идораи суботи молиявӣ ва таҳлили хавфҳо ташкил карда шуд, ки аз 1 сентябри соли 2015 фаъолияти худро оғоз намуд.

Кӯмаки техникии ХБА (28.09.с.2015 – 02.10.с.2015) ҷиҳати муайян сохтани мақсаду вазифаҳои асосии Идора қабул гардид, ки дар натиҷа:

- Низомномаи Идора бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон (№114 аз 03.11.с.2015) тасдиқ шуд;

Илова ба моддаи 6-и Қонуни ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ҳамчун вазифаи навбатии Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли зерин: "Таҳияи сиёсати макромақбул

(макропруденсиалӣ) ва назорати иҷрои он" таҳия гардида, ба Идораи ҳуқуқ барои ворид намудан ба қонун дар моҳи декабри соли 2015 пешниҳод карда шуд.

Бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби GIZ (аз 28.11.с.2015 то 06.12.с.2015) дар ш. Берлин (Олмон) барои кормандони Идора ва Шуъбаи таҳлили хавфҳо коромӯзӣ дар мавзӯи "Идоракунии хавфҳо ва таҳлили устувории низоми бонкӣ" гузаронида шуд.

Пойгоҳи маълумот бо ҷамъоварӣ гардидани маълумот аз манбаҳои дохилию (сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он) хориҷӣ (аз низоми Томсон Ройтерс) ҷиҳати баҳодиҳии хавфҳои воситаҳои молиявӣ (СВОП, СПОТ, ФОРВАРД ва амалиётҳои амонатӣ аз рӯи филизот) ташкил карда шуда, заминаи асосӣ барои гузариш ба низоми меъёрбандӣ гузошта шуд.

Баҳогузории хавф аз рӯйи амалиётҳои СПОТ (бо бонкҳои ватанӣ ва хориҷӣ), конверсия, конвертатсия, СВОП бо истифода аз усули VaR (ченаки арзиш дар хавф) анҷом дода шуда, аз рӯйи ин амалиётҳо дар алоҳидагӣ ҳисоботҳо дар шакли ҷадвал таҳия гардиданд.

Бо мақсади ҷамъоварии маълумот оид ба хавфҳои дар Бонки миллии Тоҷикистон мавҷудбуда, бо Фармоиши 2265/09.03 аз 12.10.с.2015 дар ҳамаи воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказӣ пурсиш оид ба хавфҳои мавҷуда гузаронида шуд. Бо дарназардошти маълумоти ҷамъоваришуда Харитаи хавфҳо тартиб дода шуд, ки ҷойгиршавии сатҳи хавфҳоро аз рӯйи хусусияти давомнокии онҳо нишон медиҳад.

Кӯмаки техникии Бонки ҷаҳонӣ тибқи матритсаи Барномаи маблағгузории рушди сиёсат дар ду марҳила (30.11.с.2015–10.12.с.2015 ва 28.01.с.2016–03.02.с.2016) пешниҳод гардид, ки дар натиҷа:

- Кумитаи суботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон (№27 аз 01.03.с.2016) таъсис дода шуд, ки он мақоми мустақили

доимоамалкунандаи машваратӣ дар назди Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мебошад;

- Низомнома ва ҳайати Кумитаи суботи молиявии Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ гардид;
- аввалин Ҳисоботи семоҳа оид ба мониторинги бахши молиявӣ (марти соли 2016) таҳия гардид.

Ҳисоботҳо оид ба мониторинги бахши молиявӣ барои семоҳаҳои якум ва дуюми соли 2016 таҳия гардида, ба Кумитаи суботи молиявӣ пешниҳод карда шуданд.

Аввалин ҳисоботи моҳона оид ба нишондиҳандаҳои асосии суботи молиявӣ таҳия гардид (апрели соли 2016).

Кӯмаки техникии GIZ (марти 2016) – гуфтушунид ва дастрасӣ барои оғози ҳамкориҳо дар давраи дарозмуҳлат (2 сол) бо ҷалби коршинос дар самти таҳлили суботи молиявӣ ва татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ амалӣ гардид.

Идораи суботи молиявӣ ва таҳлили хавфҳо тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №55 аз 22.04.с.2016 (тағйироти сохтор) бо дарназардошти мустақил шудани Шуъбаи таҳлили хавфҳо ба Идораи суботи молиявӣ табдил дода шуд ва дар ҳайати он воҳиди нав – Шуъбаи таҳлили макропруденсиалӣ ташкил карда шуд.

Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №95 аз 12.07.с.2016 тасдиқ шуд. Асосҳои сиёсати макропруденсиалӣ заминаи механизми амалӣ намудани сиёсати макропруденсиалӣ ва назорати макропруденсиалии низоми бонкиро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати коҳиш додани хавфҳои низом ва мусоидат ба нигоҳдории суботи молиявӣ анҷом дода мешавад, муайян менамояд.

Кӯмаки техникии Бонки ҷаҳонӣ тибқи матритсаи Барномаи маблағгузории рушди сиёсат (марҳилаи якум 01.08.с.2016–13.08.с.2016) ҷиҳати таҳияи лоиҳаи аввалин Ҳисоботи солонаи

суботи молиявӣ, ташкили пойгоҳи маълумот ва мубодилаи байниидоравии маълумот пешниҳод гардид.

**Идораи низоми пардохт.** Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохт ва низоми пардохт" таҳия гардида, аз ҷониби аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт ва ба парлумони кишвар барои тасдиқ ирсол карда шуд.

Низоми миллии ҳисоббаробариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (TJNNSS) бо иштироки ширкати байналхалқии Visa International Service Association аз 16.12.с.2015 ба кор оғоз намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар лоиҳаи мазкур ҳамчун бонки ҳисоббаробарӣ амал менамояд.

Татбиқи лоиҳаи грантии Бонки ҷаҳонӣ "Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ" тақвият дода шуд, ки дар доираи татбиқи ин лоиҳа иваз намудани низоми амалкунандаи пардохтҳои байнибонкӣ ба Низоми муосири автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (НАБИМ) ва созмон додани Амонатгоҳи марказии коғазҳои қиматнок (АМКҚ) ба нақша гирифта шудааст.

Раванди созмон додани Платформаи ягонаи пардохт барои интиқоли маблағҳо оғоз гардид.

Ҷиҳати рушди минбаъдаи Низоми пардохти миллии "КОРТИ МИЛЛӢ" ва васеъ намудани истифодаи кортҳои миллӣ берун аз марзи кишвар лоиҳаи муштарак бо Низоми пардохти НСПК-и Бонки марказии Русия дар марҳилаи баррасӣ қарор дорад.

Ҷиҳати имконпазир намудани интиқоли маблағҳо ба суратҳисобҳои дорандагони кортҳои пардохтии Низоми пардохти миллии "КОРТИ МИЛЛӢ" ҳамкорӣ бо Низоми пардохти "QIWI" (Русия) роҳандозӣ шуда истодааст.

**Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон.**

Чунонки дар боло ишора рафт, бо қабул гардидани сохтори нав (қарори Раёсати БМТ №114 аз 25.06.с.2015) дар Дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ва бозомӯзии кормандон ташкил карда шуд, ки аз 1 сентябри соли 2015 ба фаъолият оғоз намуд.

Аз ҷониби Пажуҳишгоҳ лоиҳаи "Тартиби гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия

гардида, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2016 таҳти №25 тасдиқ карда шуд.

Лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ва лоиҳаи "Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни Бонки миллии Тоҷикистон" омода шуда, дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Лоиҳаи Қоидаҳо "Дар бораи баҳодиҳии фаъолияти кормандони Бонки миллии Тоҷикистон бо усули ҳавасмандгардонӣ (бонус)" ва лоиҳаи ҷадвали "Критерияҳои муайянкунии ҳавасмандгардонии кормандон аз рӯйи воҳидҳои сохторӣ" омода гардида, дар баррасии воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон қарор доранд.

Дар самти баланд бардоштани савияи донишу малакаи кории кормандони Бонки миллии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони "Дойч Бундесбонк" (Олмон), бонкҳои марказии мамолики Иттиҳоди иқтисодии АврОсиё, Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзӯъҳои гуногун семинар ва курсҳои давомнок гузаронида шуданд. Инчунин, Пажуҳишгоҳ дар ҳамоҳангӣ бо дигар бонкҳои марказӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ барои иштироки бештар аз 94 нафар мутахассиси Бонки миллии Тоҷикистон дар семинар, курс, бозомӯзӣ ва конфаронсҳо дар хориҷи кишвар мусоидат намуд.

Ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши молиявии аҳолӣ дар ҳамоҳангӣ бо Фонди хазинаҳои амонатгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (Олмон) як қатор мавод (китобчаҳои омӯзишӣ ва дарсӣ) барои мактаббачагон омода гардид.

Пажуҳишгоҳ дар давраи фаъолият доир ба мавзӯъҳои гуногун назарсанҷиҳо гузаронид, аз ҷумла:

- оид ба муайян кардани реҷаи қурби асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ (моҳҳои сентябр, октябр, ноябр ва декабри с.2015);
- оид ба воридшавӣ ва содиршавии интиқолҳои пулӣ дар ташкилоҳои қарзӣ дар давоми 9 моҳи солҳои 2014-2015 (октябри с.2015);
- оид ба воридшавӣ ва содиршавии интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ дар нуқтаҳои интиқоли пулии ташкилотҳои қарзӣ-шаҳрвандон (октябри соли 2015);

- оид ба фаъолият ва назорат аз болои нуқтаҳои мубодилаи асъор дар ш.Душанбе (ноябри соли 2015);
- оид ба истифодабарии хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби шаҳрвандон (аз 27.11.с.2015 то 15.12.с.2015);
- оид ба ташаккули захира ва ФПТИ аз рӯйи қарзҳо дар солҳои 2014-2015 дар байни 17 бонк ва 39 ташкилоти амонати қарзии хурд;
- оид ба сиёсати ҷории Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба интиқолҳои пулии шахсони воқеӣ дар маҳалҳо, бозору хиёбонҳо ва марказҳои интиқоли пулӣ.

**Идораи амалиёт дар бозори озод.** Ҷиҳати дастгирии соҳаҳои воқеии иқтисодиёт меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ барои пасандозҳо аз 01.10.с.2015 бо пули миллӣ 0,5 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 1,0 банди фоизӣ паст карда шуда, мутаносибан дар сатҳи 1,5 фоиз ва 7,0 фоизи солона муқаррар гардид.

Ба хотири ҷалби бештари иштирокдорони музоядаҳои фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва самаранок намудани истифодаи ин фишанги сиёсати монетарӣ, тибқи қарори Гурӯҳи корӣ оид ба сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон аз 11.11.с.2015 баргузории музоядаҳо бо меъёри фоизи ибтидоии меъёри бозтамвил тарҳи 3 банди фоизӣ оғоз гардид.

Аз 4 майи соли 2015 то 26 апрели соли 2016 102 музоядаи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардида, ба маблағи 2 589,10 млн. сомонӣ коғазҳои қиматнок фурӯхта шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 757,96 млн. сомонӣ зиёд буда, аз рушди бозори аввалияи фурӯши коғазҳои қиматнок дарак медиҳад.

Даромаднокии миёнавазни солонаи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи 04.05.с.2015–26.04.с.2016 5,33% солонаро ташкил дод, ки нисбат ба нишондоди соли гузашта 2,48% зиёд мебошад.

Бо мақсади автоматӣ намудани амалиётҳо (дар реҷаи вақти воқеӣ) ва ба таври электронӣ қабул намудани дархостҳо барои иштирок дар музоядаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, баъди шиносоӣ бо Низоми автоматии “Thomson Reuters Eikon” бо намояндаи ин ширкат А.Сенина гуфтушунид баргузор гардид. Бо

анҷом ёфтани корҳои техникӣ музоядаҳо дар оянда тавассути ҳамин Низоми автоматӣ ба роҳ монда мешаванд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади барқарор намудани дороиҳои худ моҳи октябри соли 2015 нисбат ба 9 сармоягузори қарздор, ки тавассути ҶСП ТМҒ "КредитИнвест" барои коркард ва содироти маҳсулоти пахтагӣ қарз гирифта буданд, аризаи даъво ба Суди Олии иқтисодии ҶТ пешниҳод намуд. Аз 4 декабри соли 2015 №74/2с-23, тибқи Протоколи ҷаласа дар назди Сарвазири ҶТ аз 30 ноябри соли 2015, Гурӯҳи корӣ оид ба баррасии қарзҳои сармоягузорони хоҷагиҳои кишоварзӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Бо талаби Прокуратураи генералии ҶТ аз 29 январи соли 2016, таҳти №8-25нд-2016/5, Бонки миллии Тоҷикистон бо мактуб аз 4 феврали соли 2016, №12.3-92/399 рӯйхати қарзҳои мушкилситон, аз ҷумла сармоягузорони соҳаи пахтакориро пешниҳод намуд.

**Идораи ҳисобдорӣ.** Ҳисобгирии як қисми хароҷоти нигоҳдории кормандон бо истифодаи усули ҳисобу замкунии даромад ва хароҷот дар Низоми автоматишудаи бонкии "ЦФТ Банк" ба таври доимӣ ҷорӣ карда шуд.

Бо мақсади кам кардани хароҷоти фарсоиши воситаҳои асосӣ як қатор дороиҳои моддии Бонки миллии Тоҷикистон, ки аз истифода бароварда шудаанд, дар асоси музояда фурӯхта ё ройгон дода шуданд.

Бо мақсади аз тавозун хориҷ намудани бино ва иншоотҳое, ки бо фаъолияти асосии Бонки миллии Тоҷикистон вобастагӣ надоранд, дар соли 2015 маркази варзишӣ воқеъ дар ш.Душанбе ва истироҳатгоҳи "Шоҳин" дар ш. Гулистон аз сохтори Бонки миллии Тоҷикистон бароварда шуда, дар соли 2016 аз тавозуни Бонки миллии Тоҷикистон ба тавозуни ҳукумати вилояти Суғд гузаронидани иншоотҳои "Лангар" ва "Зуҳал" ба нақша гирифта шудааст.

Ҳисобгирии воситаҳои асосӣ мутамарказонида шуда, ба танзим дароварда шуд. Дар якҷоягӣ бо Департаменти технологияҳои иттилоотӣ ба низоми баҳисобгирии "1С-Бухгалтерия" феҳристи воситаҳои асосӣ ворид карда шуда, ҳоло корҳо оид ба мутобиқ намудани низоми "1С-Бухгалтерия" ба ҳисобдории Бонки миллии Тоҷикистон давом дорад.

Талаботи техникӣ оид ба автоматӣ кардани ҳисобгирии амалиётҳое, ки аз ҷониби Идораи ҳисобдорӣ гузаронида мешаванд ва бояд дар низоми нави автоматишудаи бонкӣ ба инобат гирифта шаванд, таҳия гардида, ба департаментҳои аудити дохилӣ ва технологияҳои иттилоотӣ пешниҳод карда шуданд.

Лоиҳаи таҳрири нави "Сиёсати ҳисобдории Бонки миллии Тоҷикистон" бо дарназардошти талаботи СБҲМ (МСФО) омода гардида, барои баррасӣ ба Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

**Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ**. Бо мақсади танзими гардиши пули нақд дар муомилот мутобиқи талаботи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31.07.с.2015, №151 аз 01.08.с.2015 барои додани пули нақд аз хазинаи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон ба андозаи 0,2 фоиз ва мутобиқи талаботи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14.03.с.2016, №39 аз 14.03.с.2016 ба андозаи 0,5 фоиз аз ташкилотҳои қарзӣ ҳаққи хизмат гирифта мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи "Қоидаҳо оид ба нобуд кардани пулҳои коғазии фарсудаи ботилшуда дар Бонки миллии Тоҷикистон" бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар маҷмӯъ 982 560 900 сомонӣ аз ҷониби комиссияҳои тасдиқшудаи Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон нобуд карда шуд.

**Департаменти назорати бонкӣ**. Аз ҷониби ин департамент Роҳнамо "Дар бораи тартиби додани иҷозатнома барои фаъолияти бюрои таърихи қарз" таҳия гардид, ки мутобиқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28.05.с.2015, №102 тасдиқ карда шуд.

"Роҳнамои методӣ оид ба назорати фаъолияти бюрои таърихи қарз" таҳия гардида, тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 25.06.2015, №115 тасдиқ шуд.

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 07.09.с.2015, №186 Низомнома "Дар бораи Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ" тасдиқ карда шуд.

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28.05.с.2015, №103 тағйирот ба Дастурамали №196 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои амонатии қарзии хурд" ва таҳти №104 тағйирот ба Дастурамали №197 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд" тасдиқ гардид, ки онҳо дар

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.06.2015 ба қайд гирифта шуданд.

Бо мақсади татбиқи амалияи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 23 октябри соли 2015, №217/ФФ Гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои фаъолияти бонкии исломӣ таъсис дода шуд, ки дар натиҷаи фаъолияти он лоиҳаи 5 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардид.

Кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ (22.02.с.2016 – 04.03.с.2016) бо мақсади таъмини устувории низоми бонкӣ ва кам кардани сатҳи хавфи қарзӣ, аз ҷумла қарзҳои ғайрифаъол (NPL) пешниҳод гардид, ки дар доираи он лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №177 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯйи қарзҳо" таҳия шуда, дар таҳрири нав тахти №215 бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон (аз 13.04.с.2016, №50) тасдиқ гардид.

Кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ (19.12.с.2015 – 23.12.с.2015) бо мақсади такмили чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ ба ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод гардид, ки дар доираи он лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба "Тартиби татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ ба ташкилотҳои қарзӣ" таҳия гардида, тахти баррасии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон қарор дорад.

**Департаменти аудити дохилӣ.** Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон (қарори №152 аз 31.07.с.2015) тасдиқ карда шуд. Дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ оид ба ислоҳоти низоми бонкӣ воҳидҳои сохтории дахлдор пайваста иҷрои саривақтии бандҳои вобасташударо таъмин намуда, раванди иҷрои муқаррароти Нақшаи стратегӣ зери назорат қарор дорад.

Сохтори департамент дар ин давра таҷдиди назар гардида, бо назардошти таҷрибаи бонкҳои марказии кишварҳои рушдёфта ба самтҳои фаъолияти зерин тақсим карда шуданд: 1) ташкил ва ҷамъбасти фаъолияти аудиторӣ; 2) аудити молиявӣ; 3) аудити амалиётӣ; 4) аудити технологияҳои иттилоотӣ.

Қоидаҳои ташкили аудити дохилӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон таҷдиду такмил гардида, бо назардошти шароиту талаботи имрӯза ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки бо

қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №54 аз 22.04.с.2016 тасдиқ гардид.

Талаботи техникӣ оид ба масъалаи автоматикунонии барномаи аудиторӣ таҳия гардида, оид ба татбиқи барномаи аудитории “Auto Audit” бо Ширкати “Томсон Ройтерс” ҳамкорӣ ба роҳ монда шуд ва айни ҳол масъалаҳои техникӣ ва харидорию татбиқи он мавриди омӯзишу баррасӣ қарор доранд.

Дар доираи татбиқи қарорҳои Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудиторӣ, рӯзи 26 апрели соли 2016 бо иштироки намояндагони бонкҳои маркази Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Беларус, Қазоқистон ва Қирғизистон доир ба мавзӯи “Масъалаҳои муҳимми идорасозии хавфҳои амалиётӣ” вебинар (видео-конфронс) баргузор гардид.

**Идораи муносибатҳои байналмилалӣ.** Бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ХБА аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бастаи ҳуҷҷатҳо омода гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд ва оид ба он Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №АП-689 аз 12.03.с.2016 қабул гардид, ки дар натиҷа аз 31.03.с.2016 ҳаққи узвияти ҶТ дар назди ХБА ду маротиба зиёд гардида, маблағи 174 млн. СДР-ро ташкил дод.

Бо мақсади баланд намудани нишондиҳандаҳои рейтинги байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Doing Business) лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гарави молу мулки манқул” дар таҳрири нав таҳия ва дигар лоиҳаҳои қонунҳои дахлдор такмил дода шуданд.

Кӯмаки техникии Бонки Исломии Рушд (23.12.с.2015) қабул карда шуд, ки дар доираи он ҷиҳати “Рушди бахши бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон оид ба заминаи танзим ва назорати бонкӣ” созишномаи грантӣ ба маблағи 250 ҳаз. долл. ИМА ба имзо расид.

Санаи 03.09.с.2015 миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки мардумии Чин созишномаи СВОП ба маблағи 3 млрд. юани хитоӣ ба имзо расид.

Дар доираи сафари кории ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон ба Швейтсария аз 7 то 10 марти соли равон вохӯрии ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарияти Бонки миллии Швейтсария баргузор гардид, ки дар он як қатор масъалаҳои вобаста ба ислоҳот дар соҳаи низоми бонкӣ баррасӣ гардида, ҳамчунин масъалаҳои

расонидани кӯмаки техникӣ ва такмили тахассуси кормандони низоми бонкӣ дар барномаҳои омӯзишӣ ҳаллу фасл карда шуданд.

Бонки марказии Федератсияи Русия дар ташкили коромӯзӣ барои кормандони Бонки миллии Тоҷикистон оид ба омор дар Бонки марказӣ мусоидат намуд.

Созишномаҳо байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Токио–Митсубиши оид ба лоиҳаҳои "Такмили таҷҳизоти тиббӣ ва низоми обу корез дар муассисаи ҳифзи саломатии модару кӯдак" ба маблағи 35,2 млн. йени Япония аз 16.06.2015 ва "Бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Панҷ" (давраи 2) ба маблағи 256,0 млн. йени Япония аз 30.11.2015 ба имзо расиданд.

**Департаменти мониторинги молиявӣ.** Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани воситаҳои молиявӣ, ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд, таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 02.11.с.2015, №646 тасдиқ шуд.

Дастурамал "Оид ба ташкили ҳамкорӣ дар бораи табодули маълумот байни департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" таҳия гардид, ки аз 04.03.с.2016 мавриди истифода қарор гирифт.

Лоиҳаи Консепсияи "Стратегияи миллии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули лоиҳаи консепсияи мазкур дар назар аст.

Лоиҳаи Роҳнамо "Дар бораи қоидаҳои назорати дохилӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм" таҳия гардидааст, ки рӯзҳои наздик дар сомона нашр мешавад.

Дар самти пешниҳоди маълумот ҳамарӯза аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, дар шакли муайяншуда тариқи барномаи коркарди маълумот "Smart Vision +" маълумот оид ба аҳд/амалиётҳои шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда ворид шуда истодааст.

Ҷиҳати назорати низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм санҷиши зиёда аз 23 ташкилоти қарзӣ гузаронида шуда, дар натиҷа 13 ташкилоти қарзӣ ба маблағи умумии 779 800 сомонӣ ҷаримабандӣ гардиданд.

Кӯмаки техникии Бонки Осиёии Рушд (бахши чорум, то 30.09.с.2016) дар самти пурзӯр намудани низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, таҳияи лоиҳаи ҳисоботи "Баҳодиҳии хавфи миллӣ" дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдор идома дорад.

Гуфтушунид бо Идораи Созмони Милали Муттаҳид оид ба назорати гардиши маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ ва Созмони амният ва ҳамкории Аврупо(САҲА) барои таъсис додани маркази омӯзишӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм гузаронида шуд ва охири моҳи майи соли ҷорӣ қабули кӯмаки техникӣ дар назар аст.

Дар таърихи 10.02.с.2016 дар ҶСК "Агроинвестбонк" оид ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм семинар гузаронида шуд.

Дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ 17.03.с.2016 дар мавзӯи "Баҳодиҳии хавфҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ" (Financial Inclusion Risk Assessment) семинар гузаронида шуд, ки дар зимни он аз тарафи коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ модули баҳодиҳии хавфҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ пешниҳод гардида, тарзи истифодаи он шарҳ дода шуд.

Дар таърихи 31 марти соли ҷорӣ бо намояндагони мақомоти кашшофии молиявии Кореяи Ҷанубӣ оид ба табодули таҷриба дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар мавзуи "Баҳодиҳии тарафайн ва баҳодиҳии хавфи миллӣ" семинар баргузор гардид.

Ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар мақомоти кашшофии молиявӣ созишномаҳои ҳамкорӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм бо департаменти ахбори молиявии Вазорати молияи Лаҳистон, маркази таҳлили амалиёт ва

ҳисоботҳои молиявии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (FinTRACA) ва мақомоти кашшофии молиявии Япония ба имзо расиданд.

Намояндаи Департаменти мониторинги молиявӣ дар рафти баҳодиҳии пешрафти Туркманистон дар самти ҷорӣ намудани стандартҳои ФАФТ иштирок намуда, баҳодиҳии бевоситаро анҷом дод.

**Идораи омор ва тавозуни пардохт.** Маълумоти оморию бонкӣ мутобиқи талаботи байналмилалии "Стандартҳои паҳн кардани маълумоти оморӣ" дар шакли маҷалла ва тавассути низоми махсуси паҳнсозии маълумотҳои оморӣ (ICS) ба департаменти омори ХБА ирсол гардид.

3 ҳисоботи нави оморӣ – ҳисоботи 1-ИП "Интиқолҳои пулӣ аз хориҷа ба ҷумҳурӣ ва аз ҷумҳурӣ ба хориҷа", ҳисобот оид ба маблағгузории қарзии истеҳсолоти молҳои воридотивазкунанда ва ҳавасмандгардонии содирот, ҳисобот оид ба сохтори ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо омода  карда шуд.

Моҳи марти соли 2016 созишномаи ҳамкорӣ байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид.

Ҳамкории наздик бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубодилаи маълумоти оморию макроиқтисодӣ ба роҳ монда шуд.

Кӯмаки техникии ХБА дар се давра (якум 6–17 апрели соли 2015, дуюм 12–23 октябри соли 2015 ва сеюм 11–22 апрели соли 2016) қабул карда шуд, ки дар натиҷа мутобиқ ба талаботи нашри 6-уми Дастурамали ХБА "Тавозуни пардохт ва мавқеи сармоягузориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" омода гардида, ба департаменти омори ХБА барои омӯзиш пешниҳод гардид.

**Департаменти технологияҳои иттилоотӣ.** Мутобиқи дархост ва вазъи техникии ташкилотҳои қарзӣ яке аз технологияҳои муосиру пешқадам (ETL система) интихоб карда шуд, ки он имкони дар реҷаи вақти воқеӣ (онлайн) бевосита дастрас намудани маълумотҳоро аз пойгоҳи маълумот медиҳад.

Бо ду ташкилоти қарзӣ, ки дорои НАБ-и гуногун мебошанд, раванди пайвастшавӣ ва гирифтани маълумоти зарурӣ

бомувафаққият анҷом дода шуда, ҳамзамон бо НАБ-и дигар ташкилотҳои қарзӣ корҳо идома доранд.

Бо мушовири татбиқи "Системаи ягонаи интиқоли маблағҳо" (NPSR) оид ба паҳлуҳои техникии низом ҳамкории наздик ба роҳ монда шуд.

Оид ба ташкили махзани ягонаи маълумот ва низоми ягонаи қабули ҳисоботҳо як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Аз ҷумла, технологияи муосир интихоб гардид, ки он бо тарзи тестӣ дар чанд ташкилоти қарзӣ кор карда истодааст; аввали моҳи июн ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ (1ИП) оид ба интиқоли маблағҳо ба роҳ монда мешавад; то охири сол аксари ҳисоботҳое, ки аз тарафи бонкҳо ба сохторҳои Бонки миллии Тоҷикистон фиристода мешаванд, дар махзани ягона ҷойгир карда мешаванд.

Айни замон "Сиёсати амнияти иттилоотии Бонки миллии Тоҷикистон" ва "Барномаи рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" таҳия гардида, дар раванди тасдиқ қарор доранд.

**Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ.** Чунонки қаблан таъкид гардид, дар асоси тавсияҳои Барномаи баҳодиҳии бахши молиявии ҶТ (ФСАП) моҳи сентябри соли 2015 дар ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон воҳиди нави мустақил - Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ таъсис ёфт.

Кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ (аз ноябри соли 2015 то июни соли 2018) дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ амалӣ гардида истодааст.

Дар чаҳорчӯбаи барномаи дастгирии ислоҳоти буҷетии ҷумҳурӣ аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ матритсаи чорабиниҳо оид ба маблағгузории сиёсат дар соҳаи рушд (ФПР) тартиб дода шуд.

**Шуъбаи ҳуқуқ.** Аз ҷониби шуъба заминаи ҳуқуқии фаъолияти воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон (низомномаҳо) вобаста ба тағйироти сохтор ва вазифаҳои нав такмил дода шуд.

Лоиҳаи қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок" (ҷиҳати рушди бозори коғазҳои қиматнок), "Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" (бо мақсади зиёд намудани

ҷуброни пасандозҳои шахсони воқеӣ), Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ) таҳия шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

Бо мақсади такмили қонунгузорӣ таҳияи лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба қонунҳои соҳавӣ (қонунҳои ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон","Дар бораи таърихи қарз (кредит)", "Дар бораи фаъолияти бонкӣ") омода гардиданд.

## 11.3. Дурнамои рушди низоми бонкии мамлакат

Барои беҳтар намудани фаъолияти низоми бонкӣ ва таъмини рушди устувори он дар солҳои минбаъда дар назар аст тадбирҳои зерин андешида, мавриди амал қарор дода шаванд:

- дар ташкилотҳои қарзӣ такмил додани усулҳои идоракунии корпоративӣ, назорати қатъӣ нисбат ба дороиҳо, уҳдадориҳо, сатҳи пардохтпазирӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо;
- таъмини пардохтпазирии бонкҳо бо роҳи инкишофи бозори коғазҳои қиматнок, бозори байнибонкии асъор ва захираҳои қарзӣ;
- идома додани ислоҳот дар соҳаи бонкдорӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои зиёд гардонидани ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ;
- дастгирии бевоситаи соҳибкории хурду миёна ва фароҳам овардани шароити мусоид барои дастрасии маблағҳои қарзӣ;
- васеъ намудани доираи ҳисоббаробариҳои ғайринақдӣ бо роҳи ҷорӣ намудани шаклҳои нави хизматрасонӣ;
- зиёд намудани теъдоди ташкилотҳои қарзӣ ва шуъбаҳои онҳо дар минтақаҳои дурдасти кишвар;
- вусъат додани сиёсати ягонаи амнияти иттилоотӣ;
- идомаи ҳамкорӣ бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва бонкҳои хориҷӣ барои фароҳам овардани фазои мусоид ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ.

*Замимаи 1*

## Рӯйхати бонкҳои соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 1992

| № | Номгӯй |
|---|---|
| 1. | Бонки саҳомию тиҷоратии саноату сохтмон "Ориёнбонк" |
| 2. | Бонки саҳомию тиҷоратии нановарии "Тоҷбонк" |
| 3. | Бонки саҳомию тиҷоратии зироату саноат "Шарқ" |
| 4. | Бонки ҷумҳуриявии саҳомию тиҷоратии инкишофи соҳаи иҷтимоӣ ва соҳибкорӣ "Тоҷикбонкбизнес" |
| 5. | Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6. | Бонки давлатии саҳомию тиҷоратии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ "Тоҷиксодиротбонк" |
| 7. | Бонки кооперативии "Фарангис" дар ш. Кӯлоб |
| 8. | Бонки тиҷоратии "Хуҷанд" |

*Замимаи 2*

## *Рӯйхати ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои қарзии хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири соли 2005*

| № | Номгӯй |
|---|---|
| | **Бонкҳои амалкунанда** |
| 1. | ҶСК «Агроинвестбонк» |
| 2. | ҶСК «Ориёнбонк» |
| 3. | БДА ҶТ «Амонатбонк» |
| 4. | ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» |
| 5. | ҶСП «БСТ ТИСТ «Тоҷпромбонк»» |
| 6. | ҶСК «Бонки Эсхата» |
| 7. | ҶСП «Кафолатбонк» |
| 8. | ҶСК «Соҳибкорбонк» |
| 9. | ҶСП «Бонки Олимп» |
| | Шӯъбаи бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ дар ш.Душанбе |
| 10. | ҶСП «СТБ-ИНВЕСТБОНК» |
| 11. | ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд» |
| | **Ташкилотҳои молиявии ғайрибонкии амалкунанда** |
| 1. | ҶСП «ҶҚ «Фонон»» |
| 2. | ҶҚММ «Деҳқон» |
| 3. | ҶСП ҶҚ «Ганҷина» |
| 4. | ҶҚММ «Финансирование торговли» |
| 5. | ҶСП ТМҒ«КредитИнвест» |
| 6. | ҶСП ТМҒ «Зироат» |
| 7. | ҶСПҚ «Капитал+» |
| 8. | ҶСП ТМҒ «Барҳақ» |
| 9. | ҶСП ТМҒ «Кишоварз-2004» |
| 10. | ҶСП ТМҒ «Мададгор-2004» |
| 11. | ҶСП ТМҒ «Умед-2004» |

| | |
|---|---|
| 12. | ҶСП ТМҒ «Омад-2004» |
| 13. | ҶСПҚ «Ренессанс-Капитал» |
| 14. | ҶСПҚ «ТРАСТ» |
| | **Фондҳои қарзии хурди амалкунанда** |
| 1. | ФҚХ «Ҳумо» |
| 2. | ФҚХ «Хақик» |
| 3. | ФҚХ «Имон» |
| 4. | ФҚХ «Боршуд» |
| 5. | ФҚХ «АСТИ» |
| 6. | ФҚХ «МикроИнвест» |
| 7. | ФҚХ "Имконият" |
| 8. | ФҚХ "Сомит" |
| 9. | ФҚХ "Чилучор чашма" |
| 10. | ФҚХ "Начм" |
| 11. | ФҚХ "Човид" |
| 12. | ФҚХ «Зар»«ZAR» |
| 13. | ФҚХ «Ҳафт Ганч» |
| 14. | ФҚХ «Феникс+» |
| 15. | ФҚХ «ОКСУС» |
| 16. | ФҚХ «Барномаи чонибдории инкишофи ичтимоии манотиқи кӯҳистон» |
| 17. | ФҚХ «Ҳамроз-Тӯс» |
| 18. | ФҚХ «АСКаМР» |
| 19. | ФҚХ «Меҳнатобод» |
| 20. | ФҚХ «Чонсӯз» |
| | **Ташкилотҳои қарзии хурди амалкунанда** |
| 1. | ТҚХ «Гендер ва Тараққиёт» |
| | Бонкҳое, ки ичозатномаашон бозхонд шудааст |
| 1. | БТ «Душанбе» |
| 2. | БТКУ «Айём» |
| 3. | ҶСП «Сомон-бонк» |
| 4. | ҶСП «ИСТ-КРЕДИТ БОНК» |
| 5. | БМС «Осиёи Марказӣ» |

## *Замимаи 3*

### *Номгӯйи санадҳои меъёрии марбут ба фаъолияти низоми бонкӣ*

| № | Мақом | Номи қарор | Таърих | Рақам |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи ба муомилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани пули коғазӣ ва тангаҳои барориши соли 1993 - юми Бонки Россия | 4 январи соли 1994 | №157 |
| 2. | Қарори Комиссияи Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷорӣ намудани пули миллӣ | Дар бораи тартиби дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот баровардани пули миллӣ – рубли тоҷикӣ | 6 май соли 1995 | №8(324) |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” | 4 ноябри соли 1995 | №112 |
| 4. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” | 14 декабри соли 1996 | №383 |
| 5. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | “Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ” | 23 майи соли 1998 | №648 |
| 6. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | “Дар бораи Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2000” | 10 декабри соли 1999 | №862 |
| 7. | Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи ба муомилот баровардани пули миллии «СОМОНӢ» | 26 октябри соли 2000 | №415 |
| 8. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | “Дар бораи Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2001” | 29 декабри соли 2000 | №482 |
| 9. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар хусуси ворид намудани тағйирот ба Қарори Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 1993 №587 “Дар бораи ставкаҳои боҷу хироҷи давлатӣ” (ставкаи боҷи давлатӣ барои интиқоли маблағҳои пулӣ ба сифр баробар карда шуд) | 25 сентябри соли 2001 | №445 |
| 10. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | “Дар бораи Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2002” | 24 декабри соли 2001 | №764 |
| 11. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба “Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2002” | 4 марти соли 2002 | №72 |
| 12. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии | Оид ба Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2002 | 10 апрели соли 2002 | №610 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон | | | |
| 13. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оид ба Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2003 | 20 декабри соли 2002 | №755 |
| 14. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | "Дар бораи кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ" | 1 августи соли 2003 | №41 |
| 15. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи рафти иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2003 дар давоми нӯҳ моҳи соли равон | 25 октябри соли 2003 | №448 |
| 16. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оид ба Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4 декабри соли 2003 | №529 |
| 17. | Қарори Маҷлиси Намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оиди Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2004 | 17 декабри соли 2003 | №1024 |
| 18. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" | 17 майи соли 2004 | №38 |
| 19. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | "Дар бораи Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2005" | 22 декабри соли 2004 | №1287 |
| 20. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи лоиҳаи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2006" | 2 декабри соли 2005 | №450 |
| 21. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | "Дар бораи тадбирҳои таъмини амнияти бонкҳои Ҷумҳури Тоҷикистон" | 31 январи соли 2006 | №76 |
| 22. | Фармони Президенти ҶТ | Дар бораи тасдиқи Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ташкили бозори муштараки асъори давлатҳои аъзои Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё | 4 майи соли 2006 | №1741 |
| 23. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи лоиҳаи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2007" | 2 декабри соли 2006 | №519 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 24. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оид ба ворид намудани тайғирот ба Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" | 30 июли соли 2007 | №314 |
| 25. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оид ба ворид намудани тайғирот ба Қонуни ҶТ "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" | 30 июли соли 2007 | №316 |
| 26. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оид ба ворид намудани тайғирот ба Қонуни ҶТ "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" | 30 июли соли 2007 | №317 |
| 27. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оид ба ворид намудани тайғирот ба Қонуни ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" | 30 июли соли 2007 | №318 |
| 28. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи стратегияи миёнамӯҳлати рушди низоми бонкии ҶТ барои давраи то соли 2009 | 3 августи соли 2007 | №414 |
| 29. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи лоиҳаи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2008" | 30 майи соли 2008 | №263 |
| 30. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | "Дар бораи қарз (кредит) | 26 марти соли 2009 | №492 |
| 31. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" | 19 майи соли 2009 | №524 |
| 32. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" | 5 августи соли 2009 | №548 |
| 33. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи тасдиқи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009" | 14 январи соли 2009 | №1214 |
| 34. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи тасдиқи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2010" | 4 январи соли 2010 | №1532 |
| 35. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи тасдиқи стратегияи рушди бозори коғазҳои қиматнок дар ҶТ | 1апрели соли 2010 | №169 |
| 36. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии | Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" | 14 апрели соли 2010 | №46 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | |
| 37. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи тасдиқи стратегияи рушди бахши бонкӣ барои солҳои 2010-2015 | 28 майи соли 2010 | №261 |
| 38. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои солҳои 2011-2013 | 1 июли соли 2010 | №320 |
| 39. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи тасдиқи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011" | 8 декабри соли 2010 | №256 |
| 40. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷрои Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9-моҳи соли 2011 ва тасдиқи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012" | 16 ноябри соли 2011 | №568 |
| 41. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи тасдиқи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014" ва ҳисоботи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷрои Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9-моҳи соли 2013 | 13 ноябри соли 2013 | №1332 |
| 42. | Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар бораи тасдиқи "Дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015" | 19 ноябри соли 2014 | №1675 |

### *Замимаи 4*

## *Сохтори тавозуни ҷамъбастии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 1997-2000 (млн. сомонӣ, охири давра)*

| | Номгӯй | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ДОРОИҲО | 43 | 103 | 164 | 311 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *8,32* | *10,05* | *12,19* | *17,22* |
| 1.1 | Дороиҳои пардохтпазир | 8 | 20 | 16 | 59 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *1,49* | *1,98* | *1,21* | *3,25* |
| 1.2 | Қарзҳо-ҳамагӣ | 12 | 26 | 116 | 239 |
| 2. | УҲДАДОРИҲО-САРМОЯ | 43 | 103 | 163 | 311 |
| 2.1 | Уҳдадориҳо | 37 | 91 | 150 | 273 |
| 2.2 | Сармоя | 6 | 12 | 14 | 38 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *1,22* | *1,17* | *1,05* | *2,12* |

### *Замимаи 5*

## *Сохтори тавозуни ҷамъбастии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2001-2005 (млн. сомонӣ, охири давра)*

| | Номгӯй | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ДОРОИҲО | 467 | 594 | 748 | 1 221 | 1 602 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *18,48* | *17,66* | *15,72* | *19,83* | *22,25* |
| 1.1 | Дороиҳои пардохтпазир | 69 | 99 | 177 | 217 | 275 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *2,72* | *2,93* | *3,73* | *3,52* | *3,20* |
| 1.2 | Қарзҳо-ҳамагӣ | 386 | 456 | 524 | 943 | 1 164 |
| 2. | УҲДАДОРИҲО-САРМОЯ | 467 | 594 | 747 | 1 221 | 1 602 |
| 2.1 | Уҳдадориҳо | 414 | 506 | 615 | 1 055 | 1 325 |
| 2.2 | Сармоя | 54 | 89 | 132 | 167 | 277 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *2,13* | *2,63* | *2,78* | *2,71* | *3,20* |

### *Замимаи 6*

## *Сохтори тавозуни ҷамъбастии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2006-2010 (млн. сомонӣ, охири давра)*

| | Номгӯй | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ДОРОИҲО | 2 394 | 5 665 | 6 169 | 4 956 | 6 241 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *25,82* | *44,33* | *35,03* | *24,04* | *25,47* |
| 1.1 | Дороиҳои пардохтпазир | 678 | 1 619 | 1 044 | 1 399 | 1 623 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *7,19* | *12,20* | *5,20* | *6,73* | *5,97* |
| 1.2 | Қарзҳо-ҳамагӣ | 1 494 | 3 757 | 4 675 | 2 396 | 2 933 |
| 2. | УҲДАДОРИҲО-САРМОЯ | 2 394 | 5 665 | 6 169 | 5 095 | 6 395 |
| 2.1 | Уҳдадориҳо | 2 013 | 5 005 | 5 082 | 3 868 | 5 061 |
| 2.2 | Сармоя | 381 | 660 | 1 087 | 1 088 | 1 180 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *4,20* | *5,19* | *6,20* | *3,43* | *4,26* |

**Замимаи 7**

## *Сохтори тавозуни ҷамъбастии ташкилотҳои қарзӣ дар давраи солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ, охири давра)*

| | Номгӯй | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ДОРОИҲО | 9 056 | 10 528 | 12 653 | 14 854 | 18 639 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *30,1* | *29,1* | *31,2* | *32,6* | *38,5* |
| 1.2 | Қарзҳо-ҳамагӣ | 4 589 | 5 290 | 7 399 | 9 661 | 11 228 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *15,3* | *14,6* | *18,2* | *21,2* | *23,2* |
| 2. | УҲДАДОРИҲО-САРМОЯ | 9 056 | 10 528 | 12 653 | 14 854 | 18 639 |
| 2.1 | Уҳдадориҳо | 7 178 | 8 231 | 10 063 | 12 508 | 16 222 |
| | Амонатҳо-ҳамагӣ | 4 424 | 4 926 | 5 519 | 6 691 | 8 614 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *14,7* | *13,6* | *13,6* | *14,7* | *17,8* |
| 2.2 | Сармоя | 1 878 | 2 297 | 2 590 | 2 346 | 2 417 |
| | *Бо фоиз нисбат ба ММД* | *6,2* | *6,3* | *6,4* | *5,1* | *5,0* |

**Замимаи 8**

## *Шумораи ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 1992-2015 (адад)*

| Сол | Ҳамагӣ | аз ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | Бонкҳо | ташкилотҳо (ҶҚ, ТМҒ, ТАҚХ, ТҚХ, ФҚХ ва дигар) |
| 1992 | 10 | 8 | 2 |
| 1993 | 15 | 13 | 2 |
| 1994 | 18 | 16 | 2 |
| 1995 | 22 | 19 | 3 |
| 1996 | 23 | 20 | 3 |
| 1997 | 28 | 25 | 3 |
| 1998 | 20 | 18 | 2 |
| 1999 | 19 | 17 | 2 |
| 2000 | 17 | 14 | 3 |
| 2001 | 17 | 13 | 2 |
| 2002 | 17 | 12 | 3 |
| 2003 | 19 | 13 | 4 |
| 2004 | 24 | 10 | 12 |
| 2005 | 44 | 10 | 24 |
| 2006 | 75 | 10 | 65 |
| 2007 | 89 | 11 | 78 |
| 2008 | 112 | 12 | 100 |
| 2009 | 136 | 13 | 123 |
| 2010 | 138 | 14 | 124 |
| 2011 | 137 | 15 | 122 |
| 2012 | 141 | 16 | 125 |
| 2013 | 136 | 16 | 120 |
| 2014 | 137 | 17 | 120 |
| 2015 | 123 | 17 | 106 |

*Замимаи 9*

## *Бақияи қарзҳо, қарзҳои хурд ва пасандозҳо дар давраи солҳои 1995-2015*

| Сол | Бақияи қарзҳо (млн. сомонӣ) | Қарзҳои хурди додашуда (млн. сомонӣ) | Қарзҳои хурди ба ноҳияҳои кӯҳистон додашуда (млн. сомонӣ) | Бақияи пасандозҳо (млн. сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1995 | 9,1 | - | - | - |
| 1996 | 28,2 | - | - | - |
| 1997 | 54,5 | - | - | - |
| 1998 | 229,6 | - | - | - |
| 1999 | 300,2 | - | - | - |
| 2000 | 377,4 | - | - | - |
| 2001 | 691,2 | - | - | 102,2 |
| 2002 | 633,1 | - | - | 147,4 |
| 2003 | 671,9 | - | - | 242,5 |
| 2004 | 1 091,5 | - | - | 291,6 |
| 2005 | 1 286,3 | - | - | 539,1 |
| 2006 | 2 393,1 | 528,6 | 72,9 | 1 108,1 |
| 2007 | 3 977,2 | 1 026,5 | 295,5 | 2 397,5 |
| 2008 | 4 860,1 | 1 663,1 | 434,3 | 1 923,2 |
| 2009 | 5 453,4 | 1 626,8 | 407,5 | 2 614,3 |
| 2010 | 3 728,3 | 1 793,1 | 408,5 | 3 221,8 |
| 2011 | 4 799,6 | 2 402,5 | 517,6 | 4 354,0 |
| 2012 | 5 421,3 | 3 138,2 | 664,9 | 4 816,9 |
| 2013 | 7 530,9 | 4 707,5 | 625,1 | 5 296,1 |
| 2014 | 9 783,2 | 6 189,9 | 877,3 | 6 446,4 |
| 2015 | 11 341,7 | 5 366,4 | 963,3 | 8 167,2 |

*Замимаи 10*

## *Раисони Бонки миллии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ*

| **ному насаб** | **оғози фаъолият** | **анҷоми фаъолият** |
|---|---|---|
| Тухтабой Ғаффоров | сентябри соли 1991 | майи соли 1992 |
| Қайюм Қавмиддинов | майи соли 1992 | декабри соли 1994 |
| Муродалӣ Алимардон | декабри соли 1994 | январи соли 2008 |
| Шариф Раҳимзода | январи соли 2008 | январи соли 2012 |
| Абдуҷаббор Ширинзода | январи соли 2012 | майи соли 2015 |
| Ҷамшед Нурмаҳмадзода | майи соли 2015 | |

## Фехристи ихтисорот

| | |
|---|---|
| ИҶШС | – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ |
| ХБА | – Хазинаи Байналмилалии Асъор |
| ИМА | – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| ММД | – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| ҶСК | – Ҷамъияти саҳомии кушода |
| БДА | – Бонки давлатии амонатгузорӣ |
| ҶСП | – Ҷамъияти саҳомии пӯшида |
| ҶҚ | – Ҷамъияти қарздиҳӣ |
| ҶҚММ | – Ҷамъияти қарздиҳии масъулияташ маҳдуд |
| ТМҒ | – Ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ |
| ҶСПҚ | – Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи қарзӣ |
| ФҚХ | – Фонди карздиҳии хурд |
| ТАҚХ | – Ташкилоти амонатии қарзии хурд |
| ТҚХ | – Ташкилоти қарзии хурд |
| БТ | – Бонки тиҷоратӣ |
| БТКУ | – Бонки тиҷоратию кооперативии универсалӣ |
| БМС | – Бонки муштараки сармоягузорӣ |
| МҚД/МТ | – Муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм |